ISSN 3079-1758

№2 (4), 2025



# ПАЁМИ
## ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НОҲИЯИ РАШТ
### БАХШИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚ, ТАЪРИХ ВА ИҚТИСОД

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА В РАШТСКОМ РАЙОНЕ
### СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

# BULLETIN
## TAJIK PEDAGOGICAL INSTITUTE IN RASHT DISTRICT
### SERIES LAW, HISTORY AND ECONOMIC SCIENCES

ISSN 3079-1758

# ПАЁМИ
# ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР НОҲИЯИ РАШТ

**БАХШИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚ, ТАЪРИХ ВА ИҚТИСОД**

**№2 (4), 2025**

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА
# В РАШТСКОМ РАЙОНЕ

**СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ**

**№2 (4), 2025**

# BULLETIN
# TAJIK PEDAGOGICAL INSTITUTE IN RASHT DISTRICT

**SERIES LAW, HISTORY AND ECONOMIC SCIENCES**

**№2 (4), 2025**



**РАШТ-2025**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2024 таҳти №392/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.**

**САРМУҲАРРИР:**

**Раҷабзода Маҳмадёр Носир**
н.и.ҳ., дотсент, ректори ДОТ дар ноҳияи Рашт

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Зокирзода Зафар Хайрулло**
н.и.ҳ., дотсент, муовини ректор оид ба корҳои таълими ДОТ дар ноҳияи Рашт

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**

**Бобохонов Фаридун Аламшоевич**
н.и.ҳ., дотсент

**СУРОҒА:**

734025, Тоҷикистон,
н. Рашт, ш. Ғарм, кӯчаи
Э. Муҳиддинов, 63

**ТЕЛЕФОН:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:**

farodil_ff@mail.ru

**СОМОНАИ МАҶАЛЛА:**

http: // vestnik-dotr.com

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**ҲУҚУҚ**

**Яков Илич Гилинский**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Воробёв Сергей Михайлович**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Шарипов Тақдиршо Шарипович**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Идизода Файзалӣ Фузайлшо**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**ТАЪРИХ**

**Турсунов Турсунмурод Худоймуродович**
доктори илмҳои таърих, профессор
**Ғафуров Абдулло Мутиллоевич**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Сайнаков Сайнак Парпишоевич**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Наврузов Ғолибшо Лоиқович**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Садиров Шарафҷон Аҳтамович**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Махсудов Аслиддин Муҳабатович**
номзади илмҳои таърих, дотсент

**ИҚТИСОД**

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Президенти АМИТ
**Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Низомова Туҳфамо Давлатовна**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Каримов Баҳодур Ҳасанович**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
**Ниёзов Мустафо Абдуллоевич**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
**Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

**© ДОТ дар ноҳияи Рашт, 2025**

**Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан от 23 декабря 2024 года за № 392/ЖР-97**

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**

**Раджабзода Махмадёр Носир**
к.ю.н., доцент, ректор ТПИ в Раштском районе

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

**Зокирзода Зафар Хайрулло**
к.ю.н., доцент, проректор по учебной работе ТПИ в Раштском районе

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:**

**Бобохонов Фаридун Аламшоевич**
к.ю.н., доцент

**АДРЕС:**

734025, Таджикистан, Раштский район, г. Гарм, улица Э. Мухиддинова, 63.

**ТЕЛЕФОН:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**ЭЛЕКТРОННАЯ ПОЧТА:**

farodil_ff@mail.ru

**САЙТ ЖУРНАЛА:**

http: // vestnik-dotr.com

**Р Е Д А К Ц И О Н Н А Я   К О Л Л Е Г И Я:**

**ПРАВО**

**Яков Ильич Гилинский**
доктор юридических наук, профессор
**Воробьев Сергей Михайлович**
доктор юридических наук, профессор
**Шарипов Такдиршо Шарипович**
доктор юридических наук, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло**
доктор юридических наук, профессор
**Идизода Файзали Фузайлшо**
кандидат юридических наук, доцент

**ИСТОРИЯ**

**Турсунов Турсунмурод Худоймуродович**
доктор исторических наук, профессор
**Гафуров Абдулло Мутиллоевич**
кандидат исторических наук, доцент
**Сайнаков Сайнак Парпишоевич**
кандидат исторических наук, доцент
**Наврузов Голибшо Лоикович**
кандидат исторических наук, доцент
**Садиров Шарафджон Ахтамович**
кандидат исторических наук, доцент
**Махсудов Аслиддин Мухабатович**
кандидат исторических наук, доцент

**ЭКОНОМИКА**

**Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт**
доктор экономических наук, профессор, Президент НАНТ
**Джонмамадов Шермамад Бегмамадович**
доктор экономических наук, профессор
**Низомова Тухфамо Давлатовна**
доктор экономических наук, профессор
**Иброхимзода Илхомуддин Раджабали**
доктор экономических наук, профессор
**Каримов Баходур Хасанович**
кандидат экономических наук, доцент
**Ниёзов Мустафо Абдуллоевич**
кандидат экономических наук, доцент
**Махмадуллоев Ахмадджон Саидджонович**
кандидат экономических наук, доцент

**© ТПИ в Раштском районе, 2025**

**The journal is registered by the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan on december 23, 2024 for No. 392/MJ-97**

**EDITOR-IN-CHIEF:**

**Rajabzoda Mahmadyor Nosir**
candidate of legal sciences, associate professor, rector of TPI in Rasht district

**DEPUTY EDITOR-IN-CHIEF:**

**Zokirzoda Zafar Khairullo**
candidate of legal sciences, associate professor, vice-rector for academic affairs TPI in Rasht district

**RESPONSIBLE SECRETARY:**

**Bobokhonov Faridun Alamshoevich**
candidate of legal sciences, associate professor

**ADDRESS:**

734025, Tajikistan, Rasht district, Garm city,
E. Mukhiddinov street, 63.

**PHONE:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**E-MAIL:**

farodil_ff@mail.ru

**JOURNAL WEBSITE:**

http: //vestnik-dotr.com

**THE EDITORIAL BOARD:**

**LAW**

**Yakov Ilich Gilinskiy**
doctor of law, professor
**Vorobyov Sergey Mikhailovich**
doctor of law, professor
**Sharipov Taqdirsho Sharipovich**
doctor of law, professor
**Azizzoda Ubaydullo Abdullo**
doctor of law, professor
**Idizoda Fayzali Fuzaylsho**
candidate of law, associate professor

**HISTORY**

**Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich**
doctor of historical sciences, professor
**Ghafurov Abdullo Mutilloevich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Saynakov Saynak Parpishoevich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Navruzov Gholibsho Loiqovich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Sadirov Sharafjon Ahtamovich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Makhsudov Asliddin Muhabatovich**
candidate of historical sciences, associate professor

**ECONOMY**

**Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht**
doctor of economic sciences, professor, President of NAST
**Jonmamadov Shermamad Begmamadovich**
doctor of economic sciences, professor
**Nizomova Tuhfamo Davlatovna**
doctor of economic sciences, professor
**Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali**
doctor of economics, professor
**Karimov Bahodur Hasanovich**
candidate of economic sciences, associate professor
**Niyozov Mustafo Abdulloevich**
candidate of economic sciences, associate professor
**Mahmadulloev Ahmadjon Saidjonovich**
candidate of economic sciences, associate professor

**© TPI in Rasht district, 2025**

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

ТДУ: 34.03

# НАМУДҲОИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ТИБҚИ ВАНДИДОД

**Азимзода Ф.А., Идибеков А.А.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ҳуқуқвайронкунӣ кирдори гунаҳкорона ва зиддиҳуқуқии шахсе мебошад, ки ба ҷамъият, давлат ё шахсони алоҳида зарар мерасонад. Шахс дар натиҷаи содир кардан ё накардани кирдор, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ мухолиф мебошад, ба миён меояд. Агар шаҳрванд ба таври низомнок қоидаҳои тартиботи дохилиро вайрон намояд, ба кор наояд, сирқат намояд, қоидаҳои ҳаракат дар роҳро вайрон кунад, ба чароғаки роҳнамо итоат накунад ва дигар кирдорҳои ба ҳамин монандро содир намояд, онро ифода менамояд, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ додааст ва кирдори он муҷиби ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Иҷро накардани уҳдадориҳои ҳуқуқӣ маънои вайрон кардани талаботи меъёрҳои ҳуқуқиро дошта, ҷавобгарии ҳуқуқиро тибқи санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ ба миён меорад.

Ба гузаштаи ниёгони худ назар намоем, бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқие ба монанди «Вандидод», «Бундаҳишн», «Динкард», «Шояст ва нашояст», «Ардавирофнома», «Минуи хирад», «Панду андарзҳои Анӯшервон» ва ғайра эҷод шудаанд, ки дар онҳо ҳуқуқҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, ба зиндагии хушбахтона, ба интихоби касб, ба никоҳ ва озодии никоҳ, ба моликият, ба таҳсил, ба муҳити мусоиди зист ва ҳатто ҳуқуқ ба ҳаёти ҳайвоноти фоидаовар инъикоси худро ёфтаанд. Ҳама гуна рафторҳои зиддиҷамъиятие, ки ба хилофи ҳаёт, саломатӣ, моликият ва озодиҳои инсон равона мегардиданд, ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ маҳсуб мешуд.

Тибқи муқаррароти Вандидод ҳама гуна кирдорҳое, ки бар хилофи фармудаҳои Аҳурмаздо амалӣ мешаванд ва ё бар зидди мамнуиятҳои ӯ мебошанд, ҳуқуқвайронкунӣ шуморида мешавад.

У.А. Азиззода рушди ниҳоди ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро дар таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ пажуҳиш намуда, намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро таснифот намуда, вижагиҳои онҳоро ошкор сохтааст [3, с. 52-56]. Олимон намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар он замон истифода гардидаанд, истифода бурда, ба намудҳои мухталиф тасниф кардаанд. А. Периханян чунин таъкид менамояд, ки «низоми ҷазоҳои он замон ба намудҳои зерин тақсимбандӣ мешаванд: а) ҷазои ҷисмонӣ; б) харидани гуноҳ; в) таъини корҳои ҳатмӣ); экскоммуникатсияи табаиятӣ» [13, с. 247].

А.Ғ. Холиқзода ҳуқуқвайронкуниҳоро ба намудҳои зерин табақабандӣ менамояд: «а) ҷазоҳои ҷисмонӣ; б) ҷарима; в) корҳои ислоҳӣ; г) маҳдуд кардани озодӣ (ҳабс, нигаронидан ба ғуломӣ ва ғ.); д) маҳрумкунӣ аз ҳуқуқи машғул шудан ба корҳои мушаххас (масалан, ба пизишкӣ); е) қатл» [15, с. 361-362]. З.Х. Зокирзода бар он назар аст, ки «ҷазоҳо на танҳо хислати ҷисмонӣ доштанд, балки молумулкӣ ва динӣ-оинӣ низ ба муҷримон истифода бурда мешуданд» [11, с. 13].

Олимон низоми ҷазоро дар давлатҳои давраи зардуштӣ ба намудҳои мухталиф таснифбандӣ намудаанд. Ба назари мо, ҷазоҳои ҷиноятӣ аз намудҳои зерин иборатанд: ҳукми қатл; ҷазои ҷисмонӣ; ҷарима ва каффораи гуноҳ; корҳои ислоҳӣ; маҳдуд кардани озодӣ; маҳрум сохтан аз озодӣ; аз ҷомеа хориҷ кардан ва

бадарға кардан; мусодираи молу мулк; маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаи муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян; экскоммуникатсияи табаиятӣ ва корҳои ҳатмӣ.

У.А. Азиззода бар он назар аст, ки «ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар давлатҳои зардуштӣ аз рӯйи қавонини ҳуқуқии Авесто мавриди истифодаи васеъ қарор мегирифт. Масалан, ҷазои корҳои ислоҳӣ дар заминҳои давлатӣ ва ё дар заминҳои маъбад нисбати муҷримон истифода бурда мешуд. Корҳои ислоҳӣ дар заминҳои ҷамъиятӣ, тоза кардани заминҳо аз чизҳои нопок, бадани одаму ҳайвонот, барои оташи муқаддас ҳезум ҷамъоварӣ кардан, каналҳоро кофтан ва ғайра мавриди корбурди васеъ қарор мегирифт. Аслан, чунин ҷазоҳо барои риоя нашудани қавонини экологӣ истифода бурда мешуд» [5, с. 105].

Мувофиқи таълимоти Вандидод, ҷазоҳоро ба намудҳои зерин тасниф менамуданд: ҷазо барои ҷинояти зидди дину худоҳо, зидди подшоҳ ё (ҷиноятҳои сиёсӣ) ва бар зидди шахс ё ҷиноятҳои хусусияти умумӣ. Таснифоти мазкур хусусияти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ дошта, асосан ба муқобили арзишҳои ҷомеа, дин ва ҳокимият, ё ин ки худи шоҳ равона мешуд. Ҳуқуқвайронкуниҳои ба муқобили дин ва ҳокимият дар ин давра ҳам бисёр санксияҳои вазнин дошт ва аслан нобахшиданӣ буданд, чунки зарари ба ҳокимият ва дин расонида аз нигоҳи меъёрҳои дини зардуштӣ хеле вазнин ҳисобида мешуд ва ин зарар ба бадани ҳокимият аст ва ҳокимият дар мадди аввал худашро бояд ҳимоя кунад, то дигар манфиату арзишҳо солим боқӣ монанд. Ба андешаи Х.М. Зиёев, «ҷазоҳо низ вобаста ба синну сол, ҷинс ва ҷисми ҷинояткор фарқ мекарданд» [9, с. 54]. Ғуломон ба таври махсус ҷазо дода мешуданд. Инчунин, нисбат ба шахсоне, ки дар ҷиноят шарик буданд ва ё ҷиноятро такроран содир кардаанд, ҷазоҳои муайян муқаррар карда буданд [9, с. 54].

Таснифи ҷиноятҳоро дар низоми зардуштӣ ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, шаъну шараф, аз ҷумла фиреб, дурӯғ ва туҳмат фаро мегирад. Аз ин бармеояд, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ мафҳумҳои «туҳмат», «фиреб» ва «дурӯғ» кирдори ҷиноятӣ дониста шуда, барои содир намудани онҳо намудҳои махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда буданд [6, с. 121-128]. Авесто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ чунин кирдорҳоро ҷиноят ба муқобили озодии шахс, шаъну шарафи шахс ҳисоб менамуданд: туҳмат, таҳқир, қаллобӣ, дурӯғ ва амсоли инҳо [3, с. 255].

Тавре аз пажуҳишҳои боло бармеояд, туҳмат, таҳқир, дурӯғу фиреб аз рӯйи хавфи худ ба ҷомеа дар ҷои дуюм қарор доранд. Дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ меъёрҳои зиёде мавҷуданд, ки ба ҳифзи озодии шахс, шаъну шарафи инсон нигаронида шудаанд [6, с. 121-128].

Инчунин, дар Вандидод кирдорҳои зиддиҳуқуқиро аз рӯйи таснифи ҳуқуқвайронкуниҳо ва хусусиятҳои он гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Масалан, фаргарди 15, саҳ. 1-8 5 намуди кирдореро зикр кардааст, ки барои онҳо авф нест:

1) шахсе, ки ба дини зардуштӣ аст, вале парастиши дини дигарро тарғиб мекунад;

2) шахсе, ки ба сагҳо ғизои хеле гарм ё устухони сахт дода, латукӯб карда, дар пайи он марги саг ба миён меояд;

3) шахсе, ки саги ҳомиларо рондааст ва саг ба дара, ҷӯйбор меафтад ва дар натиҷа фавтидааст;

4) муносибатҳои маҳрамона бо занон ҳангоми ҳайз;

5) муносибатҳои маҳрамона бо занони ҳомиладор, ки дар натиҷа ба ҳомилагии инсон зарар мерасонад.

Бояд хотирнишон сохт, ки категорияҳои «ҷиноят» ва «ҷазо» бояд дар чорчӯби назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор дода шавад, зеро дар он омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар омилҳои муайянкунандаи ҷиноят нақши муассир дорад, ки дар доираи назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ошкор сохтани он ба мақсад мувофиқ аст. Ҷазо ниҳоди ниҳоят мураккаби ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта, дар ҳама замон аслиҳаи асосии мубориза бо ҷиноят буд ва боқӣ мемонад. Ҷазо баҳои манфии маънавию сиёсӣ маҳсуб ёфта, арзёбии манфии ҷомеа ва давлат ба кирдори ҷиноятӣ ва шахси ҷиноятсодиркарда мебошад. Низоми ҷазо дар давлатҳои давраи зардуштӣ хусусиятҳои ба худ хос дошт. Дар айни замон низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ, низоми ҷазо, ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ аз тарафи олимони тоҷик У.А. Азиззода [4, с. 254-258], З.А. Камолов [12, с. 193], А.А. Абдурашидов [1, с. 190]., З.Х. Зокирзода [10, с. 216]. ва дигарон пажуҳиш гардида, навгониҳо ва андешаҳои созанда ироа гардидааст. Дар давраи зардуштӣ ба кирдорҳои ҷиноятӣ ба таври махсус муносибат менамуданд ва ҳамеша, муҷримон барои кирдори содирнамудаашон ба сазои аъмолашон мерасиданд.

Таҳлили низоми ҳуқуқии давраи зардуштӣ нишон медиҳад, ки ҳуқуқвайронкунӣ вобаста ба рушди давлату ҷомеа, принсипҳо ва мафкураҳои равонӣ, динӣ, сиёсиву ҳуқуқие, ки дар ҷомеа ҳукмфармост, пайваста инкишоф ва тағйир ёфта, асосан ҳуқуқвайронкуниҳои ба муқобили ҳокимият ва дин ба гунаи сахт ба кайфар мерасиданд ва ҷазо вобаста ба вазнинии ҷинояти содиршуда, хусусияти субъекти кирдори ҷинояти содиркарда ва хусусияти объекти ҳифзшаванда татбиқ карда мешуд. Шахсони наздики шоҳ дар маҳбас нигоҳ дошта мешуданд то аз кардаи худ пушаймон шаванд. Аслан, ҷазои қатл нисбат ба наздикони шоҳ татбиқ карда намешуд.

Омӯзиши сарчашмаҳои ибтидоӣ нишон медиҳад, ки қонуни ҷиноятӣ дар давраи зардуштӣ кодификатсия нашудааст ва таснифи ҷиноятҳо вуҷуд надошт.

Ба ин муносибат муҳаққиқони гуногун асноди таърихӣ ва сарчашмаҳои ибтидоиро таҳлил намуда, оид ба таснифи ҷиноятҳо ва навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳо назарияҳои мухталиф пешниҳод кардаанд.

Ба намудҳо ва таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ омилҳои зиёд – вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, навъҳои урфу одат ва анъанаҳои халқҳо, мансубияти динӣ ва ғайра таъсир расониданд. Албатта, кирдорҳое, ки бар зидди ин арзишҳо нигаронида шудаанд, ҷиноят ҳисобида мешуданд ва ҷазо барои онҳо гуногун буд. Муаллифон барои чунин таснифҳо меъёрҳои гуногунро истифода мебаранд.

Дар асоси маводи омӯхташуда мо таснифи зерини ҷиноятҳоро дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ пешниҳод менамоем: ҷиноятҳои зидди дин; ҷиноятҳои зидди ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои ҳукмрон; ҷиноятҳои зидди шахс: ҷиноятҳои зидди ҳаёт ва саломатӣ ва ҷиноятҳои зидди озодӣ ва дахлнопазирии шахс, шаъну шарафи шахс; ҷиноятҳо бар зидди олами ҳайвонот ва муҳити зист; ҷиноятҳои зидди моликият.

Дар сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқии Вандидод соҳаҳо ва падидаҳои ҳуқуқ ҳанӯз ба охир нарасидаанд. Мафҳуми ҷиноят ва ҷазо, меъёрҳои возеҳи гурӯҳбандии ҷиноятҳо ва сохтани низоми ҷазоҳо ба маънои имрӯзаи мо кор карда нашудаанд. Бо вуҷуди ин, одамон ба амалҳои зиддиҷамъиятие, ки арзишҳои иҷтимоии дар он замонҳо муқарраргардида, инчунин меъёрҳои ахлоқӣ, динӣ ва анъанавии амалкунандаро вайрон мекарданд, вокуниш нишон медоданд.

Бояд хотирнишон сохт, ки муносибат ба чунин амалҳо дар ёдгориҳои гуногуни таърихӣ инъикос ёфтааст. Ҷамъият чораҳои вокуниш ба кирдорҳои

зиддиҷамъиятиро дар шакли намудҳои гуногуни муҷозоти динӣ ва маънавӣ кор карда баромадааст.

Аз мазмуни ҷазоҳои татбиқшуда маълум мешавад, ки онҳо дар давраи зардуштӣ аввал вокуниши ҷомеаро нисбат ба кирдорҳои ҷиноятӣ дар назар дошта, баъдтар пас аз пайдоиш ва ташаккули сохторҳои давлатӣ шакли расмӣ пайдо кардаанд. Умуман, ҷинояту ҷазо дар давлатҳои қадим бо урфу одат, анъана ва меъёрҳои динӣ алоқаманд буд. Ҷиноят ва ҷазо ҳамчун ҳодисаҳои иҷтимоӣ дар давраи муайяни инкишофи ҷамъият хусусиятҳои ба худ хос доштанд. Махсусан ҷиноятҳои зидди қувваҳои табиат ва баъзе намудҳои ҳайвонот чунин хусусият доштанд. Дар ин замина Вандидод ва низоми ҳуқуқии зардуштӣ меъёрҳои сершумори ҳифзи табиатро ба ҳам мепайвандад. Инчунин, нисбат ба шахсоне, ки дар ҷиноят шарик буданд ва ё ҷиноятро такроран содир мекарданд, ҷазоҳои муайян муқаррар карда шудабуд. Дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ барои куштани саг ҷазои қатл муққарар шуда буд. Ҳатто барои ғизои носолим додан ба саг (масалан, устухон ё ғизои гарм) муҷозот пешбинӣ шуда буд.

Ҷазо чун он замон ду навъ буд: омурзида ва нобахшиданӣ дар дунё. Масалан, шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, ба воситаи тавба метавонист худро аз ҷазои дигар дунё озод кунад, вале ҷинояткорони алоҳида - ғоратгарон ҳуқуқи тавба карданро надоштанд. Дар маҷмуъ, дар байни зардуштиён маъмултарин намудҳои ҷазо ҳукми қатл, ҳабс ва зиндон, шиканҷа, ҷуброни зарар, меҳнати маҷбурӣ ва ғайра буданд.

А.Г. Периханян низ низоми ҷазоро дар ин давра ба навъҳо тақсим карда, каффораи гуноҳро бо пардохти молу мулк ва ҷарима дар алоҳидагӣ номбар намудааст [13, с. 252]. А.Ғ. Холиқзода дар таснифоти низоми ҷавобгариҳои ҳуқуқии замони амали ҳуқуқи зардуштӣ ҷаримаро ҷойи дуюм гузоштааст [15, с. 361-362]. Э.Б. Буризода бошад, ҳолати бештар татбиқшавии ин намуди ҷавобгариро ба инобат гирифта, онро дар ҷойи аввал гузоштааст [7, с. 31].

Аз таҳқиқотҳои зикргардида маълум мешавад, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҷарима чун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барои содир намудани кирдорҳои муайян васеъ татбиқ карда мешуд. Дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ҷарима барои намудҳои гуногуни ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла кирдорҳои ҷиноятӣ ҳамчун ҷазои асосӣ ва иловагӣ истифода мешуд.

Бояд хотирнишон сохт, ки Авесто ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ дар баробари ҷазои ҷисмонӣ, маҳрум кардан аз озодӣ, корҳои маҷбурӣ ва ислоҳӣ, ҷаримаро ҳамчун ҷазои асосӣ пешбинӣ намудааст. Чунончи, дар қисми 3-и фаргарди 4, сатрҳои 17-21-и Вандидод барои содир намудани ҷиноятҳои зидди саломатии инсон дар категорияи огерепта ҷавобгарии ҷарима пешбинӣ шудааст. Ба андешаи Ҷ. Саъдизода, «огерепта ба маънии «гирифтан» ва ба таъбири Вандидод, номи гуноҳи касест, ки размафзор бар даст гирад ва қасди задани дигареро бикунад» [14, с. 40].

Дар сатрҳои 20 ва 21 дар бораи додани ҷарима барои ин категорияи ҷиноятҳо шарҳу эзоҳоти мушаххас оварда шудааст. Масалан, агар касе ҷинояти огерепта содир карда, аз додани ҷарима саркашӣ кунад, дар ин маврид вай ҷинояткори категорияи пешутану шуда, бо 200 зарбаи тозиёнаи асп ва калтак ҷазо дода мешавад [2, с. 105]. Ба андешаи Ҷ. Саъдизода, «ҳар касе панҷ бори дигар бад ин кор даст занад, пешутану шавад. Ин маънои онро дорад, ки такроран содир намудани ҷиноят ҳанӯз чанд ҳазор сол пеш дар Вандидод зикр шудааст» [14, с. 40].

Ҳуқуқвайронкунӣ падидаи нав набуда, дар доираи низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мавриди матраҳ қарор гирифтааст. Ҳуқуқвайронкунӣ дар таълимоти ҳуқуқии зардуштӣ мавқеи хосса дошт. Мувофиқи назари баъзе муҳаққиқони авестошинос, барои ҳар чор намуди кирдор (Авауиришта, Аредуш, Огерепта, Пешутану) ҷазоҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд. Чор намуди кирдор [8, с. 324]. (Авауиришта, Аредуш, Огерепта, Пешутану) -ро метавон яке аз намудҳои таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ арзёбӣ намуд. Мувофиқи фаргарди 4-и Вандидод, бахши севум (А), қисмати 17 дар зардуштия барои вайрон кардани дахлнопазирии инсон ё ин ки лату кӯб кардани шахси дигар намуди муайяни ҷазо пешбинӣ шудааст: «Касе, ки ба оҳанги задани дигаре бархезад, гуноҳаш Огерепта аст. А.Г. Периханян қайд мекунад, ки «барои содир намудани ҷиноятҳои категорияи огерепт ҷарима ба андозаи 12-16 сатер, аредуш – 30 сатер, хвар – 60 сатер, базай – 90 сатер, йот – 180 сатер ва танафухр – 300 сатер муқаррар шуда буд» [13, с. 255-256]. Касе, ки бар сари дигаре фуруд ояд, то ӯро бизанад, гуноҳаш Авауиришта аст. Касе, ки ба бадхоҳона оғоз ба задани дигаре кунад, гуноҳаш Аредуш аст. Ҳар гоҳ панҷ бори дигар бад ин кор даст занад, Пешутану шавад [14, с. 41]. Вақте ки шахс ба размафзор (силоҳ) даст мерасонад ва мақсади расонидани зарар ба каси дигарро дорад, кирдораш Огерепта ё гиранда (муносибати ғайриқонунӣ бо силоҳ) мебошад, вақте, ки шахс размафзорро мебардорад, тоб медиҳад ва бо мақсади расонидани зарар ҷониби шахси дигар мегардонад кирдораш ҳамчун Авауиришта баҳогузорӣ мегардад. Аммо вақте шахс бо размафзор ба задан ё зарар расонидан ба таври воқеӣ шурӯъ мекунад, яъне силоҳро дар муносибат бо каси дигар истифода мебарад, ки дар натиҷа ҷабрдида зарар намебинад ё ин ки зарари ночизи ҷисмонӣ мебинад, ки давомнокии барқароршавии он на бештар аз се рӯз аст. Пас кирдори чунин шахс дар таълимоти зардуштия ҳамчун Аредуш ҳисобида мешавад. Дар идома ҷазо барои ин гуноҳ дар қисмати дигари Вандидод дарҷ гардидааст: «Эй додори ҷаҳони астуманд! Эй ашаван! Касе, ки ба гуноҳи Огерепта олуда шавад, подафраи гуноҳаш чист? Аҳура Маздо посух дод: Панҷ тозиёна бо аспаҳе-аштра, панҷ тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор даҳ тозиёна бо аспаҳе-аштра, даҳ тозиёна бо сраушо-чарана» [8, с. 324].

Дар низоми ҳуқуқи ин давра нормаҳои зиёде вомехӯранд, ки ба ҳифзи озодии шахсӣ, эътибор ва шаъну шарафи инсон равона гардидаанд. Зеро озодии шахсӣ, обрӯю эътибор ва шаъну шарафи инсон ҳамчун неъматҳое ба ҳисоб мераванд, ки онро неъматҳои бебаҳо унвон бояд кард [15, с. 334]. Ҳамин тавр, ба андешаи мо, мафҳуми кафорати гуноҳ на дар низоми ҳуқуқи исломӣ, балки дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба вуҷуд омада, амали татбиқи ҳуқуқ, ситонидани товони зарар ва амалҳои ба барқарор намудани зарари расонидашуда, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ мафҳуми «каффорат»-ро ифода менамуданд, ҳанӯз дар низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ амал менамуд.

Бо таҳлилу баррасии мавзуи намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ тибқи Вандидод метавон ба ин нукот ишора намуд:

1. Агар ба гузаштаи ниёгони худ назар намоем, бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқие ба монанди «Вандидод», «Бундаҳишн», «Динкард», «Шояст-нашояст», «Ардавирофнома», «Минуи хирад», «Панду андарзҳои Анӯшервон» ва ғайра эҷод шудаанд, ки дар онҳо ҳуқуқҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, ба зиндагии хушбахтона, ба интихоби касб, ба никоҳ ва озодии никоҳ, ба моликият, ба таҳсил, ба муҳити мусоиди зист ва ҳатто ҳуқуқ ба ҳаёти ҳайвоноти фоидаовар инъикоси худро ёфтаанд. Ҳама гуна рафторҳои зиддиҷамъиятие, ки

бар хилофи ҳаёт, саломатӣ, моликият ва озодиҳои инсон равона мегардиданд, ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ махсуб мегардид.

2. Дар Вандидод ҳама гуна фаъолият ва кирдоре, ки бар хилофи хостаҳои Аҳурамаздо ва ё муқобили фармудаҳои ӯ амалӣ мегардад, ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ эътироф мешуд.

3. Ҷазоҳо, асосан, намудҳои зерин доштанд:) ҳукми қатл; 2) ҷазои ҷисмонӣ; 3) ҷарима ва каффораи гуноҳ; 4) корҳои ислоҳӣ; 5) маҳдуд кардани озодӣ; 6) маҳрум сохтан аз озодӣ; 7) аз ҷамъият хориҷ кардан ва бадарға кардан; 8) мусодираи молу мулк; 9) маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаи муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян.

4. Таҳлили низоми ҳуқуқии давраи зардуштӣ нишон медиҳад, ки ҳуқуқвайронкунӣ вобаста ба рушди давлату ҷомеа, принсипҳо ва мафкураҳои равонӣ, динӣ, сиёсиву ҳуқуқие, ки дар ҷомеа ҳукмфармост, пайваста инкишоф ва тағйир меёфт. Ҷазо вобаста ба вазнинии ҷинояти содиршуда, хусусияти субъекти кирдори ҷинояти содиркарда ва хусусияти объекти ҳифзшаванда татбиқ карда мешуд.

5. Таснифи зерини ҷиноятҳоро дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ пешниҳод менамоем: 1) ҷиноятҳои зидди дин; 2) ҷиноятҳои зидди ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои ҳукмрон; 3) ҷиноятҳои зидди шахс: а) ҷиноятҳои зидди ҳаёт ва саломатӣ; б) ҷиноятҳои зидди озодӣ ва дахлнопазирии шахс, шаъну шарафи шахс; 4) ҷиноятҳо бар зидди олами ҳайвонот ва муҳити зист; 5) ҷиноятҳои зидди моликият.

**Муқарриз: Бобохонов Ф.А. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**


1. Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.

2. Авесто. Китоби 1. – Душанбе, 2014. – С. 486-487; Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 105

3. Азиззода, У.А., Бобохонов Ф.А. Защита прав человека от клеветы и оскорбления в зороастрийской правовой системе // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 5. – С. 255.

4. Азизов У.А. Некоторые аспекты совершенствования системы уголовного кодекса Республики Таджикистан // Актуальные проблемы современного уголовного права и криминологии: материалы Международной научно-практической конференции. – Ставрополь: «Изд-во СКФУ», 2015. – С. 254-258.;

5. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 105.

6. Бобохонов Ф.А., Тагдиров А.У., Сайдалиев О.И. Защита прав человека от клеветы и оскорблений в зороастрийской правовой системе // Вестник науки. – 2022. – Т. 2. – № 2(47). – С. 121-128.

7. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1, ч. 1 -2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 31.

8. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди Бостон. Қисми 1. Авасто; Қисми 2. Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 324.

9. Зиёёв Х.М. Традиции и право (философский и юридико-антропологический анализ на примере Таджикистана). – Душанбе, 2009. – С. 54.

10. Зокирзода З.Х. Ҷазои ҷиноятӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ. Монография. – Душанбе: Ашуриён, 2023. – 216 с.; Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д., Алиев И.И. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 6. – С. 218-225.

11. Зокиров З.Х. Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк. Монография. – Душанбе: Нашри Камол, 2016. – С. 13.

12. Камолов З.А. Система наказаний по уголовному кодексу Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – 193 с.

13. Периханян А.Г. Общество и право Ирана в Парфянский и Сасанидский периоды. – М.: Наука, 1983. – С. 255-256.

14. Саъдизода Ҷ., Низомзода К.Х. Андешаи дахлнопазирии инсон дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик: дар мисоли Авесто ва Эъломияи Куруши Кабир // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – 2021. – № 4 (24). – С. 40.

15. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 361-362.

**Literature:**

1. Abdurashidov A.A. Punishment under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan (evolution and current state): dis. ... candidate of legal sciences. - Dushanbe, 2011. - 190 p.

2. Avesto. Kitobi 1. - Dushanbe, 2014. - P. 486-487; Azizov U.A. Evolution of the institutions of crime and punishment on the territory of historical and modern Tajikistan: historical and legal research: dis. ... Doctor of Law. - Dushanbe, 2015. - P. 105.

3. Azizzoda, U.A., Bobokhonov F.A. Protection of human rights from slander and insult in the Zoroastrian legal system // Bulletin of the Tajik National University. Series of socio-economic and social sciences. – 2020. – No. 5. – P. 255.

4. Azizov U. A. Some aspects of improving the criminal code system of the Republic of Tajikistan // Actual problems of modern criminal law and criminology: materials of the International scientific and practical conference. – Stavropol: "Publishing house of SKFU", 2015. – P. 254-258.;

5. Azizov U.A. Evolution of the institutions of crime and punishment on the territory of historical and modern Tajikistan: historical and legal research: dis. … Doctor of Law. – Dushanbe, 2015. – P. 105.

6. Bobokhonov F.A., Tagdirov A.U., Saidaliyev O.I. Protection of human rights from slander and insults in the Zoroastrian legal system // Bulletin of science. – 2022. – Vol. 2. – No. 2(47). – P. 121-128.

7. Buriev I.B. History of the state and law of Tajikistan. Vol. 1, parts 1-2 (from ancient times to the beginning of the 20th century). – Dushanbe: Irfon, 2007. – P. 31.

8. Treasury of Tajik political and legal thought. (Textbook of the state and law of Tajikistan). Editor-in-chief and compiler A. Khalikzoda. Book I. Law in the Boston Pact. Part 1. Avasta; Part 2. Request. - Dushanbe: ER-graf, 2016. - P. 324.
9. Ziyoev Kh.M. Traditions and law (philosophical and legal-anthropological analysis using the example of Tajikistan). – Dushanbe, 2009. – P. 54.
10. Zokirzoda Z.Kh. Criminal punishment: theoretical and methodological aspects. Monograph. - Dushanbe: Assuryon, 2023. - 216 p.; Zokirzoda Z.Kh., Mukimov S.D., Aliev I.I. Main issues of sentencing in the criminal law policy of the Republic of Tajikistan // Bulletin of the National University of Tajikistan. Department of Socio-Economic and Social Sciences. - 2022. - No. 6. - P. 218-225.
11. Zokirov Z.Kh. Characteristics of the criminal law on confiscation of property. Monograph. - Dushanbe: Kamol Publishing House, 2016. - P. 13.
12. Kamolov Z.A. The system of punishments under the criminal code of the Republic of Tajikistan: dis. ... Cand. of Law. – Irkutsk, 2009. – 193 p.
13. Perikhanyan A.G. Society and law of Iran in the Parthian and Sasanian periods. – M .: Science, 1983. – P. 255-256.
14. Saadizoda J., Nizomzoda K.Kh. The idea of the inviolability of the person in the historical and legal sources of the Tajik people: on the example of the Avesta and the Declaration of Cyrus the Great // State Studies and Human Rights (scientific and practical journal). - 2021. - No. 4 (24). - P. 40.
15. Khalikov A.G. Legal system of Zoroastrianism (ancient law). – Dushanbe: Maorif va Farhang, 2005. – P. 361-362.

## НАМУДҲОИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ТИБҚИ ВАНДИДОД

Таҳлили низоми ҳуқуқии давраи зардуштӣ нишон медиҳад, ки ҳуқуқвайронкунӣ вобаста ба рушди давлату ҷомеа, принсипҳо ва мафкураҳои равонӣ, динӣ, сиёсиву ҳуқуқие, ки дар ҷомеа ҳукмфармост, пайваста инкишоф ва тағйир меёфт. Ҷазо вобаста ба вазнинии ҷинояти содиршуда, хусусияти субъекти кирдори ҷинояти содиркарда ва хусусияти объекти ҳифзшаванда татбиқ карда мешуд.

Ҳуқуқвайронкунӣ кирдори гунаҳкорона ва зиддиҳуқуқии шахсе мебошад, ки ба ҷамъият, давлат ё шахсони алоҳида зарар мерасонад. Шахс дар натиҷаи содир кардан ё накардани кирдор, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ мухолиф мебошад, ба миён меояд. Агар шаҳрванд ба таври низомнок қоидаҳои тартиботи дохилиро вайрон намояд, ба кор наояд, сирқат намояд, қоидаҳои ҳаракат дар роҳро вайрон кунад, ба чароғаки роҳнамо итоат накунад ва дигар кирдорҳои ба ҳамин монандро содир намояд, онро ифода менамояд, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ додааст ва кирдори он муҷиби ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Иҷро накардани уҳдадориҳои ҳуқуқӣ маънои вайрон кардани талаботи меъёрҳои ҳуқуқиро дошта, ҷавобгарии ҳуқуқиро тибқи санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ ба миён меорад.

Олимон низоми ҷазоро дар давлатҳои давраи зардуштӣ ба намудҳои мухталиф таснифбандӣ намудаанд. Ба назари мо, ҷазоҳои ҷиноятӣ аз намудҳои зерин иборатанд: ҳукми қатл; ҷазои ҷисмонӣ; ҷарима ва каффораи гунаҳ; корҳои ислоҳӣ; маҳдуд кардани озодӣ; маҳрум сохтан аз озодӣ; аз ҷомеа хориҷ кардан ва бадарға кардан; мусодираи молу мулк; маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаи муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян; экскоммуникатсияи табаиятӣ ва корҳои ҳатмӣ.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқвайронкунӣ, намудщои ҳуқуқвайронкунӣ, таснфи ҷазоҳо, ҷазои ҷисмонӣ, ҷарима, каффораи гунаҳ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ,

маҳрум сохтан аз озодӣ, аз ҷомеа хориҷ кардан, бадарға кардан, мусодираи молу мулк.


## ВИДЫ ПРАВОНАРУШЕНИЙ ПО ВАНДИДОДУ

Анализ правовой системы зороастрийского периода показывает, что правонарушения постоянно развивались и изменялись в зависимости от развития государства и общества, господствовавших в обществе психологических, религиозных, политико-правовых принципов и идеологий. Наказание применялось в зависимости от тяжести совершенного преступления, характера виновного и характера охраняемого объекта.

Преступление — это противоправное и противоправное деяние лица, причиняющее вред обществу, государству или отдельным лицам. Правосубъектность возникает в результате совершения или бездействия деяния, нарушающего правовые нормы. Систематическое нарушение гражданином правил внутреннего распорядка, неявка на работу, бродяжничество, нарушение правил дорожного движения, невыполнение сигналов светофора и совершение иных подобных действий свидетельствует о совершении им правонарушения и влечет за собой ответственность по закону. Неисполнение юридических обязанностей является нарушением требований правовых норм и влечет за собой юридическую ответственность в соответствии с соответствующими правовыми актами.

Ученые классифицируют систему наказаний в государствах зороастрийской эпохи по различным типам. По нашему мнению, к уголовным наказаниям относятся следующие виды: смертная казнь; телесные наказания; наказание и искупление греха; исправительная работа; ограничение свободы; лишение свободы; исключение и изгнание из общества; конфискация имущества; лишение права занимать определенную должность или заниматься определенной деятельностью; естественное отлучение и обязательные работы.


**Ключевые слова:** правонарушение, виды правонарушения, классификация наказаний, телесное наказание, штраф, искупление греха, исправительные работы, ограничение свободы, лишение свободы, исключение из общества, ссылка, конфискация имущества.


## TYPES OF OFFENCES UNDER VANDIDOD

Analysis of the legal system of the Zoroastrian period shows that violations of the law were constantly developing and changing depending on the development of the state and society, the psychological, religious, political and legal principles and ideologies prevailing in society. Punishment was applied depending on the severity of the crime committed, the nature of the subject of the criminal act and the nature of the protected object.

A violation is a guilty and unlawful act of a person that causes harm to society, the state or individuals. A person arises as a result of committing or failing to commit an act that contradicts legal norms. If a citizen systematically violates the rules of internal order, does not come to work, wanders, violates traffic rules, does not obey traffic lights and commits other similar acts, this indicates that he has committed a violation of the law and his actions are subject to legal liability. Failure to fulfill legal obligations means violating the requirements of legal norms and entails legal liability in accordance with relevant legal acts.

Scholars have classified the penal system in the states of the Zoroastrian period into various types. In our opinion, criminal penalties include the following types: the

death penalty; corporal punishment; fines and atonement for sins; correctional labor; restriction of freedom; deprivation of freedom; exclusion and exile from society; confiscation of property; deprivation of the right to hold a certain position or engage in a certain activity; excommunication from citizenship and compulsory labor.

**Key words:** offense, types of offense, classification of punishments, corporal punishment, fine, atonement for sin, correctional labor, restriction of freedom, deprivation of freedom, exclusion from society, exile, confiscation of property.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Азимзода Фирдавс Акбаралӣ** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, факултети таърих ва ҳуқуқ, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 207009996. E-mail: Azimov.Firdavs.84@mail.ru

**Идибеков Абдулҳамид Амирмусаябович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63.

**Сведения об авторах: Азимзода Фирдавс Акбарали** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, факультет истории и права, ассистент кафедры права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 207009996. E-mail: Azimov.Firdavs.84@mail.ru

**Идибеков Абдулхамид Амирмусаябович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Раштский район, Гарм, ул. Э. Мухиддин-63.

**Information about authors: Azimzoda Firdavs Akbarali** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, faculty of history and law, assistants the department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63 Phone: (+992) 207009996. E-mail: Azimov.Firdavs.84@mail.ru

**Idibekov Abdulhamid Amirmusayabovich –** Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the Department of Law and State Administration. Adress: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63.

**УДК: 342.25**

# ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОССЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ

**Олимшозода Ф.О.**
**Таджикский педагогический институт в Раштском районе**

*Местное управление - это один из способов выражения интересов гражданина и прав человека. Благодаря механизмам местного самоуправления становится возможным проявление созидательной инициативы с последующим практическим воплощением, формирование ответственности населения относительно своего места проживания.*

Практика самоуправления имеет глубокие корни в человеческой истории и она имела место в Древнем мире, и в обществе нового времени, в жизни самых разных народов и государств. Идея территориального самоуправления,

зародившись в глубокой древности, получила затем глубокую научную и литературную разработку в политических сочинениях самых разных направлений: утопических, либеральных, марксистских, социал- демократических. С XVIII века она используется в конституциях многих стран, в программах политических партий, в международных документах. Основанные на реализации идеи самоуправления народа системы политической власти и управления всё шире распространяются в современном мире, показывая свою эффективность. Принципиальное значение для преобразований в современном Таджикистане имеет современный опыт самоуправления и дело не только в использовании национальных традиций, но и в необходимости учитывать сложившийся менталитет народа, исходить из реальных общественных условий.

Классический пример самоуправляющейся общины (полиса), разросшейся в государство дали человечеству древние греки. Именно античные рабовладельческие демократии, в большей степени афинская, в меньшей степени – римская при всей своей ограниченности впервые в истории провозгласили народный суверенитет политической и идеалистической основой государственного строя и обеспечили в периоды своего расцвета массовое участие свободных граждан и управлении государством. С конца VII века до нашей эры в народном собрании древних греков (экклесии) оформляется ареопаг центральный коллективный орган полисного самоуправления и ежегодно в его состав избирались архонты (регенты, начальствующие), среди которых особую роль играли: главнокомандующий армии, первосвященник и судьи.

Система Советов была строго централизована. Местные советы были обязаны подчинятся не только вышестоящим Советам, но и вышестоящим государственным органам исполнительной власти. Советы стали органами государственной власти на местах, чем органы местного самоуправления. На протяжении всей истории статус Советов постоянно развивался и уточнялся. Наиболее чётким он стал в 60-70-х годах прошлого столетия.

Местные советы являлись представительными органами, но при этом они сочетали функции представительных и исполнительно – распорядительных органов. Члены Советов избирались гражданами при тайном голосовании. Однако, выборы, как правило, были фиктивными. Реальной властью обладали не Советы, а коммунистическая партия. Тем не менее, Советы выполняли чрезвычайно важные функции по государственному управлению на местах. Срок полномочий Советов предусматривался 2,5 года.

Важную роль в становлении местного самоуправления сыграли Закон СССР от 9 апреля 1990 года «Об общих началах местного самоуправления и местного хозяйства в СССР», Закон РСФСР от 6 июля 1991 года «Закон о местном управлении в РСФСР». Были разграничены полномочия между местными советами и администрациями, введены судебные и некоторые гарантии местного самоуправления. Конституция Российской Федерации, принятая 12 декабря 1993 года, запретила местное самоуправление как основу конституционного строя Российской Федерации и его самостоятельность. В 1995 году был принят Федеральный закон «Об общих принципах организации местного самоуправления в Российской Федерации». В соответствии с ним местное самоуправление действует самостоятельно, независимо от государства и под свою ответственность. После вступления Российской Федерации в Совет Европы Государственная Дума в 1998 году ратифицировала Европейскую Хартию местного самоуправления – один из главных источников муниципального права демократических государств.

В таджикской культуре местное самоуправление с древних времён занимало особое место, однако постепенно утратило некоторые свои функции в период проявления различных династий и вследствие укрепления системы государственной власти. В частности, в период становления и развития Советской власти с 1931 по 1991 год местное управление было заменено государственным управлением местным сообществом. Упразднение традиционных институтов, а также игнорирование огромного опыта в сфере местного самоуправления обусловили централизации власти до местного уровня. В результате глубокого социально-экономического и политического кризиса в годы гражданского противостояния (1992-1997 гг.) в Таджикистане произошло резкое ухудшение жизненного уровня населения, появилась безработица, увеличилось число бедных слоёв населения, происходил паралич системы государственного управления. Возникла острая необходимость поиска более эффективных форм управления общественной жизнью и в связи с этим началась реанимация исторических форм местного управления с учётом географического расположения, местных условий, обычаев и традиций народа, внедрения демократических принципов управления местным сообществом.

Согласно Конституции Республики Таджикистан 1994 года наша страна является демократическим правовым государством с республиканской формой правления, в которой народ является носителем суверенитета и единственным источником власти. Важнейшей формой проявления власти народа, выражения его воли является участие в осуществлении местного самоуправления. Признавая права граждан на осуществлении местного самоуправления, государство признаёт самостоятельность местного самоуправления в пределах его полномочий и права. Поэтому непосредственно на органы государственной власти на конституционном уровне должна быть возложена обязанность создавать необходимые правовые, организационные, материально – финансовые условия для становления и развития местного самоуправления и оказывать содействие гражданам в осуществлении их права на местное самоуправление.

Таким образом, местное самоуправление – это одна из форм реализации народом принадлежащей ему власти, участие в управлении делами государства является конституционным правом граждан. При этом Конституция Республики Таджикистан исходит из того, что гражданин принимает участие в управлении государством в тех формах, которые установлены ею [1, с. 3].

Следует сказать, что провозглашение демократической сущности Республики Таджикистан определяет главное направление народовластия, которое находит своё выражение прежде всего в самоуправлении народа. Являясь более важной формой и высоким уровнем демократии, система самоуправления оказывает непосредственное влияние на развитие социальной и экономической активности населения, реализацию прав и свобод личности, повышение эффективности всей системы демократии, образование и укрепление гражданского общества. Проблема становления местного самоуправления в Республики Таджикистан неразрывно связана с курсом демократизации и формированием гражданского общества.

Отсутствие единой модели и недостаточная разработанность концепции местного самоуправления оказывали и оказывают сегодня негативное воздействие на эффективную деятельность местного самоуправления как социального института и затрудняют процесс дальнейшего реформирования системы местной власти. Имеют место теоретические и практические проблемы становления местного самоуправления в Таджикистане. Нуждается в совершенствовании

правовая основа организации деятельности местного самоуправления, ждут своего решения вопросы, связанные с финансированием его деятельности.

Следует отметить, что изначально таджикский народ независимо от расположения в различных регионах, династиях и государствах обладал высокой культурой самоуправления. Так Президент Республики Таджикистан неоднократно отмечал важность вопросов местного самоуправления, их проблемы и возможные пути их решения.

Традиционные элементы института местного самоуправления имеют богатую историю и должны использоваться в современно модели института местного самоуправления. Анализ истории становления местного самоуправления показал, что традиционные институты самоуправления: совет старейшин, аксакалы, пайкор (ходящий по следам дел, по делам), пятидесятники, местные советы, хашар (безвозмездная коллективная трудовая взаимопомощь) и структуры традиционного общества (род, махалла, кишлак, общество территориального землепользования, а также центры местного сообщества: «аловхона» (место сбора жителей в зимний период) и «гап», (место сборище людей), «гостинная» (приём гостей и чужестранцев), обычаи, традиции и общественная этика служат основой для воссоздания и формирования современных институтов местного самоуправления. После присоединения Средней Азии к Российской империи для выражения территориального объединения чаще употреблялся термин «квартал». По сведениям старожилов, некогда один квартал – махалла состоял впределе от 50 до 80 дворов, его главу называли «элликбоши» (пятидесятник). Согласно документам 1911 года, в том числе списку дворов в Калаинавском районе города Худжанда, в махале Бозори гуза было 25 дворов, Шайх – Ислом – 43, Шайх – Тохир – 35, Футабофон – 61, Пуларкиш – 67 и Дуюм Мулло – 76 дворов [2, с. 4]. В Таджикской ССР, в отличие от Узбекистана, на протяжении всего советского времени интерес к махалле (квартал) был артикулирован слабо. Какого – то единого объяснения этому факту нет. Возможно, сыграло свою роль малое число старинных городов на юге республики, и преобладание селений и посёлков с амфорной внутренней структурой.

Исторические источники свидетельствуют о том, что первичной ячейкой самоуправления считается родовая община, где люди объединились вокруг кровных и родственных отношений, а её органом управления являлся родовой совет, где он в зависимости от организационной формы, структуры и средства существования власти, строился на принципах самоуправления и возглавлял его старейшина рода. Старейшинами рода были пожилые люди, защищавшие интересы рода в отношениях с другими родами и племенами в совете старейшин и этот совет играл большую роль в организации жизненно важных сфер деятельности местного населения и прежде всего в совместном труде по мобилизации населения для ирригационного земледелия, и в этом направлении они как орган обладали функциями управления.

Известный российский конституционалист С.А. Авакьян прямо поставил вопрос: «Если органы местного самоуправления не есть органы государственной власти, то что это – общественная власть или некая смешанная власть или вообще не власть?». Он выразил мнение о том, что «местное самоуправление сочетает в себе два начала с одной стороны, государственный тип самоуправления, с другой общественное самоуправление» [3, с. 4].

В своём книге «Старый порядок и революция» А. Токвиль пишет: «Демократия неизбежна, но она может принимать разные формы, быть стабильной или постоянно колеблющейся, воинственной или мирной, бедной или

богатой, либеральной или жёсткой, централизованной или децентрализованной» [4, с. 4]. В условиях демократического, правового государства взаимоотношения государства и личности, центральных органов власти и местных сообществ принципиально иные, нежели в абсолютистском государстве, которое основоположник немецкой классической философии И. Кант называл государством произвола, т.е. «право – это совокупность условий, при которых произвол (свобода) одного лица совместим с произволом другого лица с точки зрения всеобщего закона свободы. Это совокупность условий, при которых существует возможность реализации категорического императива и воплощается свобода [5, с. 5].

На теорию и практику конституционного развития европейских государств большое влияние оказали французские конституции XVIII в., а также конституция Бельгии 1831 г., которая сыграла значительную роль в распространении идей местного самоуправления в Европе. В этой конституции содержалась статья, посвящённая общинному управлению.

В первой половине XIX века в Европе разрабатываются теоретические основы о местном самоуправлении. Одним из первых обратился к этим проблемам французский государственный деятель А. Токвиль. Он писал: «Общинные институты играют для установления независимости ту же роль, что и начальные школы для науки; они открывают народу путь к свободе и учат его пользоваться этой свободой, наслаждаться её мирным характером. Без общинных институтов нация может сформировать свободное правительство, однако истинного духа свобод она так и не приобретает. Скоропреходящие страсти, минутные интересы, случайные обстоятельства могут создать лишь видимость независимости, однако деспотизм, загнанный внутрь общественного организма, рано или поздно вновь появится на поверхности»[6, с. 5].

Велихов Л. А. - русский педагог, издатель, публицист и общественный деятель в своей книге «Основы городского хозяйства» выделяет следующие теории местного самоуправления: свободной общины, «общественную» (хозяйственную) и государственную. Теория свободной общины: основная её идея в обосновании ограничения вмешательства в деятельность общины. Государство не создаёт общину, а лишь признаёт её. Государственная теория самоуправления: органы местного самоуправления являются, по существу, органами государственного управления, и их компетенция не является какой-либо особенной, самобытной, естественной, а целиком и полностью создаётся и регулируется государством. В основе теории свободной общины лежат следующие основополагающие начала; - избираемость органов местного самоуправления членами общины». Далее, Л. А. Велихов выделяет признаки местного самоуправления: - отсутствие суверенитета; - специфический набор предметов ведения: - наличие самостоятельных источников финансирования; - наличие выборных органов [7, с. 5].

Как отмечалось, теория свободной общины доказывала, что право общины на заведование своими делами имеет такой же естественный и неотчуждаемый характер, как и права и свободы человека, поскольку община исторически возникает раньше государства, которое должно уважать свободу общинного управления. Права общины на самоуправление априорным путём выводились из самой природы общины. Для обосновании свободы и независимости общины её сторонники обращались к истории средневековых городов (общин по сути), их борьба за независимость против феодального государства.

На современном этапе, как правило, муниципальное управление определяется учёными как относительно децентрализованная форма

государственная управления на местах. Например, по мнению датских учёных, муниципалитеты не являются нерегулируемым «государством в государстве», а выступает в качестве местных политических единиц с относительно большой независимостью, вписывающейся в общую государственную систему.

По нашему мнению, стоит согласиться с точкой зрения, согласно которой наибольшее влияние на формирования современного таджикского местного самоуправления оказала теория дуализма муниципального управления, признающая двойственный характер местного самоуправления. Двойственность природы местного самоуправления проявляется в том, что в нём сочетаются государственное и общественное начала. Именно в силу этого органы местного самоуправления самостоятельны в решении вопросов местного значения и, одновременно, составляют с государством единое целое при решении государственных задач на местном уровне. Так, в соответствии со ст. 6 Конституции Республики Таджикистана осуществляет свою власть: непосредственно, т.е. путём референдума, выборов; через органы государственной власти; через органы местного самоуправления. Таким образом, местное самоуправление – это одна из форм реализации народом принадлежащей ему власти, участие в управлении делами государства является конституционным правом граждан. При этом Конституция Республики Таджикистан исходит из того, что гражданин принимает участие в управлении государством в тех формах, которые установлены ею.

Суверенное право народа в Республике Таджикистан – это право на власть, прописанное в основах конституционного строя. Оно предполагает прямое участие граждан в управлении делами на местном уровне через органы местного самоуправления. Как известно, в Республике Таджикистан местное самоуправление гарантируется государством.

Согласно Закона Республики Таджикистан «Об органах самоуправления посёлков и сёл», аппарат председателя джамоата состоит из председателя, заместителей и секретаря (ст. 19). В аппарате председателя джамоата работают также делопроизводитель, инженер – землеустроитель, бухгалтер. С момента принятия нового Закона Республики Таджикистан «Об упорядочении традиций и обычаев в Республике Таджикистан» и образование Управление по упорядочении традиций и обычаев в Республике Таджикистан, Указом Президента Республики Таджикистан от 24 мая 2007 года, № 253 для 402 джамоатов посёлок и сел республики также было выделено 402 штатных единиц специалистов по упорядочению традиций и обычаев. Каждый работник системы местного самоуправления должен знать основное законодательство, непосредственно связанное с его профессиональной деятельностью. Отсутствие правовых знаний в большинстве случаев становится основной причиной нарушения законов служащими. В связи с этим возникает необходимость создания дополнительного штата по юридическим вопросам при аппарате джамоата.

Анализ норм Конституции и действующего законодательства Республики Таджикистан показывает, что формы реализации данного права граждан не имеют ограничений и граждане в этом отношении не подвергаются какой бы то ни было дискриминации. Так, согласно статье 27 Конституции Республики Таджикистан, «гражданин имеет право участвовать в политической жизни и управлении государством непосредственно или через своих представителей». Граждане Республики Таджикистан с 18 лет могут быть депутатами джамаата (органа местного управления). В Законе Республики Таджикистан «Об органах самоуправления посёлков и сёл» подчёркивается, что самоуправление посёлков и

сёл – деятельность посёлков и сёл, осуществляемая непосредственно или через органы самоуправления посёлков и сёл под свою ответственность в целях решения социальных, экономических и культурных вопросов, имеющих местное значение с учётом общесоциальных интересов, национальных традиций и местной специфики» [8, с. 7].

Важнейшая цель непосредственной демократии и местного самоуправления развития народовластия, широкое распространение навыков гражданской инициативы, включение местного сообщества в процесс управления местными делами. Реализация этой цели во многом зависит от системы местного самоуправления, на практике обеспечивающей постоянное участие граждан в выработке решений и их исполнении. Являясь более важной формой и высоким уровнем демократии, система самоуправления оказывает непосредственное влияние на развитие социально – экономической активности населения, реализацию прав и свобод личности, повышение эффективности всей системы демократии, образование и укрепление гражданского общества. Проблема становления местного самоуправления в Республики Таджикистан неразрывно связана с курсом демократизации и формированием гражданского общества [9, с. 7].

Таким образом, экономические институты гражданского общества, как базовые элементы гражданского общества, сегодня в Таджикистане имеют тенденцию к развитию. Они имеют ещё много неиспользованного потенциала для дальнейшего своего роста. Сегодня по республике в целом ведутся работы, направленные на выявление новых потенциалов, которые способствуют дальнейшему росту экономических институтов таджикского гражданского общества, таких, как совершенствование законодательной базы, обобщение опыта прошлых лет, стимулирующие механизмы и темпы развития в данном направлении.

Важно отметить, что характерной особенностью системы института местного самоуправления в Таджикистане является то, что она не распространяется на города. Население городов не по Конституции ни по закону не наделено правом на самоуправление, поэтому структуры городской власти отнесены к системе местных органов государственной власти, а самоуправление в городах оставлено на уровне таких самостоятельных организаций, как махаллинские советы и общественные организации (расположенные на территории махалля), т.е. городских территориальных общин [10, с. 7].

На сегодняшний день вопросы местного самоуправления являются одним из приоритетных направлений политики Республики Таджикистан. Не будем забывать, что такие вопросы как уровень жизни людей, качество коммунальных услуг, свет и тепло в домах, больницах и в школах, чистота на улицах и многое другое напрямую зависит от работы муниципалитетов и все проблемы должны решаться на местах.

**Рецензент: Зокирзода З.Х. – к.ю.н., доцент ТПИ в Раштском районе**

**Литература:**

1. Конституция Республики Таджикистан (1994 г.).
2. Кодиров З.К. Формирование местного самоуправления как социального института в Республике Таджикистан (социально-философский анализ). - Душанбе, 2016. - 197 с.

3. Авакьян С.А. Местное самоуправление в России. Теория и практика // Государство и право. – 1993. - №6. - С. 144-145.

4. Токвиль А. де. Демократия в Америке. Книга первая. Электронный ресурс.URL: http://WWW.civis book. Ru /files /Tokville. Demokraty.1.pdf.(время обращения 14.04.2022 г.)

5. Кант И. Метафизика нравов. Сочинения в шести томах. Том 4. Часть. а. Академия наук СССР. – М., 1965.

6. Токвиль А. де. Старый порядок и революция. Пер. с франц. Л. Н. Ефимова, Санкт-Петербург, 2008.

7. Велихов Л.А.. Основы городского хозяйства. - М.: Наука, 1996. - 480 с.

8. Закон Республики Таджикистан от 5 марта 2007 г. «Об органах самоуправления посёлков и сёл» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2009, №7.

9. Имомов А.И. Местное самоуправление: становление и конституционно – правовой статус // Актуальные проблемы развития законодательства РТ: история и современность. - Душанбе, 2003. - Вып. 3.- С. 80.

10. Гадоев Б.С. Местное самоуправление – форма народовластия в Республике Таджикистан / Место Таджикистана в новом международном порядке. - Душанбе, 1997. – 184 с.

**Literature:**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan (1994).

2. Kodirov Z.K. Formation of local self-government as a social institution in the Republic of Tajikistan (social and philosophical analysis). - Dushanbe, 2016. - 197 p.

3. Avakyan S.A. Local self-government in Russia. Theory and practice // State and Law. - 1993. - No. 6. - P. 144-145.

4. Tocqueville A. de. Democracy in America. Book One. Electronic resource. URL: http://WWW.civis book. Ru /files /Tokville. Demokraty.1.pdf. (accessed on 14.04.2022)

5. Kant I. Metaphysics of Morals. Works in six volumes. Volume 4. Part. a. USSR Academy of Sciences. – M., 1965.

6. Tocqueville A. de. The Old Order and the Revolution. Translated from French by L. N. Efimova, St. Petersburg, 2008.

7. Velikhov L. A.. Fundamentals of Urban Economy. - M.: Nauka, 1996. - 480 p.

8. Law of the Republic of Tajikistan of March 5, 2007 "On Self-Government Bodies of Settlements and Villages" // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. 2009, No. 7.

9. Imomov A. I. Local Self-Government: Formation and Constitutional and Legal Status // Actual Problems of Legislation Development in the Republic of Tajikistan: History and Modernity. - Dushanbe, 2003. - Issue 3. - P. 80.

10. Gadoev B. S. Local self-government – a form of democracy in the Republic of Tajikistan / Place of Tajikistan in the new international order. - Dushanbe, 1997. – 184 p.

## ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОССЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ

В статье рассмотрены и на основе концептуальных подходов анализированы и раскрыты вопросы исторических предпосылок формирования местного самоуправления. Автором уделено особое внимание формированию местного самоуправления, его роль и значение, как социального института в развитие

организаций гражданского общества в Таджикистане, так как вопросы местного самоуправления являются одним из приоритетных направлений политики Республики Таджикистан.

На сегодняшний день вопросы местного самоуправления являются одним из приоритетных направлений политики Республики Таджикистан. Не будем забывать, что такие вопросы как уровень жизни людей, качество коммунальных услуг, свет и тепло в домах, больницах и в школах, чистота на улицах и многое другое напрямую зависит от работы муниципалитетов и все проблемы должны решаться на местах.

**Ключевые слова:** гражданское сообщество, самоуправление, национальные традиции, коллектив, демократическая сущность, свобода личности, децентрализованная форма.

## ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ

Дар мақола масъалаҳои ташаккули худидоракунии маҳаллӣ баррасӣ ва дар асоси равишҳои консептуалӣ таҳлил ва ошкор карда шудааст. Муаллиф ба ташаккули худидоракунии маҳаллӣ, нақш ва аҳамияти он ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ дар рушди созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кардааст, зеро масъалаҳои худидоракунии маҳаллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Имрӯз масъалаҳои худидоракунии маҳаллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Фаромуш набояд кард, ки масъалаҳое чун сатҳи зиндагии мардум, сифати хизматрасонии маишӣ, равшанию гармӣ дар хонаҳо, беморхонаҳо ва мактабҳо, тозагии кучаҳо ва ғайра бевосита ба кори маҳаллаҳо вобаста аст ва ҳамаи мушкилот бояд дар маҳалҳо хал шаванд.

**Калидвожаҳо:** ҷомеаи шаҳрвадӣ, худидоракунӣ, анъанаҳои миллӣ, коллектив, моҳияти демократӣ, озодии шахсият, шакли ғайримарказонидашуда.

## HISTORICAL PREREGUISITES FOR THE SELF – DEVELOPMENT OF SETTLEMENTS

The article considers and, on the basis of conceptual approaches, analyzes and reveals the issues of historical prereguisites for the formation of lokal self – government. The author paid special attention to the formation of lokal self – government, its role and importance as a social institution in the development of civil society organizations in Tajikistan, since issues of local self-government are one of the priority areas of policy of the Republic of Tajikistan.

Today, local government issues are one of the priority areas of the policy of the Republic of Tajikistan. Let's not forget that such issues as the standard of living of people, the quality of public services, light and heat in homes, hospitals and schools, cleanliness on the streets and much more directly depend on the work of municipalities and all problems must be solved locally.

**Key words**: civil society, self–government, national-tradition, group, democratic essence, personal freedom, decentralized form.

**Сведение об авторе: Олимшозода Фарходшо Олимшо** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, старший преподаватель кафедры педагогики и физического воспитания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Тел.: (+992) 988 42 07 05 E-mail: f_olimsho@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф: Олимшозода Фарҳодшо Олимшо** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи педагогика ва тарбияи ҷисмонӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Тел.: (+992) 988420705.
E-mail: f_olimsho @mail.ru

**Information the author: Olimshozoda Farhodsho Olimsho** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, senior lecturer, department of pedagogy and physical education. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63 Street. Phone: (+992) 988420705. E-mail: f_olimsho@mail.ru

**ТДУ: 34.03**

# МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА НАМУДҲОИ ФУНКСИЯҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

**Шодизода Н.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Ҷавобгарии ҳуқуқиро бе функсияҳои он тасаввур кардан ғайриимкон аст. Маҳз дар натиҷаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мақсадҳои ҷавобгарӣ мавриди татбиқ қарор мегиранд. Бинобар ин, самаранокии татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ пеш аз ҳама аз функсияҳои он вобаста мебошад. И.И. Ализода, масъалаи функсиҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро таҳқиқ намуда, ёдовар шудааст, ки «Маҳз дар натиҷаи мавҷудият ва амалисозии функсияҳои он институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мукаммал мегардад. Агар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда нашаванд, пас мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ амалӣ намегардад ва институти мазкур аҳаммияти худро гум менамояд. Бинобар ин, амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз як нигоҳ иҷро намудани институти ҷавобгариро ифода менамояд. Масалан, агар функсияи пешгирӣ ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ иҷро нагардад, пас татбиқи чунин намуди ҷавобгарӣ самаранок нахоҳад буд, балки аз мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ берун мемонад» [5, с. 23]. Тавре маълум мегардад, дар татбиқи босамари ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши функсияҳои он хеле калон мебошад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам буда, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиргузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъйинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Мавзуи мавриди назар бояд гуфт, ки дар адабиёти ҳуқуқии дахлдор тавассути олимони ҷудогона ба таври мухталиф баррасиву арзёбӣ мегардад. Ва ин дар навбати худ боиси ба миён омадани дарку фаҳмишҳои мухталиф нисбат ба ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки дар заминаи таҳлили масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар аз ҳар чизи дигар таваҷҷуҳи моро функсияи ба истилоҳ ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз дидгоҳи эътироф ва ё рад намудани он ба худ ҷалб месозад. Чунин эҳтимол медиҳем, ки дидгоҳ ва нуқтаи назари

олимонро дар мавриди эътироф намудан ва ё (эътироф накардани) функсияи ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавон ба гурӯҳҳо ҷудо намуд.

Омӯзиши мазмуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти онҳо ошкор карда шуда, робитаи байни функсияҳои сазодиҳӣ, тарбиявӣ, барқарорсозӣ ва пешгирикунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад.

Атрофи мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар адабиёти илмӣ гуногунандешӣ ҷой дошта, чунин ҳолат боиси баҳсҳои илмӣ байни олимон гардидааст. Мутаассифона, бо ин далел, проблемаҳои мубрами функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳалли худро пурра наёфтааст. Тавре И.И. Ализода қайд намудааст: «Проблемаҳои мубрами функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, олимони тоҷик мафҳумҳои гуногуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод намудаанд» [5, с. 23]. Ба андешаи И.А. Кузмин, «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун «самтҳои муайяни таъсири ҷавобгарии ҳуқуқӣ (ҳамчун институти ҳуқуқӣ ва воситаи муҳофизатӣ) ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба воситаи онҳо ҳадафҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд, моҳият ва мақсади иҷтимоии он ошкор карда мешаванд» муайян карда мешаванд» [12, с. 88]. Аксар вақт таърифҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳамдигар хеле монананд, аз ин рӯ зикри шумораи зиёди онҳо аҳаммияти амалӣ надорад.

Д.Ю. Михайлова ибрози андеша намудааст, ки «функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсири ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки бо қонунҳои рушди ҷамъият муайян гардида, ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ошкор намудани моҳият, мақсад ва таъиноти иҷтимоии он нигаронида шудаанд» [19, с. 139]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ як қатор таърифҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой доранд. Яке аз муаллифони шинохтаи соҳа С.С. Алексеев дуруст қайд мекунад, ки: «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз табиати иҷтимоӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқӣ вобастагӣ дошта, пеш аз ҳама таъсири давлат ба ҳуқуқвайронкунӣ мебошад, ки мақсади он дар тарбияи шахси вайронкор дар рӯҳияи тарбияи ахлоқӣ ифода меёбад» [4, с. 147]. Аз мафҳумҳои додашуда бармеояд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳри тарбия ва ислоҳи шахси ҳуқуқвайронкунанда нгаронида шудаанд. Аз ин ҷост, ки моҳияти асосии функсияҳоро таъсиррасонӣ ташкил медиҳад.

Анҷом додани таҳқиқоти илмӣ дар бораи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва муайян намудани мафҳуму махсусиятҳои он муҳим аст, зеро аз функсияҳо моҳият ва мақсадҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста мебошанд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз рӯи мақсадҳои он муайян ва равона карда мешаванд. Агар мақсад ҳамчун оянда ва ҳозира, пешгӯии натиҷаи мувофиқ фаҳмида шавад, пас функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ҳамчун самтҳои асосие фаҳмида шаванд, ки тавассути онҳо мақсадҳои ҷавобгарӣ ба даст оварда мешаванд. Ин аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таҳқиқи масъалаи мазкур олимону муҳаққиқони зиёд пардохтаанд. Ҳар кадоме аз муҳаққиқон мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба таври хос қайд намудаанд. Аз ҷумла, М.А. Бестугина функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун соҳаҳои мушаххаси таъсири ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ маънидод менамояд, ки ноил шудан ба мақсадҳои танзими ҳуқуқиро таъмин менамоянд [7, с. 147]. Ба андешаи А.А. Мусаткин, «функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсири ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтори одамон, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанг мебошанд, ки моҳият, мақсади иҷтимоии онро ошкор мекунанд ва ба воситаи онҳо мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ

ба амал бароварда мешаванд» [20, с. 284]. Оид ба ин масъала И.А. Кузмин қайд менамояд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун «самтҳои муайяни таъсири ҷавобгарии ҳуқуқӣ (ҳамчун институти ҳуқуқ ва чораи муҳофизатӣ) ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки тавассути онҳо ҳадафҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд, моҳият ва мақсади иҷтимоии он ошкор карда мешаванд» фаҳмида мешавад [12, с. 88]. Тавре аз мафҳумҳои додашуда бармеояд, онҳо қариб ки моҳияти умумиро ифода мекунанд. Яъне дар онҳо фарқият кам ба назар мерасад. Тавре А.Л. Бредихин [8, с. 20] қайд мекунад «аксар вақт таърифҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳамдигар хеле монананданд, аз ин рӯ зикри шумораи зиёди онҳо аҳамияти амалӣ надорад».

Ҳамин тавр, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин таъсиргузории мустақим ва ғайримустақими ҳуқуқӣ ба шахсест, ки дорои ҷавобгарӣ мебошад. Худи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар натиҷаи зарурати таъсиргузорӣ ба миён меояд ва он методҳои татбиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда мафҳуми функсияи ҷавобгарии ҳуқуқиро дар чунн шакл пешниҳод намудан мумкин аст: Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин маҷмуи самтҳои таъсиррасонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки ба рафтори субъектони ҳуқуқ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ дар амалигардонии намудҳои ҷудогонаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои мазмуну моҳият ва хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Муайян намудани ҷузъҳои таркибии мазмуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки ин категорияи ҳуқуқӣ амиқтар омӯхта шуда, робитаи байни функсияфаҳои сазодиҳӣӣ, тарбиявӣ, барқароркунанда ва пешгирикунандаи ҷавобгарииии ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад. А.Л. Бредихин изҳори назар мекунад, ки агар моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян кардан имконнопазир бошад, рушди функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дурнамои хос надорад. Гузашта аз ин, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун институти ҳуқуқ, дар муқоиса бо ҳуқуқ, объекти махсуси таъсири ҳуқуқии худро надорад [8, с. 21]. Тамоми маҷмуи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад ба вазифаҳои мушаххас: пешгирӣ ва рафъи рафтори ғайриқонунӣ, инчунин баробар кардани шароити потенсиали ғайриқонунӣ.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи мазмуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян кардани ҷузъҳои сохтории онҳоро дар бар мегирад:

1. Объектҳои функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ. Ин унсур аз ҷиҳати мазмуни худ якхела нест ва шуури ҳуқуқвайронкунанда, рафтори ӯ ва муносибатҳои ҷамъиятии вайроншавандаро дарбар мегирад. Ғайр аз он, усулҳои зерини таъсиррасонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятиро ҷудо кардан мумкин аст: танзим, қатъ кардан (масалан, ҳангоми мусодираи молу мулк бо қарори суд, муносибатҳои молумулкии субъекти ҳуқуқвайронкунанда қатъ мегардад), тағйир додани доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахси ҳуқуқвайронкунанда, пайдоиши муносибатҳои нави ҳуқуқӣ бо татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ.

2. Асосҳои пайдоиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ. Одатан, дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ду гурӯҳи асосҳоро ҷудо мекунанд: расмӣ, яъне мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқие, ки таркиби ҳуқуқвайронкуниро муайян намуда, ҷавобгарии ҳуқуқиро муқаррар менамоянд ва фактҳои воқеӣ, яъне фактҳои ҳуқуқие, ки боиси ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегарданд — ҳуқуқвайронкуниҳо.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳри ба сомон расидани мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ шуда, хусусиятҳои зерин доранд: баҳри ноил гардидан

ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ мешаванд; дар робита бо мақсадҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли самтҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд; вобаста ба чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тамоили маҷбурсозӣ, тарбиявӣ, барқароркунӣ, муҳофизавӣ касб мекунанд; тарзҳои махсуси амалишавӣ доранд [13, с. 47]. Ба назари мо, хусусиятҳои зерин ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хосанд: хусусияти мақсаднок, муқаррароти давлат дар меъёрҳои ҳуқуқӣ, татбиқ дар шаклҳои мурофиавӣ, таъмини қувваи маҷбурии давлат.

Бояд қайд кард, ки баъзе хусусиятҳое, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун самти асосии таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, муайян мекунанд, инҳоянд:

1) Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз моҳияти он бармеоянд ва бо мақсади он дар ҷамъият дар марҳилаи муайяни инкишофи худ муайян карда мешаванд.

2) Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самти таъсири фаъолонаи онро ба як намуди муайяни муносибатҳои ҷамъияти ифода мекунанд.

3) Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самти таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати татбиқи он мебошад, ки аз зарурати мавҷудият ва татбиқи мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.

4) Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусиятҳои муҳимтарин ва асосии ҷавобгариро ифода намуда, аз табиати он бармеоянд ва ба татбиқи мақсадҳои асосии он нигаронида шудаанд.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар асоси шаклҳо ва усулҳои гуногун мавриди амалисозӣ қарор дода мешаванд. Усулҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инҳоянд:

- дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ба қайд гирифтани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, ҳавасмандкунӣ (мукофот) барои рафтори қонунӣ, инчунин уҳдадории барқарор кардани зарари расонидашуда;

- маҳкум кардан ва танқиди ҷамъиятии рафтори ҳуқуқвайронкунанда;

- маҳдуд кардани вазъи ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунанда, маҳрум намудани ӯ аз имтиёзҳо ва ҳуқуқҳои субъективии муайян;

- ногузирии ҷазои гунаҳгор барои содир намудани кирдори ғайриқонунӣ [16, с. 174-175].

А.З. Куканов дар ин маврид изҳори назар намудааст, ки «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар амалишавии тамоми функсияҳои ҳуқуқ иштирок мекунад. Ҳамин тариқ, функсияхои ҷавобгарии ҳуқуқиро вобаста аз он, ки онҳо дар доираи кадом функсияхои ҳуқуқ иҷро мешавад, ба гуруҳҳо ҷудо намудан мумкин аст. Масалан, функсияи сазодиҳӣ, барқароркунанда ва огоҳсозӣ дар доираи функсияи муҳофизатӣ амалӣ мегардад. Функсияи тарбиявӣ бошад дар доираи танзими таъсиррасонии ҳуқуқ иҷро мешавад. Илова бар ин, он функсияҳое, ки қайд гардиданд ҳатман инъикоси худро дар намуди алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ меёбанд» [13, с. 46]. Ҳамин тавр, аз андешаҳои зикршуда бармеояд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои мазмуну моҳият ва хусусиятҳои хоси худ буда, дар асоси усулҳои муайян амалӣ карда мешаванд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ раванди таъсиррасонӣ буда, дар умум, чунин натиҷаҳо ба даст меоянд:

- ҷазо додани ҳуқуқвайронкунанда (функсияи сазои ҷавобгарии ҳуқуқӣ);

- ислоҳи ҳуқуқвайронкунандар, ташаккули рафтори қонунӣ дар ӯ (функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ);

- барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда, адолати иҷтимоӣ (функсияи барқароркунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ);

- пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои нав (функсияи пешгирикунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ).

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ифодаи ҷанбаҳои алоҳидаи ҳадафи он пешбинӣ шудаанд. Муаллифони гуногун функсияҳои зерини ҷавобгарии ҳуқуқиро ёдовар шудаанд: барқарорсозӣ, идеологӣ, педагогӣ, ҷаримавӣ, сазодиҳӣ, аз нав тарбия кардани гунаҳкор (И.А. Галаган), пешгирикунанда, репрессивӣ, ҷубронкунанда ва сигнализатсия (Н.С. Малейн), функсияҳои сазодиҳӣ, пешгирикунанда ё огоҳкунанда, тарбиявӣ, ҳуқуқбарқарорсозӣ ё ҷубронсозӣ, танзимӣ ё ташкилӣ (И.И. Ализода). Сарфи назар аз ихтилофоти ночиз, муҳаққиқон оид ба ин масъала дар бораи эътироф кардани функсияҳои зерин ба сифати ҷавобгарии ҳуқуқӣ розӣ ҳастанд: функсияи сазодиҳӣ (подоши амал); функсияи ҷубронкунанда (барқароркунанда); функсияи пешгирикунанда (профилактикӣ) [22, с. 70]. Ҳама далелҳои олимони ҳуқуқшиноси муосир дар атрофи ин се функсия гирд меоянд. Аммо ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳои дигаре низ дорад, ки нодида гирифтани онҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафи ҷавобгарии ҳуқуқӣ монеъ мешавад.

Дар сарчашмаҳо ва адабиёти ҳуқуқӣ атрофи намудҳои алоҳидаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳсу мунозираҳои илмӣ ҷой дорад. Аз ҷумла, оид ба функсияи ҷубронсозӣ баъзе андешаҳо ба мушоҳида мерасад. Хусусияти ҷубронсозӣ доштани ҷавобгарӣ дар он хулоса мешавад, ки имкони коҳиш додани ҷаримаи аз дараҷаи воқеии зарари расонидашуда хеле боло вуҷуд дорад. Ба андешаи У.А. Азиззода ва Ф.А. Бобохонов, «яке аз масъалаҳои баҳсталаб ин истилоҳи ҳуқуқии (ҷуброн, товон) вобаста ба масъалаи ҷавобгарӣ мебошад. Дар забони тоҷикӣ мафҳуми «компенсация» ҳамчун ҷуброн, подош, товон тарҷума шудааст, ки фаҳмиши ягонаи ин мафҳумро душвор мегардонад» [1, с. 223]. Д.Г. Дурнайкин қайд намудааст, ки «Ниҳоди ҷуброни зарари маънавӣ амалӣ гардонидани функсияҳои ахлоқию иҷтимоӣ – дахлнопазирии шахсият, яъне функсияи ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор меравад» [9].

Ҳангоми татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ (дар ҷазои маъмурӣ) функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши муассир надорад ва шакли амалисозии он танҳо ихтиёрӣ буда метавонад. Функсияи ҷубронсозие, ки дар қонунҳои гуногуни марбут ба ҳуқуқи маъмурӣ истифода мешавад, тавассути истифодаи нишондодҳои қонунгузории маданӣ амалӣ карда мешаванд, на ҷавобгарии маъмурӣ [3, с. 94]. Ҷуброни ихтиёрии зарари молумулкӣ аз он иборат аст, ки шахс бе ягон маҷбурӣ зарари молумулкии расонидаашро (баргардонидани ашёи дуздидашуда, маблағи пулӣ пардохташуда, узр пурсидан ва ғайра) ҷуброн мекунад. Вобаста ба зарари воқеии расида, мо метавонем дар бораи пешгирӣ ё ҷуброни пурраи он сӯҳбат кунем. Ҷуброни ихтиёрии зарари молумулкӣ ва маънавии расонидашуда метавонад бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла сабук кардани гуноҳ сурат гирад, ки узрпурсии оммавии фаъол ҳисобида мешавад ва дар баробари дигар шартҳо барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани шахси ҷиноятсодиркарда асос шуда метавонад. Дар ин ҳолат факти ихтиёран ифода кардани ирода ва ҷуброни моддӣ аҳамияти калон дорад.

Ба андешаи У.А. Азиззода, яке аз масъалаҳои баҳсталаби дигар шаклҳо ва андозаи пулии ҷуброни зарари маънавӣ мебошад, ки муҳаққиқонро ба як баҳси калони ҳуқуқӣ кашонидааст. Дар илми ҳуқуқшиносӣ ду усули ҷуброни зарар ба таври анъанавӣ фарқ карда мешаванд:

1) дар шакли аслӣ (ҷуброн дар шакли аслӣ) дар рафъи зарар ба амвол, пешниҳоди амволи ба он баробар ва ғ.;

2) дар ифодаҳои арзишӣ (ҷуброни пулӣ) ҳангоми ситонидани зарари ифодаёфта: арзиши молу мулки гумшуда ё вайроншуда, инчунин даромади аздастрафта, фоидаи аздастрафта, хароҷоти беасос ва м.и [1, с. 226].

Ҳамин тариқ, функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шаклҳои зикргардидаи татбиқи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки дар соҳаҳои асосии ҳуқуқ тавассути роҳу усулҳо ва тартиби муайяни хоси соҳаҳои ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки атрофи масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқ гуногунандешӣ ҷой дошта, нуқтаи назари умумиэътирофшуда, ки аз ҷониби аксари олимон дастгирӣ ёфта бошад, ба назар намерасад.

В.Л. Кулапов ва А.В. Малко «ба се намуди функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишора мекунанд: сазодиҳӣ, ки ба назари мо аз ҷиҳати мазмун яксон донистани он бо нақши пешгирии ҷавобгарӣ беасос аст; тарбиявӣ ва аз нав нақши ҳуқуқбарқароркунӣ (барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда, ҷуброни зарари расонидашуда) пешгирӣ ва ғ.» [14, с. 326]. Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ, «Функсияи пешгирӣ дар ҳама намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба назар мерасад, вале дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбатан самаранок мебошад» [10, с. 250]. Чунин ба назар мерасад, ки мавқеи олимони мазкур доир ба ин ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои хусусияти ҷаримавӣ мебошад бо он чи ки худи онҳо баён медоранд, дар мухолифат қарор дорад, зеро он бо муқаррар гардидани уҳдадории иловагӣ барои шахсони ҳуқуқвайронкунанда, ки «бо зарурати таҳаммул намудани оқибатҳои манфии шахсӣ (маҳрум намудан аз озодӣ, мукофотҳо, унвонҳои фахрӣ, ҳуҷҷати ронандагӣ ва ғайра), хусусияти моддӣ (ҷарима, мусодираи молу мулк ва ғайра) ё ташкилотчигӣ (озод намудан аз вазифа, бастани корхона ва ғ.) алоқаманд мебошад ва ҳамаи инҳо дар санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ инъикос шудаанд» [14, с. 326]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, «ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияи махсусе мебошад, ки он функсияи ҷаримавӣ ном дорад. Ба андешаи муаллиф махсус будани чунин функсия дар он ифода мегардад, ки мисли баъзе функсияҳои дигар на дар ҳама намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад. Дар қонунгузории амалкунандаи кишвар чунин функсия бештар дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ ба назар мерасад» [11, с. 213]. Воқеан ҳам дар низоми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи ҷаримавӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Зеро дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ фаъолона амалӣ карда мешавад.

Дар ин робита мавқеи ишғолнамудаи В.И. Шепелева диққатҷалбкунанда ба назар мерасад. Муаллифи мазкур ҷавобгарии ҳуқуқиро натиҷаи амали содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ ва нисбат ба шахси ҳуқуқвайронкунанда вогузор кардани маҳрумиятҳои дорои хусусияти шахсӣ, молумулкӣ ва ташкилотчигӣ арзёбӣ мекунад. Ба андешаи номбурда, «Санксияҳои чунин намуди ҷавобгарӣ аз ҷуброни зарари расонидашудаи молумулкӣ тавассути шахси ҳуқуқвайронкунанда ва барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда иборат мебошанд. Ҳамчунин, имкони рӯёнидани зарар ба сурати ҷаримаи аҳдшиканӣ аз шахси аҳдшикан, ки уҳдадориҳои худро риоят намекунад, дар шакли пеня ва ё ҷарима пешбинӣ шудааст» [26, с. 464-466]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки «Пеня гуфта, маблағи пулии бо қонун ё шартнома муқаррар кардашударо меноманд, ки қарздор уҳдадор аст ба кредитор дар ифодаи фоизи нисбати уҳдадории иҷро накардааш, бояд супорад. Ҷарима гуфта, маблағи қатъии пулии бо қонун ё шартнома

муқарраркардашударо меноманд, ки онро қарздор уҳдадор аст дар ҳаҷми пешакӣ муайянгардида ба кредитор супорад» [25, с. 180]. Аз нигоҳи мо, дар ҳолати мазкур, сухан ҳадди ақалл дар бораи ду функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ – функсияҳои ҳуқуқбарқароркунӣ ва сазодиҳӣ меравад.

Функсияи сазодиҳӣ ҳамчун функсияе фаҳмида мешавад, ки аз таъини ҷазо ба шаҳрванд барои ҳуқуқвайронкунии содиркардааш иборат аст. Бо рушди ҷомеа ва таҳкими озодиҳо ва ҳуқуқҳои табиии шаҳрвандон функсияи сазодиҳӣ ба талаботи инсонпарварӣ ва баробарӣ бештар майл мекунад. Барои аз таъсиротҳои сангини функсияи сазо озод шудан, ҷазоро дар асоси принсипҳои муосири ҷавобгарии ҳуқуқӣ баррасӣ кардан лозим аст. Функсияи сазои ҷавобгарии ҳуқуқӣ чунин сохтор дорад: асосҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ; субъектҳои таъсир; усулҳои (роҳҳои) таъсиррасонӣ; натиҷаҳои таъсир; объектҳои таъсир. Амали сазодиҳӣ асосан ба тағйир додани мақоми ҳуқуқии субъект нигаронида шудааст. Бо «маҳдуд» кардани ҳуқуқҳои мухталифи субъект, боиси тағйир ёфтани вазъи ҳуқуқии субъекти ҳуқуқ мегардад [19, с. 139-140]. Функсияи сазо аз лаҳзаи ҳукми суд эътибори қонуни пайдо мекунад. Вай дар асоси қонуният, аз рӯи принсипи ногузирии ҳокимият амал мекунад. Дар раванди амалигардонии ин функсия чораҳои маҷбуркунии давлат бевосита таъсири худро расонида, характери маҷбурии давлатию ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Мақсади ин функсия баргардонидани товони кори анҷомдода шуда мебошад. Аммо сазо додан ба ҳуқуқвайронкунанда худ аз худ мақсад намешавад. Он инчунин, ҳамчун воситаи пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои нав амал мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки функсияи сазодиҳӣ чун дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳолати баанҷомрасӣ дошта бошад. Масалан, ҳангоми таъини корҳои ислоҳӣ ба муҳлати як сол, таъсири сазо ба шахси гунаҳкор давоми як сол боқӣ мемонад. Аммо, ҷазоҳое ба назар мерасад, ки дар онҳо таъсири сазо ҳолати анҷомёбӣ надошта, муддати тӯлонӣ идома мекунанд. Чунин ҳолат, таъсири ҷазоро дукарата мегардонад ва ба мақсаду принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқ намебошад. Аз ҷумла, дар м. 51. КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки «Шахсе, ки рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвони ифтихории Тоҷикистонро дорад, дар ҳолати барои ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин маҳкум шуданаш суд метавонад бо назардошти шахсият ва кирдори содиркардааш ӯро аз чунин рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон маҳрум намояд». Тавре маълум мегардад, чун дигар намудҳои ҷазо, дар ин навъи ҷазои ҷиноятӣ муҳлати дақиқ муқаррар нашудааст. Чунин ҳолат, таъсири сазоро беохир мегардонад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар меъёри мазкур муҳлати дақиқ муқаррар карда, дар меъёри дахлдори КИҶҶ ҶТ суд вазифадор карда шавад, ки пас аз муҳлати муайян ҳолати пешинаи шахсро барқарор намояд.

Бархе аз олимон зимни ҷудо сохтани ду намуди функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ васеътар назар мекунанд. Ҳар як аз ин ду намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба назари онҳо бо хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ ва мазмуни санксияҳое, ки барои содир намудани он муайян мегарданд, яъне сазодиҳӣ (ҷаримавӣ) ва ҳуқуқбарқароркунӣ мувофиқат мекунанд [15; 18; 21].

Атрофи функсияи барқарорсозӣ М.П. Трофимова қайд мекунад, ки «натиҷаи таъсири функсияи мавриди назарро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд: ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ. Барқарорсозии тартиботи ҳуқуқӣ, қонуният, муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои субъективӣ, уҳдадориҳои ҳуқуқии рафтори қонуниро муаллиф ба

гурӯҳи аввал дохил менамояд. Ба гурӯҳи дуюм муаллиф барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятии тавассути ҳуқуқ ба танзим даровраданашуда; оромии руҳии ҷамъият, адолати иҷтимоӣ, қонеъсозии талаботи ҷамъият ва барқарорсозии муайянкунандаҳои арзишии шахси ҳуқуқвайронкунандаро нисбат медиҳад» [24, с. 6]. Ба андешаи М.П. Трофимова, «дар баъзе ҳолатҳо ҷуброни зарари расонидашуда аз хусуси барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ дарак намедиҳад, агар масалан, предмети муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври баргаштнопазир талаф ёфта бошад ва ё ба таври ҷиноятконора субъект аз байн бурда шуда бошад» [24, с. 6]. Н.М. Чистяков зимни маънидод намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун таҳаммул намудани маҳрумиятҳои мухталифи алоқаманд ба иҷрои чораи маҷбуркунии давлатӣ тавассути шахси ҳуқуқвайронкунанда, ба назари мо ба таври ғайримантиқӣ амал менамояд, ки «функсияҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва тарбияву ислоҳи одамон муайян месозад. Баъдан, ба таври ногаҳон изҳор медорад, ки сазо барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ, пешгирии махсус ва умумӣ, тарбия ва ҳуқуқбарқарорсозӣ бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ва ҷуброни зарари расонидашударо ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат медиҳад» [6, с. 553].

Ҳамин тавр, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиргузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъйинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикосу ифода меёбанд. Ҷанбаҳои умуминазариявӣ ва соҳавии вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ин пажуҳиш мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар муқаррарот ва ҳолатҳои ишорашуда ба таври ғайримустақим сухан дар бораи функсияҳои ҳуқуқбарқароркунӣ ва сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, барои мисол, одамкушӣ меравад. Ба ғайр аз ин, бояд зикр намуд, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро набояд бо муносибатҳои ҳуқуқӣ ва на бо уҳдадории махсуси ҳуқуқӣ айният дод. Зеро дар ҳолатҳое, ки ҳуқуқвайронкунӣ аз сӯи давлат ба мушоҳида нарасад ва ё шахси ҳуқуқвайронкунанда ҷустуҷӯ нагардад, шахси ҳуқуқвайронкунанда бо ҳеҷ гуна маҳрумият рӯ ба рӯ намегардад ва ҳеч чизро аз сар намегузаронад. Баръакс, ӯ, дар чунин ҳолат, метавонад аз манфиатҳои ҳуқуқвайронкунии содиршуда истифода барад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ «ҷавобгарии конститутсионӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, молиявӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи маданӣ, меҳнатӣ (интизомӣ ва моддӣ), ҷавобгарии ичрои ҷазои ҷиноятӣ» ҷудо карда мешаванд [17, с. 264]. Тавре У.А. Азиззода қайд намудааст, функсияи тарбиявӣ дар ҳама шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар татбиқи ҷазо, ҳолатҳои сабуккунанда, вазнинкунанда ва дигар чораҳои хусусияти тарбиявидошта ифода мегардад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маданӣ дар иҷрои уҳдадориҳои тарафайн аксаран дар шакли ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маъмурӣ дар татбиқи ҷазои маъмурӣ ифода меёбад [2, с. 13]. Р.Ш. Шарофзода зимни таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ чунин менигорад: «Функсияи тарбиявӣ бо мақсади ислоҳи ҳуқуқвайронкунанда, тарбияи онҳо, тарбияи ҳуқуқии дигарон ба сомон мерасад» [23, с. 624]. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии интизомӣ дар санадҳои муассисавӣ бештар инъикос гардида, дар амалигардонии муносибатҳои интизомӣ ифода мегардад. Шакли ихтиёрии амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли рафтори қонунӣ зоҳир мегардад, ки ба ислоҳи маҳкумшуда, барқарор намудани

муносибатҳои иҷтимоии вайроншуда нигаронида шудааст. Амалан ҳама унсурҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсири тарбиявӣ доранд. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои таъмини ноил шудан ба ҳадафи бунёди давлати ҳуқуқии демократӣ тавассути ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҳама субъектҳо пешбинӣ шудааст.

**Муқарриз: Бобохонов Ф.А. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**


1. Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 226.
2. Азиззода У.А., Ализода И.И. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – № 3(43). – С. 5-16.
3. Азиззода У.А., Ализода И.И. Функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 4(28). – С. 89-101.
4. Алексеев С.С. Государство и право: начальный курс. - М., 1993. – С. 147.
5. Ализода И.И. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2024. – 192 с.
6. Баранов, В.М. Юридическая ответственность. –М., 2007. – С. 553.
7. Бестугина М.А. О функциях юридической ответственности // 4-е философские чтения молодых ученых: (тезисы докладов). – М., 1986. – С. 147.
8. Бредихин А.Л., Удальцов А.А. Функции юридической ответственности: дискуссионные вопросы // Аграрное и земельное право. – 2024. – № 2 (230). – С. 20.
9. Дурнаикин Д.Г. Теоретико-правовые основы защиты личных неимущественных прав Российских граждан: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – 218 с.
10. Зокирзода З.Х., Алиев И.И. Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 250.
11. Зокирзода З.Х., Алиев И.И. Шаклҳои амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №3. – С. 213.
12. Кузьмин И. А. Юридическая ответственность и ее реализация: учеб. пособие / И. А. Кузьмин. – Иркутск: Изд-во ИГУ, 2013. – 219 с.
13. Куканов, А. З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – № 3(27). – С. 44-48.
14. Кулапов В.Л., Малько А.В. Теория государства и права.– М., 2009. – С. 326.
15. Лейст, О.Э. Санкции и ответственность по советскому праву. – М., 1981. – С. 136-169.
16. Липинский Д.А., Мусаткина А.А. Функционирование системы юридической ответственности : монография. - М.: Директ-Медиа, 2013. - 671 с.
17. Липинский Д.А. Об уголовно-процессуальной ответственности // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. – 2010. – №3. – С. 264.
18. Марченко, М.Н. Правонарушение и юридическая ответственность. – М., 2009. – С. 828-829.
19. Михайлова Д. Ю. Особенности карательной функции юридической ответственности // Проблемы и перспективы развития уголовно-исполнительной

системы России на современном этапе: Материалы Международной научной конференции адъюнктов, аспирантов, курсантов и студентов, Самара, 27 апреля 2018 года. Том Часть 1. – Самара, 2018. – С. 138-140.

20. Мусаткин А.А. Юридическая ответственность // Теория государства и права: учеб. / отв. ред. А.В. Малько. – М., 2008. – С. 284.

21. Пиголкин, А.С. Юридическая ответственность. – М., 2008. – С. 544-545.

22. Сорокин, В. В. Цель и функции юридической ответственности / В. В. Сорокин // Правовая мысль в образовании, науке и практике. – 2017. – № 2(6). – С. 69-71.

23. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2014. – С. 624.

24. Трофимова, М.П. Функции юридической ответственности: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С. 6.

25. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода– Душанбе: “Ашуриён”, 2022. – С. 180.

26. Шепелев В.И. Правовое поведение и юридическая ответственность // Теория государства и права / В.Я. Любашиц, М.Б. Смоленский, В.И. Шепелев: учеб / В.И. Шепелев – Ростов на-дану, 2006. – С. 464-466.

**Literature:**

1. Azizzoda U.A., Bobokhonov F.A. Ways to protect human rights from moral harm // Message of the National University of Tajikistan / Department of Socio-Economic and Public Sciences. – 2021. – No. 2. – P. 226.

2. Azizzoda U.A., Alizoda I.I. The educational function of legal liability // Legal Life. – 2023. – No. 3(43). – P. 5-16.

3. Azizzoda U.A., Alizoda I.I. The compensatory function of legal liability // State Studies and Human Rights. – 2022. – No. 4(28). – P. 89-101.

4. Alekseev S.S. State and Law: an introductory course. - M., 1993. – P. 147.

5. Alizoda I.I. Functions of legal responsibility and forms of their implementation according to the legislation of the Republic of Tajikistan: dis. ... nom. ilm. huqg. – Dushanbe, 2024. – 192 p.

6. Baranov, V.M. Legal liability. - M., 2007. - P. 553.

7. Bestugina M.A. On the functions of legal liability // 4th philosophical readings of young scientists: (abstracts of reports). - M., 1986. - P. 147.

8. Bredikhin A.L., Udaltsov A.A. Functions of legal liability: debatable issues // Agrarian and land law. - 2024. - No. 2 (230). - P. 20.

9. Durnaikin D.G. Theoretical and legal foundations for the protection of personal non-property rights of Russian citizens: dis. ... Cand. of Law. Sciences. - M., 2008. - 218 p.

10. Zokirzoda Z.Kh., Aliev I.I. Prevention of violations as a form of implementation of the function of legal liability // Bulletin of the National University of Tajikistan / Department of Socio-Economic and Social Sciences. – 2023. – No. 2. – P. 250.

11. Zokirzoda Z.Kh., Aliev I.I. Forms of implementation of the penal function of legal liability // Bulletin of the National University of Tajikistan / Department of Socio-Economic and Social Sciences. – 2023. – No. 3. – P. 213.

12. Kuzmin I. A. Legal liability and its implementation: textbook / I. A. Kuzmin. - Irkutsk: Publishing house of Irkutsk State University, 2013. - 219 p.

13. Kukanov, A. Z. The concept and classification of legal liability functions // Legal Life. – 2019. – No. 3(27). – P. 44-48.
14. Kulapov V. L., Malko A. V. Theory of state and law. - M., 2009. - P. 326.
15. Leist, O. E. Sanctions and liability under Soviet law. - M., 1981. - P. 136-169.
16. Lipinsky D. A., Musatkina A. A. Functioning of the legal liability system: monograph. - M .: Direct-Media, 2013. - 671 p.
17. Lipinsky D. A. On criminal procedural liability // Vector of science of Togliatti State University. – 2010. – №3. – P. 264.
18. Marchenko, M.N. Offense and legal liability. – M., 2009. – P. 828-829.
19. Mikhailova, D. Yu. Features of the punitive function of legal liability // Problems and prospects for the development of the penal system of Russia at the present stage: Proceedings of the International Scientific Conference of Adjuncts, Postgraduates, Cadets and Students, Samara, April 27, 2018. Volume Part 1. – Samara, 2018. – P. 138-140.
20. Musatkin, A.A. Legal liability // Theory of State and Law: textbook / ed. A.V. Malko. – M., 2008. – P. 284.
21. Pigolkin, A.S. Legal liability. – M., 2008. – P. 544-545.
22. Sorokin, V. V. The purpose and functions of legal liability / V. V. Sorokin // Legal thought in education, science and practice. – 2017. – No. 2(6). – P. 69-71.
23. Sotivoldiev R.Sh. Theory of state and law: textbook. – Dushanbe, 2014. – P. 624.
24. Trofimova, M.P. Functions of legal liability: dis. ... Cand. of Law. - Saratov, 2000. - P. 6.
25. Civil law of the Republic of Tajikistan. Educational resource: first edition / Under the editorship of candidate of legal sciences, associate professor Z.Kh. Zokirzoda – Dushanbe: “Ashuriyon”, 2022. – P. 180.
26. Shepelev V.I. Legal behavior and legal liability // Theory of state and law / V.Ya. Lyubashits, M.B. Smolensky, V.I. Shepelev: textbook / V.I. Shepelev - Rostov-on-Don, 2006. - P. 464-466.

## МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА НАМУДҲОИ ФУНКСИЯҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

Дар мақола масъалаи мафҳум, моҳият ва намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Ҷавобгарии ҳуқуқиро бе функсияҳои он тасаввур кардан ғайриимкон аст. Маҳз дар натиҷаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мақсадҳои ҷавобгарӣ мавриди татбиқ қарор мегиранд. Бинобар ин, самаранокии татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ пеш аз ҳама аз функсияҳои он вобаста мебошад. Омӯзиши мазмуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти онҳо ошкор карда шуда, робитаи байни функсияҳои сазодиҳӣ, тарбиявӣ, барқарорсозӣ ва пешгирикунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиргузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъйинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Мавзуи мавриди назар бояд гуфт, ки дар адабиёти ҳуқуқии дахлдор тавассути олимони ҷудогона ба таври мухталиф баррасиву арзёбӣ мегардад. Ва ин дар навбати худ боиси ба миён

омадани дарку фаҳмишҳои мухталиф нисбат ба ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.
**Калидвожаҳо:** мафҳум, моҳият, намудҳо, функсияҳо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, функсияи сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, ҷубронсозӣ, пешгирисозӣ, тарбиявӣ.

## ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И ВИДЫ ФУНКЦИЙ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

В статье рассматриваются понятие, сущность и виды функций юридической ответственности. Функции юридической ответственности являются одним из наиболее актуальных вопросов. Юридическую ответственность невозможно представить без ее функций. Именно в результате реализации функций юридической ответственности реализуются цели ответственности. Поэтому эффективность реализации юридической ответственности зависит прежде всего от ее функций. Изучение содержания функций юридической ответственности позволяет раскрыть их сущность и установить взаимосвязь карательной, воспитательной, реабилитационной и профилактической функций юридической ответственности.

Функции юридической ответственности составляют основные направления воздействия юридической ответственности на процесс общественных отношений, поведение, знания и правовую культуру человека, и через эти категории отражаются сущность, цель и задачи юридической ответственности. Следует отметить, что данная тема рассматривается и оценивается по-разному отдельными учеными в соответствующей юридической литературе. А это, в свою очередь, приводит к разному восприятию и пониманию института юридической ответственности.
**Ключевые слова:** понятие, сущность, виды, функции, юридическая ответственность, карательная, штрафная, компенсационная, предупредительная, воспитательная функция.

## CONCEPT, NATURE AND TYPES OF FUNCTIONS OF LEGAL LIABILITY

The article examines the concept, essence and types of functions of legal liability. The functions of legal liability are one of the most pressing issues. Legal liability cannot be imagined without its functions. It is as a result of the implementation of the functions of legal liability that the goals of liability are realized. Therefore, the effectiveness of the implementation of legal liability depends primarily on its functions. Studying the content of the functions of legal liability allows us to reveal their essence and establish the relationship between the punitive, educational, rehabilitative and preventive functions of legal liability.

The functions of legal liability constitute the main directions of the impact of legal liability on the process of social relations, behavior, knowledge and legal culture of a person, and through these categories the essence, purpose and tasks of legal liability are reflected. It should be noted that this topic is considered and assessed differently by individual scientists in the relevant legal literature. And this, in turn, leads to different perceptions and understanding of the institution of legal liability.
**Key words:** concept, essence, types, functions, legal liability, punitive, fine, compensatory, preventive, educational function.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, факултети таърих ва ҳуқуқ,

муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988479647. E-mail: shodizoda9595@mail.ru

**Сведения об автор: Шодизода Наджибулло Махмадризо** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, факультет истории и права, старший преподаватель кафедры права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988479647. E-mail: shodizoda9595@mail.ru

**Information about author: Shodizoda Najibullo Mahmadrizo** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, Faculty of History and Law, Senior Lecturer of the Department of Law and Public Administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63 Street. Phone: (+992) 988479647. E-mail: shodizoda9595@mail.ru

**ТДУ: 342.4**

# ЗАМИНАҲОИ ТАЙЁР, ҚАБУЛ ВА ТАРТИБИ БА АМАЛ ДАРОМАДАНИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶТ (СОЛИ 1994)

**Абдулов С.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Таърихи таҳия, қабул ва инкишофи Конститутсияи дар амал будаи Тоҷикистон ба барҳамхури Иттиҳоди шуравӣ ва соҳибихтиёр гаштани собиқ ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон зич алоқаманд мебошад. Дар хусуси ин мавзуъ дар адабиёти ватанӣ таҳқиқотҳо дар сатҳи китоби дарсӣ [7, с. 59-69], рисолаҳо [2; 4; 10] ва мақолаҳои илмӣ [2] мавҷуданд. Таҳқиқотҳои шоистае дар бобати пайдоиш ва инкишофи конститутсияҳои Тоҷикистон дар бораи таҳаввулоти конститутсия ҳамчун Қонуни асосӣ (таҳқиқоти назариявӣ-таърихӣ ва ҳуқуқӣ-қиёсӣ) аз тарафи олимони тоҷик ба анҷом расонида шудааст.

Аввалин ҳуҷҷати сиёсие, ки дар он дар хусуси конститутсияи нави ҷумҳурӣ сухан меравад, Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон мебошад, ки 24-уми августи соли 1990 Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон қабул карда буд. Дар моддаи 5 Эъломия муқаррар карда шуд, ки «Дар ҳудуди РСС Тоҷикистон ҳукмравоии Конститутсияи РСС Тоҷикистон ва қонунҳои РСС Тоҷикистон муқаррар мешавад. Ҳамаи граданинҳои РСС Тоҷикистон, шахсоне, ки мансубияти гражданӣ надоранд, ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва динӣ фаъолияти худро мувофиқи Конститутсияи РСС Тоҷикистон ва қонунҳои РСС Тоҷикистон ба роҳ мемонанд ва онҳоро қонун ҳимоя мекунад». Инчунин дар моддаи 19 хотимавӣ муқаррар карда шуд, ки «Эъломияи мазкур барои таҳияи Конститутсияи нави РСС Тоҷикистон ва бастани шартномаи иттифоқӣ асос мебошад».

Маҳз дар зери таъсири Эъломияи мазкур Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон 23-юми августи соли 1990 «Дар бораи ташкили Комиссияи тайёр намудани лоиҳаи Конститутсияи (Қонуни Асосии) нави Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон» қарор қабул кард. Ба ҳайати комиссия ҳамаи сарварони ҳизбӣ ва давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, вакилои Шурои Олии ҷумҳурӣ, баъзе котибони ташкилотҳои вилоятӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрии ҳизбии каммунистӣ, роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии иҷроия, роҳбарони ҳоҷагӣ, роҳбарони муассисаҳои илмии таҳқикотӣ, олимони соҳаҳои ҳуқуқ, иқтисодиёт ва ғайра, ҷамъ

53 кас дохил карда шуданд. Таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ дар оғоз дар зери таъсири арзишҳои дар Эъломия истиқлолияти ҷумҳурӣ муқаррар шуда, сурат мегирифт.

Минбаъд бо ташаббуси Кумитаи Шурои Олии РСС Тоҷикистон оид ба масъалаҳои қонунгузорӣ, ҳуқуқ ва муроҷиати шаҳрвандон гурӯҳи корӣ иборат аз 25 мутахассисони соҳаҳои гуногун, бештар ҳуқуқшиносон ташкил карда шуд. Тобистони соли 1991 онҳо лоиҳаи аввалини конститутсияи нави ҷумҳуриро тайёр карданд, ки он иборат аз дебочаи хурд, 7 фасл, ки баъзеи онҳо ба бобҳо ҷудо мешуданд ва 150 модда буд. Лоиҳаи мазкур роҳи инкишофи сотсиалистиро нигоҳ доштани ҷумҳуриро пешбинӣ карда, РСС Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёри демократии ҳуқуқбунёд эълон кард [2, с. 2-16]. Кори Комиссияи конститутсионӣ дар сатҳи муайян идома мекард, вале барои ривоҷ додани таҳияи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ кашолёбии тайёр кардани лоиҳаи Шартномаи нави иттифоқӣ монеъ мешуд. Воқеаи балвои августии соли 1991 ва ҳодисаҳои баъди он то барҳамёбии Иттиҳоди Шуравӣ кори Комиссияи конститутсиониро боздошт. Ин балво боиси қатъи гаштани азми ҷумҳуриҳои собиқ иттифоқӣ ба ноил гаштан ба истиқлолияти воқеӣ гашт.

Дар зери чунин рӯҳия Шурои Олии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор «Дар хусуси дохил кардани тағйироту иловаҳо ба Эъломияи истиқлолияти Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон», қарор «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кард. Ба Эъломияи пешина иловаҳое дохил карда шуданд, ки бештар ба мустаҳкам кардани кафолати иқтисодии соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ, иштироки мустақилонаи он дар робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ бахшида шуданд. Бо ҳамин мазмун ба Конститутсияи амал кардаистодаи ҷумҳурӣ тағйироту иловаҳо дохил карда шуданд.

Давраи нави кор аз болои таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат баъди соҳиб гардидан ба соҳибихтиёрии давлатӣ ва муттаҳид гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди нави Давлатҳои Мустақил ҳамчун давлати соҳибихтиёр оғоз ёфт. Баъди таъсиси мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоби он кори бевосита аз болои лоиҳаи Конститутсияи нав асосан дар дастгоҳи Президент ба роҳ монда шуд.

Бо мақсади фаъол гардонидани кори Комиссияи конститутсионӣ аз болои таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум 3-юми январи соли 1992 қарор «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Комиссияи таҳияи лоиҳаи Конститутсияи (Қонуни асосии) нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳайати Комиссияи конститутсиониро аз нав тасдиқ кард.

Гарчи Комиссияи конститутсионӣ ҳамчун қоида дар сатҳи баланди расмӣ ташкил меёбад ва одамони касбу ихтисоси гуногунро дарбар мегирад, вале дар таҷриба кори асосии таҳияи лоиҳаи конститутсия аз тарафи олимони ҳуқуқшинос, иқтисодшинос, ҷамъиятшинос ва ғайра ба иҷро расонида мешавад. Моҳи феврали соли 1992 бо ташаббуси Президенти ҷумҳурӣ вохӯрӣ бо мутахассисони соҳаҳои гуногун ва олимон баргузор карда шуда, дар он қадамҳои минбаъда барои тезонидани таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ муайян карда шуданд.

Давраи фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба тайёр кардани лоиҳаи Конститутсияи нави ҶТ ба тезутундшавии вазъияти ҷамъиятӣ - сиёси ҷумҳурӣ ва хусусан, шаҳри Душанбе рост омад, ки гирдиҳамоии оммавӣ ва митингҳо дар майдонҳои шаҳр

беист идома меёфтанд ва ҳаёти мутадили шаҳрро халалдор мекарданд. Сарфи назар аз он ки ин омил ба кори гуруҳи корӣ ҳам таъсири манфӣ дошт, бо вуҷуди он гуруҳ кори худро барои сифатан ба иҷро расонидан кушиш мекард. Гурӯҳи корӣ барои омӯхтани таҷрибаи таҳияи лоиҳаи конститутсияҳо дар рафти кор аз тарзи қабул ва дохил кардани тағйироту иловаҳо, таркибу мазмуни ҳолат ва меъёрҳои конститутсияи қариб 60 давлати ҷаҳон, хусусан, давлатҳои ИДМ-ро омӯхта, дар таҳияи лоиҳаи Конститутсияи ҶТ аз онҳо сабақ гирифт. Аввалин бор дар таърихи ҷумҳурӣ лоиҳаи конститутсияи нав мустақилона аз тарафи олимони тоҷик бо забони тоҷикӣ тайёр карда шуда, аз таҷрибаи мусбии конститутсионии дигар давлатҳои ҷаҳон истифода карда шуд. Дар лоиҳаи конститутсияи нав талаботи қонунҳои байналмилалӣ ба эътибор гирифта шуданд. Баробари ин гурӯҳи корӣ берун аз қолабҳои мафкуравӣ чунин лоиҳаеро тайёр кард, ки дар он хусусиятҳои хоси ҷумҳурӣ ифода ёфтанд.

Лоиҳаи тайёр шудаи Конститутсияи ҶТ ба Президент пешниҳод карда шуд ва ӯ онро ба баррасии Раёсати Шурои Олӣ тавсия кард. Дар қарори васеи худ дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми апрели соли 1992 Раёсати Шурои Олӣ қайд кард, ки гурӯҳи корӣ кори калонеро ба анҷом расонид ва лоиҳаи Конститутсия асосан тайёр шудааст. Лоиҳаи пешниҳодшударо маъқул돈иста, Раёсат таклиф кард, ки бо назардошти таклифу эродҳои гуфташуда, лоиҳаи Конститутсия дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ барои муҳокимаи халқӣ чоп карда шавад ва муҳлати муҳокима то 1-ми июли соли 1992 таъин карда шавад. Раёсат ба гурӯҳи корӣ супориш дод, ки таклифу эродҳои ба лоиҳаи Конститутсия дар рафти муҳокима пешниҳодшударо дида барояд ва дар лоиҳа ин таклифҳоро инъикос гардонад ва 15 июли соли 1992 онро ба Раёсати Шурои Олӣ барои минбаъд лоиҳаи Конститутсияро ба Шурои Олӣ пешниҳод кардан ва дар муҳлати муайяншуда ба раъйпурсии халқӣ баровардан тайёр намояд.

Масъалаи тезонидани сурати таҳияи лоиҳаи Конститутсияи ҶТ ва қабули он ба яке аз нуктаҳои ҳасоси баҳсу талоши нерӯҳои ҷамъиятӣ -сиёсӣ табдил ёфт. Бо мақсади равшанӣ андохтан ба ин масъала Шурои Олии ҶТ 22 апрели соли 1992 дар қарори худ «Дар бораи вазъияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавқеи худро дар хусуси кори минбаъда аз болои лоиҳаи Конститутсияи нав муайян кард. Шӯрои Оли қарори то ин вақт қабулкардаи Раёсати Шурои Олиро дар хусуси ба муҳокимаи умумихалқӣ дар матбуот чоп кардани лоиҳаи Конститутсияи нави ҶТ тасдиқ намуд. Тартиби қабули Конститутсияи наврo муайян кард. Дар қарори худ Шурои Олӣ ба эътибор гирифт, ки Раёсати Шурои Олӣ дар хусуси ба муҳокимаи ҳалқ чоп кардани лоиҳаи Конститутсияи нави ҶТ қарор қабул карда, муҳлати муҳокимаи онро то 1-уми июли соли 1992 муқаррар намудааст. Шурои Олӣ муқаррар кард, ки баъди лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ кардани Шурои Олӣ ва қабули он интихоботи парлумони нав дар асоси бисёрҳизбӣ моҳи декабри соли 1992 баргузор мегардад.

Дар асоси ин қарорхо 28-уми апрели соли 1992 лоиҳаи Конститутсияи нави ҶТ дар рӯз номаи «Садои Мардум» барои муҳокимаи халқӣ чоп карда шуд. Бо сабаби дароз кашидани тарҷумаи лоиҳа ба забони русӣ баъдтар (30-юми майи соли 1992) дар рӯзномаи «Народная газета» ба чоп расид. Гарчи баъди чоп гардидани лоиҳа шаҳрвандон фаъолона муҳокимаи онро оғоз карданд. Вале бо сабаби тезутунд гаштани вазъияти ҷамъиятӣ - сиёсӣ дар ҷумҳурӣ муҳокимаи он на дар ҳар як шаҳру ноҳия ба таври бояду шояд сурат гирифт.

Ин лоиҳа бо сабаби тезутундшавии вазъияти ҷамъиятӣ - сиёсӣ ва минбаъд оғоз ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ то охир мавзуъи муҳокимаи ҷиддӣ

қарор нагирифт. Лоиҳаи мазкур аз дебочаи мухтасар, 7 фасл, ки баъзеи онҳо ба 12 бобҳо ҷудо шуда буданд, 136 модда ва қисми интиқолӣ иборат буд.

Дар 22-юми майи соли 1992 дар ҷаласаи якҷояи Раёсати Шурои Олӣ ва Кабинети Вазирони ҶТ бо иштироки аъзоёни гурӯҳи кории Комиссияи оид ба тайёр кардани лоиҳаи Конститутсияи нави ҶТ, ки дар зери раисии Президенти ҷумҳурӣ баргузор гардид, масъалаи рафти муҳокимаи лоиҳаи Конститутсия баррасӣ гардид. Ахборотро оид ба ин масъала гуруҳи корӣ пешниҳод карда, қайд карданд, ки бо сабаби тезутунд гаштани вазъияти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷумҳурӣ муҳокимаи лоиҳа ба таври бояду шояд сурат нагирифтааст. Дар ҳамин ҷаласа ба ҳайати гуруҳи корӣ оид ба таҳия кардани лоиҳаи Конститутсияи ҶТ дохил кардани чанде аз роҳбарони ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ тавсия карда шуданд. Ба гурӯҳи корӣ супориш дода шуд, ки таклифу эродҳоро оиди лоиҳаи Конститутсия ҷамъбаст карда, то 15-уми июл варианти кор кардашудаи лоиҳаро ба Раёсати Шурои Олӣ пешниҳод намояд.

Раёсати Шурои Олии ҶТ дар ҷаласаи аз 21-уми июли соли 1992 масъалаи натиҷаи муҳокимаи лоиҳаи Конститутсияро баррасӣ намуда, қарори дахлдор қабул кард ва дар он қайд кард, ки дар муҳокимаи лоиҳа асосан аҳолии шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои итоати ҷумҳурӣ, коллективҳои меҳнатии онҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, олимон, ҳуқуқшиносҳо, иқтисодчиҳо, кормандони мақомоти давлатӣ фаъолона иштирок карданд.

Бо вуҷуди ин, оид ба лоиҳаи Конститутсияи нав ба Комиссияи конститутсионӣ зиёда аз як ҳазор таклифу эродҳо, 150 мактубҳо, дар воситаҳои ахбор зиёда аз 80 мақолаҳо ва қайдҳо чоп гардида, дар намоишҳои радио ва талевизион муҳокимаи лоиҳа ташкил карда шуда буд. Азбаски лоиҳаи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ аввалин бор бо забони тоҷикӣ таҳия гашта, гуруҳи корӣ ба ҷойи мафҳуми Конститутсия мафҳуми тоҷикии Сарқонунро муносиб дониста, лоиҳаро бо номи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба муҳокимаи халқӣ пешниҳод кард ва баъзе муаллифони лоиҳа дар хусуси ин мафҳум ва мазмуни он мақолаҳои оммафаҳмро ба чоп расониданд [5], бо вуҷуди ин бештари маводҳои дар муҳокима пешниҳод шуда, дар атрофи ин мафҳум баҳс мекарданд.

Дар марҳалаи то рафт шадид гаштани муқобилистӣ ва саркашии шаҳрвандӣ аз тарафи сохторҳои давлатӣ иқдомҳои гуногун оид ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ пеш гирифта мешуданд, ки самараи онҳо ҳар дафъа ночиз буд. Аз ҷумла, дар иҷлосияи 15-ми Шурои Олӣ 12-уми августи соли 1992 Р. Набиев оид ба роҳҳои таъмини сулҳ, оромӣ, ваҳдати миллӣ ва ризоияти шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ маърӯза кард. Сабабу оқибатҳои ноустувор шудани вазъи сиёсии ҷумҳуриро муфассал таҳлил намуда, баъзе хулосаҳоро аз сабақи ҳодисаҳои онрӯза нақл кард. Оид ба роҳҳо ва тарзи устувор гардонидани вазъи ҷумҳурӣ чанд ҳолатро қайд кард, ки амали намудани онҳо ба андешаи ӯ барои ноил гаштан оромию суботи ҷомеа мусоидат менамоянд. Яке аз онҳоро тезонидани қабули Қонуни Асосии ҷумҳурӣ дониста, дар ин роҳ ташкили мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ аз рӯи қоидаҳои демократӣ, бе кор фармудани фишор ва зурӣ асоси минбаъд инкишофёбии ҷомеа шуморид. Қайд кард, ки агар ин Қонуни асосиро қабул намоем, дар назди мо имкони бо роҳи демократӣ гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, таъмини ҳуқуқу озодии инсон, аз тарафи шаҳрвандон иҷрои вазифаашон пайдо мегардад. Аммо бо сабаби бухрони сиёсӣ дар кишвар кори комиссия конститутсионӣ ба таъхир гузошта шуд.

Масъала дар бораи лоиҳаи нави Конститутсияи ҶТ дар иҷлосияи ҳабдаҳуми Шурои Олии ҶТ боз аз нав бардошта шуд. Зарурияти қабули Конститутсияи нави

ҷумҳуриро қайд карда, Шурои Олии ҶТ бо қарори худ аз 26-уми июни соли 1993 ба қарори пешина дар бораи ташкили Комиссияи оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави ҶТ тағйирот дароварда, ҳайати нави онро тасдиқ кард. Раиси ин Комиссия муҳтарам Э. Ш. Раҳмонов - Раиси Шурои Олии ҶТ интихоб гардид.

Дар 4-уми сентябри соли 1993 Раиси Шурои Олии ҶТ, Раиси Комиссияи оид ба таҳияи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ муҳтарам Э. Раҳмонов ҷаласаи якуми ҳайати нави Комиссияи конститутсиониро гузаронид ва қайд кард, ки бе қабули конститутсияи нав пешравии ҷомеаро таъмин кардан ғайриимкон аст. Ба кори гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ бо роҳбарии Н. Ҳувайдуллоев баҳои мусбӣ дода, супориш дода шуд, ки ҳайати он аз ҳисоби мутахассисони баландихтисос пурра карда шавад. Дар назди гуруҳи кории нав вазифа гузошт, ки дар асоси омӯхтани таҷрибаи мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон, бо ҷалби мутахассисони намоён лоиҳаи Конститутсияи нав тайёр карда шавад, ки он афкори миллӣ, фалсафӣ ва динии халқамонро ифода намояд.

Дар ҳамин ҷаласа инчунин қайд карда шуд, ки гуруҳи махсуси мутахассисон дар мухлати ду моҳ лоиҳаи фарзияи (консепсияи) «Сохти ҳуқуқӣ-давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тайёр кардaнд ва бо андешаи онҳо, ин лоиҳа барои дуруст дарк кардани самтҳои асосии тайёр кардани лоиҳаи Қонуни асосии нав мадад мерасонад. Дар лоиҳаи ин фарзия кушиш карда шудааст, ки мақсад ва вазифаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти демократӣ ва дунявии он, шакли идора ва сохти давлатӣ, ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ, ислоҳоти судӣ ва қонунгузории ҷумҳурӣ муайян карда шавад. Ин фарзия барои истифода дар кори такмили таҳияи лоиҳаи дар муҳокима будаи Конститутсияи нави ҶТ тавсия карда шуд.

Дар ҷаласа, лоиҳаи дар муҳокима қарор доштаи Конститутсияи навро чуқур таҳлил карда, баробари ин ҳамаи он тағйиротҳое, ки баъди ба муҳокима пешниҳод шудани лоиҳаи Конститутсия дар ҷумҳурӣ ба вуқуъ пайвастанд, як-як номбар карда шуданд. Хулоса бароварда шуд, ки то он вақте, ки Конститутсияи нав қабул нагардад ва дар асоси он ҳамаи қонунҳои ҷумҳурӣ аз нав дида баромада нашаванд, мо дар ҳар қадамамон ба душвориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ дучор мегардем, зеро ки ҷомеаи қонунҳои ба талаботи замон мувофиқ надошта, ба сохти носолим табдил меёбад.

Мувофиқи тавсияи ҷаласаи мазкур гуруҳи кории нав барои таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави ҶТ ташкил карда шуд. Раёсати Шурои Олии ҶТ бо қарори худ аз 30-юми сентябри соли 1993 гуруҳи кории мазкурро дар ҳайати 14 нафар ташкил кард. Ба ҳайати он роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бештар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кумитаҳои Шурои Олӣ ва баъзе муассисаҳои илмӣ дохил шуданд. Аъзоёни гуруҳ аз 20-уми октябр то 1-уми декабри соли 1993 барои таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нав аз иҷрои вазифаҳо дар ҷойи кори асосии худ озод карда шуданд. Дар моҳҳои сентябр-октябри соли 1993 гурӯҳи калони одамон бо мақсади шиносои ба таҷрибаи конститутсионӣ ба давлатҳои Швейцария, Туркия ва ИМА сафар карданд.

Дар хусуси рафти таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави ҶТ ва баъзе ҳолатҳои асосии мазмуни он дар иҷлосияи ҳаждаҳуми Шурои Олии ҶТ Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Э. Раҳмонов сухан гуфтанд. Яке аз шартҳои таъмини устувории вазъи ҷамъиятӣ - сиёсии ҷумҳуриро ба доштани Қонуни асосӣ ва қонунҳои ба талаботи ҳаёт мувофиқ алоқаманд донистанд. Қайд карданд, ки бисёр ҳолатҳои Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ куҳна гашта ба воқеияти имрӯза ҷавобгӯ

нестанд, хусусан ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ. Ҳамаи ин боисрор талаб мекунад, ки таҳия ва қабули конститутсияи нав тезонида шавад.

Аҳамияти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии Конститутсияро қайд карда, дар он равшан муайян кардани шакли идораи давлат, ҳуқуқи соҳибихтиёрии ҳалқ ва танзими ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд ва кафолати онҳо зарур дониста шуд. Баробари арзишҳои моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявии давлат инчунин ба татбиқу риоя гаштани плюрализми сиёсӣ эътибор додан низ муҳим шуморида шуд. Диққату эътибори мардум ба масъалаи чи навъ ҳалли худро ёфтани шакли идораи давлатӣ: ҷумҳурии президентӣ ё парлумонӣ, кадоме аз он ба воқеияти ҷумҳурӣ созгор аст, бештар банд аст. Аз ин рӯ, эълон карда шуд, ки ҳалли ин масъала ба раъйпурсии халқӣ гузошта шуда, ба он бояд худи халқ ҷавоб гуяд. Баробари ин қайд кард, ки ӯ шахсан тарафдори ҷумҳурии президентии устувор мебошад. Чунки ба назари ӯ дар шароити давраи гузариш идораи президентии устувор барои ҳалли масъалаҳо имкон медиҳад [1, с. 757]. Инчунин, зарур дониста шуд, ки Президенти ҷумҳурӣ бояд дар интихоботи умумӣ ва бевосита ва бо ҳамин роҳ интихоботи парлумони нави ҳайаташ камшумор, касбӣ ва доимоамалкунанда интихоб карда шаванд.

Оиди масъалаи интихоби шакли идораи ҷумҳурӣ Комиссияи конститутсионӣ аз ду лоиҳаи пешниҳодшуда: лоиҳаи идораи президентӣ ва лоиҳаи идораи парлумонӣ фақат лоиҳаи идораи президентиро ба раъйпурсӣ баровард. Дар иҷлосияи мазкур гузаронидани раъйпурсӣ оид ба қабули Конститутсияи нави ҷумҳурӣ ба на дертар аз моҳи июни соли 1994 пешбинӣ карда шуд. Гузаронидани интихоботи мақомоти олии намояндагии ҷумҳурӣ ба на дертар аз тирамоҳи соли 1994 пешбинӣ карда шуд.

Дар гузориши худ дар иҷлосияи 48-уми Ассамблеяи генералии СММ аз 30-юми сентябри соли 1993 Раиси Шурои Олии ҶТ муҳтарам Э.Раҳмонов қайд карданд, ки ҳоло дар Тоҷикистон кор аз болои таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нав идома дорад, ки дар он ҳамаи масъалаҳои ба таъмини ҳуқуқҳои инкорнашавандаи инсон дахлдор ба эътибор гирифта мешавад [1, с. 716].

Дар ибтидои моҳи апрели соли 1994 гуруҳи корӣ оид ба тайёр кардани лоиҳаи Конститутсияи ҶТ, ки моҳи сентябри соли 1993 ташкил карда шуда буд, ба Комиссияи конститутсионӣ варианти лоиҳаи конститутсияи ҷумҳуриро пешниҳод кард. Дар ҷаласаи комиссия зарурияти қабули Конститутсияи нав ба чунин омилҳо алоқаманд дониста шуд: «Таъмини ҳаёти осудаву ороми халқ, бартараф кардани оқибатҳои ҷанг, ноил гаштан ба созиши миллӣ, гузаштан ба бозори иқтисодӣ, муътадил фаъолият кардани сохторҳои давлатӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои байналмилалӣ ва ғайра. Қабули Конститутсияи нав барои доштани қонунҳое, ки ба талаботи вақт мувофиқанд, доштани низоми ҳамарофарогирандаи қонунгузорӣ зарур мебошанд».

Чи тавре, ки қаблан қайд карда шуда буд, гуруҳи корӣ ба ихтиёри Комиссия ду лоиҳаи Конститутсия: лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ ва лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии парлумониро пешкаш намуд. Комиссия ба муҳокимаи халқӣ баровардани лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентиро тавсия кард. Инро бо набудани омилҳои асосии давлатдории парлумонӣ, ки ба давлатҳои муттамаддин хос аст, аз ҷумла набудани ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои пухта, нарасидани фарҳанги сиёсӣ шарҳ дод. Ҳокимияти воқеии Президент бошад, ҳамчун омили боэътимоди баромадан аз буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ хизмат мекунад.

Комиссияи конститутсионӣ лоиҳаи Конститутсияи ҶТ-ро маъқул дониста онро ба Раёсати Шурои Олӣ пешниҳод кард ва он лоиҳаро ба муҳокимаи ҳалқӣ баровард. Бо қарори худ аз 13-юми апрели соли 1994 Раёсати Шурои Олӣ ба Комиссияи конститутсионӣ супориш дод, ки пешниҳоду эродҳои дар рафти муҳокима расидаро сари вақт баррасӣ намуда, бо назардошти онҳо онро аз нав кор карда барояд ва ба 1-уми июл лоиҳаи Конститутсияро ба Раёсати Шурои Олӣ пешниҳод намояд. Мувофиқи ҳамин қарор лоиҳаи Конститутсияи нави ҶТ дар рӯз номаҳои ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ барои муҳокима чоп карда шуд.

Лоиҳаи ба муҳокимаи халқӣ пешниҳодшудаи Конститутсияи нави ҶТ аз дебоча, 10 боб ва 100 модда иборат буд. Лоиҳаи Конститутсияи соли 1994 баъзе ҳолатҳои арзишманди лоиҳаи Конститутсияи соли 1992-ро нигоҳ дошта буд. Онҳо бештар ба меъёрҳои ба ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шуда, дахл доштанд.

Комиссияи конститутсионӣ дар аввали моҳи июли соли 1994 лоиҳаи Конститутсияи нави ҷумҳуриро мувофиқи таклифу эродҳои пешниҳодшуда дида баромада, ба чанде бобу моддаҳои лоиҳа тағйироту иловаҳо дохил кард. Ба Раёсати Шурои Олӣ тавсия кард, ки ба баррасии иҷлосияи Шӯрои Олӣ варианти ислоҳ ва иловашудаи лоиҳаро пешниҳод намояд. Дар 21-22-юми июли соли 1994 иҷлосияи нуздаҳуми Шурои Олӣ даъвати дувоздаҳум лоиҳаи Конститутсияи нав ва натиҷаи муҳокимаи умумихалқии он баррасӣ гардид. Дар натиҷа Шурои Олӣ хулоса баровард, ки дар ҷумҳурӣ ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида шуда, ҳарчи зудтар Конститутсияи нав бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шавад, падидаи президентӣ, ки дар лоиҳаи Конститутсия муқаррар шудааст, маъқул дониста шуд ва ин асос медиҳад, ки кори тайёри ба интихоботи Президенти ҶТ ривоҷ дода шуда, интихобот гузаронида шавад. Ба ин муносибат Шурои Олӣ ду қонуни муҳим: «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми июл ва «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21-уми июли соли 1994 қабул кард.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар рӯзи 6-уми ноябри соли 1994 халқи ҷумҳурӣ аксаран лоиҳаи пешниҳодшудаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба раъйпурсӣ маъқул донистанд.

Ба ҳамин тариқ, тайёр ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 як давраи муайяни таърихи нави пайдоиши давлатдории тоҷиконро, аз соли 1924 то соли 1994, яъне ҳафтод соли давраи шӯравии бунёд ва камолоти онро ҷамъбаст намуд. Дар зери таъсири дастовардҳои он давра, риояи идоманокии чандин арзишҳои конститутсионии пешина Конститутсияи нав ба марҳиллаи нави инкишофи худ қадам гузоштани Тоҷикистонро ба расмият даровард. Дар он асосҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи нави ташаккулёбӣ ва пойдоргардии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи хоси худ инкишоф ёфтани он муайян карда шудааст.

Тартиби ба амалдароии Конститутсия гуногун мебошад. Асосан ду намуди он маъмул аст, ки ин ҳам шакли бевосита ва бавоситаи ба амалдароии меъёрҳои Конститутсия мебошад. Шакли бевоситаи ба амалдароии Конститутсия маънои онро дорад, ки баъди дар раъйпурсӣ қабул гардидани он ва ба таври расмӣ интишор шудани Конститутсия меъёрҳои он ба амал медароянд. Шакли ба воситаи ба амалдароии Конститутсия бошад, ин тибқи қоидаи махсусе, ки худи Конститутсия муқарррар мекунад меъёрҳои он ба амал медароянд.

Тартиби ба амалдароии конститутсия низ махсус мебошад. он баъди қабул ё тасдиқ гардидан ва ба имзо расидан дар матбуот чоп карда мешавад. Агар дар худи он муҳлати дигар нишон дода нашуда бошад, аз рӯзи чоп шудан ба амал медарояд. Конститутсияе, ки ба раъйпурсӣ гузошта шудааст, баъди натиҷаи раъйпурсиро тасдиқ кардани комиссияи раъйпурсӣ ва чоп шудан ба амал медарояд. Конститутсияи нави ҶТ, ки дар раъйпурсии 6 ноябри сол 1994 қабул гардида буд, баъди аз тарафи комиссияи раъйпурсӣ тасдиқ кардани натиҷаи овоздиҳӣ ба чоп тавсия карда шуд ва он дар рӯзномаҳои марказӣ 16 ноябри соли 1994 чоп гардид. Аз ҳамон рӯз Конститутсия ҶТ соли 1994 амал карда истодааст. Тартиби ба амалдароии конститутсияро дар қонуни махсуси конститутсионӣ ба танзим андохтан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар таркиби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 мувофиқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 22-уми июни соли 2003 қисми нав бо номи “Муқаррароти интиқолӣ” пайдо гардид, ки барои муайян кардани мазмун ва таъиноти баъзе меъёрҳои конститутсионӣ муҳим мебошад. Гарчи ин қисм берун аз таркиби Конститутсия буда, он ба боби охирини даҳум ё моддаи охирини садум алоқаманд гардонида нашудааст, сарфи назар аз ин падидаи қисми муқаррароти интиқолӣ дар Конститутсия ҷойи устувор пайдо кард. Ба хусусияти ин қисми Конститутсия ва таъиноти ҳуқуқии он баъди пайдоиши он дар Конститутсияи соли 1994, аз тарафи олимони тоҷик андешаҳои ҷолибе пешниҳод шуда буданд [3, с. 1-19]. Бояд хотирнишон кард, ки дар китоби тафсири Конститутсия низ мухтасар дар хусуси  қисми муқаррароти интиқолӣ ёдовар шудааст [9, с. 507-509]. Пайдоиши қисми махсуси муқаррароти интиқолӣ дар Конститутсияи ҶТ дар таҷрибаи конститутсионии ҷумҳурӣ зуҳуроти нав мебошад. Ҳатто дар таҷрибаи қабули қонунҳои ҷумҳурӣ низ ин падида чандон паҳн нагаштааст, фақат баъзе боб ё фасли қонунҳо муқаррароти хотимавӣ доранд [8, с. 408-417], вале қисми муқаррароти интиқолӣ ҷой надоранд.

Бо сабаби дар Конститутсияи ҶТ пайдо шудани муқаррароти интиқолӣ рағбат ба моҳият, мазмун ва таъиноти он зиёд гардид. Хусусан, муайян кардани масъалаҳои ҷойи он дар низоми конститутсия, алоқамандии он ба дигар бобҳои конститутсия, дар бораи хислати меъёрҳои (ҳолатҳои) дар он ҷой дошта, табиати ҳуқуқӣ ва қувваи ҳуқуқии онҳо, таъсири онҳо ба низоми қонунгузории ҷумҳурӣ, таҳлили меъёрҳо ва амрҳои дар онҳо ҷой дошта аҳамияти илмию амалии муҳим дорад.

Дар таҷрибаи конститутсионии бисёр давлатҳо ингуна фасл хеле паҳнгашта мебошад. Воқеан, фарқияти истилоҳотӣ дар номи бобу фаслҳо, дар ҳаҷм ва мазмуни меъёрҳо (ҳолатҳо), дар табиати ҳуқуқӣ ва қувваи ҳуқуқӣ, дар хислати доимӣ ва ё муваққатӣ доштани амали онҳо, таносуби онҳо бо дигар фаслу қисмҳои конститутсия ва ғайраҳо хеле калон мебошанд. Ва дар адабиёти ҳуқуқӣ оиди ин масъалаҳо ва хусусан, оиди ҷойи он дар таркиби конститутсия фикру андешаҳо зиёданд.

Мавзуҳои танзими қисми муқаррароти интиқолӣ дар таҷрибаи конститутсионии давлатҳо хеле гуногун буда, аз якдигар фарқ мекунанд. Бо ин сабаб таснифи мазмунии онҳоро ба мақсад мувофиқ мешуморем.

1. Дар ҷойи аввал меъёрҳои муқаррароти интиқолие меистанд, ки мӯҳлат ва тартиби ба амал даромадани конститутсия, тартиби амали баъзе моддаҳои конститутсия, тартиби ба имзорасӣ ва интишори конститутсияро муқарраркунанда меистанд (Конститутсияҳои Испания, Қазоқистон, Литва,

Молдова, Конститутсияи сиёсии Иёлоти Муттаҳидаи Мексика, Португалия, Федератсияи Руссия, ҶФО, Юнон).

2. Меъёрҳо дар бораи мувофиқат ва амали қонунҳо, дар бораи мувофиқат ва қувваи ҳуқуқии санадҳои то қабули конститутсия интишор шуда, дар бораи эҳтироми конститутсия ва қонунҳо, дар бораи тақдири санадҳои хилофи соҳибихтиёрии халқ буда, дар бораи риоя ва ҳифзи конститутсия ва муқобилият ба вайронкунии он, дар бораи шароити амали шартномаҳои байналмилалии то ба амал даромадани конститутсия тасдиқшуда (Конститутсияҳои Италия, Молдова, Полша, Португалия, ФР, Тунис, Туркия, Украина, Япония, Юнон).

3. Дар бораи меъёрҳои намояндагӣ ва интихоботи парлумон, мӯҳлати салоҳияти парлумон, миқдори ҳайати парлумон, дар бораи тартиби даъвати иҷлосияи якуми парлумони даъвати нав (Конститутсияҳои Испания, Италия, Қазоқистон, Шоҳигарии Марокко, Ийолоти Муттаҳидаи Бразилия, Молдова, Покистон, Португалия, ФР, Тунис, ҶФО, Япония).

4. Дар бораи Президент, дар бораи тартиби интихоб ва мӯҳлати ваколати он, дар бораи салоҳият, дар бораи интихоби ноиб-президент (Конститутсияи Қазоқистон, Молдова, Покистон, Португалия, ФР, Иёлоти Муттаҳидаи Бразилия, Конститутсияи Сиёсии Мексика, Юнон).

5. Дар бораи Ҳукумат, оиди мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дар марказ ва маҳалҳо, дар бораи хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ (Конститутсияи Италия, Конститутсияи сиёсии Мексика, Португалия, Иёлоти Муттаҳидаи Бразилия, Украина, ФР, Франсия, Япония).

6. Дар бораи интихоби судяҳо, дар бораи маҳдудияти синнусолӣ барои судяҳо, дар бораи мӯҳлати ваколати онҳо (Конститутсияи Италия, Испания, Ийолоти Муттаҳидаи Бразилия, Португалия, Украина, ФР, Юнон).

7. Дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъолона, дар бораи қобилияти соҳибҳуқуқии сиёсӣ надоштани шаҳрвандон, дар бораи интихобӣ набудан (Конститутсияи Италия, Конститутсияи сиёсии Мексика, ФР, Португалия).

8. Дар бораи нигоҳ доштани шаҳрвандӣ, дар бораи муайян кардани немисҳо, дар бораи гурезаҳо ва шахсони зӯран кӯчонидашуда (Конститутсияи Ийолоти Муттаҳидаи Бразилия, Конститутсияи Сиёсии Мексика, ҶФО).

9. Оиди масъалаҳои молиявӣ, дар бораи пардохти қарзҳо, дар бораи молу мулки федератсия ва уҳдадориҳои молу мулкӣ, дар бораи андоз, дар бораи имтиёзҳо ба гуруҳи муайяни шахсон (Конститутсияи Ийолоти Муттаҳидаи Бразилия, Конститутсияи сиёсии Мексика, Португалия, ФР).

10. Дар бораи иттиҳодияҳои мухторӣ ва марзи миллӣ, дар бораи муайян кардани сарҳади ийолотҳо (Конститутсияи Италия, Испания, Конститутсияи Иёлоти Муттаҳидаи Бразилия, Португалия, ҶФО).

Конститутсияи баъзе мамлакатҳо, ғайр аз ҳолатҳои дар боло номбаршуда, инчунин меъёрҳо оид ба дигар мавзуҳои танзими конститутсионӣ, ба монанди авфи умумӣ, дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайра доранд.

Ҳамин тариқ қайд кардан зарур аст, ки дар конститутсияи баъзе давлатҳо амали яккатор меъёрҳо ва ҳолатҳои конститутсияҳои пешина тасдиқ карда шудааст. Баробари ин, матни ин меъёрҳо ба таркиби конститутсияҳои амал кардаистода, ҳамроҳ карда намешаванд, онҳо дар намуди иқтибосҳои поварақ ё дар намуди қисми мустақили аз пайи матни асосии конститусия дода шуда, оварда мешаванд.

Ба ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои аллакай зикргашта, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ падидаи нави ҳуқуқӣ конститутсионии “Муқаррароти интиқолӣ” ташаккул меёбад, ки аз меъёр ва ҳолатҳои ба худ хос иборат буда, дар робита бо конститутсия амал мекунанд ва барои ба амал даромадан ва амали конститутсия, татбиқи меъёрҳои он замина мебошанд. Дар хотимаи ин банд бояд қайд намоям, ки пайдоиши қисми муқаррароти интиқолӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин таҷрибаи навоваронаи конститутсионӣ буда, минбаъд ҳам дар сатҳи конститутсионӣ ва ҳам дар сатҳи қонунҳои конститутсионӣ ва кодексҳои ҳуқуқӣ ба худ ҷойи устувор пайдо мекунад. Зеро ки дар фасли муқаррароти интиқолӣ, гузаришӣ ё хотимавӣ қонунгузор нисбати меъёрҳо ва ҳолатҳои конститутсионӣ шарҳу тафсир ва иловаҳое муқаррар менамояд, ки барои бо роҳи иловаи моддаи алоҳида ба конститутсия нишон додани онҳо зарурият надорад.

**Муқарриз: Зокирзода З.Х. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Давлат Назриев, Игорь Саттаров. Республика Таджикистан: история независимости (хроника событий). Год 1993. Том III. –Душанбе: 2006. –С.757.
2. Достиев А. С. Конституция Республики Тавджикистан 1994 года: История разработки, принятия и основные положения. – Душанбе, 2001. – С. 15-38.
3. Имомов А. Конституционно-правовая природа переходных положений Конституции // Государство и право. - 2005. – № 3. – С.1-9.
4. Имомов А. Конституционно-правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992-1998). – Душанбе: 1998. – С.73-130.
5. Имомов А. Оид ба пайдоиш, мафҳум ва таъиноти Сарқонун // Садои Мардум». - 1992. - 25 июн.
6. Имомов А. Процесс подготовки и принятия новой Конституции Республики Таджикистан // Известия АН РТ. Сер: Философия и правоведения. - 1995. - № 3. – С. 2-16.
7. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри дуюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе, 2004. – С. 59-69.
8. Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 2. – Душанбе, 2007. – С. 408-417.
9. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2009. - С. 507-509.
10. Ҳомидов Х. Такомули Қонуни Асосии Тоҷикистони муосир. – Душанбе: 2005. - 192 с.

**Literature:**

1. Davlat Nazriev, Igor Sattarov. Republic of Tajikistan: History of Independence (Chronicle of Events). Year 1993. Volume III. –Dushanbe: 2006. –P.757.
2. Dostiev A. S. Constitution of the Republic of Tajikistan of 1994: History of Development, Adoption and Main Provisions. – Dushanbe, 2001. – P.15-38.
3. Imomov A. Constitutional and Legal Nature of Transitional Provisions of the Constitution // State and Law. - 2005. – No. 3. – P.1-9.
4. Imomov A. Constitutional and Legal Problems of Development of the Republic of Tajikistan (1992-1998). – Dushanbe: 1998. – P.73-130.
5. Imomov A. On the origin, meaning and purpose of the Constitution // Sadoi Mardum». - 1992. - June 25.

6. Imomov A. The process of preparation and adoption of the new Constitution of the Republic of Tajikistan // News of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Series: Philosophy and Law. - 1995. - No. 3. - P. 2-16.

7. Imomov A. Constitutional Law of the Republic of Tajikistan. Textbook. Second edition. With amendments and additions. - Dushanbe, 2004. - P. 59-69.

8. Collection of Laws of the Republic of Tajikistan. Volume 2. - Dushanbe, 2007. - P. 408-417.

9. Scientific and popular interpretation of the Constitution of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe: 2009. - P. 507-509.

10. Khomidov H. Development of the Constitution of Modern Tajikistan. - Dushanbe: 2005. - 192 p.

## ЗАМИНАҲОИ ТАЙЁР, ҚАБУЛ ВА ТАРТИБИ БА АМАЛ ДАРОМАДАНИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶТ (СОЛИ 1994)

Дар мақола заминаҳои тайёр, қабул ва тартиби ба амал даромадани Конститутсияи ҶТ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқот нишон дод, ки дар конститутсияи баъзе давлатҳо амали яккатор меъёрҳо ва ҳолатҳои конститутсияҳои пешина тасдиқ карда шудааст. Баробари ин, матни ин меъёрҳо ба таркиби конститутсияҳои амал кардаистода, ҳамроҳ карда намешаванд, онҳо дар намуди иқтибосҳои поварақ ё дар намуди қисми мустақили аз пайи матни асосии конститусия дода шуда, оварда мешаванд.

Муаллифи таҳқиқот хулоса кардааст, ки пайдоиши қисми муқаррароти интиқолӣ дар Конститутсияи ҶТ аввалин таҷрибаи навоваронаи конститутсионӣ буда, минбаъд ҳам дар сатҳи конститутсионӣ ва ҳам дар сатҳи қонунҳои конститутсионӣ ва кодексҳои ҳуқуқӣ ба худ ҷойи устувор пайдо мекунад. Зеро ки дар фасли муқаррароти интиқолӣ, гузаришӣ ё хотимавӣ қонунгузор нисбати меъёрҳо ва ҳолатҳои конститутсионӣ шарҳу тафсир ва иловаҳое муқаррар менамояд, ки барои бо роҳи иловаи моддаи алоҳида ба конститутсия нишон додани онҳо зарурият надорад.

**Калидвожаҳо:** заминаҳои тайёр, тартиби қабул, ба амал даромадан, лоиҳа, конститутсия, санадҳои ҳуқуқӣ, қувваи олии ҳуқуқӣ.

## ОСНОВАНИЯ ПОДГОТОВКИ, ПРИНЯТИЯ И ПОРЯДОК ВВЕДЕНИЯ В ДЕЙСТВИЕ КОНСТИТУЦИИ РТ (1994 г.)

В статье рассматриваются предпосылки подготовки, принятия и вступления в силу Конституции Республики Таджикистан. Исследование показало, что конституции некоторых штатов подтвердили действительность ряда норм и условий из предыдущих конституций. В то же время текст этих норм не включен в состав действующих конституций; они приводятся в виде цитат или как самостоятельный раздел, следующий за основным текстом конституции.

Автор исследования пришел к выводу, что появление раздела «Переходные положения» в Конституции Республики Таджикистан является первым новаторским конституционным экспериментом, который впоследствии найдет устойчивое место как на конституционном уровне, так и на уровне конституционных законов и правовых кодексов. Потому что в разделе о переходных, переходных или заключительных положениях законодатель устанавливает разъяснения, толкования и дополнения к конституционным нормам и обстоятельствам, не требующим добавления отдельной статьи в конституцию.

**Ключевые слова:** основания подготовки, порядок принятия, вступление в силу, проект, конституция, правовые документы, высшая юридическая сила.

**GROUNDS FOR PREPARATION, ADOPTION AND PROCEDURE FOR ENTERING INTO EFFECT THE CONSTITUTION OF THE RT (1994)**

The article examines the prerequisites for the preparation, adoption and entry into force of the Constitution of the Republic of Tajikistan. The study showed that the constitutions of some states confirmed the validity of a number of norms and conditions from previous constitutions. At the same time, the text of these norms is not included in the current constitutions; they are given in the form of quotations or as an independent section following the main text of the constitution.

The author of the study came to the conclusion that the appearance of the section "Transitional Provisions" in the Constitution of the Republic of Tajikistan is the first innovative constitutional experiment, which will subsequently find a stable place both at the constitutional level and at the level of constitutional laws and legal codes. Because in the section on transitional, transitional or final provisions, the legislator establishes explanations, interpretations and additions to constitutional norms and circumstances that do not require the addition of a separate article to the constitution.

**Key words:** grounds for preparation, procedure for adoption, entry into force, project, constitution, legal documents, supreme legal force.

**Маълумот дар бораи муаллифо: Абдулов Сайёд Маҳмадёрович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 939201325.

**Сведения об автор: Абдулов Сайёд Махмадёрович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры истории и методики преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 939201325.

**Information about author: Abdulov Sayod Mahmadyorovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant professor, department of history and teaching methods. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63 Street. Phone: (+992) 939201325.

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

ТДУ: 930.85

# ИСТИФОДА ШУДАНИ ФАРҲАНГИ ИДОРӢ ВА ХОҶАГИДОРИИ МАРДУМИ ЭРОНИНАЖОД АЗ ҶОНИБИ АРАБҲО

**Шарифова М.Қ.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Яке аз оқибатҳои ҳуҷуми арабҳо ва шикасти давлатдории Сосониён, ин муҳоҷирати зиёди арабҳо ба сарзаминҳои Эрон ва Осиёи Миёна гардид. Дар шаҳрҳои ин минтақаҳо маҳаллаҳое пайдо шуд, ки бештари аҳолии он арабҳо буданд. Аҳолии шаҳри Қум дар Эрон ҳатто дар асри X низ ҳанӯз бо забони арабӣ гап мезаданд [16, с. 34]. Ҳамин тавр, забони арабӣ ҳамроҳ бо истилогарони араб ҳамчун забони дин паҳн гардид. Аммо дар бештари шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр, ки анъанаи ҳазорсолаи шаҳрнишинӣ ва шаҳрдорӣ ҳукмрон буд, арабҳо зери таъсири маданияту фарҳанги халқҳои бумӣ монда, ба ҳаёти муқимӣ гузаштанд.

Дигар оқибати забткории арабҳо ҷорӣ гардидани дини ислом миёни аҳолии мулкҳои таслимшуда буд. Аммо ин раванд хеле суст ҷараён мегирифт. Дар баъзе вилоятҳои Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр аҳолӣ саросар дар дини пешина боқӣ монда буданд. Ба навиштаи Истахрӣ – муаллифи китоби «Масолик ал-мамолик» («Роҳҳои кишварҳо») дар баъзе минтақаҳои деҳот бештари аҳолӣ ҳанӯз пайрави дини зардуштӣ будаанд [12, с. 234]. Теъдоди зардуштиён ҳатто сад сол пас аз забти сарзаминҳои Эрону Осиёи Миёна чунон зиёд буд, ки мардум зарур намешумурданд, ки бар миён ё китфони худ нишонаи махсусро бибандад. Ин нишонагузорӣ, ки дар давраи ҳукмронии мусулмонҳо расм буд, мансубияти онҳо ба дини ғайримусулмониро таъкид мекард.

Пеш аз он ки ба масъалаи истифодаи тартиботи идории мардуми эронинажод дар дастгоҳи идории арабҳо сухан гӯем, мехоҳем ба як нуктаи дигар ишора кунем. Ин нукта муҳоҷир шудани зиёди арабҳо ба сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр мебошад. Дар гузашта чунин муҳоҷирати васеъро ин сарзамин хеле кам таҷриба карда буд. Истилогарон танҳо ба забту ғорат басанда накарда, арабҳоро аз нимҷазираи Арабистон ба дохили марзҳои Миср, Сурия, Эрон ва Хуросону Мовароуннаҳр кӯч доданд. Ин тадбир ҳадафи сиёсӣ ва иқтисодӣ дошт ва мебоист пояҳои ҳукумати арабҳо дар сарзаминҳои бегонаро мустаҳкам карда, шӯришҳои эҳтимолии мардуми маҳаллиро низ пешгирӣ намояд. Ин сиёсатро нахуст Умавиён шурӯъ карданд, зеро мувофиқи шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ Умавиён қабилаҳои арабро пуштибони иҷтимоии худ ҳисоб мекарданд. Шароити хуби табиӣ ва ҷуғрофӣ ва сарвати Хуросону Мовароуннаҳр таваҷҷӯҳи арабҳоро ба худ ҷалб мекард. Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф таъкид мекард, ки арабҳоро бояд ҳар чӣ бештар дар Хуросон ҷойгир кунем [24, с. 123]. Баъзе қабилаҳои араб, ки бо ҳукумати марказӣ дар зиддият қарор доштанд, маҷбуран муҳоҷир карда мешуданд. Ҳамчунин гурӯҳи дигари муҳоҷирони араб касоне буданд, ки дар шӯришҳои зидди хилофат иштирок карда, пас аз шикаст ба ҳудудҳои дигар фирор мекарданд. Намунаи он хориҷиҳое буданд, ки ба Систон ҳиҷрат карда буданд [23, с. 25].

Ҳамин тавр арабҳо, ки худро халқи ғолиб шумурда, дар сарзаминҳои Хуросону Мовароуннаҳр ба ҳукумат пардохтанд, мебоист ки ин мулкҳоро ба таври шоиста идора кунанд, то ҳам амнияти худро таъмин намоянд ва ҳам даромади зиёд ба даст оваранд. Аммо бо вуҷуди муҳоҷир кардани қисме аз арабҳо низ онҳо натавонистанд урфу одати худро ба сабаби дар сатҳи поёнтар қарор доштан ҷорӣ кунанд. Зеро сарзаминҳои забтшуда дорои анъанаҳои ҳазорсолаи идораи сиёсӣ, низоми иқтисодӣ ва фарҳанги шаҳрнишинӣ буда, дар давраҳои муайян зери нуфузи ҳукуматҳое чун Сосониён ва Византия (Рум) қарор доштанд.

Ҷорҷ Зайдон менависад, ки пайғамбар ҳар вақт яке аз арабҳоро барои забти шаҳре мефиристод, бо ӯ нафари дигареро низ ҳамроҳ мекард, ки то ба мардум қоидаву қонунҳои исломро шарҳу тавзеҳ диҳад. Ин кор дар замони халифаҳо низ идома ёфт. Халифаҳо низ вақте касеро масъули забти шаҳре мекарданд, ба ӯ мегуфтанд, ки ҳар ҷоеро ки кушодед, фармондори он ҷо хоҳед буд [5, с. 100]. Агар дар ибтидо ба лашкариён гуфта мешуд, ки бо аҳолии маҳаллӣ омезиш накунед ва дур аз шаҳр иқомат намоед, рафта-рафта ин қоида низ аз байн рафта, омезиши муҳоҷирони араб бо аҳолии маҳаллӣ сар мешавад.

Дар ҷараёни забткориҳои арабҳо байни солҳои 685-737 гарнизони низомӣ ва саркардаҳои араб дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр асосан ба он машғул буданд, ки ин ҳудудҳоро дар итоати хилофат нигоҳ дошта,  андоз ҷамъоварӣ кунад ва ба маркази хилофат ирсол доранд. Дар ин давра сохтори идорӣ ва анъанаҳои маҳаллӣ нигоҳ дошта мешуданд. Пас аз тасарруфи комили Хуросону Мовароуннаҳр ин сарҳаминҳо ҳамчун қисми ҷудонашавандаи хилофат ба ҳайати аморати Хуросон шомил карда шуданд. Ҳарчанд бештари заминҳои ҳосилхези минтақа ба ихтиёри арабҳо гузашт, вале коркарду нигоҳдории он ҳамоно дар дасти мардуми бумӣ боқӣ монд. Наршахӣ ҳикоят мекунад, ки пас аз истило шудани Бухоро, арабҳо заминҳои бухорхудотро ба фоидаи хазинаи байтулмол мусодира карда ҳамчун «мамлакати султонӣ» эътироф карданд. Аммо баъдтар ҳамин заминҳо ба ворисони бухорхудот ба сифати иҷора дода шуданд» [15, с. 132].

Бузургони араб ба ғуломони зану мард, пашм, пахта, ғалла, чорво, асп, чарм, аслиҳа ва зару сим ниёз доштанд. Ба ғайр аз ин, арабҳо аз сиккаҳои нуқраи Эрон – дирам барои рафъи ниёзмандиҳои худ истифода мекарданд ва аз шеваи пештараи гирифтан молиёт ва иттилооти васеъи табақаи деҳқонон барои ситондани молиётҳо хироҷ ва ҷизя истифодаи шоён карданд. Сиёсати арабҳо дар кишварҳои забтшуда ғайр аз нашр кардани ислом истисмори мардуми ғайриараб буд. Халифа Умар ибни Хаттоб гуфта буд, ки «мусулмонон миллали мағлубро то зиндаанд мехӯранд ва вақте ки мову онҳо мурдем, кӯдакони мо онҳоро то зиндаанд мехӯранд [22, с. 114]. Танҳо табақае, ки то андозае мақоми худро ҳифз карданд, ашрофи ғайриараб буданд, чун ҳокимони нав ба онҳо ниёз доштанд. Донишу таҷриба ва нуфузи иҷтимоии онҳо барои идора кардани мулкҳо ба арабҳо зарур буд.

Арабҳо дар аввал ба усулу назми хилофат пойбанд буданд, вале он тадриҷан ба ҳукумати шоҳӣ ва меросӣ табдил ёфт. Халифа Муовия (661-680) давлатро дар хонадони умавӣ меросӣ кард. Пойтахти Умавиён шаҳри Димишқ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, таъсири анъанаҳои Византия (Рум) дар он бештар эҳсос мегашт. Аммо ин маънои комилан византиягӣ будани расму таомули хилофатро надорад. Таъсири анъанаҳои халқҳои эронинажод дар хилофат аз оғози ин давлат ба мушоҳида мерасид, вале он тадриҷан зиёд шудан гирифт. Ба навиштаи бештари муаррихон, нахустин девон, ки дар хилофат таъсис дода шуд, девоне буд, ки

вазифааш нигаҳдорӣ ва ҳисобу китоби хазина ё ба истилоҳи арабӣ-исломии он байтулмол буд. Ибни Халдун навиштааст, ки боре ҳангоми омода шудани лашкар ба роҳ, ғуломи эронинажоди халифа Умар (634-644) Ҳурмузон ба ӯ гуфт, ки агар яке аз лашкариён аз рафтан худдорӣ кунад, ту аз куҷо инро мефаҳмӣ? Оё беҳтар нест девоне барои сабти номи онҳо таҳия кунӣ, то бидонӣ ки чӣ касе маблағи худро даёфт кардааст ва чӣ касе аз рафтан худдорӣ кардааст? Умар аз Ҳурмузон хост барои ӯ бештар маълумот диҳад. Ҳурмузон аз девондории Сосониён ба ӯ нақл кард. Умар ин гуфтаи ӯро писандида, фармон дод, девоне барои ҳисобу китоби кишвар таъсис диҳанд [9, с. 136].

Балозурӣ дар китоби «Футуҳу-л-булдон» навиштааст, ки дигар ҳокими араб Зиёд ибни Абия ба тақлид аз одати Сосониён девони хотамро ташкил дод [2, с.234]. Ин корро ӯ дар маркази хилофат Димишқ неву дар шаҳри Куфа, ки дар қаламрави давлати Сосониён воқеъ гардида буд, таъсис намуд.

Агар ба сари навиштаҳои сарчашмаҳои таърихӣ, хусусан осори Табарӣ, Яъқубӣ, Масъудӣ ва Ибни Асир, ки воқеаҳои замони Умавиёнро муфассал нигоштаанд, мулоҳиза кунем, ба ин воқеият пай мебарем, ки идеологияи расмӣ ё андешаҳое, ки таъминкунандаи қонунияти Умавиён буданд мавридҳои зерин ба шумор мераванд:

- одобу суннатҳои арабии қабл аз ислом ва таъкиди асосӣ бар асолати қабилаи Қурайш;
- пайванд додани халифаҳои умавӣ худро бо халифа Усмон ва меросхӯри ӯ будан;
- муҳтарам шумурдани ҳамаи саҳобагони пайғамбар (бар хилофи шиаҳо, ки танҳо гурӯҳе аз саҳобаро қабул мекарданд) ва паст задани халифа Алӣ ва тарафдорони ӯ;
- таблиғ кардани андешаи қазову қадар ва тан додан ба сарнавишт ва ҳар чӣ бар сари инсон ояд.

Бо такя бар чунин андешаҳо Умавиён тавонистанд афкори ҷомеаи замони худро бовар кунонда, ин тафаккурро дар ҷомеа ҳукмрон гардонанд. Ҳатто бо гузашти садсолаҳо аз поёни ҳукумати Умавиён баъзе аз ин боварҳо ҳанӯз идома доштаанд. Аҳмади Фазлон 170 сол пас аз фурӯпошии хилофати Умавиён (соли 922) ба Хоразм сафар карда, бо тааҷҷуб хабар медиҳад, ки дар яке аз деҳаҳои Хоразм – Ардакӯҳ мусулмонон дар масҷид пас аз тамом шудани намоз ба халифа Алӣ ибни Абутолиб дашном дода, аз ӯ безорӣ мекарданд [13, с. 123].

Ҳамин тавр, дар замони хилофати Умавиён, ки хилофати арабӣ-исломӣ шакли комили худро соҳиб гашт, яке аз паси дигар девонҳову идораҳои маъмурӣ ташкил шудан гирифтанд. Арабҳо ки ин низомро аз халқҳои тобеъи худ қабул карданд, дар идораи он низ аз намояндагони халқҳои зердасти худ ёрӣ ҷустанд. Зеро дар миёни арабҳо шахсоне, ки донишу таҷриба ва собиқаи корҳои идорӣ ва ташкилиро дошта бошанд, ангуштшумор буд ва ё аслан вуҷуд надошт. Ҳамчунин арабҳо бештар ба кори лашкару сипоҳ ва забткорӣ банд буданд ва то чанд муддати пас аз ташкил ва ривоҷи хилофат ҳам ба чунин корҳо алоқа нишон намедоданд. Гузашта аз ин, арабҳо корҳои муаллимӣ, бофандагӣ ва машғул шудан ба хидматгузорӣ дар давлату ва назди ҳокимонро вазифаҳои пасту беарзиш медонистанд. Яке аз муаррихон навиштааст, ки «арабҳо бовар доштанд, ки барои сарварӣ офарида шудааст ва соири корҳо махсуси маволӣ аст». Нақл аст, ки як араб бо як мавлӣ барои ҳалли ихтилоф назди волии Ироқ Абдуллоҳ ибни Омир рафтанд. Мавло гуфт: «Худованд мисли туро аз миёни мо бардорад». Араб гуфт

«Худованд амсоли туро миёни мо зиёд кунад». Чун ҳикмати ин гуфторро аз араб пурсиданд, гуфт «чӣ беҳтар, ки касони мисли ӯ зиёд шавад, то кӯчаҳои моро ҷоруб кунанд, ва либосҳои моро бидӯзанд ва барои мо порча бибофанд» [32, с. 147].

Дар 50 соли аввали хилофат коргузорони тамоми минтақаҳо аз ҳисоби мардуми бумӣ буданд. Дар ҳудуди Ироқ, Эрон ва Осиёи Миёна форсҳо, суғдиҳо ва тахористониҳо ба ин кор машғул мешуданд. Дар Шом мардуми юнонӣ ва арманӣ, дар Миср бошад қибтиён корҳои навиштану хаттотиро бо забони маҳаллӣ роҳандозӣ мекарданд. Сиккаҳои исломӣ ҳам аз рӯи сиккаҳои давраи сосонӣ нусхабардорӣ мешуданд. Аз замони халифа Абдумалик ибни Марвон сар карда, нахустин тадбирҳо ҷиҳати бо забони арабӣ ҷорӣ кардани хатту китобат сурат гирифт. Зеро ба навиштаи Ибни Халдун дар ин давра «қавми араб аз хушунати бодиянишинӣ ба равнақи тамаддун ва аз содагии бесаводӣ ба маҳорати навиштан ноил омаданд ва дар миёни арабҳо ва маволии онон устодоне дар нависандагӣ ва ҳисобдорӣ зуҳур карданд» [10, с. 176]. Ҳамин тавр, дар замони Абдумалик ибни Марвон бо дастури Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф, ки амири Ироқу Хуросон буд, дар Кӯфа коргузорӣ ба забони арабӣ сурат гирифт. Ин кор ба воситаи Солеҳ ибни Абдураҳмони систонӣ карда шуд. Ба навиштаи сарчашмаҳо дабирони маҳаллӣ сад ҳазор дирҳам ба ӯ доданд, ки баҳона пеш овараду коргузориро арабӣ накунад, вале ӯ қабул накард. Мардоншоҳ фарзанди Зодон ӯро чунин носазо гуфт: «ҳамчунонки решаи забони форсиро буридӣ, Худо наслатро дар ин олам қатъ кунад» [3, с. 126].

Ин сухан нишонгари он аст, ки мардум барои нигоҳ доштани забони худ то кадом андоза ҳассосият нишон медоданд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки Умавиён дар масъалаи қавму забон ва урфи араб хеле таассуб доштанд ва коргузорони бумӣ ночор буданд, ки фармони халифаро итоат кунанд. Бо вуҷуди арабӣ гаштани забони коргузорӣ, беҳтарин донандагони ин забон аз ҳисоби аҳолии бумӣ ба корҳо дар пойтахт ва хусусан маҳалҳо расидагӣ мекарданд. Аз ҷумла, тамоми мукотибот ва коргузории Ироқ тавассути яке аз маволӣ Зодон Фаррух ба роҳ монда шуд. Ёвари ӯ дар ин кор низ Солеҳ ибни Абдураҳмон, ки дар боло зикр кардем, ба шумор мерафт. Ӯ бо забонҳои форсӣ ва арабӣ менавишт. Таърихи забони расмии коргузорӣ интихоб шудани арабиро муаррихон ба соли 78 ҳиҷрӣ (697-698милодӣ) нисбат додаанд [18, с. 295]. Аммо дар девонҳои аморати Хуросон то соли 124 ҳиҷрӣ (741-742) ҳанӯз бо забони форсӣ сурат мегирифт. Ин замоне буд, ки хилофати Умавиён солҳои охирини ҳаёти худро паси сар мекард.

Вазъият дар Ироқ ва Хуросон хеле ноором буд. Норозигии мардум ба ҳадди ниҳоӣ расида, шӯришу ошубҳо тамоми хилофатро ба ташвиш андохта буд [26, с.32]. Арабҳо ба хотири пешгирӣ кардани эҳтимол ҳар гуна дахолат дар умури идорӣ даст ба чораандешӣ заданд. Волии Ироқ ба охирин ҳокими Хуросон аз тарафи Умавиён Наср ибни Сайёр нома навишта, ба ӯ чунин дастур медиҳад, ки «аз аҳаде аз мушрикон (манзур аҳолии маҳаллӣ, ки ҳанӯз бар дини зардуштӣ ҳастанд ) дар корҳои давлатӣ ва китобат кӯмак нагирад». Ҳокими Хуросон низ ба яке аз коркунони худ Исҳоқ ибни Талиқ, ки араб буд, фармон дод, ки девонҳои Хуросонро бо забони арабӣ гардонанд [19, с. 295].

Аммо ин тадбири Умавиён суде набахшид. Хуросон дар ин замон гирифтори фитнаву инқилоб буд. Ин дафъа миёни худи арабҳо мунокиша мерафт. Аз ҷумла, байни хонадонҳои яманӣ ва хонадони Назор ибни Аднон. Дар дохил назориён худ боз чанд гурӯҳ тақсим мешуданд, ки миёнашон якдилӣ набуд. Қабилаи Рабеъа бо роҳбарии Шайбони Ҳарурӣ бар зидди ҳукумати умавӣ қиём

карда буд. Қабилаи Музир бо роҳбари Наср ибни Сайёр вориди баҳсҳо шуд, ки аз тарафи Умавиён амири Хуросони гардид.Тавре медонем, муддате пас аз ин ҳодиса бар асари шӯриши бузурги умумихалқӣ бо роҳбарии Абӯмуслим ва иштироки васеъи мардуми Хуросон, хусусан минтақаҳои Ҳирот, Пушанг, Марврӯд, Толиқон, Марв, Нишопур, Сарахс, Балх, Чағониён, Тахористон, Хатлон, Кеш ва Насаф хилофати Умавиён сарнагун шуд. Хилофат ба дасти сулолаи Аббосиён гузашт. Аббосиён низ араб ва аз авлоди Ҳошимиёни қабилаи Қурайш буда, бо пайғамбар робитаи наздики хонаводагӣ доштанд. Аббосиён қабл аз расидан ба хилофат дар муборизаҳои худ душманӣ бо арабҳоро дар дастури кор қарор доданд. Пешвои аббосиҳо Иброҳими имом ба Абӯмуслими Хуросонӣ супориш дод, ки дар Хуросон ягон арабро зинда нагузорад.

Аббосиён пас аз расидан ба хилофат ин хидмати хуросониёнро фаромӯш накарданд ва ҳазорон нафар аз мардуми Хуросонро ба худ наздик сохта, дар корҳои давлатдорӣ онҳоро бо худ шарик сохтанд. Дар давраи аббосӣ нафузи мардуми Хуросон чунон зиёд буд, ки яке аз чеҳраҳои маъруфи илму фарҳанги араб Ҷоҳизи Басрӣ навишта буд: давлати Бани Аббос форсии хуросонӣ ва давлати Бани Умайя араби саҳроӣ аст. Муаллифи «Муруҷу-з-заҳаб» навиштааст, ки «дар Бағдод дарвозаи Хуросонро дарвозаи давлат меномиданд, зеро давлати Аббосиён аз ноҳияи Хуросон ба Бағдод дохил шуд» [33, с. 163].

Фаъолияти Аббосиён дар ним асри аввали ҳокимияти онҳо бо ному кори сулолаи маҳаллии Бармакиён иртиботи сахт дорад. Дар зерфасле ҷудогона доир ба саҳми ин хонадон махсус таъкид карда мешавад. Дар ин ҷо танҳо мехоҳем дар хусуси истифодаи суннатҳои давлатдории аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр, ки яке аз пиёдакунандагони он Бармакиён буданд, маълумот диҳем.

Бисёре аз одатҳои нописанду қоидаҳои нонавишта, ки бар асоси он нисбат ба маволӣ зулму ситам раво дида мешуд, бо сари кор омадани Аббосиён барҳам дода шуд. Ҳатто худи масъалаи маволӣ нисбат ба давраи Умавиён камаҳамият гардид. Аз ҷумлаи тартиботу қоидаҳое, ки то замони Аббосиён ҷорӣ мегашт, он буд, ки агар арабе аз бозор чизе мехарид ва дар роҳ маволиеро медид, ӯро маҷбур мекард, ки борашро то манзил расонад. Ин пастзании ошкори маволӣ дар ҳамон оғози ба қудрат расидани Аббосиён аз байн рафт. Халифа Мансур, ки поягузори тамоми бахшҳои давлатдории хилофати аббосӣ ба ҳисоб меравад, ҳангоми марг ба фарзандаш чунин насиҳат кард: «Аҳли Хуросонро ба ту месупорам, ки хуб аз онҳо нигаҳдорӣ кунӣ, зеро онҳо пайравону ёрикунандаҳо мо ҳастанд. Ҳамвора бо онҳо некӣ кун, аз корҳои бади онҳо даргузар. Дар баробари хубӣ бо онон подоши шоён деҳ. Ҳар ки аз онҳо даргузарад, ту миёни зану фарзанди ӯ ҷонишини падар бош» [25, с. 319].

Низоми идории Аббосиён тадриҷан симои румӣ-арабии худро аз даст дода, ба суннатҳову одатҳои хуросонӣ моил мегашт. Бо мақсади наздиктар шудан бо мардуми Хуросон ва дур шудан аз анъанаҳои умавӣ дар Димимшқ, ки 90 сол пойтахти хилофат буд, Аббосиён дар ҳудудҳои империяи собиқи Сосониён пойтахт сохтанӣ шуданд. Ҳарчанд Аббосиён дар шаҳри Кӯфа хилофати худро эълон доштанд, вале азбаски аҳолии Кӯфа бештар пайравони Алӣ буданд, Аббосиён нахуст дар Анбори Ироқ пойтахт сохтанӣ шуда, сипас шаҳри Бағдодро ба унвони пойтахт интихоб карданд. Ҷ.Зайдон менависад: «Аббосиён пойтахтро аз Димишқ ба Бағдод мунтақил карданд, то ба дӯстону ёрони худ – эрониён наздик бошанд ва чун дониста буданд, ки иллати умдаи шикасти Умавиён ситезаҷӯӣ ва озори эрониён буд, Аббосиён сипоҳиёну ҳамкорони наздики худро аз

миёни эрониён баргузиданд. Дар айни ҳол ду лашкар аз қибилаи Рабеъа ва Музар боқӣ гузориданд ва бисёр кӯшиданд миёни арабу аҷам созише диҳанд, аммо саъйу кӯшиши онҳо ба ҷое нарасид, ночор аз арабон канорагирӣ карда, ба эрониён моил гаштанд ва монанди онон кӯлоҳи эронӣ (қаласува) гузошта ва сипоҳиёни худро маҷбур карданд, то он кӯлоҳро бар сар гузоранд. Арабон аз ин пешомад хушнуд набуданд ва ибрози кароҳат мекарданд, аммо мухолифати онон натиҷае надошт» [8, с. 37]. Аз ин гуфта метавон чунин натиҷа гирифт, ки дар марзҳои собиқи Эрон бунёд кардани пойтахти хилофат далели дигари таъсиргузории суннатҳои мардуми бумӣ дар дастгоҳи Аббосиён мебошад.

Ҳарчанд Аббосиён Димишқро ба хотири дӯстдори Умавиён будани сокинонаш ба ҳайси пойтахт написандид, вале ин тадбир дар оянда ба суди фарҳанги халқҳои эронинажод ба поён расид. Баъзе муҳаққиқон бовар доранд, ки агар пойтахти хилофат аз Димишқ ба ҳудудҳои собиқи империяи Сосониён намеомад, тамаддуни исломӣ зери таъсири фарҳанги юнонӣ ва румӣ мемонд [11, с. 191]. Бағдод деҳае буд дар наздикии шаҳри Тайсафун пойтахти машҳури Сосониён ва маънои таҳтуллафзии он Худодода ё Худоофарида мебошад. Бояд қайд намоем, ки халифаи аббосӣ Мансур вақте пойтахти давлатро таъсис дод, онро Мадинату-с-салом (шаҳри сулҳ) номгузорӣ кард, вале деҳае, ки ин шаҳр ба ҷои он бино шуд, аз қадим Бағдод ном дошта, исми нави пойтахти хилофатро ҳам зери таъсири худ гузошт. Ҳамин тавр, номи қадимии Бағдод то имрӯз побарҷо монда, касе номи арабии онро ба ёд намеоварад. Инро ҳам мо таъсири амиқи фарҳанги халқҳои эронинажод номида метавонем.

Яке аз равишҳое, ки арабҳо онро аз таҷрибаи давлатдории мардумони эронинажод омӯхтанд, наздик ва бо ҳам омехтани дин ва давлат буд. Дар замони Сосониён ин таҷриба озмуда шуда буд. Ардашери Бобакон, ки дини расмии Сосониён зардуштияро муқаррар дошт, фармуда буд, ки «Тахт пояи меҳроб асту меҳроб пояи тахт» [4, с. 193]. Бесабаб нест, ки бисёре аз шарқшиносону муаррихон Аббосиёнро ҳукумате бо симои эронӣ номидаанд.

Аббосиён аз рӯзҳои нахустини ба сари тахт омадан, дар фикри машруият бахшидан ба ҳукумати худ буданд. Рақиби онҳо Алавиён ба шумор меомаданд, ки хешовандияшон ба пайғамбар наздиктар аз Аббосиён буд. Бо ин мақсад Аббосиён ривояте сохта, чунин фарзия баровcovarданд. Яке аз фарзандони Алӣ Муҳаммад ибни Ҳанафия, ки дар замони шӯриши Мухтори сақафӣ (685-686) раҳбари маънавии Алавиён буд, пас аз худ писараш Абуҳошимро ҷонишин таин кардааст. Абуҳошим бошад, роҳбарии ҷамоаи мусулмононро ба саравлоди Аббосиён Муҳаммад ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Аббос вогузор кардааст. Ҳамин тавр, дар назарияи ҳукуматдорӣ Аббосиён хостанд ҳаққи мусаллами худро собит созанд [26, с. 13].

Дигар тақлиди Аббосиён ба суннати давлатдории халқҳои эронинажод ин ҷорӣ кардани мансаби вазорат буд, ки то ин давра арабҳо чунин чизеро намедонистанд [6, с. 116]. Нахустин вазири Аббосиён Абусалама Ҳафс ибни Сулаймонӣ Ҳамадонӣ буд. То Абусалама, касе дар ҳукумати Умавиён ва Аббосиён ба унвони вазир муаррифӣ нашуда буд. Дар замони Аббосиён яке аз шартҳои вазорат кардан он буд, ки шахси вазир масъалаи китобат ва иншои номаҳои даргоҳу девонро худ бояд масъул бошад. Ин шарт низ баргирифта аз суннати девонсолории Сосониён будааст. Хидмати дигари вазирони эронинажод он буд, ки онҳо ба ғайр аз корҳои пурсамар кардан дар заминаи давлатдорӣ шогирдони

зиёдеро дар ин рӯҳия тарбия карданд. Ин шогирдон нагузоштанд, ки шӯълаи тамаддуну фарҳанги деринаи тоисломии аҷдоди онҳо ба хомӯшӣ гарояд [17, с. 44].

Пас аз қудратёбии Аббосиён, лашкариёни бешумори хуросонӣ, ки онҳоро ба пирӯзӣ расонида буданд, бекор монданд. Аббосиён барои ором кардани вазъи ошуфтаи пас аз сарнагунии Умавиён ва мубориза бо таҳдидҳои нав ниёз ба лашкар доштанд. Дар он солҳо Аббосиён ба қабилаҳои арабӣ бовар надоштанд ва тавре зикр шуд, бештар ба мардуми ғайриараб ва махсусан хуросониҳо эътимод мекарданд. Аз ин рӯ дар лашкари Аббосиён низ нақши аҳолии шаҳрҳои Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр зиёд буд. Лашкариёни хуросонӣ силоҳ, ва таомули маҳаллиро дар Бағдод ва шаҳрҳое, ки артиш ҷойгир буд, ҷорӣ карданд. Девони артиш низ ба сабки Сосониён таъсис дода шуд. Дар миёни арабҳои пеш аз ислом ва давраи аввали ислом танҳо вазифаи сардори лашкар вуҷуд дошт, ки фармондеҳии лашкарро уҳдадор мегашт. Дар замони Аббосиён лашкар мувофиқи анъанаи лашкардории Сосониён ба ҷузву томҳо ҷудо карда шуд. Дастаҳои даҳ ва бистнафарӣ, саднафарӣ ва панҷсадӣ ташкил карда шуд, ки ҳар кадом сардори худро дошт. Тавре муаррихи араб Ҷ. Зайдон навиштааст, лашкари сафкашидаро «Аббосиён ба тариқи эрониён сон медиданд» [7, с. 136], яъне ҳангоми сафороии лашкар ба он назорат мекарданд ва аз вазъи лашкар огоҳӣ меёфтанд.

Дигар рамзи давлатдорӣ парчам буд, ки он ҳам ба расми гузаштаи шоҳони сосонӣ ва дарбори онҳо дар вақтҳои зарурӣ ба намоиш гузошта мешуд. Парчами сиёҳи Аббосиён аз замони қиёми Абумуслим то охирин рӯзҳои хилофт дар саросари қаламрави онҳо ҷилвагар буд.

Хилофати Аббосиён аз Умавиён хеле фарқ намекард. Зеро Аббосиён ҳам пас аз соҳиб шудан ба тоҷу тахт ваъдаҳои худро фаромӯш карда, тахти хилофатро дар авлоди худ меросӣ карданд. Як фарқи Аббосиён аз Умавиён дар он мушоҳида мегардид, ки нисбати Умавиён бо пайғамбар хешовандии наздиктар (писарамак) доштанд ва бар хилофи Умавиён бо ғайриарабҳо рафтори беҳтар доштанд. Тавре гуфта шуд, мардуми ғайриараб ҳатто дар корҳои идорӣ иштироки бевосита карда, аз озодиҳои нисбӣ бархурдор мегаштанд. Як сабаби нисбати Умавиён тӯлонӣ ҳукумат кардани Аббосиён ҳамин асл мебошад. Дигар ин ки роҳбарии мазҳабии Умавиёнро ҳатто худи арабҳо низ қабул надоштанд, зеро Умавиҳо ҳарчанд араб ва қурайшӣ буданд, нисбат ба дигар қабилаҳо дертар ба ислом гаравида буданд ва падари Муовия – Абӯсуфён ҳатто солҳо бо пайғамбар дар ҷангу кашмакаш қарор дошт [31, с. 213].

Аммо давлати Аббосиён бо мардуми эронинажод аз авал то охир муносибати якхела надошт. Пас аз давраи 80-солаи ҳукумати халифаҳои вобаста ба мардуми Хуросон, навбат ба душманони хуросониҳо ва дар маҷмӯъ халқҳои эронинажод расид. Дар маҷмӯъ, асри Аббосиёнро, ки беш аз 500 сол тӯл кашид, ба панҷ давра тақсим мекунанд, ки ҳар кадом хусусиятҳои худро дорад.

Авҷи тараққиёти давлат ва тамаддуни дурахшони исломӣ ба давраи аввал рост меояд. Ин давраи бунёд, созандагӣ ва якпорчагии хилофат мебошад. Даврае, ки унсури аслӣ дар ҳукумат мардуми эронинажод буданд. Мансур халифа дар як хутбааш чунин гуфта буд: «Мардуми Хуросон! Шумо пайравону ёрон ва ҳақталабҳои мо ҳастед. Агар бо дигарон байъат карда будед, аз мо беҳтар набуданд. ... дур аз кишвар худ, гоҳ дар Тоиф будем, гоҳ дар Шом ва гоҳе ҷои дигар, то он ки Худованд шуморо ёрону пайравони мо гардонид ва ба василаи Шумо шарафу иззати моро ихтиёр кард ва бо ҳаққи Шумо мардуми Хуросон аҳли

ботилро дафъ ва ҳаққи моро ошкор кард ва давлати мову мероси пайғамбари моро ба мо баргардонид» [14, с. 203].

Мардуми Хуросон на танҳо хилофати Аббосиёнро бар тахт нишонданд, балки дар ҳодисаҳои минбаъдаи интиқоли қудрат нақши муайянкунанда бозиданд. Аз ҷумла, барои ба тахт нишондани Ҳорун намояндаи хонадони тоҷикии Бармакиён, аз ҷумла Яҳё хеле кӯшиш кард ва дар ин кор бо модари Ҳорун Зубайда забон як карда буд [1, с. 4]. Агар дар дасисаҳои дарбории замони Ҳорун бозиҳои сиёсӣ ва гурӯҳӣ асоси кор бошанд, пас вақти интихоби ҷонишини Ҳорун масъала ошкоро ранги қавмӣ гирифт. Зеро бо дахолати ашрофи араб Ҳорун писари калонии худ Муҳаммад Аминро, ки аз модари араб таваллуд шуда буд, валиаҳд ва ҷонишин таин карда, ҳамин тавр писари дигар Абдуллоҳи Маъмунро, ки аз зани тоҷик ба дунё омада буд, аз ҳаққи аввал маҳрум сохт. Маъмун муддате дар Хуросон фаъолият дошта, ба ғайр аз он ки дар домони модари тоҷик тарбия ёфта буд, зери нуфузи фарҳанги Хуросон ва хешони модарияш қарор гирифта буд. Вақте кашокаши қудрат бо ҷанг оварда расонд, лашкаркашии ду бародар характери қавмӣ ё миллӣ гирифт. Зеро лашкари Маъмун асосан аз хуросониҳо ва лашкари Амин асосан аз ҳисоби арабҳо созмон ёфта буд. Набарди ду бародар бо пирӯзии Маъмун ва дар воқеъ бо дубора рӯи кор омадани мардуми Хуросон ба анҷом расид.

Замони ҳукумати Маъмун давраи авҷу қудрати хилофати Аббосиён шумурда мешавад [28, с. 70]. Маъмун соли 813 расман на дар Бағдод, балки дар Марв, ки пойтахти вилояти Хуросон буд, тоҷгузорӣ кард ва муддате аз ин ҷо ҳукуматро идора мекард. Ин ҳукумат комилан зери таъсири ёрону наздикони хуросонии Маъмун қарор дошт. Ҳокимият дар Ироқ ва Бағдод ба Тоҳир ибни Ҳусайн, ки тоҷике аз Пушанг буд, супурда шуд. Ҳукумати Хуросонро Маъмуни халифа ба Ҳасан ибни Саҳл, ки падараш як зардуштӣ буд, супурд.

Бо сари қудрат омадани Маъмун норозигии ашрофи араб ҳанӯз ба анҷом нарасида буд. Дар ҳамин вақт, ҳаракати Бобак дар Озарбойҷон авҷ мегирад, ки тамоми хилофатро таҳдид мекард. Бештари тарафдорони Бобак мардуми маҳаллии Озарбойҷон буда, ормонҳои деринаи маздакиён дар ин ҷунбиш ба мушоҳида мерасиданд. Бо қувват гирифтани ҷунбиши Маздак дигар пешвоёни ҳаракати истиқлолталабии Хуросону Мовароуннаҳр низ беш аз пеш фаъол шуданд. Дар ҳамин вақт Афшин, ки аз насли ҳокимони тоисломии Истаравшан буд, соҳиби обруву нуфузи бисёр дар хилофат мегардад. Тоҳир ибни Ҳусайн низ тавре Байҳақӣ ҳикоят мекунад, кораш ба он дараҷа расида буд, ки ҳеҷ кас, ҳатто вазири Маъмунро писанд намекард [20, с. 187]. Дар ҳамин вақт гурӯҳҳои зиёди шиа дар Ироқ ва Хуросон дар фикри қиём ва саркашӣ буданд. Ҳамин тавр, тамоми хилофат ноором гардид.

Маъмун дар фикри чораҷӯӣ баромад. Вазири Маъмун Фазл ибни Саҳл, ки тоҷик буда, майл ба пешвоёни шиа дошт, даст ба кор шуд ва ба Маъмун пешниҳод дод, ки яке аз чеҳраҳои муҳими шиаҳои алавӣ Алӣ ибни Мусоро ҳамчун валиаҳд интихоб кунад, то ҳам қавли додаи хешро қабл аз ҷанг бо Амин иҷро кунад ва ҳам ошӯбу норозигии шиаҳоро фурӯ нишонад. Дар ин кор Тоҳир ибни Ҳусайн низ ҳамфикри Фазл ибни Саҳл гардид, зеро «майле дошт ба Алавиён» [21, с. 188]. Ин тасмими Маъмунро арабҳои Бағдод натиҷаи саъю талоши вазир Фазл ибни Саҳл барои ҷойгузин кардани анъанаҳои аҳолии Хуросон маънидод мекарданд [29, с. 74]. Яке аз корҳои бузурге, ки вазирони тоҷик дар хилофати Аббосиён карданд, он буд, ки ҳамеша ба илм такя карда, барои ривоҷи он талош меварзиданд. Ба

навиштаи И.М.Филштинский Маъмун дар замони хилофати худ ҳатто дар масъалаҳои сирф диниву мазҳабӣ низ бархурди илмӣ дошт. Ӯро муаррихон пайрави яке аз равияҳои пешқадам ва ақлгарои муътазилӣ меҳисобанд [30, с. 76]. Таъсиси «Байту-л-ҳикма» яке аз корҳои бузурги ӯ буд. Дар ин марказ китобхонае таъсис ёфт, ки дар дастраси аҳли фазлу дониш қарор гирифт. Беҳтарин донишмандону мутарҷимон гирд омада, осори муҳимтаринро аз забонҳои юнонӣ, лотинӣ, ҳиндӣ ва порсӣ ба арабӣ тарҷума карданд. Баъзе аз китобҳои юнонӣ ва порсӣ маҳз тавассути тарҷумаҳои арабии он боқӣ монда, то замони мо омада расид. Дар шаҳрҳои Бағдод ва Димишқ расадхонаҳое бунёд карда шуданд, ки филиали «Байту-л-ҳикма» ба шумор мерафтанд. Маъмун бо таассуб ва хурофот сахт душманӣ варзида, дар дарбори худ маҳфилҳои илмиро доир мекард ва нисбати баъзе пешвоёни мазҳабӣ сахтгирӣ мекард. Дар ин замина низ роҳнамову роҳбари ӯ вазирону ёварони донишманди тоҷикаш буданд.

Бо марги Маъмун давраи нуфузи мардуми тоҷик дар корҳои хилофат ба поён мерасад. Яке аз сабабҳои асосии ин амал рақобат ва душмании ошкори арабҳо буд. Аз замони Ҳорунуррашид арабҳо аз афзудани нуфузи тоҷикон изҳори норозигӣ мекарданд. Зеро бо чашми сар медиданд, ки бештари корҳои маданӣ, ки дар қаламрави хилофат амалӣ мешавад, баргирифта аз суннату одоби тоисломии Сосониён ва дигар давлатҳои тоҷикӣ аст. Нафрати гурӯҳи арабгарои хилофат ба тоҷикон то андозае зиёд буд, ки онҳо дар наздикии баъзе чеҳраҳои сиёсии тоҷик ва намояндагони хонадони Алавиён низ на эътиқоди динӣ ё сиёсӣ, балки ангезаи миллӣ медиданд. Ҷаҳишёрӣ дар китоби худ менависад, ки Наим ибни Ҳозим ном араб дар ҳузури халифа Маъмун ба Фазл ибни Саҳли вазир чунин суханонро раво дид: «Ту мехоҳӣ ки ҳукуматро аз Аббосиён бигирӣ ва ба авлоди Алӣ бисупорӣ, сипас онҳоро низ фиреб дода, ҳукуматро ба хонадони Кисро мунтақил кунӣ» [34, с. 393]. Хонадони Алавиён низ араб буданд ва зиддияти ду хонадони бо ҳам хешованд ҳеҷ алоқае ба дигарон надошт, вале ҳамин амр низ аз чашми ҳасудони халқи тоҷик берун намемонд.

Ҳамин тавр, сарнавишти тамоми намояндагони хуросонӣ дар хилофати Аббосиён фоҷеабор ба анҷом мерасад. Абусаламаи Халлол, ки нахустин вазири Аббосиён буд, ба дасти Абумуслим ба қатл мерасад. Худи Абумуслимро халифа Мансур нобуд месозад. Бармакиёнро Ҳорунуррашид аз байн мебардорад. Фазл ибни Саҳл тавассути Маъмун кушта мешавад. Дертар Афшин Бобаки Хуррамдинро асир гирифта, худи ӯ каме баъд ба марг маҳкум мешавад.

Душманӣ ва муборизаи тӯлонии арабҳо бо ашрофи дарбори Аббосиён, ки хуросонӣ буданд, натиҷа дод ва дар маркази хилофат қувваҳое ба қудрат расиданд, ки на танҳо бо нуфузи тоҷикон, балки бо илму дониш низ душман буданд. Дар замони ҳукмронии халифа Мутаваккил (847-861), ки оғози заволи хилофати аббосӣ ба шумор меравад, таваҷҷӯҳ ба илмҳои схоластикӣ зиёд гардида, таъқиби тоҷикон ва аз дарбор дур сохтани онҳо ҷараён мегирад. Азбаски Аббосиён ҳанӯз ба арабҳо чандон бовар надоштанд, ба ҷои намояндагони тоҷик дар корҳои идории мамлакат на арабҳо, балки туркҳоро ҷалб карданд. Ин кор аз поёни ҳукумати Маъмун бо сарозер шудани ғуломони турк ба Бағдод сар шуда, дар аҳди Мутаваккил ба авҷ расид. Туркҳо, ки дертар ба ислом гаравида буданд, бештар ба зоҳири дин аҳамият дода, таассуби шадид бар зидди илму дониш, хусусан илмҳои ақлонӣ доштанд.

Ҳамин тавр, арабҳо аз сабаби надоштани анъанаҳои дерини давлатдорӣ маҷбур буданд, ки барои идораи мулкҳои васеи худ ба таҷрибаи халқҳои

пешқадам такя намоянд. Ин як раванди табиӣ ва зарурӣ буда, бештари халқҳо онро паси сар кардаанд. Сиёсати нодуруст ва нажодпарастонаи Умавиён буд, ки тоҷиконро бо Аббосиён ҳампаймон гардонд. Агар Аббосиён барои соҳиб шудан ба тахту тоҷи хилофат кӯшида бошанд, пас тоҷикон дар мубориза алайҳи Умавиён, қабл аз ҳама мехостанд аз ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну шарафи миллӣ дифоъ кунанд. Аббосиён аз рӯи ночорӣ ва надоштани пойгоҳ миёни арабҳои ҳаммиллати худ ба аҳолии Хуросон рӯй оварданд. Ҳамкории Аббосиён бо тоҷикон, ки бештар хуросониён буданд, дар ташаккули хилофати Аббосиён ва рушди илму фарҳанги ягонаи исломӣ нақши ҳалкунанда бозид. Бештари олимони ҷаҳони араб низ ин воқеиятро эътироф карда, давраи дахолати тоҷикон дар корҳои хилофатро замони пурбортарину рангинтарини таърихи хилофати Араб медонанд. Заминае, ки дар давраи беш аз ҳаштодсолаи нуфузи тоҷикону эрониён гузошта шуд, садсолаҳо идома пайдо кард.

**Муқарриз: Мақсудов А.М. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**


1.Абдулазимхон Гурконӣ. Таърихи Баромака. - Теҳрон, 1313 ҳ. – С. 4.

2.Балозурӣ Аҳмад ибни Яҳё. Футуҳу-л-булдон. - Теҳрон, 1365. – С. 234.

3.Броун Э. Таърихи адабии Эрон. Ҷ. 1. - Теҳрон. 1364 ҳ.ш. – С. 126.

4. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби 1. - Душанбе, 1973. - С. 193.

5.Зайдон Ҷ. Таърихи тамаддуни ислом. Тарҷумаи Алии Ҷавоҳиркалом. – Теҳрон, 1382. – С. 100.

6.Зайдон Ҷ. Таърихи тамаддуни ислом. – Теҳрон: «Амири Кабир», 1386. - 456 с.

7.Ибни Халдун. Муқаддима. - Теҳрон, 1373.– С. 136.

8. Иброҳими Барзгар. Таърихи таҳаввули давлат дар Ислом ва Эрон. – Техрон, Самт, 1387. – С. 191.

9. Истахрӣ Абуисҳоқ Иброҳим. Масолик ал–мамолик. Тарҷумаи Муҳаммад Асъад ибни Абдуллоҳи Тустарӣ. Ба кӯшиш Эраҷи Афшор. –Теҳрон, 1373. – С. 234.

10. Ковалевский А.П. Книга Ахмеда ибн–Фазлана о его путешествии на Волгу в 921-922 гг. – Харков, 1956. – С. 123.

11.Масъудӣ А. Муруҷу-з-заҳаб. - Теҳрон, 1387 – С. 203.

12. Наршахӣ А. Таърихи Бухоро. – Душанбе, 1979. – С.132.

13.Петрушевский И.П. Ислам в Иране в VII–XV веках. – М., 2007. – С. 34.

14.Сафо Забехулло. Таърихи адабиёт дар Эрон.Ҷ. 1. – Теҳрон, 1332. – С. 44.

15.Сипеҳрӣ М. Тамаддуни исломӣ дар асри Умавиён. Теҳрон, 1385. – С. 295.

16. Таърихи Байҳақӣ. Таҳияи С. Муллоҷон. - Душанбе, 2014. – С. 187.

17.Фильштинский И.М. История арабов и Халифата (750–1517). – М., Формика – С, 2001. – С. 32.

18.Фильштинский И.М. История арабов и Халифата (750–1517). – М., 2006.– С. 13.

19.Ҳайкал М. Зиндагонии Муҳаммад. – Душанбе, 1990. – С. 213.

20. Ҳусайналии Мумтаҳан. Наҳзати шуубия ҷунбиши миллии эрониён дар баробари хилофати умавӣ ва аббосӣ. - Теҳрон, 1385. – С. 147.

21. Ҷаҳишёрӣ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдус. Китобу-л-вузароу ва–л куттоб. – Теҳрон, 1347. – С. 393.

**Literature**:

1.Abdulazimkhan Gurkani. History of Baromaka. - Tehran, 1313 AH. - P. 4.
2.Balozury Ahmad ibn Yahya. Futuhu-l-buldan. - Tehran, 1365. - P. 234.
3.Brown E. Literary history of Iran. Vol. 1. - Tehran. 1364 AH. - P. 126.
4. Ghafurov. Tajiks. The oldest history, ancient and medieval. Book 1. - Dushanbe, 1973. - P. 193.
5.Zaydon J. History of Islamic civilization. Translation by Ali Jawahirkalom. - Tehran, 1382. - P. 100.
6.Zaydon J. History of Islamic civilization. – Tehran: "Amir Kabir", 1386. - 456 p.
7. Ibn Khaldun. Introduction. - Tehran, 1373. - P. 136.
8. Ibrahimi Barzgar. History of the development of the state in Islam and Iran. – Tehran, Samt, 1387. - P. 191.
9. Istakhri Abu Ishaq Ibrahim. Masalik al-Mamalik. Translation by Muhammad Asad ibn Abdullah Tustari. By the efforts of Iraj Afshor. – Tehran, 1373. - P. 234.
10. Kovalevsky A.P. Book of Ahmed ibn-Fazlan about his journey on the Volga in 921-922. – Kharkov, 1956. - P. 123.
11. Masudi A. Muruj-uz-zahab. - Tehran, 1387 - P. 203.
12. Narshahi A. History of Bukhara. - Dushanbe, 1979. - P. 132.
13. Petrushevsky I.P. Islam in Iran in the VII-XV centuries. - M., 2007. - P. 34.
14. Safo Zabehulla. History of literature in Iran. Vol. 1. - Tehran, 1332. - P. 44.
15. Sipehri M. Islamic civilization in the Umayyad era. Tehran, 1385. - P. 295.
16. History of Bayhaqi. Prepared by S. Mullojan. - Dushanbe, 2014. - P. 187.
17. Filshtinsky I.M. History of the Arabs and the Caliphate (750-1517). – M., Formica – S, 2001. – P. 32.
18. Filshtinsky I.M. History of the Arabs and the Caliphate (750–1517). – M., 2006. – P. 13.
19. Haykal M. Life of Muhammad. – Dushanbe, 1990. – P. 213.
20. Husaynalii Mumtahan. The Shuubiyya Revival, the National Movement of Iranians in the Face of the Umayyad and Abbasid Caliphates. - Tehran, 1385. – P. 147.
21. Jahisyari Abuabdullah Muhammad ibn Abdus. Kitabul-uzarou va–l kuttab. – Tehran, 1347. – P. 393.

## ИСТИФОДА ШУДАНИ ФАРҲАНГИ ИДОРӢ ВА ХОҶАГИДОРИИ МАРДУМИ ЭРОНИНАЖОД АЗ ҶОНИБИ АРАБҲО

Яке аз оқибатҳои ҳуҷуми арабҳо ва шикасти давлатдории Сосониён, ин муҳоҷирати зиёди арабҳо ба сарзаминҳои Эрон ва Осиёи Миёна гардид. Дар шаҳрҳои ин минтақаҳо маҳаллаҳое пайдо шуд, ки бештари аҳолии он арабҳо буданд. Дар бештари шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр анъанаи ҳазорсолаи шаҳрнишинӣ ва шаҳрдорӣ ҳукмрон буд ва арабҳо зери таъсири маданияту фарҳанги халқҳои бумӣ монда, ба ҳаёти муқимӣ гузаштанд. Дигар оқибати забткории арабҳо ҷорӣ гардидани дини ислом миёни аҳолии мулкҳои таслимшуда буд. Нуқтаи дигар бошад муҳоҷир шудани зиёди арабҳо ба сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр мебошад.

Арабҳо аз сабаби надоштани анъанаҳои дерини давлатдорӣ маҷбур буданд, ки барои идораи мулкҳои васеи худ ба таҷрибаи халқҳои пешқадам такя намоянд. Ин як раванди табиӣ ва зарурӣ буда, бештари халқҳо онро паси сар кардаанд. Сиёсати нодуруст ва нажодпарастонаи Умавиён буд, ки тоҷиконро бо Аббосиён ҳампаймон гардонд. Агар Аббосиён барои соҳиб шудан ба тахту тоҷи хилофат кӯшида бошанд, пас тоҷикон дар мубориза алайҳи Умавиён, қабл аз ҳама

мехостанд аз ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну шарафи миллӣ дифоъ кунанд. Аббосиён аз рӯи ночорӣ ва надоштани пойгоҳ миёни арабҳои ҳаммиллати худ ба аҳолии Хуросон рӯй оварданд.
**Калидвожаҳо:** хилофат, фарҳанг, идорӣ, хоҷагидорӣ, забткорӣ, Хуросон, сиёсат, ташаккул.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АРАБАМИ АДМИНИСТРАТИВНОЙ И ЭКОНОМИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ ИРАНСКОГО НАРОДА

Одним из последствий арабского нашествия и разгрома Сасанидского государства стало массовое переселение арабов на земли Ирана и Средней Азии. В городах этих регионов были кварталы, где большую часть населения составляли арабы. В большинстве городов Хорасана и Моваруннахра преобладала тысячелетняя традиция урбанизма и мэрства, а арабы под влиянием культуры и культуры коренных народов перешли к оседлой жизни. Еще одним последствием арабского завоевания стало распространение ислама среди населения сдавшихся королевств. Другой момент – переселение арабов на земли Хорасана и Моваруннахра.

Арабы из-за отсутствия давних государственных традиций были вынуждены опираться на опыт передовых стран в управлении своими обширными владениями. Это естественный и необходимый процесс, и большинство людей прошли через него. Это была неправильная и расистская политика Омейядов. Именно неправильная и расистская политика Омейядов привела к союзу таджиков с Аббасидами. Если Аббасиды пытались завладеть троном халифата, то таджики в борьбе с Омейядами в первую очередь хотели защитить права, свободу и национальную честь. Аббасиды обратились к населению Хорасана из-за отчаяния и отсутствия базы среди своих собратьев-арабов.
**Ключевые слова:** халифат, культура, управление, экономика, завоевание, Хорасан, политика, формирование.

## THE ARABS' USE OF THE ADMINISTRATIVE AND ECONOMIC CULTURE OF THE IRANIAN PEOPLE

One of the consequences of the Arab invasion and the defeat of the Sassanid state was the mass migration of Arabs to the lands of Iran and Central Asia. In the cities of these regions there were quarters where the majority of the population were Arabs. In most cities of Khorasan and Movarunnahr, the thousand-year tradition of urbanism and mayoralty prevailed, and the Arabs, under the influence of the culture and culture of the indigenous peoples, moved to a settled life. Another consequence of the Arab conquest was the spread of Islam among the population of the surrendered kingdoms. Another point is the migration of Arabs to the lands of Khorasan and Movarunnahr.

The Arabs, due to the lack of long-standing state traditions, were forced to rely on the experience of advanced countries in governing their vast possessions. This is a natural and necessary process, and most people have gone through it. This was the wrong and racist policy of the Umayyads. It was the wrong and racist policy of the Umayyads that led to the alliance of the Tajiks with the Abbasids. If the Abbasids were trying to seize the throne of the Caliphate, then the Tajiks in the fight against the Umayyads primarily wanted to protect their rights, freedom and national honor. The Abbasids turned to the population of Khorasan out of despair and the lack of a base among their fellow Arabs.
**Key words:** Caliphate, culture, governance, economy, conquest, Khorasan, politics, formation.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шарифова Макнуна Қарчибековна** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, дотсенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он, номзади илмҳои таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63.

**Сведения об автор: Шарифова Макнуна Карчибековна** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, доцент кафедра истории и методика ее преподавания, кандидат исторических наук. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Раштский район, Гарм, ул. Э. Мухиддин-63.

**Information about author: Sharifova Maknuna Karchibekovna** – Tajik pedagogical institute in Rasht region, associate professor of the department of history and methods of its teaching, candidate of historical sciences. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm, st. E. Mukhiddin-63.

**ТДУ: 93/94**

## НАҚШИ Б.Ғ. ҒАФУРОВ ДАР МУҲОҶИРКУНИИ ДЕҲҚОНОНИ ВИЛОЯТИ ҒАРМ БА ВОДИИ ВАХШ

**Шарифова М.Қ., Абдурасулов И.С.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ҷараёни муҳоркунӣ ин раванди сиёсати пешгирифтаи Иттиҳоди Шуравӣ ба шумор рафта, аз соли 1926 оғоз гардида буд. Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Э. Раҳмон доир ба ин масоил чунин қайд намудааст: “Яке аз масъалаҳои душвор, вале ҳаётан муҳими ҷумҳурӣ дар солҳои баъдиҷангӣ ин масъалаи ташкили муҳоҷирати дохилӣ буд. Шароити тараққиёти иқтисодӣ тақозо мекард, ки корҳои обёриву ободониро алалхусус дар водии Вахш ва даштҳои Мирзочӯлу Дилварзин вусъат дода, ба ин минтақаҳо мардуми ноҳияҳои баландкӯҳ ва сераҳолӣ кӯчонда шаванд. Дар ин давра ин масъала нафақат аҳамияти бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ дошт, балки аз ҷиҳати сиёсӣ хеле муҳим буд...” [14, с.330].

Муаррихи шинохтаи тоҷик академик, Р.М. Масов доир ба моҳияти муҳоҷиркунии ҳизби коммунист ва Давлати Шуравиро чунин муайян месозад: “Сиёсати муҳоҷиркунии Ҳукумати Шуравӣ ба барҳам додани асосҳои заминдории феодалӣ ва аз дасти заминдорони калон кашида гирифтани воситаҳои истеҳсолот равона нагардида буд. Дар асл ин сиёсат ба он нигаронида шуда буд, ки аз ҳисоби заминҳои то ҳол бекорхобидаву навкорам деҳқонони камзамину безамини ноҳияҳои кӯҳӣ бо замин ва олотҳои истеҳсолии кишоварзӣ таъмин карда шаванд. Ин амалро инчунин ҷараёни инкишофи пахтакорӣ дар Тоҷикистон талаб мекард” [7, с.23].

Бо оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳоҷиркунии аҳолӣ қатъ гардид. Аммо баъди итмоми ҷанг масъалаи муҳоҷиркунӣ боз аз ҳар тараф сару садо баровард. Соли 1945 ба ноҳияҳои водии Вахш аз вилоятҳои Суғду Ғарм қариб 1500 хоҷагиҳои деҳқонон аз 4300 хоҷагӣ, аз мавзеъҳои гуногуни марказии ИҶШС чун муҳоҷирони махсус (спецперенселенцы) кӯчонида оварда шуданд [1, с.169].

Муҳоҷирони бадарғашуда дар вилоятҳои Қурғонтеппа, Сталинобод ва Суғд тақсим гардиданд. Шумораи онҳо 6 ҳазор хоҷагӣ ва 19 ҳазор одамонро ташкил мекарданд. Доир ба муҳоҷирони махсус ё худ бадарғашудагон барои фаҳмиши хонандагон месазад маълумоти фиршурдаеро биоварем. Дар ибтидои соли 1944

сар карда Иттиҳоди Шуравӣ нисбат ба халқҳои Қафқоз, Крим, Поволже ва тарафдорони хойинони Ватан дар солҳои ҷанг Власов сиёсати муҳоҷирати маҷбурӣ ё худ бадарғакуниро оғоз намуд. Ба ҳайати бадарғашудагон халқиятҳои чеченҳо, ингушҳо, қалмиқҳо, тоторҳои Крим, булғорҳо, юнониҳо, немисҳо, курдҳо ва дигар халқиятҳо ба мавзеъҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бадарға шуданд [1, с.169].

Дар солҳои 1944-1946 қариб 3-миллион нафар аз Ватани бобоӣ ба дигар мавзеъҳои Иттиҳоди Шуравӣ бадарға гардиданд. Баъди гузашти солҳо ва тайғири сиёсати шӯравӣ бештари бадарғашудагон ба мавзеъҳои аввалияи хеш баргаштанд. То имрӯз низ дар бештари маҳалҳои кишвар боқимондаҳои авлодии онҳо мавҷуд мебошанд, ки бо гузашти солҳо фарҳанг ва тамаддуни миллии моро қабул намуда, қисми аҳолии ҷудонопазири Тоҷикистон мебошанд.

Баъди баохир расидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва оғози азнавбарқаронкунии баъдиҷангӣ бо хизмат ва талошҳои фарзанди майдони илму сиёсат Б.Ғ. Ғафуров дар байни мардуми кӯҳистон корҳои фаҳмондадиҳӣ ва таблиғоти анҷом дода шуд. Мардуми кӯҳӣ ба маънои муҳоҷиркунӣ ва сиёсати Иттиҳоди Шӯравӣ сарфаҳм рафта, ҳатто сафи ихтиёрони муҳоҷирони кӯҳӣ рӯз аз рӯз меафзуд. Махсусан, овозаи заминҳои фарох ва ҳосилхези водии Вахш ба тамоми ҳудуди ҷумҳури паҳн гардида буд. Муҳоҷирон ба воситаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори умум майлу хоҳиши ба водиҳо муҳоҷир шуда, барои рушду нумӯи Тоҷикистон саҳм гузоштанро изҳор менамуданд [1, с.169]. Масалан, раиси колхози навбунёди “Роҳи Лелин”-и муҳоҷирони ноҳияи Октябри водии Вахш Саидмурод Қосимов дар барои ҷалби деҳқонони кӯҳӣ ба заминҳои нав аз номи меҳнаткашони ин хоҷагӣ чунин қайд карда буд: " Падару бобоёни мо тамоми умр дар ноҳияҳои баландкӯҳи вилояти Ғарм ҳаёт ба сар мебурданд. Дар ин ҷо заминҳои тахту ҳамвор ва корам ниҳоят кам ба назар мерасанд. Барои киштбоб кардани як порчаи замини нокифоя бори гарону заҳмати зиёдеро ба дӯш мегирифтанд. Дар Ғарм овозае паҳн гардид, ки мавзее бо номи водии Вахш ҳаст, ки дар он ҷо заминҳои фароху корам ниҳоят зиёд буда, системаҳои нави обёрикунандаи замонавӣ сохта шудаанд ва ҳар оила метавонад мувофиқи қуввату тавоноӣ барои хеш заминҳои корам гирад ва кишту кор кунад... дар ибтидо барои мо муҳоҷирони ноҳияҳои кӯҳсор дар ҷову макони нав душвориҳои зиёде пеш омаданд. Аммо сол аз сол мо тамоми душвориҳоро паси сар карда, заминҳои зиёдеро аз худ кардем. Танҳо меҳнаткашони колхоз дар як муддати кӯтоҳ 210 гектар замини пахтаро тахту ҳамвор ва ба кишт омода сохтанд” [2, с.169].

Ҳамин тариқ, дар давраи мазкур чандин колхозҳои минтақаҳои дурдасти кӯҳӣ пурра ба водии Вахш кӯч бастанд. Дар байни чунин ихтиёриён, колхози деҳаи Фаркои ноҳияи Оби Гармро метавон ёдовар шуд.

Доир ба масъалаи аз худ кардани заминҳои корам аз тарафи деҳқонони ноҳияҳои кӯҳӣ қарори Комиссариати халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КМ ҲК (б) Тоҷикистон аз 28 феврали соли 1946 “Дар бораи аз лиҳози ташкилию хоҷагӣ мустаҳкам кардани колхозҳои ноҳияҳои Варошилобод” шаҳодат медиҳад. Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур Раёсати муҳоҷиркунии ҷумҳурӣ вазифадор гардида буд, ки баҳори соли 1946 аз ноҳияҳои вилояти Ғарм ба ноҳияи номбурда 500 хоҷагӣ муҳоҷир карда шавад. Ва барои муҳоҷирон хонаву ҷои истиқоматӣ бояд муҳайё мешуд [12, с. 239]. Яке аз масъалаи муҳим барои муҳоҷиркунӣ ин пеш аз ҳама, бо нақлиёти боркаш таъмин намудани деҳқонон буд. Тамоми ташкилоту идораҳои салоҳиятдор ба ҳалли мусбати масъалаи мазкур диққати асосӣ дода, аз ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба он дархосту пешниҳодҳои худро менамуданд. Бо ҳамин

мақсад Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1946 ба Вазорати зироатҳои техникӣ супориш дод, ки он ба Вазорати нақлиёти автомобилӣ барои муҳоҷиронро аз вилояти Ғарм ба водии Вахш кӯчонидан автомошинаҳои боракаши тамғаи ЗИС-5-ро бо ронандагонашон ҷудо кунад. Бо иҷрои вазифаи мазкур барои кашонидани муҳоҷирони вилояти Ғарм ба водии Вахш 20 автомошинаи тамғаи ЗИС-5 то 15 октябри соли 1946, яъне то мӯҳлати ба охир расидани иҷрои он чорабинии муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷудо созад. Ба ғайр аз ин, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурӣ сарвари муҳоҷиркунии Тоҷикистонро вазифадор намуд, ки шахсан худаш ва якчанд коркунони масъулро ба вилояти Ғарм, макони баромади муҳоҷирон ва вилояти Қурғонтеппа- ҷову макони нави фотеҳони заминҳои бекорхобида то ба охир расидани ҷараёни кӯчокӯч фиристода шаванд ва бевосита оид ба сари вақт ва бе олоиш гузаронидани ин чорабинӣ саҳмгузор бошанд [12, с. 239].

Баъди ҷанг фавран раванди муҳоҷирати дохили ҷумҳурӣ ба водиҳо ба ҷуз вилояти Ғарм, инчунин аз вилояти Кулобу ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон низ оғоз меёбад. Масалан, мувофиқи қарори Шӯрои Комиссарони халқии ИҶШС аз 12 сентябри соли 1945 ва Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 1946 барои аз ноҳияҳои шимолии ҷумҳурӣ ба вилояти Сталинобод муҳоҷиркардани 1000-хоҷагӣ ва аз вилояти Ғарм ба водии Вахш кӯчонидани 1000 хоҷагии муҳоҷирони дохилӣ рухсат дода шуд. Инчунин ба мақомоти салоҳиятдор супориш дода шуд, ки аз ноҳияҳои кӯсору камзамини вилояти Кӯлоб ба колхозҳои пахтакори ҳамин вилоят 500 хоҷагиҳои деҳқонӣ муҳоҷир карда шаванд. Мувофиқи ин қарор танҳо дар соли 1946 муҳоҷиркунӣ дар дохили ҳудуди вилояти Кӯлоб 1070 хоҷагӣ, водии Вахш 760 хоҷагӣ ва вилояти Сталинобод 665 хоҷагиро дар бар мегирифт [1, с.188].

Соли 1947 дар мамлакат истеҳсоли пахта қаноъатбахш ҳисобида нашуд. Ҳамин тариқ, дар анҷумани февралии соли 1947 масъалаи муҳоҷиркунии аҳолии вилоятҳои Ленинобод, Ғарм, Кӯлоб ва Сталинобод ба миён гузошта шуд. Дар солҳои 1947-1949 бо шумораи 7800 оилаҳои муҳоҷиршуда аз аҳолии вилоятҳои Ленинобод, Ғарм, Кӯлоб ва Сталинобод ба водии Вахш фиристонида шуданд. Соли 1947 ба водии Вахш аз ҳисоби колхозҳои вилоятҳои Ленинобод ва Ғарм 1000 оила фиристонида шуд. Соли 1948 боз аз вилоятҳои Ғарм 1000, Ленинобод 500, Сталинобод 500- оила фиристода шуд [11, с.100].

Бояд тазаккур дод, ки дар рафти муҳоҷирати дохилӣ солҳои 40-50-уми асри гузашта мушкилиҳо ва душвориҳои зиёде садди роҳ гардида буданд. Ин мушкилиҳо пеш аз ҳама, хатоиву камбудиҳои роҳбарони қисми болоӣ ва маҳаллӣ ба шумор мерафтанд. Бештари муҳоҷирон дар маҳали нави зист чунин камбудиҳоро эҳсос карда буданд. Аз қаноатмандии бештари муҳоҷирони ихтиёрӣ мо дар боло ёдовар гардидем, аммо на ҳамаи давраи муҳоҷиркунӣ яксон ва якранг сурат нагирифта буд. Ҳамаи камбудиҳо ба он оварда расонид, ки бештари муҳоҷиршудагон ба маҳаллӣ пештараи хеш бозгарданд. Масалан, дар маҷлисҳо ва машваратҳои ҳизбӣ доир ба душвориҳои мазкур ягон масъалагузорӣ намешуд. Рӯйдодҳои ба макони пештари худ баргаштани муҳоҷирон, барои ҷамъият ҳам зарари моддӣ ва маънавӣ меовард. Соли 1947-ум аз 2772 хоҷагиҳои муҳоҷиргашта 450-тоашон боз ба вилояти Суғду Ғарм бозгаштанд [1, с.197].

Ба ҳамаи душвориҳо ва норасогиҳо нигоҳ накарда, ҷараёни муҳоҷиркунӣ ба водии Вахш идома дошт. Дар қарори Ҳукумат ва Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон " Оид ба соли 1947 дар колхозҳои вилояти Сталинобод ҷойгир кардани

муҳоҷирони дохилӣ” ба органу ташкилотҳои болоиву поёнӣ супориш шуда буд, ки мувофиқи талаботу дархостҳои маҳалҳо муҳоҷирон ба мавзеъҳои ин вилоят чунин тақсим карда шаванд: ба 9 ноҳияи вилояти Сталинобод, аз ҷумла ба Ҷиликӯл, Кировбод, Колхозобод, Шаҳритус, Октябр аз вилояти Ғарм 1230 хоҷагиҳои деҳқонон муҳоҷир карда шаванд [1, с.197].Инчунин дар қарори мазкур дарҷ гардида буд, ки деҳқонон аз вилояти Ғарм ба воситаи ҳавопайҳо ба водии Вахш кӯчонида шаванд [1, с.198].

Соли 1947 ба баъзе камбудиву норасогиҳои молиявӣ ва нақлиётӣ, инчунин аз ҷониби ташкилотҳои маҳаллӣ ва роҳбарони хоҷагӣ роҳ додани баъзе камбудиҳо танҳо дар семоҳаи соли 1947 аз вилоятҳои Ғарму Суғд ба ноҳияҳои ба қувваи корӣ эҳтиёҷманди водии Вахш 1275 хоҷагии деҳқонон сафарбар гардиданд [1, с. 196]. Аз рақамҳои нишондода шуда бар меояд, ки нақшаи муҳоҷиргардонии соли мазкур дар се моҳ иҷро гардидааст. Ҳамин тариқ, ба водии Вахш ва дигар мавзеҳои вилояти Сталинобод аз ҳисоби деҳқонони вилояти Ғарм чандин колхозҳои бутун муҳоҷир гардидаанд.

Тобистони соли соли 1949 (аниқтараш соли 10 июли соли 1949) [11, с. 169] ба сари мардуми кӯҳистони тоҷик, ки асрҳо ҷафоҳо ва мусибатҳои зиёдеро кашида буданд, боз мусибати сангине омад. Бар асари зилзилаи сахти якчандрӯза ноҳияи Ҳоити вилояти Ғарм ба харобазор тобдил ёфт. Хизматҳои шоистаи фидокорони Ватан Б.Ғ.Ғафоров ва М. Шогадоевро то ҳол мардуми ин сарзамин ба некӣ ёд мекунанд. Бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи Б.Ғ.Ғафуров комиссияи давлатии рафъи оқибатҳои зилзила таъсис ёфт. Ба ҳайати комиссия ба ғайр аз олимону мутахассисон М. Шогадоев чун раиси Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки худ зодаи ин ноҳияи офатзада буд, дохил карда шуд. Комиссияи муштарак дар фаъолияти кории хеш бештар ба роҳу тадбирҳои ин шахсияти сиёсӣ такя мекард, зеро ӯ ҳар як ваҷаби ин сарзаминро о медонист, бо ҳар як фарди он ҷо шиносоӣ дошт. Хушбахтона, дар чунин шароити вазнини барқарорсозии баъдиҷангии хоҷагии халқ, бо таври тезӣ барқарор кардани ноҳия ғайримаъмулӣ буд. Бо ташаббусҳои Б.Ғ.Ғафуров ва М. Шогадоев мардуми зиндамондаи Ҳоит ба вилояти Сталинобод ва қабл аз ҳама ба водии Вахш кӯчонида шуданд. Муҳоҷиркунии мазкур аз рӯи зарурат сурат гирифта ба нақшаи муҳоҷиркунӣ дохил карда шуд. Соли 1949 шумораи муҳоҷирон ба 5,5 ҳазор хоҷагӣ расид, ки аз ин шумора зиёда 4,3 ҳазораш ба 14 ноҳияи вилояти Сталинобод тақсим шуданд [11, с. 169].

Бештари мардуми зиндамондаи зилзилаи Ҳоит ба ноҳияҳои Қурғонтеппа ва Қубодиёну Шаҳритус муҳоҷир гардида буданд. Сомончӣ Давлатов собиқ раиси колхозӣ “50- солагии СССР”-и ноҳияи Қубодиён доир ба ҷараёни муҳоҷиркунии мардуми Ҳоит ба ноҳияҳои водии Вахш чунин иброз дошт: “Мардуми Ҳоит ба водии навкорами вилояти Қурғонтеппа кӯчиданд. Давлат ба онҳо ёрии моддӣ расонид. Мардуми меҳнатдӯстӣ кӯҳистон дар водиҳои бекасу бекорхобида ва туқайзорҳо ба кор камари ҳиммат бастанд. Бо меҳнати ҳалоли ин одамон биёбонҳо ба гулистонҳо мубаддал шуданд. Кӯҳистониён бори дигар собит намуданд, ки онҳо мардуми бо нагу номусанд... Аз соли сеюми пахтакориамон сар карда то охири бригадириам танҳо ҷоёҳои беҳтарин –аз якум то сеюм насибамон мегашт... Ана дар ҳамон шароит ҳосили бештар аз бисту панҷ сентнерӣ ба даст меовардем” [12, с. 169].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки мардуми кӯҳанбунёди Ҳоит дар маҳалҳои муҳоҷиргардида софдилона хизматҳои шоёнро анҷом додаанд.

Мардуми ин диёр баъди муҳоҷиркунӣ ба сарзаминҳои навкорам дар водии Вахш колхозҳои “ Коммунизм”, “Максим Горкий”, “Победа”, “Лелин”, “Жданов”, “Киров”, “Лелингарад” ва дигар колхозҳоро таъсис ва барои рушди бемайлони онҳо ҷонбозиҳо кардаанд.

Аммо, дар раванди муҳоҷир кардани аҳолии ноҳияи Ҳоит ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба камбудиву норасогиҳо роҳ дода шуда Р.Абдулҳаев чунин менависад:“ Масалан, дар мавриди ба вилояти Сталинобод ва қабл аз ҳама ба водии Вахш кӯчонидани аҳолии ноҳияҳои Ҳоит ва Ғарм, инчунин колхозҳое, ки дар дохили вилояти Сталинободу Кӯлоб муҳоҷир карда мешуданд, дар макони нав молу маводи рӯзгор ва дигар дороии онҳо дуруст ба ҳисоб гирифта намешуд. Дар натиҷа, қисми чорвои колхозҳо ва оилаҳои муҳоҷиргашта бо роҳу воситаҳои гуногун талаву тороҷ мегаштанд, ки ин амал сабаби дилсардӣ ва саргардонии одамони зиёде мешуд. Далелҳои зиёд ба он шаҳодат медиҳанд, ки барои сари вақт бартараф кардани ин кору амали номатлуб ташкилоту идораҳои мутасаддӣ чораҳои лозимаро андешида, як дараҷа пеши роҳи туздиву ғоратгарӣ, бо ҳар баҳона тороҷ кардани молу мулки мардуми бар асари воқеаҳои мудҳиши табиӣ зарардидаро доштанд” [1, с. 260-261].

Бояд изҳор намуд, ки дар рафти корҳои оммавӣ-фаҳмондадиҳӣ ва сиёсӣ-тарбиявӣ дар дигар ноҳияҳои кӯҳиву баландкӯҳи Тоҷикистон мунтазам дар байни меҳнаткашон гузаронида мешуданд. Ин тарзи корбарӣ дар ҳамон вақт барои амалӣ гардонидани сиёсати муҳоҷиргардонии деҳқонон дар мавзеҳои пахтакор мусоидат кард. Дар натиҷа соли 1949 аз чанд ноҳияҳои кӯҳӣ деҳқонон ба водиҳои фарох кӯчонида шуданд. Танҳо аз як худи шӯрои деҳоти Яхакпасти вилояти Ғарм ба заминҳои нави тоҷик 7 колхозҳо муҳоҷир гардиданд [1, с. 20].

Ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта аз минтақаҳои кӯҳистон ба ноҳияҳои пахтакор муҳоҷиршавӣ суръат гирифт. Нақшаи ба Регару водии Вахш аз ноҳияҳои Шулмак, Ғарм, Оби Гарм, Тоҷикобод, Тавилдара ва Ҷиргатоли (ҳозира Лахш) вилояти Ғарм муҳоҷир намудан низ бар зиёд иҷро гардид. Ба ҷои 845 хоҷагии пешбинишуда 934 хоҷагӣ муҳоҷир карда шуд. Ҳамчунин аз ноҳияҳои Хоруғ, Бартанг, Рӯшон, Шуғнон ва Ванҷи ВМКБ 109 хоҷагӣ ба навоҳии Ҷиликӯл, Кагановичобод ва совхози “Кофарниҳон” муҳоҷир карда шуданд [10, с. 61-62].

Рафти гузаронидани муҳоҷиргардонии дохилӣ аз ҷониби мақомот ва ташкилотҳои болоӣ сари вақт назорат шуда, масъалаҳои навбатии ба миён омада, мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор мегирифтанд. 31-уми январи соли 1950 Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нақшаи соли 1950 ба ноҳияҳои пахтакор муҳоҷиркунӣ ва аз лиҳози хоҷагӣ ҷойгиркунии деҳқонон” қарор баровард.

Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар қарори номбурда шумора ва ҷову макони нави муҳоҷиронро дар соли 1950, яъне соли ҷамъбастии панҷсолаи пас аз ҷангиро муайян кард. Дар ин ҳуҷҷат аз ҷумла омадааст: “Нақшаи муҳоҷиркунии колхозҳо ва хоҷагиҳои алоҳида дар соли 1950 бо шумораи 6500 хоҷагӣ тасдиқ карда шуда, вилояту ноҳияҳои ҷои баромад ва макони нави ҷойгиршавии онҳо пешакӣ муайян карда шаванд. Комитетҳои иҷроияи вилояти Ғарм, Кӯлоб, Сталинобод ва раёсати муҳоҷиргардонии назди Шӯрои Вазирон вазифадор карда шаванд, ки нақшаи муҳоҷирати деҳқонон аз ноҳияҳои макони баромадашон дар муддати ду ҳафта таритиб дода шавад” [1, с. 198].

Аз рӯи рақами нишондодашуда маълум мегардад, ки шумораи муҳоҷиркунӣ дар соли 1950 бар зиёд буда, афзун гардидани корҳои ирригатсионӣ –мелиоративӣ ва азхуд кардани заминҳои нав дар водии Вахш мебошад. Соли 1950 аз ноҳияҳои вилояти Ғарм ба ноҳияҳои вилояти Сталинобод 40 колхоз муҳоҷир гардиданд. Аз ин шумора ба ноҳияҳои Шаҳритӯс 5, Октябр 15, Кировобод 8, Микоянобод 8, Ҷиликӯл 3 ва Куйбышев 1 колхозҳо муҳоҷир карда шуданд [1, с. 199].

Соли 1950 колхози ба номи “Энгелс”-и ноҳияи кӯҳии Тавилдара ( Сангвор) ба водии Вахш дар мавриди якҷоякунии хоҷагиҳо муҳоҷиргардонида шуда, ба колхози “Победа”-и ноҳияи Октябр мутаҳҳид карда шуд. Соли 1949 аз 95 гектар замини колхози ба номи “Энгелс”, даромади умумии солонаи он зиёда аз 11- ҳазор сӯмро ташкил кард. Баъди муттаҳиднамои колхози мазкур ба колхози “Победа”-и ноҳияи Октябр, шароити мусоид барои кишту кор ба вуҷуд омада, даромади солонаи он дар умум зиёда, аз 4,6 миллионро ташкил кард.

9 ноябри соли 1951 шумораи хоҷагиҳои водии Вахш, аз ҳисоби колхозҳои Комсомолобод (Нуробод), Ғарм (Рашт) ва собиқ ноҳияҳои Тавилдараву Оби Гарм 1852 хоҷагиро ташкил намуданд. Аз ноҳияҳои пештараи вилояти Ҳисор: Варзоб, Ромит ва Файзобод шумораи хоҷагиҳои муҳоҷиргардида, 628 хоҷагӣ ва дар умум шумораи хоҷагиҳои водии Вахш 2438 хоҷагиро ташкил намудаанд [4, с. 129]. Инчунин, бо шумораи номаълум аз ВМКБ низ аҳолии маҳаллӣ ба водии Вахш муҳоҷир гардидааст.

Дар тӯли солҳои 1949-1951 қариб 16 –ҳазор ҳоҷагиҳои деҳқонони ноҳияҳои кӯҳиву баландкӯҳ ба мавзеъҳои навбунёди пахтакори ҷумҳурӣ муҳоҷир гардиданд. Аз шумораи мазкур 7973 хоҷагӣ аз вилояти Ғарм, 4443 аз вилояти Кӯлоб, 2747 аз ноҳияҳои тебеи марказ ва қисми дигараш аз вилоятҳои Лелинободу ВМКБ буданд [3, с. 49].

Мувофиқи маълумоти котиби обкоми вилояти Ғарм Б. Ҷобиров соли 1953 аз ҳисоби муҳоҷирони 18 колхозҳои вилоят барои кишт ва пешрафти пахтакорӣ, 14 517 гектар заминҳо аз худ карда шуданд [13, с. 160]. Мувофиқи қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 1956 “Дар бораи нақшаи муҳоҷиргардонӣ ва интихоби муташаккилонаи коргарон дар соли 1956 барномаи муҳоҷиргардонии колхозчиён” ва дигар қисми аҳолии ноҳияҳои кӯҳиву баландкӯҳ ба колхозу савхозҳои пахтакори ҷумҳурӣ чучин ба чашм мерасид: дар вилояти Лелинобод мувофиқи ин нақша ба даштҳои Дилварзин 1200 хоҷагиҳои деҳқонон муҳоҷир мешуданд.

Бағайр аз ин, дар ин вилоят ба нақша гирифта шуда буд, ки 1000 хоҷагиҳое, ки маконашон дар натиҷаи сохтмони неругоҳи барқи обии Қайроқум ба зери об мемонд, низ ба даштҳои Дилварзин кӯчонида шаванд. Инчунин аз ноҳияҳои Даштиҷӯм, Ховалинг, Ғарм, Тоҷикобод, Ҷиргатол ба ноҳияҳои Фархор ва Маскав кӯчонидан ба нақша гирифта шуда буд. Дар натиҷаи чорабиниҳои зиёди тарғиботӣ дар зарфи солҳои 1955-1956 ба колхозу совхозҳои пахтакори ҷумҳурӣ 4188 хоҷагиҳои колхозчиёни ноҳияҳои кӯҳиву баландкӯҳ муҳоҷир карда шуданд [1, с. 215].

Дар нимаи дуввуми солҳои 50-ум ҳосилнокии меҳнати колхозҳову совхозҳои заминҳои навкорами водии Вахш ва мавзеҳои Фархору Чӯбек хеле баланд гардид. Колхози “Околтин”-и ноҳияи Шаҳритус соли 1958 аз истеҳсоли пахта ва дигар маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ 32, 8 миллион сӯм даромад ба даст овард.

Дар колхоз бисёр бригадаҳо дар ҷараёни истеҳсолот намунаи ибрат нишон дода, барои ҳосили баланди пахта ва дигар соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ азму кӯшиши зиёде ба харҷ доданд. Бригадаҳои муҳоҷирони водии Ғарм В. Сатторов, Э. Нургелдиев, Х. Ҳайдаров аз ҳар гектар замин 38-41 сентнерӣ пахта истеҳсол карда, то 2, 2 миллион сӯм даромад ба даст оварданд [1, с. 294].

Ҳамин тариқ, бо муҳоҷиргардидани мардуми вилояти Ғарм дар ҷумҳурӣ шароити васеъи корҳои ирригатсионӣ бавуҷуд омад. Муҳоҷирони Вахё ва Тавилдара дар ноҳияи Сарой Камар (ҳоло Панҷ) заминаи пахтакориро дар колхозҳои “ Коммунизм” ва “ Лелинский путь” заминагузорӣ намуданд. Дар ноҳияи Қумсангир муҳоҷирони аз ноҳияҳои Ғарм, Ҳоит ва Қалъаи Лаби Об рафта, колхозҳои ба номи Лелин, Жданов, Коммунизм, Победаро таъсис доданд. Дар ноҳияҳои Қурғонтеппа колхозҳои Октябр, Лелин ва совхози Куйбишев таъсис ёфтанд. Инчунин, барои таъсиси колхозу савхозҳо дар Ҷилликӯл, Колхозобод, Қубодиён, Шаҳритӯс ва Ҳисор чандин бригадаҳои корӣ фаъолият намудаанд [8, с. 133].

Муҳоҷирони аз Ҷамоати Шули ноҳияи Ғарм ба Пахтаобод, Сари Осиё ва Регар фиристонида шуданд. Онҳо бо дастаҷамъӣ ба коргарони колхози “Байналмиллалӣ” ба номи Охунбаев пайвастанд. Бештари мардуми муҳоҷиргардидаи ин ҷамоат ба колхози ҳамсоя “Эфиронос” кору фаъолият намуданд. Аз ноҳияҳои Шулмак ва Дарвоз муҳоҷирон ба ноҳияҳои Шаҳритусу Қабодиён фиристонида шуданд. Муҳоҷирон на танҳо дар корҳои пахтакорӣ, инчунин дар заводҳои равғанкашӣ, пахтатозакунӣ ва дигар корҳои хоҷагидорӣ фаъолият менамуданд [8, с. 133].

Роҳбарон ва бригадирҳои колхозҳои мазкурро намояндагони муҳоҷирон сарварӣ мекарданд. Масалан, солҳои 1951-1955 Анвар Қаландаров сарвари колхози ба номи Лелин, Анвар Ҳомидов сарвари колхози “ Коммунизм”-ро ба ӯҳда доштанд. К. Эшбоев (аз Ҳоит) сарвари колхози “Коммунизм” дар ноҳияи Қумсангир, Саидов Талбак (аз Дарвоз) сарвари Шаҳритус ва дигарон тавонистанд, ки баъди ҷараёни муҳоҷиркунӣ колхозҳои ин мавзеъро аз ҷиҳати буҷҷет бой ва ҳатто миллионер гардонанд [8, с. 134].

Тибқи маълумотҳои собиқ коргари КМ ҲК Тоҷикистон, О. Исмоилова, охири соли 1951, 200 нафар: мардон, занон ва кудакон, аз муҳоҷирони ВМКБ дар водии Вахш буда, ба шаҳри Душанбе, назди бинои КМ ҲК Тоҷикистон омаданд. Онҳо талаб намуданд, ки ба ҷойи зисти пештараи хеш баргарданд. Чунин норозигӣ аз тарафи деҳқонон, тамоми низоми сиёсати ҳамонвақтаро бетоқат намуд. Аз ҳама бештар Котиби якуми ҲК(б) Тоҷикистон Б. Ғафуров ба ташвиш омада буд. Ӯ ба тамоми намояндагони Комитети Марказӣ супориш дод, ки то тамоми муҳоҷиронро ба зали маҷлисгоҳ гузаронанд. Инчунин, фармуд, ки ба онҳо нон ва чой диҳанд. Баъди гузаштани чанд вақт Б.Ғафуров бо муҳоҷирони норозигардида шинос шуд.

Яке аз занон бо гиря ба сухан оғоз намуд: “ Се фарзанд таваллуд кардам, ҳамаи онҳо фавтиданд. Дар чунин води шумораи мурдагон зиёд аст. Дар ҷойе, ки шароити зиндагӣ нест натанҳо кӯдакон, балки мардону занон низ мефавтанд...”. Суханони зан обӯ рӯи тамоми кормандҳои КМ ҲК-ро паст намуд. Ҳатто нафаронеро, ки ба масъалаи муҳоҷиркунии аҳолӣ вазифадор гардида буданд. Аз ҳама бештар Ҷ. Расулов ба ташвиш афтода буд. Ҷ. Расулов суханони ин занро то охир гуш накарда қайд намуд: “ ... Агар як касро иҷозат диҳед, ҳама мегурезанд”. Баъди шунидани суханҳо тамоми издиҳоми мардум ба шӯр омад. Б. Ғафуров,

издиҳоми муҳоҷиронро ором намуда, қайд кард: “Ин масъаларо дар Москва то пагоҳ шахсан худам ҳал мекунам!”.

Рӯзи дигар, пагоҳӣ Б. Ғафуров ба муҳоҷирон чунин гуфт: “ Водии Вахш- ин ватани шумо аст!. Бояд қарзи онро иҷро намоед. Агар дар шумо кучактарин хоҳиши созандагии води бошад, кори хешро давом диҳед ва агар нест, дар бораи бозгашт ба ҷойи пештараатон ариза нависед” [13, с. 162]. Баргаштан ба Бадахшон дар он солҳо кори осон набуд. Зиёда аз 1000 км, дар роҳҳои тангу нишеби кӯҳӣ бо нақлиётҳои боркаш тай намудани роҳ хароҷоти зиёд ва масъулияти баландро нишон медиҳад. Муҳоҷирон бо шунидани чунин суханҳо бо хурсандӣ зали КМ ҲК-ро тарк намуданд.

Раванди муҳоҷираткунии дохилӣ давра ба давра ҷараён дошт. Ҳатто дар бештари мавридҳо ба мавзеъҳое, ки ба қувваи корӣ зарурат надоштанд, муҳоҷирон беихтиёр фиристонида мешуданд. Инчунин, нақшаи пешакӣ кашидаи муҳоҷиркунӣ дар баъзе давраҳо нодуруст ба сомон мерасид. Ҳамаи ин корҳо сабаби ба манзили пештараи хеш баргаштани муҳоҷирон мешуд. Масалан, тобистони соли 1963 шумораи оилаҳои аз заминҳои нав ба ҷойҳои пешина баргашта аз шаҳри Ваҳдат-986, Ғарм-583, Данғара-396, Ҷиргатол-96, собиқ Даштиҷӯм ва Шӯробод-292, Масчоҳи кӯҳӣ-256, собиқ ноҳияҳои Ховалингу Муминобод-206-ро ташкил мекарданд. Ҳамин тариқ, соли 1966 шумораи хоҷагиҳои ба ҷойҳои пештара баргашта, 800 оиларо ташкил мекард. Шумораи мазкур аз ноҳияҳои кӯҳии Орҷоникизеобод-163, Комсомолобод-101, Ҷиргатол- 42, Ғарм-139, Кӯлобу Восеъ -69 буд [1, с. 346].

Ба ҳамаи мушкилиҳо ва сиёсати ҳамон вақта нигоҳ накарда, ба унвони “Идораи асосии муҳоҷиркунӣ ва коргириву бо кор таъминкунӣ”-и назди Шӯрои Вазирони Ҷумҳурӣ, аз номи чанд колхозҳои камиқтидори гурӯҳи ноҳияҳои Ғарм ва Ҳисор аризаҳои дастаҷамъӣ аз хусуси ба таври умумӣ муҳоҷират ба колхозҳову совхозҳои водии Вахш меомаданд. Чунин аризаву дархостҳо аз ноҳияҳои Ҷиргатол, Ғарм, Лелин ва ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ низ расиданд. Аксарияти дархостҳо сари вақт ба сомон дода мешуданд.

Албатта, доир ба муҳоҷирати оилаҳои деҳқонони муқимии кӯҳӣ ба водиҳои фарох маълумотҳои якранг вуҷуд надорад. Мардуми кӯҳистон одати “бобоӣ”-ро нигоҳдошта, “хоки авлодӣ” гуфта тарки онро намехостанд. Муносибати ҳизбиён доир ба масъалаи мазкур ҷиддӣ буд.

Муаррих Р. Абдулҳаев доир ба муҳоҷирати ноҳияҳои вилояти Ғарм ба водии Вахш чунин хулоса дорад: “Меҳнаткашони ноҳияҳои вилояти Ғарм асосан дар мавзеъҳои нав аз худ кардашудаи водии Вахш ва беш аз ҳама дар хоҷагиҳои пахтакор ҷойгир карда шуданд. Зеро ҷойгир кардани деҳқонон, сари вақт ва бе каму кост додани имтиёзҳояшон, аз лиҳози кору меҳнат ва хоҷагӣ таъмин карадан дар маркази диққати мақомоти ҳизбии давлатӣ ва ташкилоту идораҳои салоҳиятдор меистод” [1, с. 205-206].

Хулоса, мардуми ноҳияҳои вилояти Ғарм (ҳоло водии Рашт) аз солҳои 20-уми қарни гузашта сар карда, ба мавзеъҳои гуногуни водии Вахш муҳоҷир карда шуданд. Аз ин ҷо овозаи ин водии зархез ва тарзи зиндагонии осоиштаи аҳолии он, дар байни деҳқонони вилояти Ғарм паҳн гашта буд. Инчунин, хешу ақрабои деҳқонони муҳоҷиршаванда асосан дар водии Вахш маскан гирифта буданд ва онҳо мехостанд, ки дар ҳалқаи наздикон минбаъд кору зиндагии хешро нисбат ба кӯҳистон баланд бардоранд. Омили дигар, ин ки дар водии Вахш заминҳои фарох дошт, мардуми кордӯстӣ вилояти Ғарм барои корам намудани заминҳои ин

минтақа ва дорои шароити обёриву маишӣ муҳоҷиршавии онҳо ба шумор мерафт. Инчунин, имрӯзҳо дар байни наслҳои деҳқонони пештара муҳоҷиршудаи вилояти Ғарм ба водиии Вахш муносибати хешу таборӣ дар сатҳи баланд аст. Барои пешбурду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, кушишҳои назарасро анҷомдода истодаанд.

**Муқарриз: Махсудов А.М. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Абдулҳаев Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1924-2000) [Матн] / Абдулҳаев Р. - Душанбе, 2009. - 479 с.
2. Абдулҳаев Р. Аз таърихи фирориёни Тоҷикистон дар солҳои 20-90-уми қарни XX. [Матн] / Абдулҳаев Р. - Душанбе, 2018. - 272 с.
3. Брискин.А. Кишвари тоҷикон. [Матн] / Брискин А. - М., 1930. - С. 49.
4. Босмачиён дар таърих: нигоҳи нав ба ҳаводиси куҳан. - Рашт, 2019. -126 с.
5. Кошелева А.И., Васильев П.А. Тақсимоти маъмурию ҳудудии Тоҷикистон. (Очерки таърихӣ) [Матн] / Кошелева А.И., Васильев П.А. - Сталинобод, 1948.
6. Қурбонова Ш.И. Муҳоҷират: чӣ гуна рӯй дод? [Матн] / Қурбонова Ш.И. - Душанбе, 1993. - С.64-65.
7. Масов Р.М. Таърихнигории хоҷаги қишлоқи Ҷумҳури Сотсиалистии Тоҷикистон. [Матн] / Масов Р.М. - Душанбе, 1972. - 126 с.
8. Наврӯзов Ғ.Л. Таърихи ташкил ва рушди вилояти Ғарми ҶШС Тоҷикистон (1921-1956) [Матн] / Наврӯзов Ғ.Л. - Душанбе, 2017. - 182 с.
9. Хотамов Х. М. Мухаббатов. Нусратулло Махсум дар бораи хаёт ва эчодиёти ӯ. [Матн] / Хотамов Х. М. Мухаббатов. - Душанбе, 1997. - С. 350.
10. Пирумшоев Ҳ. Бобоҷон Ғафуров ва ҳалли масъалаи муҳоҷирати дохилӣ. [Матн] / Пирумшоев Ҳ. // Мероси ниёгон. - Душанбе, 2018. - №20. С.61-64.
12. Саидов С.Ҷ. Рашти куҳандиёр (маҷмӯаи мақолаҳо) [Матн] / Саидов С.Ҷ. – Душанбе, 2023. - 249 с.
13. Саидов С.Ҷ. Муҳоҷиркунии деҳқонони минтақаи Рашт ба водии Вахш (солҳои 40-70-уми асри XX) [Матн] / Саидов С.Ҷ., Абдулов С.М. // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон. - 2023. - №4 (16). - С. 238-245.
14. Ҳақназаров А., Ҳусайнов А., Мусоев А. Вахшская долина- жемчужина советского союза (1924-1991 гг.)- [Матн] / Ҳақназаров А., Ҳусайнов А., Мусоев А. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 312 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе, 2016. - С. 330.

**Literature:**

1. Abdulhaev R. History of migration in Tajikistan (1924-2000) [Text] / Abdulhaev R. - Dushanbe, 2009. - 479 p.
2. Abdulhaev R. From the history of Tajik refugees in the 20s-90s of the XX century. [Text] / Abdulhaev R. - Dushanbe, 2018. - 272 p.
3. Briskin.A. The country of the Tajiks. [Text] / Briskin A. - M., 1930. - P. 49.
4. Printers in history: a new look at old events. - Rasht, 2019. -126 p.
5. Kosheleva A.I., Vasiliev P.A. Administrative and territorial division of Tajikistan. (Historical essay) [Text] / Kosheleva A.I., Vasiliev P.A. - Stalinabad, 1948.

6. Kurbonova Sh.I. Migration: how did it happen? [Text] / Kurbonova Sh.I. - Dushanbe, 1993. - P.64-65.
7. Masov R.M. Historiography of the rural economy of the Socialist Republic of Tajikistan. [Text] / Masov R.M. - Dushanbe, 1972. - 126 p.
8. Navruzov G.L. History of the organization and development of the Gharm region of the Tajik SSR (1921-1956) [Text] / Navruzov G.L. - Dushanbe, 2017. - 182 p.
9. Khotamov Kh. M. Mukhabbatov. Nusratullo Makhsum about his life and work. [Text] / Khotamov Kh. M. Mukhabbatov. - Dushanbe, 1997. - P. 350.
10. Pirumshoev H. Bobojon Gafurov and the solution to the problem of internal migration. [Text] / Pirumshoev H. // Heritage of Ancestors. - Dushanbe, 2018. - No. 20. P. 61-64.
12. Saidov S.J. Rashti kuhandiyor (collection of articles) [Text] / Saidov S.J. – Dushanbe, 2023. - 249 p.
13. Saidov S.J. Migration of farmers from the Rasht region to the Vakhsh valley (40-70s of the XX century) [Text] / Saidov S.J., Abdulov S.M. // Message of the Pedagogical Institute of Tajikistan. - 2023. - No. 4 (16). - P. 238-245.
14. Haknazarov A., Husaynov A., Musoev A. Vakhsh Valley - the pearl of the Soviet Union (1924-1991) - [Text] / Haknazarov A., Husaynov A., Musoev A. - Dushanbe: Irfon, 2016. - 312 p.
15. Emomali Rahmon. Faces of the Enduring [Text] / Emomali Rahmon. - Dushanbe, 2016. - P. 330.

## НАҚШИ Б.Ғ.ҒАФУРОВ ДАР МУҲОҶИРКУНИИ ДЕҲҚОНОНИ ВИЛОЯТИ ҒАРМ БА ВОДИИ ВАХШ

Дар тӯли солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Тоҷикистон базаи моддӣ-техникии хоҷагии кишоварзӣ ниҳоят коста гардида, майдони заминҳои киштбоб ва вобаста ба он қувваи корӣ низ кам гашт. Махсусан, дар ин давраи мураккаби таърихӣ нисбати истеҳсоли зироати ба хоҷагии халқ ниҳоят лозимӣ пахтакорӣ зарари калон расонда шуд. Аз ин рӯ баҳри ҳарчи зудтар барқарор ва минбаъд икишоф додани ин соҳаи муҳими кишоварзӣ ба ғайр аз мустаҳкам кардани базаи моддӣ- техникӣ, ичунин сари вақт аз ҳисоби деҳқонони ноҳияҳои кӯҳӣ, ки аз камбудани замин азият мекашиданд бо қувваи корӣ таъмин кардан лозим буд.
Дар солҳои минбада ба Тоҷикистон бадарға кардани халқҳои дигар ва муҳоҷирон аз мавзеъҳои берун аз ҷумҳурӣ низ мувофиқи мақсад набуд, ки дар ин хусус муншии аввали ҳизби коммунистии Тоҷикистон Б. Ғафуров ба органҳои болоии салоҳиятдори Иттиҳоди Шуравӣ бо далелу бурҳонҳои боварибахш собит кард.
**Калидвожаҳо:** Инқилоби Октябр, Б. Ғафуров, Ғарм, заминҷунбӣ, Ҳоит, водии Вахш, деҳқонон, Сталинобод, Қурғонтеппа, Шаҳритус, Қубодиён.

## РОЛЬ Б.Г. ГАФУРОВА В МИГРАЦИИ ФЕРМЕРОВ ИЗ ГАРМСКОГО РАЙОНА В ВАХШСКУЮ ДОЛИНУ

В страшные годы Великой Отечественной войны в Таджикистане материально-техническая база сельского хозяйства была сильно истощена, сократились площади пахотных земель и, соответственно, трудовые ресурсы. В частности, в этот сложный исторический период большой ущерб был нанесен производству хлопка — столь необходимой для экономики страны культуры. Поэтому для скорейшего восстановления и дальнейшего развития этой важной

отрасли сельского хозяйства, помимо укрепления материально-технической базы, необходимо было также оперативно обеспечить рабочей силой крестьян горных регионов, испытывающих нехватку земель.

В последние годы депортация в Таджикистан представителей других народов и переселенцев из-за пределов республики также была нецелесообразной, как отмечал первый секретарь ЦК Компартии Таджикистана Б. Гафуров доказал это высшим компетентным органам Советского Союза убедительными доказательствами и аргументами.

**Ключевые слова:** Октябрьская революция; Б. Гафуров; Гарм; землетрясение; Хойт; Вахшская долина; фермеры; Сталинабад; Кургантепе; Шахритус; Кубадийцы.

## T THE ROLE OF B.G. GAFUROV IN THE MIGRATION OF FARMERS FROM THE GARMSKY DISTRICT TO THE VAKHSH VALLEY

During the terrible years of the Great Patriotic War in Tajikistan, the material and technical base of agriculture was severely depleted, the area of arable land and, accordingly, the labor force were reduced. In particular, during this difficult historical period, great damage was caused to cotton production - a crop so necessary for the country's economy. Therefore, for the speedy restoration and further development of this important branch of agriculture, in addition to strengthening the material and technical base, it was also necessary to promptly provide labor to peasants in the mountainous regions experiencing a shortage of land.

In recent years, the deportation of representatives of other peoples and migrants from outside the republic to Tajikistan was also inappropriate, as noted by the First Secretary of the Central Committee of the Communist Party of Tajikistan B. Gafurov, who proved this to the highest competent bodies of the Soviet Union with convincing evidence and arguments.

**Key words:** October Revolution, B. Gafurov, Garm, earthquake, Khoyt, Vakhsh Valley, farmers, Stalinabad, Kurgantepe, Shahritus, Qubadians.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифова Макнуна Қарчибековна** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини ректор оид ба корҳои тарбия, номзади илмҳои таърих, дотсент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 905180033.

**Абдурасулов Исматулло Саъдуллоҷонович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти курси 2-юми ихтисоси таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988779393.

**Сведения об авторах: Шарифова Макнуна Карчибековна** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель ректора по воспитательной работе, кандидат исторических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 905180033.

**Абдурасулов Исматулло Садуллоджонович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистрант 2-го курса истории. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988779393.

**About the authors: Sharifova Maknuna Qarchibekovna** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy rector for educational work, candidate of historical

sciences, associate professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, k. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 905180033.

**Abdurasulov Ismatullo Sadullojonovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, 2nd year history master's student. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, k. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 988779393.

**ТДУ: 93/94**

# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - КАФОЛАТГАРИ РАҲОЁБӢ АЗ ФОҶИАИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

**Олимшозода Ф.О.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

*Касе нест бе орзу бе ному нанг,*
*Ҳамон оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг.*
***Абулқосим Фирдавсӣ***

Тоҷиконро мардумони олам оромтарин халқ, закитарин қавм ва ҳассостарин миллат меҳисобанд, чунки то бад - ин рӯз аз ҷониби тоҷик нисбати халқҳои ҳамҷивори ҳамсоя ҳатто хурдтарин ҳаракати ноҷоҷю нобихрадонае ба вуқӯъ напайвастааст, дили қавмеро наёзурдааст. Биноан, тоҷик гузашта ба гузаштагони хеш хирадро муқаддас медонанду шахси соҳибхирадро эҳтиром менамоянд. Аз ин рӯ, бузургтарин шуарои асили ин миллат андар ситоиши хираду дониш беҳтарин абёти хешро суруда, ки мардумонамон онҳоро сина ба сина ҷовидона нигаҳ доранд.

*Дониш андар дил чароғи равшан аст*
*В - аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*
*Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.*

Пӯшида нест, ки таърихи ростини халқи тоҷик ба ҳазорсолаҳои пеш аз милод мерасад ва ҳамеша ин миллат бо номи пуршарафи гузаштагони хеш миёни оламиён фахр доранд. Ростӣ, ин мардум андар миёни тамоми қавму қабилаҳои сукунатдоштаи Мавороунаҳру Хуросон бо илму фарҳангдӯстӣ, меҳмоннавозиву олиҳимматӣ ва саховатмандиву шуҷоатмандӣ ангуштнамоянд.

Мардуми тоҷик андаруни қавмҳои эронинажод, ки дар ин сӯи Омӯя зиндагӣ доранд, асосан мардуми деҳқонанду пешваранд ва хушдору ҷонибдори фарҳанганд. Чун сухан аз таъриху фарҳанг меравад, моро ёди муаррихоне чун Балъамиву Хондамир, Мирхонду Вассоф меояд. Агар аз фарҳангдӯстиву сиёсатмадорӣ ва низоми давлатдорӣ сухан ба миён ояд, Бузургмеҳру Балъамӣ, Низомулмулку Кайковус, Ҳусайн Воизу Аҳмади Дониш, Бобоҷон Ғафуровро ҷоиз буда бошад, ки баршумурд. Ва агар сухан аз завқу нишот ва лаззати сеҳри сухан равад, дар тахти назм қарор доштани Одамушшуаро Рӯдакӣ ва паямбарони он Фирдавсиву Анвариву Саъдиро кас мебинад.

Ҷоиз ба ёдоварист, ки гар сухан аз қаҳрамониву далерӣ, ватандориву санъати лашкаркашӣ ва нангу номус меравад, моро беихтиёр ёди Спитамену Вахшунвард, Деваштичу Муқаннаъ, Темурмалику Восеъ ва Аҳмадшоҳи Масъуд меояд.

Вале чӣ шуд ба ин "оромтарин халқ", "закитарин ва ҳассостарин миллат"? Чӣ офату мушкилиҳову вазниниҳо ба сари ин миллати фарҳангдӯсту сиёсатмадор,

меҳмоннавозу олиҳиммат, саховатпешу шуҷоатманд омаданд? Ва бисёр ҷои таассуф аст, ки порае аз халқи орому осудаи моро иддае мухолифину тахту кулоҳхоҳ фирефта намуд ва сарварони давлати қонуниямонро имкони кор надод [1].

Хонандаи гиромиқадр, хеле хуб мешуд, ки барои равшанӣ андохтан ба ин мавзӯи ҷиддӣ, мо якҷоя ба таърихи бойи миллати тоҷик назар афканем. Тоҷикистон гарчанде то замони Шӯравӣ, ба монанди давлатҳои Сомониён, Ғуриён, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорони Сабзавор ва ғайраҳо давлатҳои соҳибистиқлоли худро доштанд, вале онҳо аслан давлатҳои авлодӣ - сулолавӣ буданд ва ҳеҷ гоҳ Тоҷикистон ном надоштанд. Дар замони Шӯравӣ ҳам дар доираи Иттиҳод мавҷудияти Ҷумҳурии Тоҷикистон чандон маълум набуд.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ваҳдату ҳамбастагӣ ва ҳамкориҳои байни халқу давлатҳо аз байн рафт. Ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқи иттиҳод истиқлолияти воқеиро чун мо муфт ба даст оварданд. Он ҷумҳуриҳое, ки ба ин тариқа омад кардани бахт шукргузор шуданду ояндабинӣ карданд, ба имрӯзу фардои истиқлол баҳои сазовор доданд ва халқро дар атрофи давлат муттаҳид гардонданд. Дар муддати кӯтоҳ ба дастовардҳои чашмрас соҳиб шуда тавонистанд. Аммо, дар Тоҷикистон ба қадри чунин омили мусоиди шукуфоӣ нарасиданд. Ба ҷойи пеш гирифтани нақшаҳои сулҳовару бунёдкорона, мақсадҳои муғризонаи соҳиб шудан ба мансаб, талаву тороҷ намудани моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, сарватманд гардидану ҳукмронӣ кардан, маҳалгароӣ, ришвапарастӣ, фасоди ахлоқ ва дигар амалиётҳои ғаразнок, ки мардумро дилхунуку парешон мекарданд, боло гирифт. Ҷанги бародаркуш манзилҳои ободро ба коми худ кашид, падарону модарон, додарону хоҳарон, хешу таборон ва ҳамхуну ҳамдиёронро ба таври маҷбурӣ фирорӣ кард.

Душманони миллати мо тавонистанд, ки бо фитнаву дасиса дар миёни бародарони ҳамхун низоъ бархезонанд ва оташи ҷанги таҳмилиро дар сарзамини мо барафрӯзанд, халқамонро парешону саргардон кунанд ва аз бисёр паҳлӯҳои доройӣ маҳрум гардонанд. Дар замоне, ки мардуми мо бо мухолифати мусаллаҳона кашида шуда буд, тақсими мероси давлати абарқудрати Шуравӣ идома дошт ва мо натавонистем, ки ҳиссаи қонунии худро соҳиб шавем. Илова бар он, кашондану аз қаламрави ҷумҳурӣ бурдани захираҳои моддию техникие, ки доштем, ҳамчунин аз касофати ҷанги таҳмилӣ буд.

Доираҳои сиёсии хориҷӣ ва шариконӣ дохилии онҳо нақшаи қисмат намудани Тоҷикистонро таҳрезӣ намуда, бо ҳамин роҳ аз байн бурдани давлати тоҷиконро ба нақша гирифта буданд. Хавфи парешон шудани халқу миллати тоҷик, қисмат шудани марзу буми Тоҷикистони нав соҳиби истиқлол шуда ва аз байн рафтани давлатдории он ошкоро таҳдид мекард.

Дар чунин шароити сангин фарзанди фарзонаи миллат Президенти Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷон ба каф гирифта, аз байн бурдани таҳдиди даҳшатноки ба сари мардуми тоҷик омадаро ҷустанд ва ваҳдати миллӣ, ки ҳамчун омили ҳаётан муҳими сарҷамъ шудани мардуми парешонгашта ва нигоҳ доштани якпорчагии марзу буми Ватан ба ҳисоб меравад, тавонист давлатдории баъди ҳазор сол ба даст омадаро, ҳифз намояд.

Сулҳи Тоҷикистон ба тамоми маънӣ ба фаъолияти сиёсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зич вобаста буд. Ҳанӯз дар Иҷлосияи 16 - ҳуми Шурои Олии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ӯ бо қатъият изҳор намуда буд: “Қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва дар

ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам”. Чунон ки мебинем муассису меъмори Ваҳдати миллӣ ба шахсияти абармарди дунёи сиёсат – Президенти Ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста аст.

16 январи соли 1994 Пешвои муаззами миллат ба ҳамватанони хориҷи хоки кишвар муроҷиат намуда, таҳти мусоидати ҳамаҷонибаи сиёсати пешгирифтаи худ, баҳри бозгашти ватандоронамон ба Ватани яонаи барои ҳамагон азиз – Тоҷикистон, таъкид мекард: “Бародар аз пайи кини бародар намеравад. Ҳама муштоқи дидори шумоянд ва бовар доранд, ки шумо имрӯзу фардо боз хоҳед гашт, дасти бародарони худ хоҳед гирифт ва Ватани ниёгони хешро обод, чароғи хонаи падариро равшан хоҳед кард”.

Дар лаҳзаҳои шодиву сурур, ки миллати парешони мо 27 июни соли 1997 ба ҳам меомад, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба ҳамватанон муроҷиат намуда, таъкид доштанд, ки “Бо назардошти ин рӯҳияи илҳомбахш ва иттиҳоди ҷовидонии миллат айни муддаост, ки рӯзи 27 июнро дар кишварамон Рӯзи ваҳдати миллӣ эълон намоем ва ин санаи фархундаро ҳар сол ба таври умумихалқӣ ид кунем”.

Хонандаи азиз, чи хеле, ки ҳарбиён мегӯянд “бинобар пайдо шудани зарурияти хизматӣ”, мо ба таърихи начандон дури Ваҳдати миллӣ рӯ меоварем, аниқтараш ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 апрели соли 2007, ки Пешвои муаззами миллат иброз доштанд: “Ватани азизи мо – Тоҷикистон имрӯз узви фаъол, эътирофшуда ва соҳибэҳтироми ҷомеаи байналмилалист. Ин мавқеи воло аз ҳар як фарзанди бонангу номуси миллат ва аз ҷумла вакилони мардумӣ тақозо дорад, ки барои имрӯзу фардои Ватан ва пешрафти Тоҷикистони азиз, инчунин барои сари баланду садои буррои он дар арсаи байналмилалӣ пайваста саъю кӯшиш ва талош намояд. Масъулияти Ватану ватандорӣ аз ҳар яки мову шумо меҳнати софдилон, садоқати фарзандӣ, заҳмати бунёдкоронаву талошҳои созанда, масъулияти бузургу азму иродаи қавӣ, ифтихори милливу маърифати баланд ва ниҳоят дасту дили тозаву нияти некро тақозо мекунад” [1].

Пӯшида нест, ки ҳанӯз аз замонҳои басо дури таърих баробари ба вуҷуд омадани давлат шахсияти сарвар ҷиҳати умдаву асосӣ ба ҳисоб мерафт, ки ҳоло ҳам дар тамоми рӯи олам чунин аст. Яъне, ҳама гуна давлат бе сарвар ҳеҷ аст. Аз ин рӯ, маърифатнокиву хирадмандӣ, фаросатнокиву шуҷоатнокӣ ва саховатпешагиву ҷавонмардии шахсияти сарвар яқинан тири паргорест, ки мардуми мамлакат дар атрофаш мечарханд.

27-уми июни соли 1997 фарзанди фарзонаи миллат, сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва дигар фарзандони ватанпараст, меҳнатдӯст ва сулҳхоҳи тоҷик баъд аз нофаҳмиҳо ва даргириҳои таҳмилӣ дар натиҷаи музокироти сулҳ ба ин кашмакашиҳо хотима гузошта, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистонро имзо карданд.

Дар Созишномаи умумӣ, ки чун санади ҳуқуқии дарбаргирандаи маҷмӯи созишномаву протоколҳо, чун натиҷаи гуфтушуниди миёни тоҷикон имзо гардид “Он дар мавқеи байнулбайн, яъне дар миёни манбаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ қарор дошт [2], чунин пешбинӣ мешавад, ки: “Нишонаи олии миллии кишвар сулҳ ва ваҳдати миллии ҳамаи тоҷикистониҳо, сарфи назар аз миллият, диди сиёсӣ, эътиқоди динӣ ва мансубияти маҳаллӣ, хоҳад буд” [3]. “Хушбахтона, аз рӯзи ба сари ҳокимиятомадани Эмомалӣ Раҳмон бо баҳисобгирии хусусиятҳои

таърихӣ, рушди таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ – сиёсӣ асоснокии худро дар пояи давлатдории миллӣ дарёфт" [4].

Истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ волояти иҷрои қонунҳои ҷумҳурӣ, амру дастурҳои Президенти кишвар ва қарорҳои Ҳукумати ҷумҳуриро дар тамоми қаламрави Тоҷикистон таъмин намуд. Ҳамагон фаҳмиданд ва дарк намуданд, ки танҳо бо роҳи сулҳу салоҳ метавонанд ваҳдати миллиро таҳким бахшанд, миллатро зинда кунонанд, эътибору обрӯйи Ватанро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоранд ва насли навро дар рӯҳияи соҳибистиқлолӣ, муҳаббат ба марзу бум, ба таъриху адабиёту фарҳангу забони модарӣ, пешрафти ҷомеаи демократӣ, худшиносии миллӣ ва арзишҳои суннатӣ тарбия кунанд [5]. Дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар радифи Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон меистад. Агар яке бо таври расмӣ соҳибистиқлолии Тоқикистонро эълон карда бошад, дигаре дар мамлакат сулҳу суботро таъмин намуда, онро аз вартаи ҳалокат наҷот дод.

Шодравон Лоиқ Шералӣ аз фарорасии сулҳу оштӣ нафаси тоза кашида, мегӯяд:

*Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,*
*Сулҳи бунёдкори мо омад...*
*Ҷанги девонавори мо бигзашт,*
*Сулҳи деринтизори мо омад.*

Ин санади сарнавиштсоз Тоҷикистонро аз вартаи ҳалокат ва нобудӣ наҷот дода, ба миллати тоҷик руҳи нав, илҳоми нав бахшид, дар сарҷамъ кардани миллат, иттиҳоду ягонагии мардуми тоҷик замина гузошт. Сулҳи тоҷикон на танҳо давлату миллатро наҷот дод, балки дар дили насли ҷавони тоҷик умед ба ояндаи нек, хушбахтӣ, саодатмандӣ, некномӣ ва ваҳдати ногустатаринро зинда намуд.

Чӣ хеле, ки Президенти азизамон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ таъкид мекунанд: "Боварӣ дорам, ки мо якҷоя бо халқи шарифу сарбаландамон имсол ва солҳои минбаъда низ ба хотири рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии давлатамон, таҳкими ваҳдати миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоистаи халқамон ҷаҳду талоши бештар намуда, Тоҷикистони азизамонро дар арсаи олам ба таври сазовор муаррифӣ мекунем... Мо бояд Ватани худро сидқан ва баробари ҷони хеш дӯст дорем, ватандӯсту меҳанпарасти воқеӣ бошем, шукронаи неъмати бузургтарин ва муқаддаси инсонӣ, яъне соҳибватанӣ ва озодиро ба ҷо орем, барои ҳимояи замини аҷдодӣ ҳамеша омода бошем, ба хотири пешрафту ободии давлати соҳибистиқлоламон ва рӯзгори осудаву ороми ҳар як хонадони кишвари азизамон шабу рӯз заҳмат кашем".

Баробари ба даст овардани Созишномаи истиқрори сулҳ, ки моҳиятан як давраи муайяни таърихи ватанамонро инъикос менамояд, мардуми шарифи кишварамон нафаси ором гирифта, ҳамдигарро бародарвор ба оғӯш мегирифтанд ва ашки шодӣ дар ҳалқаҳои чашми азизон ҳувайдо буд, зеро тайи ин солҳо он қадар мушкилоту нофаҳмиҳо ва он қадар гирифтагориҳову хунҷигариҳо ба ҳам печидагӣ дошт, ки кушоиши онҳо ба ҷуз аз муаммои сарбаста чизе наменамуд. Сарвари давлат дар асарҳои таткиқотии худ "Тоҷикон дар оинаи таърих", "Аз Ориён то Сомониён" ва баромадҳои сершумор дар назди аҳли ҷомеа сабабҳои рух додани воқеаҳои фоҷеавори сиёсиро аз назари илмӣ таҳлил намуда, махсусан дур

шудани халқро аз фарҳанг ва таърихи миллат, анъанаҳои таърихии давлатдорию меҳнатӣ, расму оини ниёгон ва набудани шуури худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар ин кор таъкид кардааст.

Маҳз бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар интиҳои асри XX аз фоҷиаи миллӣ раҳоӣ ёфта, Истиқлолияти давлатии худро таҳким бахшид ва миллати тоҷик баъд аз ҳазор сол дар роҳи эҳёи давлатдории миллӣ ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардид ва имрӯз ба сӯи ояндаи нек устуворона қадам мегузорад.

Тамаддуни исломӣ низ барои рушди фарҳанги қавмҳои эронитабор, аз ҷумла, тоҷикон таъсири амиқ гузоштааст. Аз рӯи фарҳанги исломӣ муъмин бародари муъмин шуморида мешавад, ки худ низоъро миёни аъзои ҷомеа раво намедонад. Ҳарчанд қудратталабии қувваҳои сиёсӣ дар муҳити Тоҷикистон ба оғози ҷанги шаҳрвандӣ боис шуд, дар охир мардуми тоҷик хатоҳои хешро дарк карда, боз ба ваҳдати миллӣ расиданд ва сулҳу суботро дар кишвар барқарор карданд. Омилҳои зиёде вуҷуд доштанд, ки барои барҳам хӯрдани ин миллат замина мегузоштанд, аммо нерӯи фарҳангии миллат имкон дод, ки мо ҳар чӣ тезтар ба ризоияти миллӣ наздик шавем ва сулҳ сар то сари мамлакат ҳукмрон гардад.

Дар марҳилаи кунунӣ ваҳдат, тинҷиву оромӣ ва суботи кишвари Тоҷикистон кафили рушди устувору муътадили ҷомеа дониста мешавад. Маҳз ҳаминро муҳаққиқони масъалаи ташаккули раванди сулҳу субот ҳамчун таҷассуми самараи иҷтимоии ин падида маънидод намудаанд.

Ин ҳодисаҳову рӯйдодҳо саҳифаҳои таърихи халқи бузурги тоҷиканд ва мо онро бояд донем ва қадрдонӣ кунем, зеро ки хештанро нашиносем, ба қадри озодиву истиқлол, ба қадри ягонагии миллӣ нахоҳем расид ва ватани кӯҳанбунёди худро ободу халқи мутамаддини худро саодатманд гардонида наметавонем.

Ҳамин тавр, низои тоҷикон ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон таҳмилӣ буд ва ба табиати фарҳангбунёди миллати мо мувофиқат намекард. Бинобар ин, бо зиракиву ҳушёрии сиёсӣ, фарҳангдӯстиву сиёсатмадорӣ, меҳмоннавозиву олиҳимматӣ, саховатпешагиву шуҷоатмандӣ ва дурандешагиву хирадмандии фарзанди фарзонаи миллат Пешвои муаззам, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши роҳи он зуд гирифта шуд ва маҳз фарҳанги бою қадимии мо ба мусолиҳаи миллӣ мусоидат намуд ва дар як муддати кӯтоҳ пеши роҳи ихтилофоти миллӣ дар Тоҷикистон гирифта шуд ва сулҳ ба таври бебозгашт пойдор гардид.

**Муқарриз: Наврӯзов Ғ.Л. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Олимшозода Ф.О. Пешвои сулҳофар. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. (Сборник научных статьей). – Душанбе, 2024, ҶДДМ: “Сармад-Компания”, 2024. – 275 с.

2. Восеъ Қ., Восеъ Ф.. Ваҳдат, давлат, президент. Ҷилди 5. - Душанбе. “Деваштич”, 2007. - 303 с.

3. Ҳамидов Х.Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ҳамчун манбаи ҳуқуқ / Оштии миллӣ ва ризоят – кафили рушди устувори Тоҷикистон: Маводҳои семинар бахшида ба панҷсолагии имзои

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2002. –С.19.
4. Усмонов И., Алиев З. Роҳи сулҳ (ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон). – Душанбе, 204. - С.107.
5. Маҳмудов М. Заминаҳои ҳуқуқии ваҳдати миллӣ / Ваҳдат. - 2002. - №5. Май. –С.4-5.
6. Холиқназаров Х. Ваҳдат кафили ҳастии миллат. – Душанбе, 2012. - С. 10.

**Literature:**

1. Olimshozoda F.O. Peacemaker Leader. Collection of scientific articles. (Collection of scientific articles). – Dushanbe, 2024, JDDM: “Sarmad-Company”, 2024. – 275 p.
2. Vose K., Vose F.. Unity, state, president. Volume 5. - Dushanbe. “Devashtich”, 2007. - 303 p.
3. Hamidov H. General Agreement on the Establishment of Peace and National Consent in Tajikistan as a Source of Law / National Reconciliation and Consent – a Guarantee of Sustainable Development of Tajikistan: Materials of the Seminar Dedicated to the Fifth Anniversary of the Signing of the General Agreement on the Establishment of Peace and National Consent in Tajikistan. – Dushanbe: Sharqi Ozod, 2002. –P.19.
4. Usmonov I., Aliev Z. The Path to Peace (Documents of Negotiations between Tajiks). – Dushanbe, 204. - P.107.
5. Mahmudov M. Legal foundations of national unity / Unity. - 2002. - No. 5. May. - P.4-5.
6. Kholiqnazarov H. Unity is the guarantor of the existence of the nation. – Dushanbe, 2012. - P. 10.

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - КАФОЛАТГАРИ РАҲОЁБӢ АЗ ФОҶИАИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба муҳимтарин ибтикору иқдомоти созандаи Сарвари давлат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун кафолатгари раҳоёбӣ аз фоҷиаи миллати тоҷик ва дар устувор намудани пояҳои давлатдории навини тоҷикон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кардааст. Муаллиф оиди муваффақиятҳои оламшумули ҷумҳурӣ, ки натиҷаи ғамхории бузург ва меҳнати шабонарӯзии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, баҳри саодатмандии Ватани мо ибрози ақида карда, қайд кардааст, ки маҳз ба туфайли амалҳои қатъии Пешвои миллат хоҷагии халқ аз нав барқарор гашта, иншоотҳои нави бузург, роҳҳои автомобилгард сохта шуданд ва ба ҷумҳурӣ имкон дод, ки муносибатҳои худро бо кишварҳои дуру наздики хориҷ инкишоф диҳад, ки дар натиҷа Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сазовори эҳтироми мардуми Тоҷикистон ва даҳҳо ҳазор ҳамватанони бурунмарзӣ гаштааст, ки ҳамаи ин подоши заҳматҳои беандозаи ӯ мебошад.

**Калидвожаҳо:** фоҷиаи миллӣ, кафолатгар, сиёсатмадор, оромтарин халқ, ҳасостарин миллат, давлати соҳибистиқлол, нақшаҳои сулҳофар, мухолифати мусаллаҳона, ваҳдати миллӣ, нангу номус, арсаи байналмилалӣ, садоқати фарзандӣ, иродаи қавӣ, истиқрори сулҳ.

## ПРЕЗИДЕНТ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН – ГАРАНТ СПАСЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА ОТ ТРАГЕДИИ

В данной стать е автор уделяет особое внимание важнейшим инициативам и конструктивным действиям Главы государства – Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикситан уважаемого Эмомали рахмона, как гаранта спасения таджикского народа от национальной трагедии и укрепления основ новой таджикской государственности. Автор высссказал своё мнение о всеобщих успехах республики, которые являются результатом большой заботы и круглосуточного труда Главы государства Эмомали Рахмона во имя счастья нашей Родины, отметив, что именно благодаря решительным действиям Лидера нации была восстановлена национальная экономика, построены новые крупные объекты и автомагистрали, республике предоставлена возможность развивать свои связи со странами как ближнего, так и дальнего зарубежья, в результате чего уважаемый Лидер нации Эмомали Рахмон снискал огроное уважение народа Таджикистана и мирового сообщества.

**Ключевые слова:** национальная трагедия, гарант, спокойный народ, чувствительная нация, независимое государство, мирные планы, вооружённая оппозиция, национальное единство, честь и достоинство, международная арена, сыновняя почтительность, сильная воля, мирное урегулирование.

## THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IS THE GUARANTOR OF THE TAJIK NATIONS SALVATION FROM THE TRAGEDY

In this article , the author pays special attention to the most important initiative sand constructive actions of the Head of State – the Founder of Peace and National Unity – The Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, the Honorable Emomali Rahmon , as the guarantor of the Tajik nations salvation from the tragedy and the strengthening of the foundations of the new Tajik statehood. The author expressed his opinion on the universal successes of the republic, which are the result of the great care and round – clock work of the Head of State, Emomali Rahmon, for the happiness of our Motherland , noting that it was precisely actions of the Leader of the Nation that the national economy was restored, new large facilities and highways were built, and the republic was given the opportunity to develop its relations with countries both near and far abroad, as a result of which the Honorable Leader of the Nation, Emomali Rahmon, has earned the respect of the people of Tajikistan and tens of thousands of compatriots abroad, all of which is a reward for his immense efforts.

**Key words**: national tragedy, guarant, the most peaceful nation, the guarantor of politics, the most politically sensitive nation, independent state, peace plans, armed opposition, national unity, shameful, international arena, filial piety, strong will, peacekeeping.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Олимшозода Фарҳодшо Олимшо** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи педагогика ва тарбияи ҷисмонӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Тел.: (+992) 988420705.
E-mail: f_olimsho @mail.ru

**Сведение об авторе: Олимшозода Фарходшо Олимшо** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, старший преподаватель кафедры педагогики и физического воспитания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Тел.: (+992) 988 42 07 05 E-mail: f_olimsho@mail.ru

**Information the author: Olimshozoda Farhodsho Olimsho** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, senior lecturer, department of pedagogy and physical

education. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63 Street. Phone: (+992) 988420705. E-mail: f_olimsho@mail.ru

**ТДУ: 93/94**

# ИНЪИКОСИ ТАСАРРУФИ УТРОР АЗ ҶОНИБИ МУҒУЛҲО ДАР АСАРИ “ҶОМЕЪУ-Т-ТАВОРИХ”-И РАШИДУДДИН ФАЗЛУЛЛОҲИ ҲАМАДОНӢ

**Тағдиров А.У.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Пас аз қатили корвониёни муғул аз ҷониби хоразмшоҳиён дар Утрор, аниқтараш аз ҷониби ҳокими Утрор Ғоирхон, Чингизхон ҷиддан дар пайи истилои сарзаминҳои ҳудуди давлати Хоразмшоҳиён шуд. Аз ҷониби дигар ин воқеа ба ӯ баҳонаи муносиб афтод. Тибқи ахбори Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ Чингизхон писарон ва умарои тумон ва ҳазора ва саддаро муайян ва мураттаб фармуда, қурултой доир намуд ва дар он роҳбарони лашкарҳоро аз нав таъйин ва масоили лашкаркашӣ ба давлати Хоразмшоҳиро баррасӣ карда, дар соли аждаҳо, яъне моҳи сентябри соли 1219 ба роҳи рӯдхонаи Ирдишӣ илчиёнро пеши султон Муҳаммад фиристода, аз ҳамлаи худ ба ҷониби ӯ огоҳ кард: “Ва поизгоҳ ҳаракат фармуд ва вилояте, ки бар гузар буд, тамомат гирифт. Ва чун ба ҳудуди Қалпақ расид, муқаддам умарои он ҷо Арслонхон ба элӣ ба бандагӣ омад ва суюрғомишӣ ёфта ва дар адади лашкари муғул ба роҳи иноят равон шуд ва аз беш болиғи яптиқут уйғур хайёли хеш ва Алмолиғ Суқноқтегин бо лашкари худ ба хидмат омаданд” [11, с. 488]. Ин ахбори Рашидуддинро муаррихи дигари замони муғул Атомалик Ҷувайнӣ низ тасидиқ мекунад [2, с. 165-166]. Эҳтимол меравад, ки дар инъикоси ин масоил Рашидуддин аз асари “Таърихи ҷаҳонкушо” истифода намудааст. Минҳоҷ Мироҷи Ҷузҷонӣ дар асари худ аз ин воқеаҳо ишора накарда, балки қайд менамояд, ки Чингизхон пас аз шунидани ҳодисаи қатли корвон дар Утрор фармон медиҳад, ки лашкар ҷамъ намуда, ҳаштсад улум берун оварда, дар зери ҳар улум як ҳазор савор ва сесад ҳазор асп номзади баҳодурон кард ва ҳар сарбозро се сарӣ гӯсфанд дода, ба роҳ бароманданд [8, с. 550]. Дар зимн Чингизхон ба сарлашкарони худ мефармояд, ки ба касе аз зану мард ва пиру барно раҳм накарда, ҳамаро ба қатл расонанд.

Ибни Асир ва Муҳаммад Шабоҳанкораоӣ дар асарҳои худ ишора менамоянд, ки Муҳаммад Хоразмшоҳ пас аз қатли корвониёни муғул ҷосусони худро ба ҷониби Чингизхон фиристод. Ҷосусон пас аз баргаштан аз шумораи зиёди лашкариёни муғул ва бераҳмиву хунхории онҳо ба султон хабар доданд, ки дар натиҷа султон ба воҳима афтода, дар пайи чораандешӣ шуд [6, с. 5004; 10, с. 141]. Ибни Асир қайд менамояд, ки пас аз маълумот дастрас кардани султон Муҳаммад дар бораи лашкари муғул аз кори кардаи худ пушаймон шуда, яке аз рӯҳониёни давр-Шиҳоби Хуфиро даъват ва аз ӯ маслиҳат пурсид. Шиҳо ба ӯ маслиҳат дод, ки лашкарҳо ҷамъ ва мардумро даъват намояд, зеро ба мардум воҷиб аст, ки ба хони худ кӯмак намоянд [6, с. 5004]. Ҳарчанд ин донишманд ба ӯ маслиҳати мувофиқ дод, ки бо лашкари зиёд ба канори Сайҳун рафта, ба муқобили лашкари муғул мубориза барад ва дар ин роҳ ӯро мардум дастирӣ менамояд, аммо Муҳаммад Хоразмшоҳ ин пешниҳоди ӯро напазируфт, балки тибқи пешниҳоди умарои худ лашкари худро пароканда ва ба ҳар шаҳр тақсим кард. Умарои Хоразм чунин ақида доштанд, ки лашкари муғул вақте ба Мовароуннаҳр ворид

шавад, аз сабаби надонистани роҳҳо парешон шуда, дар ин вақт бар сари онҳо тохтан мувофиқ аст.

Пешниҳоди Шиҳобуддин нисбат ба пешниҳоди умарои хоразмӣ дурусттар буд. Зеро лашкари Муҳаммад Хоразмшоҳ низ нисбат ба лашкари Чингизхон зиёд буд. Эҳтимол меравад, ки дар ҳолати ҷамъ кардани лашкари худ ва дар якҷоягӣ мубориза бурдан бо Чингизхон имкони шикаст додани душман вуҷуд дошт. Аммо Муҳаммад Хоразмшоҳ бо вуҷуди таҷрибаи бойи лашкаркашиву ғоратгарӣ аз тарси лашкари муғул худ рӯ ба гурез ниҳод.

Рашидуддини Фазлуллоҳ мефармояд: “Дар охири пойизи соли аждаҳои (тобистони 1219) мазкур Чингизхон бо лашкаре ҷарор ба шаҳри Утрор расид ва боргоҳи ӯ дар муқобили ҳисор барафроштанд” [11, с. 488]. Санаи расидани Чингизхонро ба сарҳади давлати Хоразмшоҳ Ҷузҷонӣ ба санаи “ситта ва ъашра санмоиъа” нисбат медиҳад [8, с. 551]. Ҳарчанд масоили ба сарҳади давлати Хоразмшоҳ омадани лашкари муғулро Атомалик Ҷувайнӣ, Муҳаммад бини Алӣ бини Муҳаммд Шабонкораоӣ, Ибни Батута ва Мирхонд тасдиқ мекунанд, аммо аз санаи расидани муғулҳо ба сарҳади давлати Хоразмшоҳ-Утрор ёдовар намешаванд [2, с. 166]. Бо вуҷуди ин, ахбори манобеи хаттӣ дар омодагӣ ва ҳаракати лашкари муғул ба ҷониби давлати Хоразмшоҳ ба ҳам монанд буда, дар ҷузъиёти онҳо тафовутҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба андешаи мо ахбори Рашидуддин Фазлуллоҳ нисбат ба ахбори дигар манобеи хаттӣ пурра ва ба ҳақиқат наздик аст.

Дар манобеи хаттӣ шумораи лашкариёни Чингизхон маълум нест. Дар адабиёти илмӣ ин масъала ба таври гуногун зикр шудааст. Ба ақидаи Бартолд ҳайати лашкариёни муғул аз 150 то 200 ҳазор нафарро дар бар мегирифт [4, с. 271]. Муҳаққиқи Эронӣ Аббос Оштиёнӣ низ ба ин ақдиа розӣ буда, чунин нигоштааст: “Адади лашкариёни Чингизро дар мавқеи ҳаракат ба тарафи Мовароуннаҳр муслимин аз 200000 то 700000 нафар навиштаанд, вале ин миқдор муболиға аст ва ақидаи муҳаққиқини ҷадид ин аст, ки хони мазбур аз 150000 то 200000 бештар сипоҳӣ надоштааст” [1, с. 25]. Таърихнигори аврупоӣ шумораи лашкариёни муғулро “дувист ҳазор нафар” [12, с. 62] номидааст. Дар ҳамин вақт лашкари Хоразм аз лашкари муғул ба маротиб зиёд буда, тавре қайд намудем, дар байни онҳо иттифоқ ва ягонагӣ вуҷуд надошт.

Дар асоси маълумоти манобӣ хаттӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки Чингизхон воқеан дар ибтидо барои ҳуҷум ба давлати Хоразм чандон рағбат надошт ва ё эҳтимол ишғоли онро на дар вақти рӯхдода, балки дертар ба нақша гирифта буд. Зеро ӯ мехост дар аввал давлти Хоразмшоҳро пурра омӯхта, сипас ҳаракат намояд. Аммо қатли корвониёни ӯ дар Утрор боиси таваҷҷуҳи Чингизхон ба Моваруннаҳру Хуросон ва дигар шаҳрҳои дар тобеияти давлати Хоразмшоҳиён қарордошта гардид. Чингизхон пеш аз он ки ба ин сарзамин ҳуҷум кунад, ба султони Хоразмшоҳ нома фиристода, ӯро аз ҳуҷуми худ огоҳ кард ва бо лашкари тахминан 200000 нафара ба ҷониби Хоразм рӯ овард. Дар асնои роҳ ӯ дигар қавму қабилаҳоро ба зери итоати худ даровард. Аз ҷумла, ба ҷониби Қалпақ ҳаракат кард. Пеш аз ҳаракат Арслонхон ва Суқноқтегин ба ӯ байъат намуда, бо лашкари ӯ ҳамроҳ шуданд. Лашкари муғул моҳи сентябри оли 1219 дар сарҳади давлати Хоразмшоҳ шаҳри Утрор қарор гирифт.

Тибқи ахбори “Ҷомеъу-т-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ “Чингизхон фармуд то Чағатой ва Угетей бо чанд тумон лашкар шаҳрро муҳосира кунанд ва Ҷучиро бо лашкаре чанд ҷаррор ба ҷониби Ҷанду Борчинлиғканд

номзад фармуд ва ҷамъе умароро ба ҷониби Хуҷанд ва Фанокат ва ҳамчунин ба ҳар тарафе лашкаре номзад кард ва хештан бо Тулуйхон қосиди Бухоро шуд”[11, с. 488-481]. Оид ба ин масала Атомалик Ҷувайнӣ, Муҳаммад бини Алӣ бини Муҳаммд Шабонкораоӣ ва Мирхонд ба Рашидаддин ҳамфикр мебошанд. Аммо Ҷузҷонӣ ва Ибни Батута аз ин тақсимот ва сафарбарии лашкари муғул ёдовар намешаванд. Аз ин ахбори манобеи хаттӣ хулосаи дигар баровардан мумкин аст, ки Чингизхон то ин вақт аллакай аз вазъи ҷуғрофии давлати Хоразмшоҳӣ ба пуррагӣ огоҳӣ падо карда буд. Дар ҳоле ки ӯ ҷойгиршавии шаҳру навоҳии давлати Хоразмшоҳро хуб медонист, бешак аз қувваи ҳарбии он ва вазъи шаҳру қалаҳо низ ба пурагӣ огоҳ буд. Эҳтимол меравад, ки пеш аз воқеаи Утрор ҳаракат накардани муғул ба ҷониби давлати Хоразм ҳарос аз лашкари султон Муҳаммад буд.

Бино ба тайиди тамоми манобе хаттӣ нахустин ҳамлаи муғулҳо ба сарзамини Хоразмшоҳ аз шаҳри Утрор оғоз шудааст. Дар ин шаҳр Ғоирхон, ки маъмури он буд, барои муқобилият омодагии ҷиддӣ дида буд. Мувофиқи маълумоти Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ султон Хоразмшоҳ лашкари бузурге ба Ғоирхон дода ва Қароча хоси ҳоҷибро бо 10 ҳазор савор ба мадади ӯ фиристода, оид ба истеҳком ва омодагӣ ба ҷанг силоҳи зиёд ҷамъ оварда буд [11, с. 488]. Дар тақвият ба ин гуфтаҳо Атомалик Ҷувайнӣ дар асари худ “Таърихи ҷаҳонкушо” илова менамояд, ки лашкари ба Ғоирхон додаи Хоразмшоҳ 50 ҳазор нафар буд [3, с. 65]. Ибни Батута ин шумори лашкариёнро 60 ҳазор номидааст [5, с. 444] Ин ахборро дигар муаррихон, аз ҷумла Мирхонд низ тасдиқ мекунанд [9, с. 84]. Атомалик Ҷувайнӣ дар илова ба ахбори Рашидаддин чунин мефармояд: “Ғоирхон низ андар дарун кори ҷангро бисанҷида шуд ва мардон ва хелон бар дарвозаҳо таъйин кард ва ба хештан бар бора омад назораткунон ва аз кирдори ноандешида пушти даст ба дандонканон аз лашкари анбӯҳ ва гурӯҳи бошукӯҳ саҳророро дарё дарёфт дар ҷӯш ва ҳавое аз бонги асбоб ба густвон ва заъири шерон дар хуфтан дар ғалаба ва хурӯш” [2, с. 166]. Аммо муҳққиқи замони Чингизхон Ҷузҷонӣ аз ин ҷузъиётҳо бехабар монда, дар ин хусус ҳарфе ба қалам надодааст.

Сутлон Муҳаммад Хоразмшоҳ ҳарчанд Ғоирхонро бо аслиҳаву 50 ҳазор нафар ва ба маълумоти дигар 60 ҳазор нафар муттаҳид кард ва Қароҷа Ҳоҷибро бо даҳ ҳазор нафар ба кӯмаки ӯ фиристод, аммо аз дигар иқдомоти ҳарбӣ дар мубориза бо муғулон дар ин шаҳр чора наандешид. Ҳол он ки ӯ имкон дошт муҳофизини дигар шаҳрҳоро ба кӯмаки Ғоирхон фиристода, бар зидди аҷнабиён омодагии ҷиддитар мегирифт.

Рашидуддин Фазлуллоҳ рафти ҷангро дар Утрор дар “Ҷомеъу-т-таворих” инъикос карда, менигорад, ки муддати панҷ моҳ дар он ҷо ҷанг сурат гирифта, Қароча ба муғулон таслим шуд ва Ғоирхон бошад, мубориза бурда, ба сулҳ бастан розӣ намешуд. Зеро ӯ медонист, ки сабабгори қатли корвониён ва ҳаракати лашкари муғул ӯст ва ба ҳеҷ ваҷ ӯро зинда намегузоранд: “ Ва дар Утрор муддати панҷ моҳ аз ҷониб ҷанг карданд ва оқибат аҳли Утрорро кор ба изтирор расид ва Қароча ба эйл шуданд ва таслими шаҳр ризо дод. Ва Ғоирхон чун медонист, ки маҳийҷи он фитнаҳо ӯст, ба ҳеҷ ваҷҳ абқои худ тасвир намекард ва ҷидду ҷаҳд менамуд ва ба сулҳ розӣ намешуд, ба баҳонаи он ки ба валинеъмат бевафоӣ накунам” [11, с. 489]. Ин хабарро Атомалиқ Ҷувайнӣ ва Мирхонд низ тасдиқ мекунанд [2, с. 166; 9, с. 84]. Бино ба санади тамоми манобеи хаттӣ пас аз панҷ моҳи муҳосира Қароча Ҳоҷиб ба ҷониби муғулҳо гузашта, шабона дарвозаи шаҳро кушод. Аммо дар “Ҷомеъу-т-таворих”-и Рашидуддини Фазлуллоҳ,

“Таърихи Ҷаҳонкушо”-и Атомалик Ҷувайнӣ ва “Табақоти Носирӣ”-и Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ аз кадом дарвозаи шаҳр баромадани Қароча зикр нашудааст. Мирхонд дар ин бора менигорад, ки “Қароча бо тамоми сипоҳ ва атбоъ аз дарвозаи Суфихона берун рафт ва ийл шуда, ҳамон шаб лашкари муғул ба ҳамон дарвоза ба шаҳр рехт” [9, с. 87] Мувофиқи ахбори Рашидуддин Фазлуллоҳ, Атомалик Ҷувайнӣ ва Мирхонд лашкари муғул ба шаҳр ворид шуда, Қарочаро ба бандагии шаҳзодагон бурданд. Писарони Чингизхон бо сабаби он ки Қароча бо махдум худ хиёнат кардааст ва метавонад дар оянда ба онҳо низ хиёнат намояд, ӯро бо тамоми навкаронаш ба қатл расонида, шаҳрро бастанду тамомати мардумро чун рамаи гӯспанд аз шаҳр берун ронданд ва ҳар чи мавҷуд буд, ғорат карданд [11, с. 489; 2, с. 166; 9, с. 87]. Рашидуддини Фазлуллоҳ ва Атомалик Ҷувайнӣ аз қатлу куштори мардум Утрор аз ҷониби муғулҳо хабар намедиҳанд. Ба маълумоти Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ “...чун Утрорро бигирифтанд ва халқро шаҳид карданд” [8, с. 551]. Ибни Батута ин хабари Ҷузҷониро тасдиқ карда, менависад, ки чун ҷанг даргирифт, Чингиз сипоҳи султонро дарҳам шикаст ва Утрорро ба шамшер бигирифт, ҳама мардони шаҳрро бикушт ва атфолро ба асорат бурд [5, с. 444]. Ба андешаи мо, дар ин маврид ахбори Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ ва Ибни Батута ба ҳақиқат наздик буда, эҳтимол меравад, ки Рашидуддини Фазлуллоҳ ва Атомалик Ҷувайнӣ дар инъикоси ин масъала вобаста ба мавқеи иҷтимоии худ ваҳшигариву бераҳмии муғулонро дар Утрор пинҳон доштаанд.

Пас аз ворид шудани лашкари муғул ба Утрор Ғоирхон бо 20 ҳазор марди мусаллаҳ [7, с. 272] ба қалъа паноҳ бурда, аз он ҷо ба муқобили муғулон мубориза бурд. Ин қаҳрамонии ӯро ҳам таърихнависони дарбори муғулон ва ҳам дигар муаррихони асримиёнагӣ инъикос кардаанд. Хусусан, Рашидуддин дар ин бора мефармояд, ки “ Қоирхон бо бист ҳазор мард ба қалъае рафт ва панҷоҳ-панҷоҳ берун меомаданд ва кушта мешуданд ва муддати моҳе ҷанг қоим буд ва аксар ба қатл омаданд. Қоирхон бо ду кас бимонд ва барқарори муҷодилат мекард ва таҷаллуд менамуд” [11, с. 489]. Дар тақвият ба ахбори Рашидуддин Атомалик Ҷувайнӣ, бо вуҷуди он ки аз давлати Чингизхон манфиатдор буд ва тавре зикр кардем, дар хидмати онҳо қарор дошт, ин ҳодисаро бо ифтихор чунин тисвир кардааст, ки на ҳама муҳаққиқони дарборӣ чунин ҷасорат доштанд: “Ғоир бо бист ҳазор марди далер ва мубориzон монанди шер ба ҳисор паноҳид ва ба ҳукми тамомати дил ба марги хуш карданд ва тарки хеш карда, панҷоҳ –панҷоҳ берун меомад ва ба таъону зароб танҳо кабоб мекарданд” [2, с. 168]. Тибқи ахбори Мирхонд дар ин муддат шумораи зиёди муғулонро ба қатл расонданд [9, с. 88].

Пас аз он ки лашкариёни Ғоирхон ба қатл расиданд ва тиру силоҳи Ғоирхон ба итимом расид, канизакон аз деворҳо хишт канда, ба ӯ медоданд ва ӯ бо ин восита муборизаро танҳо давом медод [10, с. 234]. Азбаски Чингизхон дар хусуси зинда овардани ӯ фармон дода буд, лашкариёни муғул маҷбур буданд, ки ӯро зинда дастгир намоянд. Бино ба санади Рашидуддин “Муғулон гирд ба гирди ӯ фурӯ гирифтаанд ва бору ва ҳисорро бо хоки роҳ баробар карданд. Ва аз роаё ва арбоби ҳар фат, ончи аз шамшер боз монданд, баъзе ба ҳашари Бухоро ва Самарқанд ва он ҳудуд ронданд. Ва Қоирхонро дар Кук (сарой) ба қатл оварданд ва аз он ҷо равон шуданд» [11, с. 489-490]. Атомалик Ҷувайнӣ ва Мирхонд ин воқеаро ба монанди Рашидуддин зикр карда, дар ҷузъёти инъикоси ин воқеаҳо дар асарҳои онҳо тафовутҳои ҷиддӣ ба мушоҳида намерасад. Аммо ягона манбае, ки дар бораи ба назди Чингизхон овардани Ғоирхон ва сипас ба қатл расонидани ӯ

маълумот додааст, «Маҷмаъу-л-ансоб»-и Муҳамад Шабоҳанкораоӣ мебошад [10, с. 234].

Аз натиҷаи баррасии масоили мазкур метавон натиҷагирӣ кард, ки баъд аз ба қатл расонидани корвони Чингизхон лашкари муғул ба сарҳади давлати Хоразмшоҳ наздик шуда, нахуст Урганҷро муҳосира намуданд. Ғоирхон, ки яке аз сабабгорони асосии қатли корвониён буд, ба муқоибили лашкарёни Чингиз муборизаи беамон бурд. Аммо бо хиёнати Қароҷа дарвозаҳои шаҳр боз карда шуда, лашкари муғул ба он ворид шуда, онро забт кард ва Ғоирхонро асир гирифта, дар аснои роҳи Самарқанд ба қатл расониданд. Шаҳри Урганҷ бошад, аз ҷониби лашкариёни муғул хароб карда шуда, молу сарвати мардумро ғорат намуданд.

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии масоили ҳуҷуми муғулҳо ба Утрор дар асари "Ҷомеъу-т-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки ахбори Рашидуддин ба маълумоти дигар манобеи хаттӣ шабоҳат дошта, боиси этимод мебошанд. Аммо дар асарҳои муаррихони дарбор, хусусан рисолаи «Ҷомеъу-т-таворих»-и Рашидуддин Фазлуллоҳ ва Атомалик Ҷувайнӣ ваҳшигариву хунхориҳои муғулон чандон воқеъбинона тасвир наёфтааст, ки ин ба мавқеи иҷтимоии муаллифон хос аст. Аз ҷониби дигар ин муаррихон тавонистанд қаҳрамониву корнамоии Ғоирхонро дар мубориза бо аҷнабиён бо ифтихор инъикос намоянд. Бинобар ин, «Ҷомеъу-т-таворих»-и Рашидуддин Фазуллоҳи Ҳамадонӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи истилои Утрор аз ҷониби муғулҳо, инчунин қаҳрамониву фидокориҳои мардуми он ва ғоратгариву хунхориҳои муғулҳо манбаи арзишманди таърихӣ ба ҳисоб меравад.

**Муқарриз: Садиров Ш.А. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**


1. Аббос Иқбол. Таърихи муғул аз ҳамлаи Чингиз то ташкили давлати темурӣ. – Теҳрон, 1388. -624 с.
2. Атомалик Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонкушо. Бо тасҳеҳӣ Муҳаммад Қазвинӣ. – Теҳрон, 1391. - 1016 с.
3. Атомалик Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонкушо. Чопи аввл. Ҷилди 1. - Теҳрон: Дунёи китоб, 1375 ҳ.ш.
4. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Бартольд В.В. Сочинения Том 1. – Москва, 1963. - 763. с.
5. Ибни Батута. Сафарнома. Ҷилди 1. Чопи шашум. - Теҳрон, 1376 ҳ.-639 с.
6. Ибни Асир. Таърихи комили бузурги Ирон ва Ислом. - Теҳрон. Ҷ.30. 1371. - 5130 с.
7. История таджикского народа. Том.III. – Душанбе: Дониш, 2013. – 580 с.
8. Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ. Табақоти носирӣ.Чопи сеюм. - Кобул, 1391 ҳ.ш. - 649 с.
9. Мирхонд. Равзат-ус-сафо. - Теҳрон. Ҷ.5. Чопи пирӯз, 1339. – 628 с.
10. Муҳаммад бини Алӣ бини Муҳаммд Шабонкораоӣ "Маҷмаъу-л-ансоб". Ба тасҳеҳи Мирҳошим Муҳаддас. - Теҳрон, 1363 ҳ. – 374 с.
11. Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеъу-т-таворих. Бо тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммад Рушан. Ҷилди 1. - Теҳрон, 1373. – 775 с.
12. Сондарз Ҷ. Таърихи футуҳоти муғул. Тарҷумаи Абулқосим ҳолат. Чопи дувум. – Теҳрон, 1363 ҳ. - 226 с.

# ИНЪИКОСИ ТАСАРРУФИ УТРОР АЗ ҶОНИБИ МУҒУЛҲО ДАР АСАРИ "ҶОМЕЪУ-Т-ТАВОРИХ"-И РАШИДУДДИН ФАЗЛУЛЛОҲИ ҲАМАДОНӢ

Дар мақола муаллиф ҳуҷуми муғулҳоро ба шаҳри Утрор, ки сарҳади давлати Хоразмшоҳӣ буд, дар асоси ахбори рисолаи "Ҷомеъу-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ инъикос менамояд. Аз ҷумла қайд менамояд, ки тибқи ахбори Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ Чингизхон писарон ва умарои тумон ва ҳазора ва саддаро муайян ва мураттаб фармуда, қурултой доир намуд ва дар он роҳбарони лашкарҳоро аз нав таъйин ва масоили лашкаркашӣ ба давлати Хоразмшоҳиро баррасӣ карда, дар соли аждаҳо, яъне моҳи сентябри соли 1219 ба роҳи рӯдхонаи Ирдишӣ илчиёнро пеши султон Муҳаммад фиристода, аз ҳамлаи худ ба ҷониби ӯ огоҳ кард.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот ба хулосае меояд, ки ахбори Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ ба маълумоти дигар манобеи хаттӣ шабоҳат дошта, боиси этимод мебошанд. Аммо дар асарҳои муаррихони дарбор, хусусан рисолаи «Ҷомеъу-т-таворих»-и Рашидуддин Фазлуллоҳ ва "Таърихи ҷаҳонкушо"-и Атомалик Ҷувайнӣ ваҳшигариву хунхориҳои муғулон чандон воқеъбинона тасвир наёфтааст, ки ин ба мавқеи иҷтимоии муаллифон хос аст. Аз ҷониби дигар ин муаррихон тавонистанд қаҳрамониву корнамоии Ғоирхонро дар мубориза бо аҷнабиён бо ифтихор инъикос намоянд.

**Калидвожаҳо:** Утрор, Хоразмшоҳ, муғул, лашкар, Чингизхон, Рашидуддин, манобеи хаттӣ, инъикос, қатлу куштор.

# ОТРАЖЕНИЕ ЗАХВАТЬ УТРОРА МОНГОЛАМИ В ПРОИЗВЕДЕНИИ «ДЖАМЕУ-Т-ТАВАРИХ» РАШИДУДДИНА ФАЗЛУЛЛЫ ХАМАДОНИ

В статье автор описвает нападение монголов на город Утрар, который был границей государства Хорезмшахов, опираясь на сведения из труды «Джаме-ат-таварих» Рашидуддина Фазлуллы Хамадони. Среди прочего отмечается, что, по сообщению Рашидуддина Фазлуллы Хамадани, Чингисхан определил и приказал сыновьям и умари хумона, хазарейца и садды, провел съезд, на котором переназначал руководителей армий и пересматривал вопросы военного ввода в государство Хорезмшахов, в год дракона, т.е. в сентябре 1219 года к реки Ирдиши отправил послов к султану Мухаммеду и предупредил его о нападении на его стороне.

В результате исследования автор приходит к выводу, что сведения Рашидуддина Фазлуллахи Хамадони аналогичны сведениям других письменных источников и являются поводом для доверия. Однако в трудах придворных историков, особенно в трактате «Джомеу-т-Таварих» Рашидуддина Фазлуллы и «Тарихи Джаханкушо» Атомалика Джувайни, жестокость и кровопролитие монголов изображены не очень реалистично, что характерно для социальной позиция авторов. С другой стороны, эти историки смогли с гордостью отразить героизм и достижения гойр-ханов в борьбе с иноземцами.

**Ключевые слова:** Утрар, Хорезмшах, Монгол, войско, Чингисхан, Рашидуддин, письменные источники, размышление, убийство.

# REFLECTION OF THE MONGOL CONQUEST OF UTRAR IN RASHIDUDDIN FAZLULLOH HAMADANI'S "JAME'U-T-TAVORIKH"

In the article, the author reflects on the Mongol attack on the city of Utrar, which was on the border of the Khorezmshahi state, based on the information in Rashiduddin

Fazlulloh Hamadani's "Jame'u-t-tavorikh". In particular, he notes that, according to the information of Rashiduddin Fazlullah Hamadani, Genghis Khan determined and organized the sons and princes of the tuman, hazra and saddar, held a kurultai, at which he reappointed the leaders of the armies and discussed the issues of military campaigns against the Khorezmshahi state, and in the year of the dragon, that is, in September 1219, he sent envoys to Sultan Muhammad along the Irdishi River, warning him of his attack.

As a result of the research, the author concludes that the information of Rashiduddin Fazlullah Hamadani is similar to the information of other written sources and is reliable. However, in the works of court historians, especially the treatise "Jame'u-t-tavorikh" by Rashiduddin Fazlulloh and "Tarihi jahonkusho" by Atomalik Juvaini, the barbarity and bloodshed of the Mongols are not depicted very realistically, which is typical of the social position of the authors. On the other hand, these historians were able to proudly reflect the heroism and feats of the Ghair Khans in the fight against foreigners.

**Key words:** Utrar, Khorezmshah, Mongol, army, Genghis Khan, Rashiduddin, written sources, reflection, massacre.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Тағдиров Абдуназар Умарбекович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 934113961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**Сведения об автор: Тагдиров Абдуназар Умарбекович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры истории и методики ее преподавания. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 934113961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**Information about author: Tagdirov Abdunazar Umarbekovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant at the department of history and methods of teaching. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 934113961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**ТДУ: 93/94**

# САҲМИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР РУШДИ ҶШС ТОҶИКИСТОН (1946-1956)

**Шарифова М.Қ., Шарифова Г.А.**
**Донишкадаи омӯзгори Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Қобилияти кордонӣ ва ташкилотчигии Бобоҷон Ғафуровро дар солҳои ҷанг ба инобат гирифта роҳбарияти Давлати Шуравӣ аз соли 1946 – то соли 1956 ин шахсро котиби якуми Кумитаи Маркази Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон таъйин мекунанд.

Дар ин вазифаи масъулиятнок Бобоҷон Ғафуров барои пешрафти илму фарҳанг, иҷтимоиёт ва иқтисодиёти Тоҷикистон хело хизматҳои арзанда ва калонро ба анҷом расониданд. Ин шахси бузург содиқона ба ватани худ хизмат намуданд. Дар ин давра кору фаъолияти ҷамъият бо кори роҳбарияти давлат ҳамоҳанг буд. Бобоҷон Ғафуров шахсан ба вилоятҳо, ноҳияҳо ва колхозҳои ҷумҳурӣ ташриф оварда, бо халқи меҳнаткаши худ, олимон, шахсони рузгордида

суҳбатҳо ороста, аз камбудиҳову мушкилиҳои ҷойдошта аз наздик ошно мешуданд ва барои ҳаллу бартараф намудани онҳо чораҳои муҳим меандешиданд. Хулоса, Бобоҷон Ғафуров такя ба халқи худ мекарданд, ба қудрати бузурги халқи худ бовар доштанд ва ҳамеша дар дили халқи худ буданд [7, с. 48-53].

Аллома Бобоҷон Ғафуров, дар вақте ки ҷумҳуриро роҳбарӣ мекарданд дар соҳаҳои саноату иқтисодиёт, илму фарҳанг ва хоҷагии кишоварзии мамлакат дигаргуниву пешравиҳои куллӣ ба амал омаданд.

**Масалан, дар соҳаи саноат ва иқтисодиёт:**

1) тамоми он корхонаҳое, ки бо сабабҳои гуногун дар солҳои ҷанг аз кор монда буданд дубора ба фаъолияти худ шуру карданд;

2) он корхонаву фабрикаҳое, ки қарздор буданд қарзҳои худро пардохт намуда, ба фоидаи худ ва давлат маҳсулот истеҳсол карданро оғоз намуданд; [6, с. 13];

3) дар корхонаҳои саноатӣ муҳити муътадили корӣ ҷорӣ карда шуд. Зеро, дар солҳои ҷанг на танҳо вақти кориро зиёд карда, рузи истироҳат ва рухсатии солонаро бекор карда буданд, балки аз меҳнати наврасону муйсафедон низ васеъ истифода мебурданд. Акнун, корхонаҳои саноатиро ба ҳолати пештара баргардонида, онҳоро бо мутахассисони зарурӣ таъмин намуда, фаъолияташонро аз руи нақшаи давлатӣ ташкил карданд;

4) соли 1948 дар ҷумҳурӣ якчанд заводу фабрикаҳо ба кор даромаданд. Масалан, заводи пахтатозакунии Регар (ҳоло Турсунзода), Куйбешев (ҳоло ноҳияи Абдурраҳмони Ҷомӣ), заводи механики Конибодом, фабрикаи дузандагии Сталинобод (ҳоло Душанбе), комбинати кухи Такоб ва ғайраҳо мебошанд;

5) соли 1948 НБО Варзоб-2 (бо иқтидори 14 ҳазор кВт), ва соли 1952 бошад НБО Варзоб-3 (бо иқтидори 3,46 ҳазор кВт) ба истифода дода шуданд [12];

6) 11 июни соли 1951 сохтмони НБО Қайроқум (бо иқтидори 126 ҳазор кВт) шуруъ карда шуд ва он 14 декабри соли 1957 ба кор шуру кард;

7) соли 1955 дар шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) ҳаракати троллейбусҳо оғоз гардид;

8) соли 1950 саноатчиёни ҷумҳурӣ нисбат ба давраи то ҷангӣ 1,5 баробар зиёд маҳсулот истеҳсол карданд. Аз ҷумла, нисбат ба замони то ҷангӣ, матоҳои абрешимӣ 3,8 баробар, маҳсулотҳои нассоҷӣ – 6,7 баробар, матоҳои пахтагӣ – 5 баробар афзуд;

9) тавлиди қувваи барқ дар соли 1950 нисбат ба соли 1940 дар ҷумҳурӣ ба 2,7 баробар зиёд истеҳсол карда шуд [9].

**Соҳаи илму фарҳанги ҷумҳурӣ:**

1) соли 1946 барои маорифи халқ 233 млн. рубл сарф карда шуд. Соли 1950 бошад ин рақам ба 433 млн. рубл расид;

2) дар солҳои 1946-1950 дар ҷумҳурӣ 548 мактаби нав ва 3 мактаб- интернат барои бачаҳои бе падару модар дар шаҳри Сталинобод, Хоруғ ва Хуҷанд сохта шуда ба истифода дода шуданд. Дар натиҷа соли 1950 шумораи умумии мактабҳо дар ҷумҳурӣ ба 2769 адад расида буд, ки 1854 ададашон мактаби ибтидоӣ, 807 ададашон мактаби ҳафтсола ва 108 ададашон мактаби миёна буданд;

3) соли 1948 бо ташаббуси ин марди хирад дар ҷумҳуриамон аввалин донишгоҳ – Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) таъсис дода шуд. Ин боргоҳи илму маърифат минбаъд дар тайёр намудани мутахассисон барои тамоми соҳаҳои кишварамон нақши калидиро бозид [11];

4) соли 1951 бо кушишу заҳматҳои аллома Бобоҷон Ғафуров дар Ҷумҳурӣ Академияи илмҳо таъсис ёфт. Соли 1953 дар ҳайъати академия 34 муассисаи илмӣ, аз ҷумла, 14 пажуҳишгоҳҳои тадқиқотӣ фаъолият мекарданд. Ҳамон вақт дар онҳо 1971 нафар бо корҳои тадқиқотӣ машғул буданд, ки 30 - нафарашон докторони илм ва 221 нафарашон номзадҳои илм ба ҳисоб мерафтанд [5];

5) Бобоҷон Ғафуров ҳимоятгар ва дусти олимон, шоирон ва нависандагони ҷумҳуриамон ва дар маҷму тамоми Иттиҳоди Шуравӣ ва берун аз он буданд. Бо кушишу талошҳои зиёди ин шахс Садриддин Айнӣ аз шаҳри Самарқанд ба шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) даъват ва оварда шуданд;

6) Бобоҷон Ғафуров барои омузишу таҳқиқи таърихи миллати тоҷик бисёр олимони забардасти русро ба монанди М.С. Андреев, А.А. Семёнов, В.В. Струве, И.И. Умнякова, А.Ю. Якубовский ҷалб карданд [10];

7) барои таҳқиқотҳои илмӣ, чопи китобҳо, журналҳои илмӣ, гузаронидани ҳафриётҳои бостоншиносӣ роҳбарияти ҷумҳурӣ, ки онро Бобоҷон Ғафуров роҳбарӣ мекарданд маблағҳои калон ҷудо карда мешуданд. Ин дастгириҳо албатта самараи хуб доданд барои пешрафти илми тоҷик ва дар маҷмуъ илми таърих;

8) соли 1956 – Донишкадаи политехникӣ (ҳоло Донишгоҳи техникӣ) таъсис дода шуд.

9) минбаъд бо талошу дасгириҳои Бобоҷон Ғафуров соли 1970 дар шаҳри Душанбе институти шарқшиносӣ таъсис ёфт.

**Соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ:**

Бо кӯшишу захматҳои бевоситаи Бобоҷон Ғафуров дар соҳаи саноат, хоҷагии қишлоқ, ҳаёти мадании мамлакат дастовардҳои хеле бузург ба даст омад. Пахтакорони тоҷик истеҳсоли умумии пахта ва ҳосилнокии онро сол аз сол баланд бардоштанд ва бо роҳбарии Бобоҷон Ғафуров усулҳои наву пешқадами пахтакорӣ ҷорӣ гардид. Дар шаҳри саноатии мамлакат Чкаловск (ҳоло Бӯстон) корхонаи бузурги сатҳи умумиттифоқи Комбинати кӯҳӣ- кимиёвӣ (Комбинати 6-ум) ба фаъолият оғоз намуд, ки дар баланд бардоштани иқтидори саноати атомӣ ва мудофиавии ИҶШС нақши муҳим бозид.

1) моҳи сентябри соли 1946 бо кушишу талошҳои зиёди Бобоҷон Ғафуров Москав ва шурои вазирони Иттиҳоди Шуравӣ қарор “Дар бораи минбаъд тарақӣ додани соҳаи кишоварзӣ ва пахтакорӣ”-ро дар Тоҷикистон қабул кард. Тибқи ин қарор аз марказ барои ҷумҳурии мо маблағҳои калон барои аз худ кардани заминҳои нав, муҳоҷиркунии мардуми куҳистон (аҳолии Куҳистони Мастчоҳ, Ғарм, Қаротегин, Кулоб, Балҷувон ва ғайра) ба водии зархези Вахш, дашти Дилварзин ва ғайраҳо шуруъ карда шуд [1, с. 28];

2) сохтмонҳои азими соҳаи обёрикунии – каналҳо обанборҳо оғоз ва ба анҷом расонида шуд. Мисол бунёди 4 - канали обрасон, ки дарозиашон қариб 35 км ва 3 - маркази калони обкашӣ дар ноҳияи Мастчоҳ сохта, ба истифода дода шуданд. Дар натиҷа 103 ҳазор гектар заминҳои беоб шодоб карда шуданд [12];

3) соли 1951 ба сохтмони обанбори Қайроқум шуру карда шуд ва он соли 1956 ба итмом расид;

4) соли 1948 ҷумҳурӣ нақшаи давлатии супоридани пахтаро барзиёд иҷро намуд ва ҳосилнокии пахтаро аз ҳар гектар қариб ба 19 сентнер расонид. Дар натиҷа нақшаи пахтаистеҳсолкуниро ҷумҳурӣ дар се сол, яъне соли 1948 барзиёд иҷро намуд;

5) солҳои 1946-1948 зиёда аз 200 нафар меҳнаткашони тоҷик бо унвони баланд – Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ сарфароз гаштанд, ки 41 нафари онҳо занҳо буданд. Қариб 8 ҳазор нафари дигар бо ордену медалҳои давлатӣ мукофотонида шуданд [2, с. 6-7];

6) соли 1950 дар ҷумҳурӣ 288,7 ҳазор тонна пахта истеҳсол карда шуд, ки нисбат ба соли 1941 (181,8 ҳаз. тонна буд) зиёда аз 100 ҳазор тонна бештар буд;

7) ҳаҷми андоз аз хоҷагиҳои колхозчиён хело кам карда шуд. Аз ҷумла дар ҷумҳурӣ, ҳаҷми чунин андозро дар соли 1954 нисбат ба соли 1952 ҷамъ 54% кам карданд, қариб 3,5 млн сум қарзи пешинаи колхозҳоро бахшиданд. Дар натиҷа он сол даромади колхозчиёни ҷумҳурӣ қариб ба 40 млн. сум афзуд [4, с. 10];

8) пешқадамони соҳаи кишоварзиро давра ба давра бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз менамуданд. Қаҳрамонони меҳнати сотсиалистӣ Саидхуҷа Урунхоҷаев ду карат, Миралӣ Маҳмадалиев, Абдуғаффор Самадов, Аскаралӣ Мирзоев ва дигарон бо кордонии худ дар соҳаи пахта ба гирифтани чунин мукофоти баланд сарфароз гардиданд.

**Соҳаи сиёсат ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ:**

1) бо мақсади аз сари нав ба танзим даровардани фаъолияти Шуроҳои ҷумҳурӣ, солҳои 1946-1948 интихоботи онҳо гузаронида шуд. Дар натиҷа дар ҷумҳурӣ аз марказ то маҳалҳо фаъолияти шуроҳо аз сари нав ташкил карда шуданд;

2) фаъолияти ташкилотҳои ҷавонони ҷумҳурӣ - комсомол ҷоннок карда шуд. Камсомол, ки захираи ҳизби коммунистӣ ҳисоб мешуд, бинобар ин ба фаъолияти он диққати махсус медоданд;

3) 15 ноябри соли 1946 бори аввал Гимни ҶШС Тоҷикистон (шеъри Абулқосим Лоҳутӣ, оҳанги Сулаймон Юдаков) садо дод. То ин вақт танҳо Гимни Иттиҳоди Шуравӣ шунавонида мешуд [8, с. 12];

4) фаъолияти иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ ҳам ҷоннок шуд. Октябри соли 1948 Иттифоқи касабаи касбии Тоҷикистон ташкил карда шуд;

5) дар мамлакат коргарон ба рузи кории 8 соата ва ҳафтаи кори шашруза гузаштанд. Дар баробари рузи истироҳат рухсатии меҳнатӣ барқарор гардид.

6) дар давоми солҳои 1948-1950 нархи маҳсулотҳои хурокворӣ ва саноатӣ, аз ҷумла либосворӣ се маротиба арзон карда шуд [3, с 20];

7) музди меҳнати коргарон, деҳқонон, хизматчиёни давлатӣ, идрорпулии донишҷуён ва нафақахурон зиёд карда шуд. Ба нафақаи маъюбони ҷанг диққати махсус медоданд;

8) соли 1947 дар мамлакат ислоҳоти пулӣ гузаронида шуд, ки он қурбӣ сум

9) рубли шуравиро хело баланд бардошт.

Хулоса, ин ҳама пешравиҳо чӣ дар соҳаи саноат ва иқтисодиёт, илму фарҳанг, соҳаи кишоварзӣ ва сиёсату иҷтимоиёти ҷумҳурӣ пеш аз ҳама вобастагӣ дошт ба қобилияти корбариву кордонии худи Бобоҷон Ғафуров ҳамчун роҳбари давлат. Дуюм ин ҳама соҳаҳо аз ҷониби давлат хуб маблағгузорӣ карда мешуданд. Сеюм меҳнати зарбдори шабонарузаи тамоми меҳнаткашони мамлакат низ қобили зикр аст. Чаҳорум мутахассисони ватандуст, соҳиби дониши хуб дар сохторҳои роҳбарикунандаи давлат фаъолият мекарданд, ки ин ҳама барои пешрафти ҷӯмҳурӣ нақши муҳим бозид. Панҷум мушкилиҳои мавҷудбудаи асосиро ошкор карда, онҳоро сарҷамъона ислоҳу бартараф карданд.

Аллома Бобоҷон Ғафуров, вақте ки ҷумҳуриро роҳбарӣ мекарданд дар соҳаҳои саноат, иқтисодиёт, хоҷагии кишоварзӣ ва илму фарҳанги мамлакат дигаргуниву пешравиҳои куллӣ ба амал омаданд.

Барои фаъолияти пурғайрати ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва хизматҳои бузург дар инкишофи шарқшиносии шуравӣ Бобоҷон Ғафуров соли 1968 бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва соли 1975 бо ордени Инқилоби Октиябр сарфароз гардид.

6 маротиба бо ордени Ленин мукофотонида шудааст. Фаъолияти бештари олим бо илм ва корҳои ҷамъиятӣ сахт марбут буд – муовини Раиси Кумитаи шуравии якдилӣ бо кишварҳои Осиё ва Африқо, Раиси Кумитаи якдилӣ бо халқҳои Осиё ва Африқо, ҳамчунин Раиси Кумитаи омузиши тамаддуни Осиёи Марказии назди Комиссияи миллии шуравии ЮНЕСКО.

Дар ташаккули ҳар як халқу миллат бузургоне ҳастанд, ки номи онҳо дар ҳеч давру замон аз хотири мардум фаромуш намешавад. Хушбахтона, чунин шахсиятҳо дар таърихи тамаддуни миллати тоҷик кам нестанд ва онҳо на танҳо ифтихори миллати мо, балки боиси сарафрозии мардуми олам гардидаанд. Академик Бобоҷон Ғафуров узви фахрии Созмонҳои илмии кишварҳои хориҷӣ, доктори фахрии як қатор созмонҳо ва донишгоҳҳои муътабари дохилӣ ва хориҷӣ интихоб шуда буд.

У дорандаи мукофоти байналмилалии ба номи Ҷавоҳирлаъл Неҳру ва мукофотҳои давлатҳои хориҷӣ низ буд:

- соли 1961 дар кишвари Гвинея ҳангоми Конгресси байналмилалӣ Раиси Фонди якдилии Осиё ва Африқо интихоб шуд.

- соли 1966 узви куитаи доимии Кунгураи байналхалқии эроншиносии (Эрон) интихоб гардид.

- соли 1967 узви фахрии Ҳаъияти шарқшиносони Лаҳистон интихоб шуд (соли таъсис 1922).

- соли 1968 ба Ҷоизаи байналхалқии ба номи Ҷавоҳирлаъл Неҳру мушарраф гардид.

- соли 1968 узви Шурои ҳиндӣ доир ба робитаҳои фарҳангӣ интихоб гардид (соли таъсис 1950, Деҳлӣ).

- соли 1969 узви Шурои миллии Ҳиндустон оид ба ровобити фарҳагӣ интихоб шуд.

- соли 1970 ба унвони ифтихории доктори илми Донишгоҳи мусулмонии Донишгоҳи Алигархи (Ҳиндустон) сарфароз гардид (Донишгоҳ соли 1918 таъсис ёфтааст).

- соли 1971 узви ифтихории Ҷамъияти Порис–Осиё интихоб шуд (Фаронса, соли таъсис 1822).

- соли 1972 Раиси Кумитаи Шуравӣ оид ба супоридани ҷоизаи байналхалқӣ ба номи Фирдавсӣ (соли таъсис 1972).

- соли 1972 узви ифтихории Кумитаи байналхалқии нашри осор бахшида ба таърихи кишварҳои Халиҷи Форс (Эрон).

- соли 1972 бо медали 50 – солагии Инқилоби Халқии Муғулистон мукофонида шуд.

- соли 1973 Раиси кумитаи миллии шуравии асотсиатсияи илмии Укёнуси Ором интихоб шуд (соли таъсис 1973).

- соли 1973 Президенти Асотсиатсияи байналхалқӣ оид ба омузиши фарҳанги Осиёи Мркавии назди ЮНЕСКО интихоб шуд.

- соли 1973 узви ифтихории Академияи илм ва фарҳанги Босния ва Ҳерзоговина интихоб шуд (Югославия соли таъсис 1966).

- соли 1974 унвони ифтихории доктори илмҳои Донишгоҳи Теҳронро гирифт (Эрон соли таъсис 1934).

- соли 1974 узви фахрии Ҷамияти Осиё дар Калкутта интихоб шуд (Ҳиндустон, соли таъсис 1784).

- соли 1975 бо нишони Прачами Сурхи Меҳнати Ҷумҳурии халқии Муғулистон мукофотонида шуд.

- соли 1975 узви ифтихории Ҷамъияти шарқшиносони ба номи Чома де Кёрёши назди Академияи илмҳои Маҷористон (Венгрия) интихоб шуд.

- соли 1976 бо нишони тиллоии Шурои умуми ҷаҳони Сулҳ тақдим карда шудааст.

Бобоҷон Ғафуров фарзанди маҳбуби Ватан ва халқи худ аст ва бо итминон гуфта метавонем, ки номи некаш то абад дар хотири наслҳои миллати куҳанбунёд, фарҳангӣ ва тамаддунсози тоҷик зинда хоҳад монд.

**Муқарриз: Наврӯзов Ғ.Л. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**


1. Абдуллоев С.А., Хайдаров Г.Х. Великий сын Таджикистана. - Худжанд, 1998.
2. Асимов М.С. Славный сын таджикского народа // М. С. Асимов / Коммунист Таджикистана, 1989.
3. Ғаффоров У. Бобоҷон Ғафуров – фарзанди фарзонаи миллат. - Хуҷанд, 1996.
4. Караев Ф. Қаҳрамонҳои Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2011.
5. Мухтаров А. Академик Гафуров Бободжан Гафурович. - Душанбе, 1989.
6. Мухторов А. Бузургдошти номбардори миллат // Омӯзгор. - 1990. - 14 авг.
7. Мухторов А.М. Олими барҷаста ва ходими намоёни ҷамъиятӣ: (ба муносибати 70-солагии рӯзи таваллуди академик Бобоҷон Ғафуров) // Коммунисти Тоҷикистон. - 1979. - №12.
8. Пулатов А. Академик Б. Гафуров - гордость нации, факел знания. (Воспоминания) / А. Пулатов. - Душанбе, Ирфон, 1998.
9. Равшанзод М. Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар рушди хоҷагии қишлоқ саноат ва ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 40-50-уми асри XX. Ба қуллаҳои дониш (Нашрияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон). №17 (1483), 28.01.2022.
10. С. Муллоҷон. Масъалаҳои омузишу парвариш дар осори Б. Ғафуров. // Маориф – гарави пешравии ҷомеа. – Душанбе, 2015.
11. Хайдаров Г. Подвиг ученного. // Ленинабадская правда. - 1978. - 30 дек.).
12. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011.


**Literature:**


1. Abdulloev S.A., Khaidarov G.Kh. The Great Son of Tajikistan. - Khujand, 1998.
2. Asimov M.S. The Glorious Son of the Tajik People // M.S. Asimov / Communist of Tajikistan, 1989.
3. Ghafforov U. Bobojon Ghafurov – the son of the nation. - Khujand, 1996.
4. Karaev F. Heroes of Tajikistan. – Dushanbe: Irfon, 2011.

5. Mukhtarov A. Academician Gafurov Bobodzhan Gafurovich. - Dushanbe, 1989.

6. Mukhtarov A. Buzurgdoshti nominadori nation // Omuzgor. - 1990. - August 14.

7. Mukhtarov A.M. Outstanding scientist and prominent public figure: (on the occasion of the 70th anniversary of the birth of academician Bobodzhan Gafurov) // Kommunisti Tajik. - 1979. - No. 12.

8. Pulatov A. Academician B. Gafurov - the pride of the nation, the torch of knowledge. (Memories) / A. Pulatov. - Dushanbe, Irfon, 1998.

9. Ravshanzod M. The contribution of Bobojon Gafurov to the development of agriculture, industry and cultural life of Tajikistan in the 40s-50s of the 20th century. To the heights of knowledge (Publishing House of the National University of Tajikistan). No. 17 (1483), 28.01.2022.

10. S. Mullojon. Issues of education and upbringing in the works of B. Gafurov. // Education - the guarantee of the progress of society. - Dushanbe, 2015.

11. Khaidarov G. The feat of a scientist. // Leninabadskaya Pravda. - 1978. - Dec. 30).

12. Hotamov N., Dovudi D., Mullojonov S., Isomatov M. History of the Tajik people. - Dushanbe, 2011.

## САҲМИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР РУШДИ ҶШС ТОҶИКИСТОН (1946-1956)

Дар мақолаи мазкур оиди қобилияти кордонӣ ва ташкилотчигии Бобоҷон Ғафуровро дар солҳои ҷанг ва баъди ҷангӣ, ки вайро ҳамчун як шахси қобилиятнок ба назар гирифта роҳбарияти Давлати Шуравӣ аз соли 1946 – то соли 1956 ин шахсро котиби якуми Кумитаи Маркази Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон таъйин мекунанд. Дар ин вазифаи масъулиятнок Бобоҷон Ғафуров барои пешрафти илму фарҳанг, иҷтимоиёт ва иқтисодиёти Тоҷикистон хело хизматҳои арзанда ва калонро ба анҷом расониданд. Ин шахси бузург содиқона ба ватани худ хизмат намуданд. Дар ин давра кору фаъолияти ҷамъият бо кори роҳбарияти давлат ҳамоҳанг буд.

Бобоҷон Ғафуров фарзанди маҳбуби Ватан ва халқи худ аст ва бо итминон гуфта метавонем, ки номи некаш то абад дар хотири наслҳои миллати куҳанбунёд, фарҳангӣ ва тамаддунсози тоҷик зинда хоҳад монд.

**Калидвожаҳо:** маъсулият, фарҳанг, қобилият, иқтисодиёт, ислоҳот, саноат, мутахассис, ватандуст, сиёсат, иҷтимоиёт, худшиносӣ, тадқиқот, котиб.

## РОЛЬ БОБОДЖОНА ГАФУРОВА В РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОЙ ССР (1946-1956)

В данной статье рассматриваются способности и организаторские качества Бободжона Гафурова в годы войны и после нее, который был признан способным руководителем. С 1946 по 1956 годы он занимал должность первого секретаря Центрального Комитета Коммунистической партии Таджикистана. На этом ответственном посту Бободжон Гафуров внес значительный вклад в развитие науки, культуры, общества и экономики Таджикистана. Этот великий человек преданно служил своей родине. В этот период работа общества была согласована с деятельностью государственного руководства.

Бободжон Гафуров — любимый сын своей Родины и народа, и можно с уверенностью сказать, что его доброе имя навсегда останется в памяти поколений древнего, культурного и цивилизованного таджикского народа.

**Ключевые слова:** ответственность, культура, способности, экономика, реформы, промышленность, специалист, патриот, политика, общество, самосознание, исследование, секретарь.

**CONTRIBUTION OF BOBOJON GHAFUROV TO THE DEVELOPMENT OF THE TAJIK SSR (1946-1956)**

In the article about the professional and organizational abilities of Bobojon Gafurov in the war and post-war years, which he considered a capable person, the leadership of the Soviet state from 1946 to 1956 appointed this person as the First Secretary of the Central Committee of the Communist Party of Tajikistan. In this responsible position, Bobojon Gafurov made many worthy and great services for the development of science and culture, society and the economy of Tajikistan. This great person faithfully served his homeland. During this period, the work of society was in harmony with the work of the state leadership.

Bobojon Gafurov is a beloved son of his homeland and people, and it is safe to say that his good name will forever remain in the memory of generations of the ancient, cultured and civilized Tajik people.

**Key words:** responsibility, culture, ability, economy, reform, industry, specialist, patriot, politics, society, self-knowledge, research, secretary.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифова Макнуна Қарчибековна –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини ректор оид ба корҳои тарбия, номзади илмҳои таърих, дотсент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 905-18-00-33.

**Шарифова Гулноза Абдувоситовна –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти курси 2-юми ихтисоси таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63.

**Сведения об авторах: Шарифова Макнуна Карчибековна** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель ректора по воспитательной работе, кандидат исторических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 905-18-00-33.

**Шарифова Гулноза Абдувоситовна** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистрант 2-го курса специальность «История». Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э.Мухиддин-63.

**About the authors: Sharifova Maknuna Karchibekovna** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy rector for educational work, candidate of historical sciences, associate professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 905-18-00-33.

**Sharifova Gulnoza Abduvositovna** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, 2nd year master's student, specialty "History", Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin street-63.

ТДУ: 93/94

# МУНОСИБАТҲОИ МИЛЛӢ ВА СИЁСАТ ДАР ТАЪРИХ

**Фақиров Ф.Л.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Масъалаи миллӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва таърихи ба шумор меравад ва асоси онро умумиятҳои этникии одамон ташкил менамояд. Умумияти этникӣ асосӣ гурӯҳи одамон буда, аз авлодҳо (дар давраи ҷамеаи ибтидоӣ), халқият (дар давраи ҷамеаи ғуломдорӣ ва феодалӣ), миллатҳо (дар давраи сохти буржуазӣ) иборат мебошад.

Олами муосир аз ҷиҳати миллию этникӣ хеле гуногун буда, дар ҷаҳон имрӯз тахминан се ҳазор халқу милатҳои гуногун зиндагӣ доранд ва ҳаркадоми онҳо дар сатҳи гуногунии инкишоф қарор доранд.

Дар ҷаҳони имрӯз инкишофи муносибатҳои миллӣ, умумиятҳои махсусе низ вуҷуд доранд, ки то андозае ба моҳияту хусусиятҳои муносибатҳои иҷтимоию этникӣ тағйирот мебахшанд, ки инҳоянд:

**1.Умумияти субэтникӣ –** қисми халқ (этнос) буда соҳиби хосиятҳои махсус ва худшиносӣ мебошад, яъне гурӯҳҳои дохилимиллиянд. Масалан лапласҳо, субэтноси латишҳо, тептерҳо ва лишарҳо субэтноси тоторҳо мебошанд [11, с. 88].

**2.Умумиятҳои матаэтникӣ –** гурӯҳи миллатҳо ва халқиятҳоеро дарбар мегирад, ки хосиятҳои умумии таърихию маданӣ ва хусусиятҳои худшиносии умумиро соҳибанд. Масалан: халқи Форс, халқи Ҳинд ва ғайра.

Миллат ин шакли олии этникӣ буда, оиди ин масъала ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Масалан: баъзе аз муҳаққиқон асоснок мекунанд, ки асоси миллатро умумиятҳои маданию психологӣ ташкил менамояд, баъзе дигарон асоси миллатро ба тақдири ягонагии таърихӣ вобаста медонанд.

Мафҳуми асосӣ ва марказии раванди муносибатҳои миллӣ «миллат» аст. Мафҳуми мазкур пеш аз пайдоиши миллатҳо ба вуҷуд омадааст. Дар таърих аввал мафҳуми «миллат» барои ишора намудан ба қабила ва халқияте, ки хусусиятҳои умумии фарҳангӣ ва забонӣ доштанд истифода бурда мешавад.

Аз ин рӯ хусусиятҳои этникии қабила, ҳокимият ва миллатро ба ҳисоб гирифта, дар маъно онҳоро умумиятҳои миллӣ номидан мумкин аст.

Миллат аз калимаи лотинии (natio), гирифта шуда маънои «авлод» ё «ташаккулёбӣ» мебошад. Мафҳуми миллат, ки ҳанӯз дар асрҳои аввали солшумории мелодӣ истифода бурда мешуд [8, с. 416].

Миллат – ин шакли олии умумияти таърихӣ, этникии одамон буда, дар асоси умумиятҳои ҳаёти иқтисодӣ, забон, ҳудуд, хусусиятҳои ҳаёти маданӣ, шуур ва психология ташаккул меёбад [8, с. 416].

Муддати зиёде «миллат» мансубияти авлодӣ, қабилавӣ ва ба халқе тааллуқ доштанро ифода меёфт ва ин мафҳуми мазкур дар асрҳои миёна васеътар гардид.

Мафҳуми миллатро дар шакли «рухи миллӣ», «иродаи миллӣ» маорифпарварон ва ходимони инқилоби Бузурги Франсуз васеъ истифода намудаанд. Тадриҷан мафҳуми «миллат» дар забонҳои мухталиф маъноҳои гуногунро пайдо намуд. Дар бештари забонҳои Аврупои Ғарбӣ он муродифи (синоними) «аҳолии тамоми давлат»-ро ном гирифта буд [8, с. 416].

Р.Шпрингер – миллатро умумияти маданӣ, иттифоқи ҳаммаслақон ва ҳамзабон медонист [3].

Н.А. Бердияев – миллатро ягонагии тақдири таърихӣ ва дарки ин тақдир аст, ки он худшиносии миллист [3].

К. Каутский – омили муҳимтарини иттиҳоди одамон дар миллат истеҳсолоти молӣ ва савдо ба шумор меравад [3].

Яке аз таълимоти комилтари муносибатҳои миллӣ назарияи марксистӣ – ленинии миллат ва муносибатҳои миллӣ мебошад. Асосгузорони коммунизми илмӣ назарияи миллатро эҷод намуда, диққати бештар ба табиати синфию иҷтимоии пайдоишии миллат, моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва нақши он ҳамчун шакли инкишофи ҷомеа додаанд. Бояд қайд кард, ки муносибатҳои миллӣ хислати интегралӣ дошта, дар худ масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маданию ахлоқиро дар бар мегиранд. Ҷиҳати характерноки нишонаҳои муносибатҳои миллӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо доимо дар инкишоф буда, як сифати аз даст дода, ба худ дигар сифатро мегиранд.

Муносибати миллӣ мафҳуми иҷтимоию сиёсӣ мебошад. Аммо дар он хусусиятҳои сиёсӣ нақши ҳалкунанда доранд. Ба ин пеш аз ҳама давлат, ки ҳамчун омили зарурии ташаккулёбӣ ва инкишофи миллат ва воҳидҳои миллӣ баромад мекунад сабаб мешавад. Азбаски сиёсат ҳамчун фаъолияти байни умумиятҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад, тамоми ҷабҳаҳои муносибатҳои миллиро дарбар мегирад ва ҳамаи масъалаҳои муносибатҳои миллӣ хосияти сиёсӣ доранд. Аммо дар мадди аввал масъалаҳое қарор гирифтаанд, ки ҷиҳатҳои асосии сиёсати миллии давлатиро ташкил медиҳанд. Ба қатори онҳо масъалаҳои зерин дохил мешаванд: худмуайянкунии миллату халқият ва гурӯҳҳои этникӣ; таъмини мутаносибии ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва умумиинсонӣ; баробарҳуқуқии феълӣ ва воқеии ҳамаи миллату халқиятҳо, гурӯҳҳои этникӣ; фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи озод ва бемайлони забони миллӣ ва унсурони гуногуни маданияти миллӣ; ташаккул ва инкишофи системаи мунтазами тайёр намудани мутахассисони миллӣ барои ҷабҳаҳои ҳаёт ва ҷойгирии онҳо ва аз ҷумла, дар таркиби ҳокимият ва масъалаҳои дигар.

**Хосиятҳои зиддиятӣ инкишофи муносибатҳои сиёсӣ.**

Дар аввали асри XXI аҳли ҷомеаи ҷаҳониро тағйирот ва гардишҳои куллӣ ба вуҷуд омад. Низоми нави сиёсии олам ташаккул ёфт, ки аслан дар зери таъсири фаношавии Иттиҳоди Шӯравӣ ва парокандашавии иттиҳоди сотсиалистии кишварҳо ба амал омад. На танҳо муносибатҳои соҳавӣ, балки низоми ҷомеа, сохти иҷтимоию иқтисодӣ, таркиби ҳокимият ва таркиби миллии аҳолӣ дар аксари кишварҳои собиқ сотсиалистӣ тағйир ёфт [2].

Дар фазои баъди шӯравӣ тағйироти куллӣ тамоми ҷабҳаҳои ҳаётро фаро гирифт. Муносибатҳои миллӣ низ авҷ гирифт ва манфиатҳои доираҳои гуногуни сиёсӣ гардид. Дар соҳаи муносибати миллии солҳои охир бештар раванду ҳодисаҳои иртиҷоию муқовиматомез аз худ дарак додаанд. Моҷароҳои байнимиллӣ ва дохилимиллӣ афзуда, пуршиддат гаштаанд. Хусусиятҳои миллии муҳоҷирати аҳолӣ барҷаста гашта, дар бисёр ҳолат он хосияти канора ва иртиҷоиро ба худ гирифт. Сатҳи зиндагии намояндагони миллату халқиятҳои гуногун паст рафт. Бекорӣ ва қашшоқию гуруснагӣ ба масъалаҳои мубрами инкишофи муносибатҳои миллӣ табдил ёфтанд. Дар байни умумиятҳои гуногуни миллию этникӣ сатҳи ҷинояткорӣ, нашъамандӣ ва майлонҳои дигари бадахлоқӣ баланд гардид [8, с. 416].

Масъалаи мухталифи инкишофи ҷомеа дар мавриди инкишофи бухронӣ дар ҷомеаи сермиллат, ҳатман тобиши миллиро ба худ мегирад. Онҳо ҳамчун манбаъ ва барангезандаи моҷароҳо баромад менамоянд.

Дар фазои нави муносибатҳои миллӣ миллату халқиятҳо ба он мекӯшанд, ки эҳёи хешро амалӣ созанд. Соҳибихтиёрӣ ва истиқлолиятро мақсади худ дониста, ҳама гуна омилҳои дигарро мадди назар менамоянд. Махсусан, муносибати байни ақаллият ва аксарияти миллӣ аҳамияти хоса пайдо менамояд. Ваҳдат ва муттаҳидию муташаккилӣ ба ҷумлаи ҳадафҳои асосӣ дохил мешаванд.

Муносибати миллӣ масъалаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии инкишофи ҷомеаро фаро мегиранд. Яъне ҳамаи масъалаҳое, ки манфиатҳои намояндагони умумиятҳои миллию этникиро ифода менамоянд, дар раванди муносибатҳои миллӣ мақоми хоса доранд. Аз ин ҷост, ки хосиятҳои муқовиматомези муносибатҳои миллӣ дар натиҷаи бӯҳрони соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ пайдо мешаванд.

Вазифаи муҳим он аст, ки ҳамаи тарафҳои масъала ҳамаҷониба тадқиқу таҳлил гарданд ва роҳҳою воситаҳои паст гардидани шиддати зиддиятҳои миллӣ, аз байн бурдани мухолифатҳои миллию дохилимиллӣ муайян карда мешавад. Амалӣ гаштани вазифаҳои зерин:

- Аз байн бурдани зиддиятҳои оштинопазирӣ, душмани байни умумиятҳои гуногуни этникӣ, моҷароҳои дохили миллӣ;
- Аз байн бурдани қафомондагии иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию мадании халқҳои собиқ тобеъ;
- Таъмини инкишофи мавзуни маданияти миллии ҳамаи халқҳо;
- Таъмини муносибатҳои мавзуни байни умумиятҳои этникии дар ҳудуди як давлат маскунбуда ва ғайраҳо ба ҳалли масъалаи миллӣ ва умуман инкишофи муносибатҳои миллӣ таъсири муҳим мерасонанд.

Дар шароити ҳозира принсипҳои сиёсии инкишофи муносибатҳои миллиро чунин ҷиҳатҳо ташкил медиҳанд:

1. Принсипи худмуайянкунии миллӣ - эътироф ва эҳтироми ҳуқуқи ҳар як халқ, миллат ё гурӯҳи этникӣ ва шахс оид ба худмуайянкунӣ бояд асоси стратегияи сиёсии муносибатҳои миллӣ бошад. Ҳуқуқи худмуайянкунии миллату халқиятҳо бояд ҷиҳатҳои зеринро фаро мегирад [11].

а) ҳуқуқи миллату халқиятҳо оид ба мустақилона ва озодона ташаккул додани шаклҳои гуногуни муносибатҳо ба халқҳои дигар. Ин ҷиҳат метавонад дар шаклҳои муттаҳидшавии ихтиёрӣ дар давлати ягона: давлати унитарӣ, федеративӣ ва конфедеративӣ воқеӣ гардад. Миллату халқиятҳо метавонанд соҳиби давлати мустақил бошанд.

б) соҳибихтиёрии комили миллату халқиятҳо оиди ҳамаи объект ва субъектҳои дохилӣ, мустақилона ҳал намудани тамоми масъалаҳо, аз ҷумла сохти ҷамъиятӣ ва ё шакли идоракунӣ. Миллату халқиятҳо ҳуқуқи комил доранд, ки бойигарию захираҳои табиии кишвари худро озодона истифода намоянд. Самти инкишофи озоди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба амал мегиранд.

2. Таъмини пурраи баробарҳуқуқии миллату халқиятҳо ва шаҳрвандон новобаста аз забон, дин, нажод ва миллаташон шарти муҳими такмили муносибатҳои миллӣ мебошад. Асоси ин принсипро на танҳо кафолати ҳуқуқӣ, балки моҳияти ин ва ё он системаи ҷамъиятӣ ташкил менамояд. Барои амалӣ гаштани сиёсати миллӣ фақат қабули қонунҳо кофӣ нест. Мавҷудияти шароити воқеии иҷтимоию иқтисодӣ ва маданӣ зарур аст [11].

3. Яке аз принсипҳои асосии сиёсати миллӣ баҳамалоқамандии манфиатҳои миллӣ ва интернатсионалӣ мебошад. Принсипи мазкур тамоюли объективӣ ва талаботи инкишофи ҷамъиятӣ, воситаи инкишоф ва баҳамназдикшавии умумиятҳои гуногуни этникӣ буда, муқобили шакли канораи миллатгароӣ ва нигилизми миллӣ мебошад.

Раванди интернатсионаликунонии тарафҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа дар шароити набудани заминаҳои зарурӣ боиси ташвишу изтироб дар бораи аз даст додани қиматҳои миллӣ мегардад. Ҳамин тариқ, майлонҳои миллатчигӣ, ғурури миллӣ ва худхоҳӣ пайдо мешаванд.

4. Сохтори миллию давлатии халқҳо ҷиҳати муҳимтарини масаъалаҳои сиёсии муносибатҳои миллӣ мебошад. Дар шароити ҳозира, ки қатори истиқлолияти давлатӣ хеле зиёд аст, масъалаи мазкур аҳамияти фавқулода пайдо намудааст. Ҳоло нуқтаи назаре бартарӣ дорад, ки сабабгори ҳамаи мушкилиҳо дар сохтори миллию давлатии халқҳои собик Иттиҳоди Шӯравӣ мавҷудияти системаи чорзинагии давлат буд. Он чунин буд: ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ҷумҳуриҳои автономӣ, вилоятҳои автономӣ ва кишварҳои автономӣ.

**Ҳоло чунин шаклҳои иттиҳодияҳои давлатию ҳуқуқии халқҳо маълум аст.**

1. Унитарӣ. Ин сохти давлатест, ки роҳбарии мутамаркази воҳидҳои маъмурию давлатӣ ва набудани ташкилотҳои миллии давлатии мустақил хосияти асосии он мебошанд. Ин давлати ягона буда, дар ҳудуди он ташкили автономияҳои ҳудудӣ ва миллӣ имконнопазир аст.

2. Федератсия – ҳамчун иттиҳодияи давлатию ҳуқуқии халқҳо ташаккул меёбад. Ду ва зиёда давлатҳои миллӣ муттаҳид гашта, иттифоқи нав, давлати иттифоқиро ба вуҷуд меоранд.

3. Конфедератсия - ҳамчун иттифоқи байнидавлатиест, ки аъзои он мухторияти комил доранд. Асоси сиёсию ҳуқуқии конфедератсияи халқҳоро шартномаи иттифоқӣ ташкил медиҳанд.

Сиёсати миллӣ аз омилҳои дигари ҷомеа, аз ҷумла омилҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, географӣ, демографӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо вобаста буда, аз чигунагии муносибати онҳо истифода менамоянд. Воҳидҳои маъмурию миллӣ, минтақаҳои алоҳида муносибати махсусро талаб менамоянд. Сиёсати миллӣ инчунин ба чунин хусусиятҳои анъанаҳои давлатдории миллӣ: таркиби миллии аҳолӣ; таносуби аҳолии омад ва таҳҷойӣ; хусусиятҳои таърихи ташаккулёфтаи умумияти миллию этникии мазкур; омилҳои динӣ: психологияи миллӣ; урфу одат ва анъанаҳои миллӣ объекти омӯзиш диққати зарурӣ медиҳад [10].

Самтҳои асосии сиёсати миллиро ҷиҳатҳои зерин ташкил медиҳанд.

- ҳамаҷониба такмил додани давлати миллӣ, ки манфиатҳои ҳамаи миллату халқиятҳои дар ҳудудаш маскунбударо ҳимоя менамоянд.

- таъмини баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандони мамлакат новобаста ба мансубияти нажодӣ, динӣ ва миллӣ.

- васеъ гаштани ҳуқуқ ва озодиҳои ҳамаи миллату ҳалқиятҳо, гурӯҳҳои этникӣ. Кафолати ҳуқуқҳои шаҳрвандоне, ки берун аз воҳидҳои миллию ҳудудиашон зиндагӣ мекунанд.

- бо назардошти сифатҳои корию касбии одамон таносуби намояндагони миллату халқиятҳо дар сиёсат оид ба қадрҳо мақоми зарурири соҳиб гардад.

- дуруст муайян намудани роҳҳо ва методҳои самарабахши ҳалли моҷароҳо ва зиддиятҳои байнимиллӣ.

- ба ҳисобгирӣ ва таъмини таносуби дурусти манфиатҳои миллию интернатсионалӣ.

**Ҳуқуқи миллатҳо ва халқҳо барои худмуайянкунии сиёсӣ.**

Муносибатҳои миллӣ яке аз категорияҳои душвори ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ буда, ҳамчун шакли махсуси муносибати иҷтимоӣ ба шумор меравper. Азбаски сиёсат дар байни гурӯҳҳои иҷтимоии калон ва хурд меравад, моҳият бо ҳам алоқамандии миллатҳо ва халқиятҳоро ҳокимияти давлатӣ ба танзим меандозад ва бо ҳамин муносибатҳои миллӣ хислати сиёсӣ мегиранд. Ин аз фаъолияти давлат ҳамчун омили муҳими ташаккул ва инкишофи миллатҳо ва халқҳо вабостагӣ дорад.

Ба ҳолатҳои асосии таълимотҳоии  сиёсати миллӣ чунин мушкилотҳо дохил мешаванд:

- Эътирофи ҳуқуқи миллатҳо барои худмуайянкунии баробари халқҳо;
- Ҳамкории байниҳамдигарии фоидаовар;
- Эҳтироми манфиатҳои байниҳамдигарӣ;
- Маҳкумкунии сиёсӣ ва ахлоқии шахсоне, ки мехоҳанд аз ҳисоби дигар халқҳо сарватманд гарданд; ба назар гирифтани манфиатҳои гурӯҳҳои хурди миллӣ.

К. Маркс ва Ф.Энгелс  ҳанӯз роҳи дурурсти ҳалли масъалаи миллиро дар нимаи дуюми асри XIX асоснок карда, онро бо ғалабаи инқилоби сотсиалистӣ пайвастанд. Дар ин бора К. Маркс бамаврид чунин  қайд мекунад, ки “миллате, ки миллати дигарро зулм мекунад, худ озод буда наметавонад”.

Сиёсати марксистӣ-ленинӣ дар ҳалли масъалаи миллӣ чунин масъалаҳоеро мисли эътирофи ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ; интернатсионализм; ёрии байниҳамдигарӣ барои аз байн бурдани ақибмонии иқтисодӣ ва маданӣ; ташаккули давлатҳои хурду калон барои халқҳои хурду калон; таъмини пурраи баробарҳуқуқии шаҳрвандон ва миллатҳо новобаста аз фарқиятҳои забонӣ, динӣ, ирсию миллӣ дарбар мегиранд.

Яке аз принсипҳои дигари ҳалли масъалаи миллӣ демократӣ, ки классикони марксизм-ленинизм пешниҳод карда буданд, ин принсипи муттаҳидии ихтиёрии миллатҳо ва халқиятҳо дар як давлати федеративӣ, конфедеративӣ, иттиҳод ва ҳуқуқи ҷудошавию худмуайянкунӣ низ доштани онҳо мебошад. Бояд қайд кард, ки дар равиши сохтмони сотсиализм то як андоза ин принсипҳо ба инобат гирифта нашудаанд ва сабабгори асосии сар задании моҷароҳоро дар байни миллатҳо шуданд.

Дар вақти амалӣ кардани сиёсати миллӣ, бояд душвориҳо ва хусусиятҳои муносибатҳои миллӣ ҳамчун объекти идоракунии иҷтимоӣ ба назар гирифта, дар идоракунии миллӣ ба чунин масъалаҳои муҳим диққат дода шавад.

- муайян намудани қонуниятҳои объективии тамоюли инкишофи муносибатҳои миллӣ ва вобаста ба он ба таври амиқ муайян намудани сиёсати миллӣ;
- роҳбарии мақсаднок барои инкишофи мақсадҳои миллӣ, аз он ҷумла банақшагирӣ, ба танзимандозӣ ва назорат аз болои равандҳои инкишофи миллӣ;
- дар сари вақт ошкор намудани зиддиятҳо ва ҳалли онҳо; таъмини инкишофи ҳаматарафаи муносибатҳои байни миллатҳо; такмил ва инкишоф додани сохтори функсионалии ягонагии миллатҳо ва бартараф намудани ҳодисаҳои манфӣ; ба таври эҷодӣ инкишоф додани шаклҳои гуногуни сохти давлатдорӣ.

Дар замони ҳозира идоракунӣ аз болои раванди инкишофи муносибатҳои миллӣ ба чунин мушкилотҳо ниёз дорад: пешгӯии ояндаи вазъияти демографӣ ва пешбинии инкишофи он; оқибати сиёсии қарорҳои қабулшуда; кор карда баромадан ва қабули қарори вазифаҳои идоракунӣ, ташкил кардани корҳои маданӣ-равшаннамоии, тарбиявӣ барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда; вобаста ба ҳар як давраи муайяни инкишофи таърихии ҷамъият кор кардани консепсияи сиёсати миллӣ ва ғайра [15, с. 73-81].

**Сиёсати миллӣ ду вазифа асоси дорад:**

1) Вазифаи стратегии дур, ки як давраи муайяни таърихиро дар бар мегирад.

2) Сиёсате, ки давраи наздики ҷориро фаро мегирад.

Дар чунин ҳолат шароити минтақаҳоро ба назар гирифта, сиёсати фарқкунанда бурдан лозим аст. Инчунин омилҳои географӣ, раванди демографӣ, хусусиятҳои таърихии ташаккул ва инкишофи миллатҳо, халқиятҳо, ҳайати миллӣ, ҷиҳатҳои динӣ, анъанаҳо ва психологияи миллатҳоро ба назар гирифтан зарур аст. Дар сурати ба назар нагирифтани ин масъалаҳо муносибатҳои байнимиллӣ тезу тунд шуда, ба моҷароҳои байни миллатҳо оварда мерасонад [6].

**Масъалаҳои ҳозиразамони ҳаракатҳои миллӣ.**

Баъди ғалабаи Инқилоби Сотсиалистии Октябр соли 1917 дар тамоми олам ҳаракатҳои миллӣ озодихоҳӣ авҷ гирифтаанд, ки онҳо бо моҷароҳои иҷтимоию синфӣ зич алоқаманд мебошанд. Пеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ва баъди он, дар даҳсолаҳои аввали баъди ҷангӣ, ҳаракатҳои миллии халқҳо ва гурӯҳҳои этникӣ боз ҳам авҷ гирифт.

Махсусан дар ҳамин давра ҳаракатҳои озодихоҳонаи мардуми Индонезия ба муқобили зулми ҷопониҳо, голандиҳо, халқҳои Ҳиндустон, Афғонистон, Покистон ба муқобили зулми англисҳо, як қатор халқҳои Африқо ба муқобили зулми фаронсавиҳо хеле авҷ гирифт ва дар солҳои 60-уми асри XX зиёда 90 давлати ҷаҳон аз сохти мустамликадорӣ озод гардиданд. Мақсади асосии муносибатҳои миллӣ дар он аст, ки дар раванди ҷаҳони нав ҳаммаи халқиятҳо озодона муносибатҳои миллӣ худро доштабошанд.

**Муқарриз: Одинаев Б.А. – н.и.ф., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Абдулатипов Р. Этнополитология. – СПБ., 2004.
2. Геллнер Э. Нации и национализм. - М., 1991.
3. Гумилёв Л.Н. Этногенез и биосфера Земля. - Л.,1990.
4. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. – Душанбе, 2007.
5. Касымова Р. Проблемы развития этнических меньшинств в современном Таджикистане (политико-прововой аспект). – Душанбе, 2005.
6. Ленин В.И. Мулоҳизаҳои танқидӣ оид ба масъалаҳои миллӣ. – М., 1986.
7. Маҳмадов А.Н., Хидирзода М.У., Сафарализода Х.Қ. Сиёсатшиносӣ. - Душанбе: «Паёми ошно», 2018. – С. 416.
8. Нуриддинов Р. Асосҳои сиёсатшиносӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2006.
9. Поздняков Э.А. Нация. Национализм. Национальные интересы. – М., 1994.
10. Расулов Қ., Гулахмедов М. Равандҳои миллӣ ва сиёсии истиқлолияти Тоҷикистон. - Душанбе «Матбуот», 2001.
11. Гаджиева, К.С. Политология. – М., 1999.
12. Эъломияи ҳуқуқи башар. - Душанбе, 1999.

13. Факиров Фарахруз Лоикович, Одинаев Б.А. Пирматов Г.Х. Роль социального работника в оценке потребностей человека / Всероссийский исследовательский форум студентои учащихся: сборник статей V Всероссийской научно-практической конференции (25 апреля 2022 г.). – Петрозаводск : МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 73-81.

**Literature:**

1. Abdulatipov R. Ethnopolitical Science. - St. Petersburg, 2004.
2. Gellner E. Nations and Nationalism. - Moscow, 1991.
3. Gumilev L.N. Ethnogenesis and the Earth's Biosphere. - Leningrad, 1990.
4. Zokirov G.N. Donishnomai siyosi. - Dushanbe, 2007.
5. Kasymova R. Problems of Development of Ethnic Minorities in Modern Tajikistan (Political and Pro-Turkish Aspect). - Dushanbe, 2005.
6. Lenin V.I. The Problems of the Development of Ethnic Minorities in Tajikistan. - Moscow, 1986.
7. Mahmadov A.N., Khidirzoda M.U., Safaralizoda H.K. Siyosatshinosi. - Dushanbe: “Payomi oshno”, 2018. – P. 416.
8. Nuriddinov R. Asoshoi siyosatshinosi. – Dushanbe: “Irfon”, 2006.
9. Pozdnyakov E.A. Nation. Nationalism. National interests. – M., 1994.
10. Rasulov M., Gulakhmedov M. Ravandhoi milli va siyoshii istiloliyati Tojikiston. - Dushanbe “Matbuot”, 2001.
11. Gadzhieva, K.S. Political science. – M., 1999.
12. Elomiyai huқuқi bashar. - Dushanbe, 1999.
13. Fakirov Farakhruz Loikovich, Odinaev B.A. Pirmatov G.Kh. The role of a social worker in assessing human needs / All-Russian research forum of students and pupils: collection of articles of the V All-Russian scientific and practical conference (April 25, 2022). - Petrozavodsk: MCNP "New Science", 2022. - P. 73-81.

## МУНОСИБАТҲОИ МИЛЛӢ ВА СИЁСАТ ДАР ТАЪРИХ

Дар мақолаи мазкур, яке аз масъалаҳои муҳим, муносибатҳои миллӣ ва сиёсат дар раванди таърих маврид баррасӣ қарор дода шудааст. Сиёсати миллӣ аз омилҳои дигари ҷомеа, аз ҷумла омилҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, географӣ, демографӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо вобаста буда, аз чигунагии муносибати онҳо истифода менамоянд. Воҳидҳои маъмурию миллӣ, минтақаҳои алоҳида муносибати махсусро талаб менамоянд. Сиёсати миллӣ инчунин ба чунин хусусиятҳои анъанаҳои давлатдории миллӣ: таркиби миллии аҳолӣ; таносуби аҳолии омад ва таҳҷойӣ; хусусиятҳои таърихи ташаккулёфтаи умумияти миллию этникии мазкур; омилҳои динӣ; психологияи миллӣ; урфу одат ва анъанаҳои миллӣ объекти омӯзиш диққати зарурӣ медиҳад.

Масъалаи миллӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва таърихи ба шумор меравад ва асоси онро умумиятҳои этникии одамон ташкил менамояд. Умумияти этникӣ асосӣ гурӯҳи одамон буда, аз авлодҳо (дар давраи ҷамеаи ибтидоӣ), халқият (дар давраи ҷамеаи ғуломдорӣ ва феодалӣ), миллатҳо (дар давраи сохти буржуазӣ) иборат мебошад.

**Калидвожаҳо:** таърих, давлат, миллат, сиёсати дохилӣ, сиёсати хориҷӣ, муборизаҳои озодихоҳӣ, фарҳанги миллӣ, арзишҳои миллӣ, тамадун, шуури миллӣ.

## НАЦИОНАЛЬНЫЕ ОТНОШЕНИЯ И ПОЛИТИКА В ИСТОРИИ

В статье рассматривается важная тема: национальные отношения и политика на протяжении истории. Национальная политика зависит от других общественных факторов, включая экономические, социальные, географические, демографические, культурные и другие факторы, а также от их отношения. Административные и национальные единицы, а также отдельные регионы требуют особого отношения. Национальная политика также относится к следующим чертам традиций национальной государственности: национальный состав населения; соотношение иммиграции и эмиграции; исторические особенности формирования той или иной национально-этнической общности; религиозные факторы; национальная психология. Предметом исследования является уделение должного внимания национальным обычаям и традициям.

Национальный вопрос является одним из важнейших вопросов общественно-политической и исторической жизни, в основе его лежит этническая общность людей. Основная этническая группа — совокупность людей, состоящая из родов (в эпоху первобытнообщинного строя), народов (в эпоху рабовладельческого и феодального общества), наций (в эпоху буржуазного строя).

**Ключевые слова:** история, государство, нация, внутренняя политика, внешняя политика, борьба за свободу, национальная культура, национальные ценности, цивилизация, национальное сознание.

## NATIONAL RELATIONS AND POLITICS IN HISTORY

The article examines an important topic: national relations and policy throughout history. National policy depends on other social factors, including economic, social, geographical, demographic, cultural and other factors, as well as their relationship. Administrative and national units, as well as individual regions, require special treatment. National policy also refers to the following features of the traditions of national statehood: the national composition of the population; the ratio of immigration and emigration; historical features of the formation of a particular national-ethnic community; religious factors; national psychology. The subject of the study is to pay due attention to national customs and traditions.

The national question is one of the most important questions of socio-political and historical life, at its basis lies the ethnic community of people. The main ethnic group is a collection of people consisting of clans (in the era of the primitive communal system), peoples (in the era of slave and feudal society), nations (in the era of the bourgeois system).

**Key words:** history, state, nation, domestic policy, foreign policy, struggle for freedom, national culture, national values, civilization, national consciousness.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Фақиров Фарахрӯз Лойиқович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63.Телефон: (+992) 904444610. E-mail: farahruz8004@mail.ru

**Информация об авторе: Факиров Фарахруз Лоикович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, завиедущий кафедрой социологии. Адрес: Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 904444610. E-mail: farahruz8004@mail.ru

**Information about the author: Faqirov Farahruz Loiqovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, head of the sociological department. Address: Republic of Tajikistan, sh. Garm, E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 904444610. E-mail: farahruz8004@mail.ru

ТДУ: 930.85

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА РУШДИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ДЕҲОТИ ДУРДАСТ

**Ақназаров Ҳ.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Аз ҳамон даврае, ки инсон худро дар баробари ҳастӣ ва мушкилоти рӯзмарраи зиндагӣ шинохт, бо касбу ҳунар сари кор гирифт. Инсон, бо истифодаи имконоти зеҳнӣ, фикрӣ, ақлонӣ, ҷисмонӣ ва иродавии худ даст ба иқдоме мезанад, ки на танҳо барои худ, балки барои дигарон ҳам манфиат меоварад ва рӯҳи манфиатоварӣ ва манфиатбахшӣ меҳвари кори фарҳангиро ташкил медиҳад. Халқи тоҷик низ дорои касбу ҳунарҳои зиёде буд, вале дар мурури таърих, бо баъзе сабабҳои сиёсиву иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ ба онҳо нисбатан кам гардид. Мутаассифона, дар даврони Ҳукумати шӯравӣ бар асари тағйирёбии вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, ба роҳ монда шудани истеҳсоли маҳсулоти заводу фабрикаҳо ва пеш аз ҳама манъ гардидани соҳибкории хусусӣ эҳтиёҷот ба маҳсулоти ҳунармандон коста гардида буд.

Дар даврони истиқлоли давлатӣ эҳтиёҷи мардум ба ҳунарҳои мардумӣ бештар гардид, бо шарофати Истиқлолияти кишвар таваҷҷӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, сарвари давлат ба эҳё ва рушд кардани фарҳанги миллӣ, аз ҷумла ҳунарҳои мардумӣ беш аз пеш меафзояд. Вале бештари ҳунарҳои мардумӣ ба гӯшаи фаромушӣ супорида шудаанд, маҳз, ҳамин сабаб гардид, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 26-уми декабри соли 2018 баҳри тақвият ва рушди ояндаи ҷумҳурӣ «Солҳои 2019-2021 Солҳои рушди деҳот, саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон кардаанд. Пешвои миллат, мудом сиёсати фарҳангсоларӣ пеш бурда, дар эҳёи суннатҳои миллӣ саҳми арзанда дорад ва ҳунарҳои мардумиро инъикосгари фарҳанги бойю қадимаи тоҷикон зинда намуда, таърихан собит кард, ки мардуми тоҷик аз қадим ҳунарманд буданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ин ташаббуси навбатии худ, заминаи бузурге барои рушди ҳунарҳои мардумӣ гузоштанд. Аз давраҳои қадим шаҳру деҳоти Тоҷикистон бо ҳунарҳои миллӣ ва ҳунармандонаш шӯҳрат дошт. Деворнигораву ёдгориҳои санъати амалии Варахша, Панҷакенти қадим, Шаҳристон, Тупроққалъа ва ғ. аз дараҷаи баланди санъати амалии ниёгонамон маълумот медиҳанд. Аз қадим шаҳрҳои Тоҷикистони шимолӣ ҳамчун маркази ҳунарҳои мухталиф эътироф гардида буданд [12, с. 34]. Ҳунарҳо бо ҳаёти анъанавӣ ва урфу одатҳои мардумӣ робитаи зич доштанд. Ҳунармандони моҳир усулҳои бадеиву техникӣ, наққошиҳо, анъанаҳои касбӣ, нозукиҳои ҳунарро ба вуҷуд оварда, онҳоро ҳифз намуда, ба шогирдон ва наслҳои оянда интиқол медоданд. Дастони моҳиру чобуки ҳунармандон дар давоми қарнҳои зиёд матоъҳо, зарфҳо, асбобҳои мусиқӣ, қолинҳо, сӯзаниҳо, маснуоти заргарӣ ва дигар намуд маҳсулоти ҳунармандиро тайёр мекарданд. Ҳунарҳои қадимаи ниёгонамон хушбахтона тавассути сулолаҳои ҳунармандон аз насл ба насл гузашта то замони мо расидааст. Аммо бархе аз ҳунарҳо бебозгашт аз байн рафтаанд. Ҳунарҳои мардумӣ ҳамчун таҷрибаҳои муфиди ҳаётӣ дар баробари таъмини ниёзҳои моддиву маънавии аҳли ҷомеа инчунин, нақш ё функсияи

муҳими тарбиявиро низ ба иҷро мерасонанд [13, с. 32]. Дар раванди такрорёбандаи аз насл ба насл интиқол додани маҳорату малакаҳо тадриҷан донишу таҷриба ва усулу равишҳои анъанавии таълими ҳунарҳои мардумӣ ташаккул мeёбанд, ки истифодаи онҳо на танҳо барои ташаккули қобилияту истеъдоди касбию меҳнатӣ ва ин ҳунарҳоро хуб аз худ кардани насли ҷавон, балки барои дар рӯҳияи некпиндорӣ, некгуфторӣ, некрафторӣ, инсондӯстӣ, зебоипарастӣ, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ ва дигар фазилатҳои инсонӣ тарбия кардани онҳо ҳам мусоидат менамояд.

Таҷрибаҳои таърихӣ низ исбот менамоянд, ки бештари кишварҳои олам тавассути фарҳанг ва ҳунарҳои милливу мардумиашон худро ба оламиён шиносонидаанд. Яке аз падидаи муҳими фарҳанги миллии тоҷикон ҳунарҳои мардумӣ ва навъҳои гуногуни он ба шумор меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар суханрониҳои худ, таъкид менамоянд, ки: "...дар шароити ҷаҳонишавӣ, яке аз вазифаҳои асосии ҳар як давлат- ҳифзи асолати миллӣ, забон, фарҳанг, аз ҷумла ёдгориҳои таърихӣ мебошад", "Дар пушти ҳар як шоҳкории меъморӣ таърих, урфу одат, расму оин, маданият ва фарҳанги он миллат меистад" [12, с. 40]. Яке аз дастгириҳои муҳиму саривақтии Сарвари дилсӯзу ғамхор ин аст, ки бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод дастур доданд, ки аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шаванд. Ташаббусҳои созанда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияти фарҳангдӯстест, ки ба эҳёи анъана ва ҳунарҳои миллӣ таваҷҷӯҳи хосса зоҳир менамояд. Суннати эҳёсозии унсурҳои фарҳанги миллӣ, мисли забону адабиёт, дину оин, таъриху санъат, мусиқӣ, роҳи абрешим ва ғайра ҳанӯз аз рӯзҳои ба сари давлат омадани Пешвои миллат мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт.

Даҳсолаи охирро дар ҷодаи ҳунарҳои мардумӣ метавон бесобиқа унвон намуд, зеро маҳз дар ҳамин давра чакандӯзӣ, гулдӯзӣ, зардӯзӣ, кандакорӣ, кашидадӯзӣ, қолинбофӣ, атласбофӣ, адрасбофӣ, алочабофӣ, намадмолӣ, бурёбофӣ, заргарӣ, кулолгарӣ, косаву қошуқтарошӣ, гаҳворасозӣ, созтарошӣ, достонсароӣ, қиссахонӣ, фалаксароӣ ва дигар суннатҳои миллӣ дар қолаби қадимӣ ва шаклу услуби нави миллӣ зинда гардида, тарғибу ташвиқи дастранҷи ҳунармандони тоҷик дар намоишгоҳҳои дохилу хориҷи кишвар ба маърази тамошо гузошта шуданд [13, с. 111]. Рушди ҳунарҳои мардумӣ воситаи муҳимест ҷиҳати муаррифии миллати қадима, беҳгардонии сатҳи зиндагӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани духтарону занон. Қайд менамоем, ки дар солҳои пешин ҳунарҳои дастии мардумӣ дар бозорҳои кишварамон кам ба назар мерасид, чунки аксарияти шаҳрвандон харидорӣ намекарданд ва аҳамияти ҷиддӣ низ намедоданд. Айни ҳол бошад мағозаҳои дохили мамлакат пур аз маҳсули ҳунарҳои дастӣ гардидааст, аз қабили куртаи чакан, гулдӯзӣ, ҷӯроббофӣ, ҷувздонҳои занона ва ғайраҳо дида мешаванд ва харидорони худро пайдо намудаанд. Инчунин махсус мағозаҳое боз шудаанд, ки дар дохили он тамоми намуди ҳунарҳои дастии мардумӣ ба фурӯш бароварда шудааст.

Бояд зикр кард, ки соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз самтҳои афзалиятноки сарватҳои миллӣ ба шумор мераванд, ки барои муаррифии фарҳангу таърихи халқи тоҷик, табиати биҳиштосо ва ҳунарҳои мардумӣ дар арсаи байналмилалӣ аз аҳамияти махсус бархӯрдор мебошад ва онҳо омили пешрафти иқтисодиёти кишвар ва сатҳи зиндагии мардум ба шумор мераванд.

Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2019-2021 ба дарки аҳамияти самтҳои мазкур дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшид. Табиист, ки соҳаи сайёҳӣ бе рушди деҳот ва бе фароҳам овардани шароити мусоиди сайругашт дар маҳалҳо чандон инкишоф намеёбад, аз ин рӯ, хеле саривақтист вақте ки Сарвари давлат дар Паёми навбатиашон ба ин масъала диққати зарурӣ доданд. Гузашта аз ин, ба ҳамагон маълум аст, ки макони сайругашти сайёҳон ва он ҷое, ки ҳунарҳои мардумии ин ва ё он халқу миллатҳо ба таври зарурӣ ҳифз гардидаву асолати худро гум накардаанд, маҳз деҳот ва маҳаллу минтақаҳо мебошанд. Бо мақсади муаррифӣ кардани имкониятҳои сайёҳӣ, таъриху фарҳанг ва ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон, 1 апрели соли 2022 дар ҷумҳурӣ Телевизиони “Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ба фаъолият шурӯъ намуд [7, с. 56]. Боиси хушнудист, ки соҳибистиқлолӣ ба мо имкон дод, то соҳаи сайёҳӣ рушд кунад ва ҳузури сайёҳони хориҷӣ дар кишвар бештар гардад. Инро дар ҷашни Наврӯзи имсола хеле хуб эҳсос намудем. Зимнан, соҳаи сайёҳӣ барои муаррифӣ намудани таърихи тӯлонӣ, фарҳанги гуногунранги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ имкониятҳо фароҳам меорад.

Имрӯз дар ҷаҳон ҷомаи суғдӣ, чакани кӯлобӣ, ҷуроби бадахшонӣ дар музоядаҳои сатҳи ҷаҳонӣ ба савдо гузошта шуда, қимати баландро соҳиб аст. Дар Парижу Лондон, Ню-Йорку Токио ҳунарҳои мардумии миллати мо ба маъзари намоиш гузошта шуда, ҳазорон ва миллонҳо муштоқон ва мухлисони хешро пайдо кардааст. Ҳамчунин, дар ин давра либоси миллии “Чакан” ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гашт. Зеро либос ҳам яке аз унсурҳои марказии фарҳанг ба шумор рафта, ҳар як соҳибватанро мебояд, ки ба ин ҷузъи фарҳанги ниёгон арҷ гузорад [15, с. 25]. Роҳбари намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ЮНЕСКО Дилшод Раҳимӣ навиштааст, ки дар «Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ» 107 касбу ҳунари тоҷикон ба қайд гирифта шуда, алҳол шумораи онҳо, мутобиқи таҳқиқоти олимони Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот ба 112 мерасад [7, с. 65].

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи чунин шахсиятҳост, ки тамоми ҳунарҳои миллии қариб ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтаро бо ҷаҳду талош аз нав эҳё намуданд ва барои фаъолияти ҳунармандони мардумӣ шароити мусоид фароҳам оварданд. Агар дар мисоли водии дурдасти кишвар - Бартанги Бадахшон бигирем, маҳз ҳидоятҳои роҳбарияти олии мамлакат сабаб гардидаанд, ки шаклҳои гуногуни ҳунармандӣ эҳё гарданд ва рушд кунанд. Дар ин минтақаи кӯҳистон шаклҳои ками ҳунармандӣ маъмул буданд, ки аввалан танҳо барои таъминоти модии рӯзгор анҷом дода мешуданд. Аввалин бор бо тоҷикони Сарез кӯҳшиноси рус Д.Л.Иванов вомехӯрад ва доир ба ҳунару истеъдод ва шароити иҷтимоии мардум маводи этнографӣ ҷамъоварӣ кардааст. Ба андешаи ӯ зиндагии дур аз бозор, бидуни роҳҳо, сокинони бумиро маҷбур кардааст, ки ҳама кори барои худ зарурииро ёд гиранд. Тоҷик бештар ба ҳунари хонагии худ такя мекунад, ҳамеша куртаи пашмин ва шими пашмин мепӯшанд ва матоъҳои пашмин хеле хубанд [9, с. 28]. Истифодаи либоси пашмин дар фасли сармо дар кӯҳистони баланд ҳанӯз ҳам пойдор аст.

Мувофиқи таҳқиқоти эроншиноси машҳури рус И. И. Зарубин ҳунармандони оҳангари Бартанг дар байни мардум ҳамчун шахси бо обрӯй ва соҳиби эҳтироми ҳамагон ба ҳисоб меравbooked. Мардум оҳангарохонаро дар қатори остонҳо бузург мепиндоштанд, ки инҳоро низ ба истилоҳи “авлиё” ёд мекунанд ва бунёди онҳоро ба Довуд - пайғамбар нисбат медиҳанд [16, с. 222]. Ҳунари

оҳангарӣ низ аз нав эҳё гардида, оҳангархона мавриди истифода қарор доранд. Яке аз шаклҳои маъмули ҳунармандӣ дар Бартанги боло ин бофандагӣ будааст, ки аз пашми ҳайвонот либосворӣ, ҷуроб, тоқӣ ва ғайраро мебофтанд. Дар шаҳрҳои Осиёи Миёна, пас аз забт гардидани Осиёи Миёна аз тарафи Русия матоъҳои арзони саноатӣ арзон гардиданд ва дар натиҷа ҳунари бофандагии ба рақобати нобаробар бо истеҳсоли матоъҳои саноатӣ тоб оварда натавонист. Бофандагон маҷбур шуданд, ки фаъолияти худро қатъ кунанд, дар натиҷа бисёр анъанаҳои аҷиби нассоҷӣ, ки наслҳои пешин бодиққат ҳифз карда буданд, бе нишона аз байн рафтанд [10, с. 15]. Вале дар Помир ё Бартанг азбаски бозор вуҷуд надошт ҳунари бофандагӣ ҳифз карда мешуд ва дар замони истиқлолият эҳё гардид. Бештар ба ин кор занон машғул мешуданд. Муинаи гӯсфанд ва бузро (*vovn, thovs*) дар фасли аввали баҳор баъзан тирамоҳ тарошида, муинаро нозукона мулоим мекунанд. Дар бисёр мавридҳо агар муина аз ҳад зиёд бошад, онро бо дастгоҳи махсуси мулоимкунӣ камонғулак барои ресидан омода мекунанд. Баъзан муинаро бо ду химчаи бед низ кӯфта-кӯфта мулоим менамоянд. Сипас, онро бо чархи одии дастӣ мересанд. Бештари бонувон гуфтанд, ки азбаски солҳои охир муинаи ҳайвонот камёфт шудааст, онро бо дастони худ низ тавассути химчаи тари бед мересанд.

Тамоми занҳои деҳаҳо ҳунари ҷуроббофиро доштанд ва ба ин кор духтаронро аз синни наврасӣ ҷалб мекарданд. Занон хонаводаҳои худро бо меҳнати худ аз либосҳои зимистона таъмин карда метавонистанд. Дар ин маврид С. П. Вановский низ ишорае дорад: “Дар шомҳои тӯлонии зимистон занон аз пашми барра ҷӯроб бофта, мардон барои куртаҳои пашмин пӯст омода мекарданд... Ҳамаи ин маҳсулот барои истифодаи рӯзгор базӯр кифоят мекунад” [11, с. 35]. Ин намуди ҳунар то рӯзҳои мо низ танҳо хоси бонувони Бадахшон аст. Бофандаҳо ҷуробҳои гуногуни пурнақшу нигорро ҳар хела мебофтанд. Дар ҷуробҳо гулпартоиҳои гулу растанӣ, давра, чоркалид, наъли чормех, чорхона ва амсоли инҳо дида мешавад. Аз сӯҳбати сокинони Бартанги боло бармеояд, ки барои бофтани ҷӯроб танҳо мӯинаи дар фасли баҳор тарошидашуда истифода мешавад, чун сифати муинаи дар баҳор тарошида шуда баланд аст. Ҷуроббҳоро бо ду сих, се сих, ва чор сих мебофанд, аксарияти бофандаҳо ҷуробро бо ҷангак мебофанд. Ҳунармандон бо ҳамин тарз дастпӯшакро низ мебофтанд. Гулҳое, ки дар ҷӯробҳо бофта мешуданд бо номҳои зерин маъмуланд: лола, садбарг, паритовус, райҳон, аловгул (чанд намуд), чархгардонак, паи пишак, паи гург, паи гунҷишк, нохуни паланг, чашмак, гандумак, чапу рост, далқангул (кӯзагул), гули обӣ (чанд варянт), ҳамешабаҳор, гаждум, морак, шохи нахчир, свастика, занҷирак, салиб (ҷамъак) ва ғайраҳо. Маҳсулоти ҷуроббофиро ҳатто дар замони Шӯравӣ ягон хел моли фабрикоӣ иваз карда натавонист, чунки онҳоро ҳунармандони Помир, азҷумла занони ҷуроббофи Бартанг хело хушсифат, рангоранг ва гуногуншакл мебофанд. Воқеан дар ин минтақа қариб ҳамаи занҳо, аз духтарони наврас сар карда то пиронсолон бо истифода аз асбоби оддӣ *(ҷраб сих)* ҳанӯз ҳам ҷуроббофӣ аҳамияти худро пурра аз даст надодааст. Бофтани *палос (қадима палос)* низ, ки дар тамоми Бадахшон маъруф аст, дар Бартанги боло то ҳоло мебофанд. Онро мардҳо дар асбоби хоси чубӣ бо риштаҳои сафеду сиёҳ мебофтанд. Намадресӣ - аз қадимулайём яке аз ҳунарҳои маъмули мардумӣ ҳисоб меёбад. То солҳои 50-уми асри XX матоҳои шоҳию пахтагӣ, ки пурра дастраси мардум набуд, намад рахти бистари хобро иҷро мекард. Намадҳо беранг буда, хеле сифатнок молида мешуданд. Аз миёнаҳои асри XX истеҳсоли намади гулдор

ва рангкардашуда ба роҳ монда шуд. Намадтайёркунӣ то ба имрӯз боқӣ мондааст ва ҳанӯз аз ҷониби занон тайёр карда мешавад.

Ҳунари гилимбофӣ низ маъмул будааст, онро аз пашми ҳайвон дар абоби махсуси чӯбин, ки аз *toke, gukka ва khona* иборат буд, мебофтанд. Гилембофӣ низ яке аз машғулиятҳои асосии ҳунармандони боистеъдод буда, асосан касби мардон ба ҳисоб мерафт. Дар Бартанги боло се намуди гилем машҳур буданд: *қатма (qatma), рағза (raqza), якриз (yakrez)*. Қатма *(qatma)* чунин намуди гилем буд, ки онро дар тӯйҳо ва маросимҳои ҷашнӣ мепӯшиданд. Шакли гилеми рағза *(raqza)* бошад, нисбатан ғафстар тайёр карда мешуд ва махсусан дар фасли сармо ба бар мекарданд. Гилеми намуди якриз*(yakrez)* бошад, бисёр оддӣ тайёр карда мешуд ва онро танҳо дар сари корҳои хоҷагӣ мепӯшиданд.

Дуредгарӣ ё чӯбтарошӣ - яке аз ҳунарҳои маъруфи ин макон ба ҳисоб мерафт, зеро дар сохтани хонаҳои бадахшонӣ ҳатман кандакорӣ лозим меояд. Даврони пеш ҳам мардумон ба қадри имкон долону даҳлези худро кандакорӣ карда оро медоданд. Аз чӯби дарахтҳо чунин лавозимоти аввалиндараҷаи рӯзгорро омода мекарданд: табақи чӯбӣ - ин намуди табақҳо то ба имрӯз маъмул ҳастанд; пиёлаи чӯбӣ, зарфҳо ва кӯзаҳои чӯбин - онҳоро чӯбтарошҳо аз дарахти махсуси кӯҳӣ (*vovz* ё арча) тайёр мекарданд; намудҳои қошуқҳо, бели чубӣ, бдор (мисли зоғнул аст, вале аз чӯб сохта мешавад), садуқсозӣ, гаҳворасозӣ, сохтани зини асп, кафши чӯбин - ин намуди кафшҳо то ба имрӯзҳо боқӣ мондааст, қисме аз онҳо ба осорхонаҳо интиқол дода шуданд. Бобо Қабул аз чӯб тағораи калон барои либосшӯӣ тарошидааст, ки то ҳоло маҳфуз мондааст. Ба гуфти сокини 35 солаи деҳаи Барчӯдиф, устои дуредгар Маҳмаддамонов Раҳматназар баъзе зарфҳои қадимиёни мо аз чӯб тайёр карда мешуданд. Ҳоло зарфҳо ва ашёҳои шаклҳои чӯбӣ кам ба назар мерасад, аммо сад сол пеш аз пораҳои танаи дарахт як навъ сатилро низ месохтанд. Аз ҳунари чӯбтарошии худ, ҳатто қулфи чӯбӣ месохтанд, ки онро *паргав* меномиданд.

Мардуми Бартанги боло аз ҳунари чармгарӣ низ бохабар будаанд. Коркарди пӯст, ки аз қадим яке аз ҳунарҳои мардон ҳисоб мешуд, то имрӯз идома меёбад. Коркарди пӯст низ дасти амалӣ мешуд. Пӯст тару тозаро намак пошида чанде мемонданд. Дар гузашта шӯрахокро истифода мебурданд. Пӯсти гов бештар барои тайёркардани борхалта, пойафзол, тасмаи дуғкашӣ, камарбанди шикорӣ, тасмаҳои зину афсори аспу хар мавриди истифода қарор мегирифт. Пӯсти оҳую нарбӯзи хонагӣ низ ба ин мақсадҳо истифода мешуданд. Пӯсти гӯсфанд асосан барои истеҳсоли пӯстин, торҳои чамусу пӯстиндӯзӣ, калтача (нимпӯстини беостин), пӯсти буз барои тайёр кардани халтаҳои хурдҳаҷми боркашонӣ, гупсарҳои шиноварӣ, доирасозӣ, танобҳо барои сарбанди борхалтаҳо ва ғайраҳо истифода мешуданд. Попӯшии дигар *pekh (чомус)* ном дорад, ки дар тамоми Бадахшон машҳур мебошад. Он аз пӯсти ҳайвонот тайёр карда мешавад. Пӯстро шикорчиҳо низ меоварданд

Дар радифи дигар ҳунарҳои мардумӣ, *цамугбофӣ* (сабадбофӣ) ҳам таърихи қадима дошта, барои истифода дар рӯзгори мардуми кӯҳистон нақши муҳимтареро касб кардааст. Он аз шохаҳои дарахти ҷангалӣ (ё ваноҷ), химчаи бед низ бофта мешуд. Ҳунари цамугбофии (монанди сабадбофии дигар минтақаҳо) мардуми тоҷикро дар водии Бартанги ноҳияи Рушон мушоҳида намуда, чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки ниёгони мо аввалин асбобу анҷомҳои рӯзгори худро аз химчаҳои чандир ва навдаҳои дарахтон мебофтанд. Мардуми водии Бартанг мегӯянд, ки цамуг аз давраҳои қадим, инчунин дар замони шӯравӣ

ҳамеша мавриди истифода қарор дошт. Цамугбофӣ дар ин диёр аз зумраи ҳунарҳое мебошад, ки то кунун мавқеи худро аз даст надода, ҳамзамон дар зиндагии рӯзмараи мардум дар деҳот баръало мушоҳида карда мешавад. Корҳои маъмулӣ бо цамуг кашондани алафи кӯфташуда, мева, порукашонӣ ба замин, қум, хасу хошок барои аловмонӣ ва дигар корҳои рӯзмараи мардумон мебошанд. Дар водии Хуф се намуди цамуг (цемуг, цемуг-буц, цимиг) бофта мешаванд. Вобаста ба ҳаҷмашон бо онҳо корҳои гуногуни рӯзгорро анҷом медиҳанд. Масалан, зардолуро аз боғ ба хона мебаранд [1, с. 54-56]. Инчунин факр, дурии байни деҳаҳо, дурӣ аз бозорҳои калони шаҳрӣ кӯҳистониёнро барои машғул шудан ба ҳунармандӣ водор кардааст.

Яке аз хусусияти хоси минтақаи кӯҳистон дар он буд, ки сокинони ин мавзеъҳо аз баста шудани роҳ, дар фасли зимистон, маҷбур мешуданд, ки аксарияти моли зарурии хоҷагиро худашон истеҳсол намоянд. Аммо дар замони Шӯравӣ, ки шароити зисти тоҷикони кӯҳистон рӯ ба беҳбудӣ ниҳод, ҳунарҳои мардумӣ ба фаромушӣ супорида шуданд. Дар замони истиқлолияти давлатӣ дар пайрави ҳидоятҳои сарвари хирадманди тоҷикон, Пешвои миллат минтақаҳои дурдаст ба монанди Бартанг низ ҳунарҳои мардумӣ эҳё гардида, ҳифз ва ташаккул додани ҳунармандиро зарур мешуморанд.

Дар ин маврид Пешвои миллат хеле хуб гуфтаанд: “Мо дар назди наслҳои ояндаи халқамон вазифадорем, ки дастовардҳои фарҳангӣ ва анъанаву суннатҳои аҷдодиро бо тамоми ҷузъиёту нозукиҳояш ҳифз кунем, такмил диҳем ва ба мерос гузорем”.

**Муқарриз: Шарипова М.Қ. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. (верховья Аму дарьи). Выпуск 2. - М.С. Андреев. Издательство АНТ ССР. – Сталинабад, 1958. - С. 54-78.

2. Ақназаров Ҳ.М. Маълумотҳои таърихӣ-этнографии собиқ деҳаи Сарез. [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2024. - №4. – С. 39-46.

3. Ақназаров Ҳ.М. Таърихи сиёсии Рошорв дар охири асри Х1Х ва аввали асри ХХ. [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2024. - №9. - С. 31-38.

4. Ақназаров Ҳ.М. Инъикоси этнографияи Бартанги боло дар таҳқиқотҳои И.И. Зарубин [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2024. - №10. - С. 42-48.

5. Ақназаров Ҳ.М., Махмадуллоев А.С. Баъзе аз анъанаҳои мардумӣ вобаста ба сохтмони манзил дар Каротегин ва Бадахшон [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. - 2024. - №31 (17). - С. 160-168.

6. Ақназаров Ҳ.М., Одинаев Б.А. Сурудҳои тӯйи мардуми Бадахшон ва Зарафшон. [Матн] / Ақназаров Ҳ.М.// Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. - 2023. - №3 (15). - С. 230-235.

7. Дилшод Раҳимӣ. Ҳифз, муаррифӣ ва рушди мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - С.100.

8. Ёдгориҳои меъморӣ ва ҳунарҳои мардумии Кӯлоб (ба забони тоҷикӣ, русӣ, англисӣ). – Душанбе: “Ирфон”, 2006. - С.128.

9. Иванов Д.Л. Путешествие на Памире. Известия Императорскаго. Русскаго географическаго общества. №26477. томъ XX. - С. Петербург, 1884. - С. 54.

10. Иброхимов М.Ф. История традиционного ткачества таджиков: дис... канд. ист. наук: 07.00.02. - Душанбе, 2003. - С. 201.

11. Извелечение из отчета Генерального Штаба капитана Ванновского о рекогнасцировке в Рушане и Дарвазе 1893 // Сборник географических, топографических и статических материалов по Азии. - С. Петербург, 1894. - С. 93.

12. Маҳмудова М. Эҳёи ҳунарҳои миллӣ [Матн] / М. Маҳмудова. –Хуҷанд, 2016. - С.87.

13. Нақшу нигори бофандагӣ ва кашидадӯзии водии Зарафшони Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2015. - С. 111.

14. Сайнаков С.П., Ақназаров Ҳ.М. Димитрий Васильевич Путята - как исследователь этнографии Памира [Матн] / Ақназаров Ҳ.М. // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. - 2021. - №3 (7). - С. 162-166.

15. Ҳунарҳои мардумӣ. - Душанбе, 2023. - С. 132.

16. Шакармамадов Н. Фолклори Помир. Ҷилди 4. Остонҳо – осори таърих ва фарҳанги мардуми Бадахшон (таҳқиқи зиёратгоҳҳои Кӯҳистони Бадахшон). Н. Шакармамадов. - Душабе, 2015. - С. 222.

**Literature:**

1. Andreev M.S. Tajiks of the Khuf Valley. (upper Amu Darya). Issue 2. - M.S. Andreev. Publishing House of the ANT SSR. – Stalinabad, 1958. - P. 54-78.

2. Aknazarov H.M. Historical and ethnographic data of the former village of Sarez. [Text] / H.M. Aknazarov // Message of the National University of Tajikistan. - 2024. - No. 4. – P. 39-46.

3. Aknazarov H.M. Political history of Roshorv at the end of the 19th and beginning of the 20th centuries. [Text] / H.M. Aknazarov // Message of the National University of Tajikistan. - 2024. - No. 9. - P. 31-38.

4. Aknazarov H.M. Reflection of the ethnography of Upper Bartang in the studies of I.I. Zarubin [Text] / H.M. Aknazarov // Bulletin of the Tajik National University. - 2024. - No. 10. - P. 42-48.

5. Aknazarov H.M., Makhmadulloev A.S. Some folk traditions related to housing construction in Karotegin and Badakhshan [Text] / H.M. Aknazarov // Bulletin of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. - 2024. - No. 31 (17). - P. 160-168.

6. Aknazarov H.M., Odinaev B.A. Wedding songs of the people of Badakhshan and Zarafshan. [Text] / Aknazarov H.M.// Bulletin of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. - 2023. - No. 3 (15). - P. 230-235.

7. Dilshod Rahimi. Preservation, presentation and development of intangible cultural heritage in Tajikistan. – Dushanbe, 2021. - P.100.

8. Architectural monuments and folk crafts of Kulob (in Tajik, Russian, English). – Dushanbe: “Irfon”, 2006. - P.128.

9. Ivanov D.L. Travel to the Pamirs. Izvestiya Imperatorskago. Russkago geograficheskago obshchestva. No. 26477. vol. XX. - St. Petersburg, 1884. - P. 54.

10. Ibrokhimov M.F. History of traditional weaving of Tajiks: dis... cand. ist. nauk: 07.00.02. - Dushanbe, 2003. - P. 201.

11. Izvelechenie iz ochyta Generalnogo Sthaba kapitana Vannovskogo o reconnaissance v Rushane i Darvaze 1893 // Collection of geographic, topographical and static materials in Asia. - S. Petersburg, 1894. - S. 93.

12. Mahmudova M. Revival of national crafts [Text] / M. Mahmudova. - Khujand, 2016. - P.87.

13. Patterns of weaving and embroidery of the Zarafshan Valley of Tajikistan [Text]. - Dushanbe, 2015. - S. 111.

14. Sainakov S.P., Akhnazarov H.M. Dimitriy Vasilyevich Putyata - as an ethnographic researcher of Pamir [Text] / Akhnazarov H.M. // Message from the Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht District. - 2021. - №3 (7). - P. 162-166.

15. Folk crafts. - Dushanbe, 2023. - P. 132.

16. Shakarmamadov N. Pamir folklore. Volume 4. Ostans - monuments of history and culture of the Badakhshan people (study of shrines of the Badakhshan Mountains). N. Shakarmamadov. - Dushanbe, 2015. - P. 222.

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА РУШДИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ДЕҲОТИ ДУРДАСТ

Мақолаи мазкур аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки эҳё шудани ҳунарҳои фаромӯшшудаи деҳаҳои дурдасти кишварро дар бар гирифтааст. Воқеан, баъд аз «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидани солҳои 2019-2021 дар тамоми минтақаҳои кишвар ҳунарҳои аҷдодӣ ва қадимӣ эҳё гардиданд. Асосан дар деҳоти дурдасти Бартанги Бадахшон бисёре аз ҳунарҳои мардумӣ бо роҳнамоиҳои Пешвои миллат эҳё гардидаанд. Маҳз, иқдомҳои хирадмандонаи Пешвои миллат сабаб мегарданд, ки наслҳои оянда тавассути шинос шудан бо ҳунарҳои суннатии ниёгон ва аз худ кардани онҳо аз таъриху сарнавишт, тарзи зиндагӣ, урфу одатҳо, дину эътиқод ва орзуву ормонҳои наслҳои гузашта огоҳ мешаванд. Ба ибораи дигар, ҳунарҳои мардумӣ намегузоранд, ки мо таърихи миллат ва ватани худро фаромӯш кунем.

Дар ҳақиқат, шахсе, ки ватани аҷдодии худро дӯст намедорад, таърихи ниёгони худро намедонад ва бо фарҳанги ниёгони худ ифтихор намекунад, чунин шахс эҳсосоти миллӣ ва фарҳангу суннатҳои мардумии қавму миллатҳои дигарро низ ҳеҷ гоҳ эътироф ва эҳтиром карда наметавонад. Дар мақола доир ба шаклҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ ва муносибати тоҷикони Бартанг ба ҳунармандӣ маълумот дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҳунар, ҳунармандӣ, рушди деҳот, эҳтироми мардум, худтаъминкунӣ, бозор, тиҷорат, худсохт, ҳунарҳои мардумӣ, фарҳанги мардумӣ.

## ЛИДЕР НАЦИИ И РАЗВИТИЕ НАРОДНЫХ ПРОМЫСЛОВ В ОТДАЛЕННЫХ ДЕРЕВНЯХ

Эта статья интересна тем, что в ней рассказывается о возрождении забытых ремесел в отдаленных деревнях страны. Действительно, после объявления 2019–2021 годов «Годами развития села, туризма и народных промыслов» во всех регионах страны возродились исконные и старинные ремесла. Под руководством Лидера нации возродились многие народные ремесла, в основном в отдаленных селах Бартанга, Бадахшана. Именно мудрые шаги Лидера нации обеспечивают то, что будущие поколения через приобщение и усвоение традиционных ремесел предков знакомятся с историей, судьбой, образом жизни, обычаями, религией, верованиями, мечтами и чаяниями прошлых поколений. Другими словами, народные промыслы не дают нам забыть историю своего народа и родины.

Действительно, человек, который не любит свою исконную родину, не знает историю своих предков, не гордится культурой своих предков, никогда не сможет признавать и уважать национальные чувства, культуру и традиции других

народов и наций. В статье даны сведения о различных видах народных ремесел и отношении таджиков Бартанга к ремеслам.

**Ключевые слова:** ремесла, ремёсла, развитие села, уважение к людям, самодостаточность, рынок, торговля, домашнее хозяйство, народные промыслы, народная культура.

## LEADER OF THE NATION AND THE DEVELOPMENT OF FOLK CRAFTS IN REMOTE VILLAGES

This article is interesting because it talks about the revival of forgotten crafts in remote villages of the country. Indeed, after declaring 2019-2021 as the "Years of Rural Development, Tourism and Folk Crafts", traditional and ancient crafts have been revived in all regions of the country. Under the leadership of the Leader of the Nation, many folk crafts have been revived, mainly in remote villages of Bartang, Badakhshan. It is the wise steps of the Leader of the Nation that ensure that future generations, through familiarization and assimilation of traditional crafts of their ancestors, become acquainted with the history, destiny, way of life, customs, religion, beliefs, dreams and aspirations of past generations. In other words, folk crafts do not allow us to forget the history of our people and homeland.

Indeed, a person who does not love his original homeland, does not know the history of his ancestors, is not proud of the culture of his ancestors, will never be able to recognize and respect national feelings, culture and traditions of other peoples and nations. The article provides information about various types of folk crafts and the attitude of the Tajiks of Bartang to crafts.

**Key words:** crafts, trades, rural development, respect for people, self-sufficiency, market, trade, household, folk crafts, folk culture.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Акназаров Ҳамзалӣ Мубораккадамович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он, Суроға: 734025 шаҳри Ғарм, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Э.Муҳиддинов, 63. Телефон: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Сведения об автор: Акназаров Хамзали Мубараккадамович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедра истории и методики ее преподавания. Адрес: 734025 г. Гарм, Республика Таджикистан, улица Э.Мухиддинова, 63. Телефон: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Information about the author: Aqnazarov Hamzali Mubarakqadamovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant department of history and methods of its teaching. Address: 734025, Garm street, E. Muhiddinov, 63. Phone: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

ТДУ: 93/94

# РАШИДАДДИН ФАЗЛУЛЛОҲ - УСТОДИ ТАЪРИХ ВА ВАЗИРИ ДОНИШМАНД

**Тағдиров А.У.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ аз зумраи донишмандон ва таърихнависони барҷастаи нимаи дуюми асри XIII ва ибтидои асри XIV буда, дар шаҳри Ҳамадони Эрон ба дунё омадааст. Аммо оид ба соли таваллуди Рашидаддин дар худи асарҳои ӯ ва осори дигар муаррихони замонаш маълумоти мушаххас дар даст нест. Донишмандони эронӣ Аллома Қазвинӣ соли таваллуди Рашидаддинро ба соли 638 ҳ.қ (мувофиқ ба соли 1240 м), доктор Муҳаммад Муин ба соли 645 ҳ.қ. (мувофиқ ба соли 1247 м) ва Закӣ Валиди Туғон ба соли 1248 мелодӣ [5, с. 68] (мувофиқ ба соли 646-647 ҳ.қ) нисбат додаанд. Муҳаққиқони замони шуравӣ, аз ҷумла И. Петрушевский соли таваллуди Рашидаддинро 1247 [6, с. 17] ва А.И. Фалина дар муқаддимаи «Мукотиботи Рашидӣ» дар байни солҳои 1240-1247 [12, с. 15] зикр кардаанд. То он ҷое, ки дар хусуси санаи таваллуди Рашидаддин ба мо маълумот дастрас гардид, ӯ дар охирин соли ҳукмронии писари Ҳалогу Обоқохон (1264-1281) сивудусола буд. Агар аз соли охири ҳукмронии Обоқохон, ки ба соли 1281-и мелодӣ рост меояд, 32 –солро кам намоем, соли таваллуди Рашидаддин ба соли 1249 рост меояд. Бинобар ин, бо такя ба ин далел метавон гуфт, ки Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ тахминан соли 1249 дар шаҳри Ҳамадон таваллуд шудааст.

Номи пурраи Рашидаддин, тавре ки худи ӯ дар асараш «Ҷомеъу-т-таворих» зикр менамояд, Рашидаддин Фазлуллоҳ бини Абулхайр бини Алии Ҳамадонӣ машҳур ба «Рашид-ал-табиби Ҳамадонӣ» мебошад. Падараш Абулхайр маъруф бо тахаллуси «Имомудавла», бобояш Алӣ машҳур бо тахаллуси «Фақудавла», амаки падарш Раисудавла ва Хоҷа Насриддини Тӯсӣ аз хидматгорон ва табибони дарбори Исмоилиёни Эрон буданд. Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ дар асари худ «Ҷомеъу-т-таворих» ишора менамояд, ки бузургони ӯ дар дарбори Исмоилиён на бо хоҳиши худ, балки иҷборӣ қарор дошта, бештар ба подшоҳи муғул Ҳалогу таваҷҷуҳ доштанд. Шояд Рашидаддин, ки худ дар дарбори муғулҳо тарбия ва ба воя расидаву дар хидмати хонҳои муғул қарор дошт, ин баҳонаро аз худ бофта, ба ин восита садоқатманд будани худ ва гузаштагонашро ба ҳокимони муғул собит карданӣ шудааст. Зеро ин хонадон солҳои тӯлонӣ дар хидмати Исмоилиён қарор дошта, зимни таслими хоҷа Рукниддин ба Ҳалогу ба дарбори ӯ оварда шуд. Хоҷа Рашидаддин дар ин бора дар «Ҷомеъу-т-таворих» чунин овардааст: « Ва чун ростдиле Хоҷа Насриддини Тусӣ ва фарзандон Раисуддавла ва Мувофиқуддавла, ки атбои бузурги муътабар буданд ва асли эшон аз шаҳри Ҳамадон равшан ва муҳаққиқ буд, ишонро тамомат суюрғомишӣ фармуда, бинавохт ва улоғ дод то тамомати аҳл ва аёл ва мутаалliқон ва хешони эшонро бо умум ҳавошӣ ва худам ва атбоъ ва ошиёъ аз он ҷо берун оварданд ва эшонро мулозими ҳазрат гардониданд ва то ғояти ҳамвора эшон ва фарзандони эшон мулозим ва муқарраби ҳазрати Ҳалогухон ва уруғи номдори ӯ буданд ва ҳастанд» [8, с. 991]. Рашидаддин, ки дар ин вақт 6 –сола буд, бо ҳамроҳии падару бобо ва дигар аҳли оилаашон дар дарбори Ҳалогу қарор гирифт. Падар ва бобои Рашидаддин дар дарбори Ҳалогу ба ҳайси табиб ба хизмат пардохтанд. Рашидаддин бошад, дар

дарбори Ҳалогу ва писараш Обоқохон (1264-1281) ба воя расид ва тавре гуфтем дар охирин соли ҳукмронии Обоқохон, яъне дар соли 1281 ба синни сивуду расида буд.

Бино ба таҳқиқоти муҳаққиқи тоҷик А. Саидов «Рашидуддин дар Ҳамадон таҳсил намуда, илмҳои мухталифи замонро аз худ кард, якчанд забонҳоро медонист ва ба касби падару бобояш табибӣ низ рағбати зиёд дошт» [11, с. 15]. Дар бораи овони наврасӣ ва ҷавонии Рашидаддин ҳарчанд, ки то кунун маълумоти муфассал дастрас нест, эҳтимол меравад, ки падру бобои ӯ, ки донишманд буданд, муаллими фарзанди худ дар илми тиб ва дигар илмҳо ба ҳисоб мерафтанд. Ғайр аз ин, фазои хонаводагии ӯ дар омӯзиши илмҳои замон ба Рашидаддин бетаъсир намемонд.

Замони дар сари қудрат будани ҳокими элхонӣ Обоқо (1265-1282) Рашидаддин дар дарбори ӯ хизмат намуда, дар дарбори Элхониён ҳамчун табиб шуҳрат ёфт ва лақаби табибиро соҳиб гашт. Сипас дар умури идораи давлат низ таваҷҷуҳ намуд [11, с. 15]. Хондамир ба таври кӯтоҳ ишора менамояд, ки «Дар замони Обоқохон он вазири олиашон дар сулуки ҳукамои Элхонӣ интизом ёфт ва дар айёми давлати Арғунхон манзури назари тарбият гашта, партави иноятӣ подшоҳона бар ваҷноти аҳволаш тофт» [13, с. 316].

Дар манобеи хаттӣ дар бораи наврасӣ ва оғози фаъолияти Рашидаддин маълумоти комил дастрас нест. Донишманди эронӣ Муҳаммад Рушан, ки дар ин самт дар пешгуфтори асари «Ҷомеъу-т-таворих» таҳқиқоти муҳиме анҷом додааст, қайд менамояд, ки «бегумон дар оғоз ба унвони пизишк ва ба навиштаи худи вай ҳамон замон муқарраб» ва ба навиштаи Оқилӣ –муаллифи «Осору-л-вузаро» «дар силики манзурони назари отифати иноятӣ подшоҳ будааст» [5, с. 68]. Дар замони кӯтоҳи ҳукуматдории Аҳмади Тақводор (1282-1284) дар бораи Рашидаддин маълумот то ҳол вуҷуд надорад, аммо дар солҳои ҳукмронии Арғунхон (1284-1292) на танҳо пизишк ва аз наздикони ин подшоҳи муғул буд, балки дар масоили шуғли ӯ низ машварат мекард. Дере нагузашта дар корҳои идораи давлатӣ низ бо Арғунхон маслиҳат менамуд.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки Рашидаддин дар овони наврасӣ ва ҷавонии худ илмҳои замонро аз худ карда, як донишманди мумтоз ба воя расидааст. Ӯ дар дарбори муғулҳо саравал ҳамчун табиб ва сипас дар идораи раёсат роҳ ёфта, шарики Саъдудавла [2, с. 97] - вазири Элхониён гардид. Ҳамзамон, Рашидаддин боре бо дастури Арғун ба Ҳиндустон ҳамчун сафир фиристода шуд, ки мақсад аз ин сафар ба итоати йинон даромадани шоҳзодагони Ҳинд ва пардохт намудани андозҳо буд [10, с. 164].

Пас аз вафоти Арғунхон ба сари ҳокимияти муғулҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон Геҳоту (1291-1294) омад. Хондамир дар асари худ «Дастуру-л-вузаро» менигорад, ки «Чун Геҳотухон подшоҳ шуд, рақами мансаби вазоратро бар вай кашид, аммо Хоҷа бинобар маслиҳати вақт дар он вақт маснади вазоратро ба вуҷуди шариф мушарраф нагардонид» [13, с. 316]. Дар бораи дигар аҳволи Рашидаддин дар ин солҳои манобеи хаттӣ маълумот намедиҳанд, аммо маълум аст, ки Рашидаддин дар дарбори Геҳоту хидмат мекард.

Дар солҳои ҳукмронии Маҳмуд Ғазонхон (1294-1303) Рашидаддин дар дарбор мақоми хоса ёфта, аз наздикон ва мусоҳибони Элхон гардид. Худи Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ аз аҳвол ва мақоми худ дар дарбори Ғазонхон чандон маълумот надодааст, аммо ба таъиди дигар манобеъ, аз ҷумла ахбори Мирхонд ва Хондамир соли 697 ҳ.қ. мувофиқ ба соли 1297 пас аз қатли Садриддин

Аҳмад Холиди Зинҷонӣ вазорати Ғазонхон ба дасти Рашидаддин Фазлуллоҳ ва Хоҷа Саъдуддин гузашт [4, с. 438]. Рашидаддин соҳиби мансаби девони вазорат ва Саъдуддин вазири Ғазонхон таъин шуданд. Хондамир дар рисолаи худ «Дастуру-л-вузаро» менигорад, ки «Баъд аз он ки Ғозонхон бар сарири ҷаҳонбонӣ нишаст, Хоҷа Саъдудини Зинҷонӣ аз шаҳодат ёфт, офтоби авотифи Элхонӣ бар саҳоифи аҳволи Хоҷа Рашидаддин тофт. Ройи савоб намоиши назми масолеҳ гашт ва фикри мушкил кӯшоиши мартабаи умури ҷумҳур бане одам шуд» [13, с. 316]. Аммо Рашидаддин дар ин давра дар корҳои молиётии вазорат дахолат намекард.

Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ як табиб ва як вазири одии давлти Элхонӣ набуд, балки ӯ дар идораи давлати Элхонӣ нақши бузург дошт. Масалан, дар замони ҳукмронии муғулҳо борҳо аҳолӣ аз ҷониби лашкари муғул истисмор ва заминҳои кишоварзияшон поёмол мегардид, ки ин ба харобшавии аҳволи мардум сабаб мегашт. Рашидаддин ҷиҳати пешрафти мамлакат ба Ғозонхон арз кард, ки дар давлат ислоҳот гузаронад. Ғозонхон ислоҳот гузаронида, «барои пешрафти ҳаёти мамлакат мусоидат намуда, ба мардуми ин сарзамин имконият дод, ки расму ойини худро аз нав зинда кунанд» [11, с. 16]. Ин иқдом ба рушди иқтисодиёти мамлакат шароит фароҳам овард. И.П. Петрушевский низ таъкид менамояд, ки асоси ислоҳоти Ғозонхонро андешаҳои сиёсии Рашидаддин ташкил медод, ки он аз зарурати наздик шудани муғулҳо бо табақаҳои болоии мансабдорони маҳаллӣ ва аз худ кардани анъанаҳои сиёсии эрониҳо, зарурати эҳёи соҳаи кишоварзӣ, ки аз низоми андозситонӣ хароб гашта буд ва бо ин васила сабук намудани бори андоз ба деҳқонон, муҳофизати онҳо аз зулми ашрофи кӯчманчии ҳарбии муғулу турк, барқарорсозии дастгоҳи мансабдорони молиявӣ ва амсоли онҳо иборат буд [6, с. 18].

Дар замони Ғозонхон бо ташаббуси Рашидаддин Фазлуллоҳ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти мардум диққати ҷиддӣ дода мешуд. Шаҳрсозӣ ва бунёди иншоотҳои нав ҷорӣ гардид, бунёди беморхонаҳо ва шароити онҳо беҳтар карда шуд. Масалан, аз ҷониби Ғазонхон шаҳри Табрез аз нав сохта шуд ва Рашидаддин дар он ҷо маҳалеро бо номи Рубъи Рашидӣ бунёд карда, ки дар он ҷо 24 корвонсарои бошукӯҳ, 1500 дӯкон, 30 ҳазор хонаҳои зебо, ҳаммомҳо, осиёбҳо, корхонаҳои пашмбофӣ, коғазбарорӣ, рангуборкунӣ, зарробхона ва ғайра сохта шуд [7, с. 313-314]. Ҳамзамон, ӯ барои рушди соҳаи тиб кӯшишҳои зиёд карда, аз кишварҳои Ҳинду Чин, Мисру Шом ва дигар мамлакатҳо беш аз 50 нафар табибонро ҷиҳати табобати мардум ва тарбияи шогирдон даъват карда, дар маҳаллаи «Рубъи Рашидӣ» ҷой намуд, ки онро кӯчаи табибон ном гузоштанд [7, с. 344-345; 11, с. 16]. Дар баробари ин, ӯ дар шаҳри Ҳамадон беморхона ва дорухона сохт [11, с. 16], ки дар он беморони зиёдро муолиҷа мекарданд.

Хондамир бо ишора ба ҳаёту зиндагии Рашидаддини Фазлуллоҳ дар давраи Ғазонхон чунин фармудааст: «Ва Хоҷа Рашид то охири аёми Ғозонӣ дар ғояти иқбол ва комронӣ ба сар бурд. Чун султон Муҳаммад Худобанда зимоми муҳоми кишварситонӣ ба қабзаи иқидор овард, бештар аз бародар дар бораи он дастур сутуда, сири лутф ва марҳамат мабзул дошта, дараҷаи ӯро аз соири аркони давлат баландтар кард ва он вазир насифати ниҳоди абвоби адл ва инсоф бар рӯйи хос ва ом бигушод ва аҳли илм ва фазилатро машмули назари ъотифаӣ гардонида, ҷиҳати таскини ишон бақои хайр биниҳод» [13, с. 317]. Бино ба тайиди ин манбаъ осори хайроти Хоҷа Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ ҳанӯз дар вилояти Ироқ ва Озарбойҷон боқӣ ва пойдор аст ва забони арбоби назм ва нашр аз шумули мароҳим ва авотифаш мадҳи кӯе ва шукргузор [13, с. 317].

Дар замони салтанати Улҷойтухон (1303-1316) Рашидаддин дар дарбор эътибори дигар пайдо карда, дар идораи корҳои давлатӣ рухсат гирифт. Улҷойту ӯро бисёр эҳтиром карда, ҳатто ҳангоми бемор шудани Рашидаддин ба аёдаташ мерафт [9, с. 433]. Дар охири солҳои ҳукмронии Улҷойту байни Рашидаддин ва Саъдудин мухолифат сар зад. Бино ба таҳқиқоти Муҳаммад Рушан дар ин давра хоҷа Саъдуддин ҳамкори вай буд. Аммо дар соли 710 ҳ.қ., мутобиқ ба соли 1310 –и милодӣ байни Рашидаддин Фазуллоҳи Ҳамадонӣ ва Саъдуддин мухолифат сар зад, ки бар асари «саъойт»-и дӯстон: Рашидаддин ва Тоҷиддин Алишоҳи Табрезии ҷавоҳирфурӯш, ки дар даргоҳи султон тақарроб ёфта буд ва ҳавои вазорат дар сар дошт, Хоҷа Саъдуддини Совӣ ба қатл расонида шуд ва Алишоҳи Табрезӣ ба ҷойи вай ба мансаб нишаста, шарики кори хоҷа Рашидаддин шуд, вале «ба шарти он ки аз тадбиру райи Хоҷа Рашидаддин таҷовуз накунад ва замони умури ҷузвӣ ва куллӣ дар кафи кифояти ӯ бошад» [5, с. 72]. Аммо чанд сол баъд, яъне, соли 715 ҳ.қ. мувофиқ ба соли 1315 милодӣ байни Рашидаддин ва Тоҷиддин Алишоҳ мухолифат оғоз шуд. Бино ба ахбори Мирхонд «Дар авохири аёми давлати Улҷойту султон Хоҷа Тоҷиддин Алишоҳ бағоят иноқ гашта буд ва дар пояи сарири олӣ густох шуда ва баъзе аз муҳимоти девониро бе машварати Хоҷа Рашид ташит медод ва Хоҷа Рашид аз ин маънӣ дар тоб мешуд ва таҳаммули ин сурат намекард. Чӣ худро ба маротиб аз Хоҷа Алишоҳ зиёда гумон мебурд ва бад-ин сабаб маводи низоҳ дар ҳаракат омада. Хоҷа Рашид арза дошт, ки агар дар ин мансаби вазорат ман банда бар Алишоҳ тақдим дорам, ӯро пайравӣ ман бояд кард ва агар ӯ дар ин амр мустақил аст, мувоҷеҳи бандаи таъин бояд фармуд, то ба муфтази фармон амал кунам. Ва агар ҳарду шарикем, бозхости танҳо аз банда чарост?» [4, с. 476-477]. Бино ба иттиллои ин манбаъ Рашидаддин дар бораи тақсими идораи корҳои вазорат дар байни худ ва Алишоҳ ба Улҷойту муроҷиат намуд. Ин ахборро Хондамир низ тасдиқ карда, онро ба таври дигар чунин инъикос кардааст: «Ва чун дасти қазо рӯзномаи ҳаёти Хоҷа Саъдуддинро дарнавиш ба ҳукми Улҷойту султон Хоҷа Алишоҳи Ҷелонӣ дар вазорат бо Хоҷа Рашид шарик гашт ва дар аввохири давлати Улҷойтусултон Хоҷа Алишоҳ бағоят муқарраб шуда, баъзе муҳимотро ба вақти Хоҷа Рашидаддин файсал медод. Аз ин ҷиҳат ҳузун ва малоли бисёр ба хотири он ҷаноб расида, назди подшоҳ забон ба шикоят бикушод ва ба арз расонид, ки агар дар мансаби вазорат банда бар Хоҷа Алишоҳ тақдим дорад, ӯро мутобеати ман бояд кард ва агар ӯ дар тамшит ин амр истиқлол ёфта, бандаро рӯй ба саранҷоми муҳими дигар бояд овард ва ҳоло Хоҷа Алишоҳ ҳар яке аз ин се суратро ихтиёр намоянд, банда муқаддам иттифоқи пеш, аввал, он ки мутаъҳиди ҷамиъи омури девонӣ шуд, то ман ба ҷавоб муҳосиботи сунуоти собиқа қиём намоям. Дуввум он ки тамоми маҳмоҳе, ки мутааллиқ ба вузаро мебошад, ба банда боз гузорад, то ман ба инояти султонӣ мустазҳир буда, аз уҳдаи он берун оям. Севум он ки билод ва мамолики маҳрусаро мунқасим ба ду бахш карда, ҳар як дар қисме дахл кунем ва ба қадри мақдури хеш осори кифоят ба ҳайси зуҳур расонем» [13, с. 317-318]. Улҷойту дар ҷавоб ба муроҷиати Хоҷа Рашидаддин Фазлуллоҳ менигорад, ки Хоҷа Рашидаддин ва Хоҷа Алишоҳ аз хидматгорони шоиста буда, Рашидаддин марди пир ва донишманд ва Алишоҳ ҷавони кордону хирадманд аст. Бинобар ин, Улҷойту идораи умури кишварро байни онҳо тақсим карда, таъкид намуд, ки ҳарду мухолифат наварзида, корҳои идораи давлатро аз рӯйи вазифа пеш баранд. Мухолифати онҳо то вафоти Улҷойту анҷом ёфта, Рашидаддин ба идораи корҳои молиявии вазорат дастур ёфт [4, с. 477].

Соли 716 ҳ.қ., мувофиқ ба соли 1316 мелодӣ Улҷойту вафот кард ва дар соли 717 ҳ.қ. мувофиқ ба соли 1317 писари 12 –солаи ӯ Абусаид Баҳодурхон ба тахт нишаст, аммо бо сабаби хурдсолии Абусаид ҳукуматро амир Чӯпон идора мекард. Дар ин вақт ихтилоф миёни Рашидаддин ва Тоҷиддин Алишоҳ шиддат гирифт. Мувофиқи ахбори Камолиддин Абдураззоқи Самарқандӣ амирон ба тарфдории Тоҷиддин гузашта, Рашидаддинро гунаҳгор намуданд, ки дар натиҷа Рашидаддини Фазлуллоҳ аз дарбор ронда шуда, ба Табрез рафт [3, с. 29-30]. Ин хабаро Мирхонд ва Хондамир низ тасдиқ мекунанд. Аз ҷумла, Мирхонд дар хусуси сабаби мухолифати онҳо чунин мефармояд: «Дар аёми давлати султон Абусаид чун Хоҷа Рашид ба нисбати амир Чӯпон осори ихлос ва давлатхоҳӣ ба зуҳур мерасонид ва ҷониби иморатмаоб низ бо ӯ дам муолот мезад, ин маънӣ сабаби издиёди ваҳшату ниқори Алишоҳ мегашт» [4, с. 482-483]. Бино ба санади ин банбаъ дар ҳамин вақт ҷамъе аз нависандагон ба назди Хоҷа Рашидаддин рафта, гуфтанд, ки агар розӣ бошанд, таснифоти Алишоҳ собит созанд. Аммо Рашидаддин ба ин иҷозат надод. Нависандагон аз амали Рашидаддин ранҷида, ба назди Алишоҳ рафта, дар қасди Хоҷа бо ӯ иттифоқ шуданд. Ин боиси маъзули Хоҷа Рашидаддин гашта, дарборро тарк кард ва аз Султония ба Табрез рафт. Соли 718 амир Чӯпон пас аз баргаштан аз сафари Бағдод бо баҳонаи шикор ба Хуросон ба Табрез рафта, бо Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ вохӯрд. Аз сабаби он ки Чӯпон ба Рашидаддин эътирому эътиқоди хоса дошт, ӯро маҷбур дубора ба дарбор овард. Тоҷиддин Алишоҳ ва дигар тарафдорони ӯ аз ин ҳодиса дар воҳима афтода, тадбир ҷӯстанд [4, с. 483]. Оқибат, онҳо тавонистанд, ки бо пешниҳоди зару сими зиёд амир Чӯпонро ба тарафдории худ кашида, бо туҳматҳои бо маслиҳати Рашидаддин масмум сохтани Улҷойту аз ҷониби Иброҳим –писари Рашидаддин ва яҳудитабор будани Рашидаддин [1, с. 553] аз элхони хурдсол фармони қатли Рашидаддинро ба даст оранд. Хондамир дар ин бора чунин мефармояд: «Ва амир Чӯпон ин ҳадисро ба ъарзи султон Абусаид Баҳодурхон расонида, ду амири дигар, ки ришват гирифта буданд, адои шаҳодат намуданд ва ҳукми қатли он Хоҷаи некнафаси ҳалим ва писараш Хоҷа Иброҳим ҳосил фармуда, дар ҳафтдаҳуми ҷумодиулаввали санаи самонъашр (718 ҳ.қ., мутобиқ ба соли 1318) мувофиқ афтод» [13, с. 321]. Бино ба санади Мирхонд ва Хондамир гурӯҳе, ки ба Рашидаддин ин корро кардаанд, дар давоми ҳамон сол ба қатл расонида шуданд [13, с. 322; 4, с. 483].

Хулоса, зери фармони хони Элхонӣ нахсут фарзанди Рашидаддин Иброҳимро дар назди чашмони падарш ба қатл расонида, дар роҳи Табрез ва Султония дар рустои Хушкдра-наздикии Абҳар Рашидаддини Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ, ки муддати 40 сол дар дарбори Элхонон хизмат карда буд, қатл гардид. Ҷасади ӯро ба узвҳо тақсим карда, ба шаҳрҳои мухталиф фиристоданд ва бақияи ҷасадаашро дар Табрез ба хок супориданд. Баъд аз як аср бо фармони ҳокими Табрез - писари Темурланг- Мироншоҳ, ки аз бемории молихулиё азият мекашид, бақоёи ҷасади Рашидаддинро ба гӯристони яҳудиён интиқол доданд [11, с. 15].

Дар бораи яҳудӣ будани Рашидаддин дар манобеи хаттӣ ва адабиёти илмӣ назарҳо гуногун аст. Муҳаммад Рушан, ки дар ин самт низ таҳқиқоти муҳиме анҷом додааст, мефармояд: «Он чи маҳраз аст бе ҳеҷ гумон он аст, ки Хоҷа яҳудитабор будааст. Аммо ёфтани посухи қотеъ бар ин ки оё пешиниёни дури ӯ яҳудӣ будаанд ва ислом овардаанд ва ё он ки падараш оини Ислом пазируфтааст ва ё он ки худи вай дар ҷавонӣ ва ё дар солҳои вопасини умр мусулмон шудааст, бисёр душвор аст ва манобеи мо дар ин боб дучори парешонӣ ва гуногунӣ аст» [5,

с. 73]. Аммо Мирхонд ва Хондамир, ки дар асарҳои худ «Равазату-с-сафо» ва «Дастуру-л-вузаро» дар бораи ӯ маълумоти муҳиме овардаанд, дар хусуси яҳудитабор будани Хоҷа ишора накардаанд. Ба андешаи мо таҷрибаи сабаби ба қатл расидани Саъдуддин, ки яҳудитабор буданаш гардид, ба душманони Рашидаддин имконият дод, ки бо истифода аз ин тухмат ӯро низ аз байн баранд.

Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ дар муддати 40 –соли фаъолияташ дар дарбори Элхониён хизматҳои бузург анҷом додааст. Тавре қайд кардем, ӯ шаҳрҳо, маҳаллаҳо, табобатхонаҳо ва ғайраҳо бунёд намуда, ҷиҳати беҳтар намудани зиндагии мардум чораҳои муҳим андешидааст. Инчунин, бо ҷалби ӯ аз дигар кишварҳо ва минтақаҳо табибон ва дигар донишмандон ҷалб шуданд.

Рашиддадин 14 фарзанд дошт, ки ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш дар мансабҳои баланди давлатӣ кору фаъолият мекарданд. Аммо аҳволи онҳо пас аз марги Рашидаддин то кунун равшан нест.

Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ дар баробари хизмат ба хонони муғул дар соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла тафсир, фиқҳ, калом, ҳикмат, тиб, дорушиносӣ ва кишоварзӣ саҳми калон гузошта, асарҳои зиёде таълиф намудааст. Осори ӯ дар замони зинда буданаш дар шаш маҷмӯа гирдоварӣ шуда, бо забони арабӣ ва форсӣ навишта шудаанд, ки онро «Маҷмуаи рашидия» низ ном мебаранд. Чунин асарҳо ба қалами ӯ тааллуқ доранд: «Тавзеҳот», «Муфтоҳ–ул тафосир», «Султония», «Латоиф», «Ҷомеъу-т-таворих», «Осор ва эҳё», «Баёну-л ҳақоиқ», «Таҳқиқу-л- мубоҳис».

Муҳаммад Рушан аз рисолаҳои «Футуҳот», «Меъроҷ», «Нафоис-ул-афкор» ва рисолат дар боби «Камоли нафс» баъд аз муфориқат низ ном бурдааст, ки аз он миён рисолаи футуҳотро бахше аз китоби «Латоиф» шиносонидааст [5, с. 85]. Ғайр аз ин, муҳаққиқи дигари эронӣ Муштобӣ Минуӣ аз асарҳои Рашидаддини Фазлуллоҳ ном мебарад, ки дар байни онҳо чунин асарҳо то ҳол дастрас нест: «Ахбор ва осор», «Китоби сиёсат ва тадбири подшоҳӣ», «Китоби сиёсат ва тадбири мулки хитоиён» [5, с. 86].

Асари дигаре, ки пас аз марги ӯ мураттаб шудааст, «Мукотиботи Рашидӣ» мебошад, ки 53 мактубро дар бар гирифта, аз онҳо чор адад ба унвони Рашидаддин ва боқимонда аз ҷониби Рашидаддин ба писаронаш ва ҳокимону рӯҳониён ва ашхоси масъули дигар навиштаву ирсол гардидааст. Мактубҳои Рашидаддин дар замони вазирии писараш Ғиёсуддин дар маҷмӯае зери унвони «Савонеҳу-л-афкори Рашидӣ» гирд оварда шудаанд [11, с. 15].

Аз миёни осори Рашидаддин «Ҷомеъу-т-таворих» асари таърихӣ мебошад. Аз ин рисола баремояд, ки Рашидаддин дар баробари дигар илмҳои замони худ, таърихро ниҳ хеле хуб медонистааст.

Тавре аз осори ӯ бармеояд, Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ дар баробари иҷрои корҳои сиёсиву дохилии давлати Элхониён ба соҳаи илм низ хидмати шоисата кардааст. Ӯ дар замони зинда буданаш асарҳои худро ба забонҳои арабӣ, муғулӣ ва туркӣ тарҷума ва паҳн намуд. Рашидаддин ба ин васила аз яка тараф хатари аз байн рафтани асарҳои худро бартараф мекард ва аз ҷониби дигар ҳаводорони илмро аз донишҳои илмӣ баҳравар мегардонид.

Ҳамин тариқ, Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ аз ҷумлаи донишмандони садаи XIII-ибтидои асри XIV буда, тахминан соли 1249 дар Ҳамадон дар оилаи табиб ва донишманд ба дунё омадааст. Дар бораи овони ҷавонӣ ва наврасии ӯ маълумот дастрас нест. Ӯ дар синни 6 –солагӣ бо аҳли оилааш ба дарбори хони муғул Ҳалогу оварда шуд. Рашидаддин илмҳо замонашро аз падар, бобо ва дигар

донишмандон аз худ намуда, як табиби мумтоз ва донишманд ба воя расида, муддати 40 сол дар дарбори хонҳои муғул хидмат намуд. Ӯ соҳиби эҳтроми баланд низ гардид, ба мартабаи вазири дарбори Элхониён расид, аммо соли 1318 зери туҳматҳои шуҳратпарастони дарбор бо дастури хони муғул Абусаид дар синни 69 –солагӣ ба қатл расонида шуд.

**Муқарриз: Махсудов А.М. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Бертолд Шпуллер. Таърихи муғул дар Эрон: сиёсат, ҳукумат ва фарҳанги давраи Элхонон. Тарҷумаи М. Мирофтоб. - Теҳрон, 1386 ҳ.
2. Доктор Ҳабибуллоҳ. Таърихи Яҳуди Эрон. Ҷ.3. – Теҳрон, 1339 ҳ.қ.
3. Камолиддин Абдураззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн». – Теҳрон, 1353 ҳ.қ.
4. Мирхонд. Равзату-с-сафо. Ҷ.5. – Теҳрон, 1339 ҳ.қ.
5. Муҳаммад Рушан. Пешгуфтор / Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеъу-т-таворих. Ҷ. аввал. – Теҳрон, 1373.
6. Петрушевский И.П. Рашид-ад-дин и его исторический труд // Рашид-ад-дин. Сборник летопи-сей. Том I. Книга первая. - М., 1952.
7. Рашид ад-дин. Переписка. Перевод, введение и комментарий А.И. Фалиной. – М., 1971.
8. Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеъу-т-таворих. Ҷ. аввал. – Теҳрон, 1373 ҳ.
9. Робеъ Рашидӣ. Вақфнома. Бо эҳтимоми Муҷтабӣ Менуӣ ва Эраҷ Афшор. – Теҳрон, 1350 ҳ.қ.
10. Саидов А. Нақши Рашидуддин Фазлуллоҳ дар умури идораи давлати Элхониҳо // Муаррих. - 2023. - № 2 (34).
11. Фалина А.И. Рашид-ад-дин и его переписка / Рашид-ад-дин переписка. - М., 1971.
12. Хондамир. Дастуру-л-вузаро. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Саид Нафисӣ. Теҳрон. Интишороти Иқбол. 2535 шоҳаншоҳӣ.

**Literature:**

1. Berthold Spüller. Mongol history in Iran: politics, government and culture of the Elkhan period. Translated by M. Miroftab. - Tehran, 1386 AH
2. Dr. Habibullah. History of the Jews of Iran. Vol. 3. - Tehran, 1339 AH
3. Kamoliddin Abdurrazaq Samarkandi. Matla'-us-sa'dayn and Majma'-ul-bahrain". - Tehran, 1353 AH
4. Mirkhand. Ravzatu-s-safa. Vol. 5. - Tehran, 1339 AH
5. Muhammad Rushan. Preface / Rashidaddin Fazlulloh Hamadani. Jami'u-t-tawarikh. Vol. 1. - Tehran, 1373.
6. Petrushevsky I.P. Rashid-ad-din and his historical work // Rashid-ad-din. Collection of chronicles. Volume I. Book one. - M., 1952.
7. Rashid-ad-din. Correspondence. Translation, introduction and commentary by A.I. Falinoy. – M., 1971.
8. Rashid-ad-din Fazlullohi Hamadoni. Jame'u-t-tavorikh. Vol. first. – Tehran, 1373 AH.
9. Rabi' Rashidi. Endowment. With the respect of Mujtabi Menui and Iraj Afshor. – Tehran, 1350 AH.

10. Saidov A. The role of Rashid-ad-din Fazlullohi in the management of the Elkhanid state // Historian. - 2023. - No. 2 (34).
11. Falina A.I. Rashid-ad-din and his correspondence / Rashid-ad-din correspondence. - M., 1971.
12. Khondamir. Dastur-ul-vuzaro. With corrections and introduction by Said Nafisi. Tehran. Iqbal Publications. 2535 Shahanshahi.

## РАШИДАДДИН ФАЗЛУЛЛОҲ – УСТОДИ ТАЪРИХ ВА ВАЗИРИ ДОНИШМАНД

Дар мақола муаллиф дар асоси асари “Ҷомеъу-т-таворих” ва асрҳои дигари олимон ва донишмандони дохиливу хориҷӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадониро инъикос намудааст. Дар мақола ҷиҳати таҳқиқи масъалаи мазкур аз дигар манбаъҳои хаттӣ истифода ва ахбори онҳо ба таври комил дар мақола истифода шудааст. Хусусан қайд мегардад, ки номи пурраи Рашидаддин, тавре ки худи ӯ дар асараш «Ҷомеъу-т-таворих» зикр менамояд, Рашидаддин Фазлуллоҳ бини Абулхайр бини Алии Ҳамадонӣ машҳур ба «Рашид-ал-табиби Ҳамадонӣ» мебошад. Падараш Абулхайр маъруф бо тахаллуси «Имомудавла», бобояш Алӣ машҳур бо тахаллуси «Фақудавла», амаки падарш Раисудавла ва Хоҷа Насриддини Тӯсӣ аз хидматгорон ва табибони дарбори Исмоилиёни Эрон буданд.
Ба андешаи муаллиф Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ яке аз донишмандон, таърихнигорон ва табибони машҳури замони муғулҳо буда, бо эҷоди асрҳои пурмазмун ба мисли “Ҷомеъу-т-таворих” нақш ва ҷойгоҳи хешро дар илми таърихнигории тоҷик тавонистааст, ки устувор нигоҳ дорад.
**Калидвожаҳо:** Рашидаддин Фазлуллоҳ, Элхонон, Рашид-ал-табиб, таърихнигор, Ҳамадон, муғулҳо, яҳудӣ, Султония, Табрез.

## РАШИДУДДИН ФАЗЛУЛЛОХ – УЧИТЕЛЬ ИСТОРИИ И МУДРЫЙ МИНИСТР

В статье автор размышляет о жизни и деятельности Рашид ад-дина Фазлуллоха Хамадони, основываясь на труде «Джамеут-таворих» и других трудах отечественных и зарубежных ученых и деятелей науки. В статье использованы другие письменные источники для исследования этого вопроса, и их информация полностью использована в статье. Особого внимания заслуживает тот факт, что полное имя Рашид ад-Дина, как он сам утверждает в своей работе «Джами ат-Таварих» Рашид ад-Дин Фазлуллах бин Абуль-Хайр бин Али Хамадани, известный как «Рашид ат-Табиб Хамадани». Его отец Абу-л-Хайр, известный под псевдонимом «Имамудавла», его дед Али, известный под псевдонимом «Факудавла», и его дяди по отцовской линии Раисудавла и Ходжа Насриддин Туси были слугами и врачами исмаилитского двора Ирана.
**Ключевые слова:** Рашидуддин Фазлуллах, Эльхан, Рашид аль-Табиб, историк, Хамадан, монголы, еврейство, султанат, Тебриз.

## RASHIDUDDIN FAZLULLOH – HISTORY TEACHER AND WISE MINISTER

In the article, the author reflects on the life and activities of Rashidaddin Fazlullohi Hamadoni, based on the work "Jome'u-t-tavorikh" and other works of domestic and foreign scholars and scholars. In order to investigate this issue, the article uses other written sources and their information is fully used in the article. In particular,

it is noted that the full name of Rashiduddin, as he himself mentions in his work "Jami' al-Tawarikh", is Rashiduddin Fazlullah bin Abul-Khair bin Ali Hamadani, known as "Rashid al-Tabibi Hamadani". His father, Abu'l-Khair, known by the pseudonym "Imamoudavla", his grandfather, Ali, known by the pseudonym "Faqudavla", and his paternal uncle, Raisudavla and Khoja Nasriddin Tusi, were servants and physicians of the Ismaili court of Iran. According to the author, Rashidaddin Fazlulloh Hamadoni was one of the most famous scholars, historians, and physicians of the Mongol era, and by creating meaningful treatises such as "Jome'u-t-tavorikh", he was able to maintain his role and place in Tajik historiography.
**Key words:** Rashiduddin Fazlullah, Elkhan, Rashid al-Tabib, historian, Hamadan, Mongols, Jewry, Sultanate, Tabriz.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Тағдиров Абдуназар Умарбекович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 934113961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**Сведения об автор: Тагдиров Абдуназар Умарбекович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры истории и методики ее преподавания. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 934113961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**Information about author: Tagdirov Abdunazar Umarbekovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant at the department of history and methods of teaching. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 934113961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**ТДУ: 93/94**

# ИНЪИКОСИ ДАВЛАТИ ПЕШДОДИЁН ВА КАЁНИЁН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**Ҷомиева Г.Қ.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Пешдодиён гуфта давлати асотирии эрон-аслҳоро дар назар доранд, ки давраи мавҷудияташ куллан аниқ нест. Вале баъзе манбаъҳо хатии мансуби таърихна-висии эронӣ ва арабӣ мавҷудияти онро аз 9 ҳазор сол то асри 9 то милод дар назар доранд. Ин анъана на ба таърихи давлат балки бештар ба таърихи ҷамъияти инсонӣ мансуб дошта, асосан давраи ибтидоии ҷамъиятро дар бар мегирад. Ин таърихнависӣ ҳамчун назарияи давлат ба назарияи исло-мии пайдоиши одаму олам ва ҷамъияту давлат асос ёфтааст.

Асоси ин назарияро ақидае ташкил медиҳад, ки гӯё Худо (чӣ дар зардуштия ва чӣ дар ислом) ба мақсади бандаго-нашро ёд додани касбу ҳунар ва умуман зиндагиро омӯзондан пайиҳам қосидҳои худро дар нишонаи пайғаймбарӣ ва ё шоҳ мефиристад ва ҳар кадом вазифаи худро иҷро карда, пас масъулиятро ба дигарон медодааст. Асоси ин ривоятро ривояти қадимаи эрониасл (асосан паҳлавӣ) ташкил медиҳад, ки он ба ислом ҳам дохил шудааст. Мувофиқи ин ривоят аввалин сулолаи ҳукмрони Эрон Пешдодиён буда, асосгузори он Каюмарс мебошад. Каюмарс аввалин одам ва шоҳест, ки ӯро Аҳуро Маздо офаридааст. Каюмарс 30 сол ҳукмронӣ карда, ба одамон ром кардану истифодаи ҳайвонотро

ёд дода ҳокимиятро ба писараш Сиёмак супоридан мехост. Вале Сиёмак дар ҷанги зидди девон, ки ҳокими мулкҳои ҳамсояи ориёно (эрониҳо) будаанд, ҳалок мегардад. Каюмарс ва фарзандони ӯ тулонӣ қассоси Сиёмакро гирифта, дар охир ғалаба мекунад ва ба тахт Хушанг менишинад. Хушанг 40 сол ҳукмронӣ карда ба одамон кишти зироат, даравидан, кӯфтан, обёрӣ кардан ва оҳангудозиро ёд додааст. Ихтирои оташ ҳам ба ӯ тааллуқ дорад.

Фурӯғ падид омад аз ҳарду санг,
Дили санг гашт аз фурӯғ озаранг.

Ба ин муносибат Хушанг ҷашн бороросст ва ҷашнро ҷашни "сада" хонданд, ки то ба мо ёдгор омадааст. Баъди Хушанг писари ӯ Таҳмурас шоҳ шуд ва шоҳигарии ӯ 30 сол давом кард. Дар давраи Таҳмурас одамон аз пашм тайёр кардани либосоварӣ ва алифбо хатро ёд гирифтанд [13, с. 39].

Баъди Таҳмурас писари ӯ Ҷамшед пури Хушанг ба тахт нишаст, подшоҳии ӯ 40 сол, 400 ё 800 сол тӯл кашидааст. Дар ин давра, одамон аз абрешим ресидан, бофтан, дӯхтан, шустан, биносозӣ ва сохтани олоти ҷангӣ-хафтан ва баргусворонро ёд гирифтанд. Ҷашни Наврӯз низ аз Ҷамшед ёдгор мондааст:

Ба Ҷамшед ба гавҳар афшондаанд,
Мар он рӯзро рӯзи нав хондаанд.

Шоҳони пасини Пешдодиён Фаридун, ки чун шоҳи одил машҳур аст ва фарзандони ӯ Салм, Тур ва Эраҷ буда, ҳар кадоме шахсиятҳои барҷастаи эрониасл эътироф гардидаанд.

Яке аз бузургтарин донандагони таърихи аҳди куҳан Абулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома»-и худро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла «Худойномак», «Маздакнома», «Шоҳномаи Абумансурӣ», «Шоҳнома»-ҳои Масъуди Марвазӣ, Абулмуайиди Балхӣ, Абӯалии Балхӣ, инчунин «Гуштоспнома»-и Дақиқӣ ва дигар ривояту қиссаҳо ва достонҳои ҳамосию таърихии халқҳои ориёинажод офаридааст. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бузургтарин достони асотирию адабӣ ва таърихист, ки сарнавишти талху ширин ва таърихи подшоҳии беш аз 50 шоҳаншоҳи ориёинажодро дар бар гирифтааст. Албатта дар шарқшиносӣ ва бахусус эронишиносии хориҷӣ ба ин масъала таваҷҷӯҳ сурат гирифтааст ва ҳатто метавон гуфт таваҷҷӯҳ рӯзафзун аст. Бо вуҷуди ин таҳқиқи комили он анҷом нагирифтааст. Аз даврони Каюмарс то Яздигурди III, паи ҳам ба тахт нишастану аз байн рафтани силсилаи подшоҳонро агар аз назари фосилаи таърихӣ бингарем, ин силсила аз замонҳои хеле қадими дар ҷангалҳо зистани одамон то асри VII милодӣ, яъне то истилои араб ва қиссаи кушта шудани Яздигурди III аз дасти осиёббон бо талқину ҳидояти Моҳуи Сурӣ (ҳокими Тӯс) фаро мегирад.

Вобаста ба таърихи омаду рафти шоҳон ва сурат гирифтани банду басти воқеаҳо «Шоҳнома»-ро метавон ба ду қисмати бузург - асотирӣ ва таърихӣ ҷудо намуд. Подшоҳони давраи асотирии «Шоҳнома» сулолаи Пешдодиён мебошад. Овони подшоҳии Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун ва дигаронро то давраи Гаршосп таҳти ин ном метавон зикр намуд. Бояд афзуд, ки дар давраи подшоҳии силсилаи Пешдодиён ниёгони мо тарзи зиндагии ҷамоаи ибтидоиро паси сар намуда, падидаҳои аввалини тамаддунро ноил гаштаанд. Метавон афзуд, ки дар «Шоҳнома» оинҳои истиқболи Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада чун дастоварди подшоҳони аҳди қадим, яъне Пешдодиён қаламдод шудааст [11, с. 68].

Дар бораи замони подшоҳии силсилаи Пешдодиён ва давраи ҳукуматдории онҳо сухани аниқе гуфтан душвор аст. Фирдавсӣ гарчанде аз рӯи ахбори

сарчашмаҳои паҳлавӣ солҳои ҳукмронии силсилаи Пешдодиёнро дар маҷмӯъ 2441 сол зикр намуда, аз он ҷумла давраи подшоҳии Ҳушангро- 40 сол, Таҳмурасро-30 сол, Ҷамшедро 900-сол, Заҳҳокро - 1000 сол, Фаридунро 600-700 сол нишон дода бошад ҳам, ин тақсимбандӣ ва солгузориҳо ғолибан ҷанбаи асотирию ривоятӣ доранд. Бо вуҷуди ҳамаи ин Пешдодиён чун аввалин подшоҳони тоифаҳои ориёинажод, алалхусус тоҷикон эътироф шудаанд ва ному насаби ниёгони моро ба давраҳои падид омадани иттиҳодҳои авлодӣ ва қабилавӣ, оғози чорводорӣ ва зироаткорӣ, ташаккули маданияти моддӣ, унсурҳои давлатдории аҳди қадим ва ғайра бурда мерасонад.

Тавре ки муаррихон ва донишмандони мо таъкид кардаанд, силсилаи подшоҳони пешдодӣ дар аксари қисматҳои «Авесто», осори паҳлавии «Бундаҳишн», «Динкард», «Минуи хирад», «Худойнома», осори таърихии аҳди ислом, аз ҷумла «Китоб-ул-ахбор-ит-тивол»-и Диноварӣ, «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ, тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Шоҳномаи Абумансурӣ», «Форснома»-и Ибни Балхӣ ва ғайра зикр гардида, чун подшоҳони таърихӣ ба қалам дода шудаанд. Чунончи, дар «Яштҳо» ва дигар осори паҳлавӣ аз 7 нафар подшоҳони пешдодӣ (Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳоқ, Фаридун ва дигарон) ёд шуда бошад, дар «Шоҳнома» ва таърихномаҳои минбаъда, ҳамаи мулуки ин сулола, ки иборат аз даҳ нафаранд (бо изофаи Афросиёб 11 нафар), пурра тавсиф ёфтаанд.

Барои тақвияти фикр рӯ ба «Форснома»-и Ибни Балхӣ меорем, ки ҳангоми зикри подшоҳон ва таърихи онҳо 11 подшоҳи пешдодиро зикр намуда, чунин навиштааст: «Ривоят аст аз асҳоби таворих... уламо ва таворихиёни фурс ва араб, ки... ҷумла мулуки Форс чаҳор табақа будаанд: 1) Пешдодиён; 2) Каёниён; 3) Ашкониён; 4) Сосониён. Ва ду табақа аз ин ҷумла пеш аз Искандари Румӣ будаанд, ӯро Зулқарнайн хондандӣ: Пешдодиён ва Каёниён. Ва ду табақаи дигар баъд аз Искандари Румӣ будаанд, Ашкониён ва Сосониён. Ва ҳар чаҳор табақа аз нажоди Каюмарсанд ва адади ҳамагон бо Искандари Румӣ... ҳафтоду ду подшоҳ ва муддати мулки эшон бо рӯзгори Искандар... чаҳор ҳазору саду ҳаштоду як сол ва чанд моҳ будааст» [11, с. 68].

Ибни Балхӣ шумораи шоҳаншоҳони сулолаи Пешдодиёнро 11 подшоҳ, сулолаи Каёниёнро 9 подшоҳ, сулолаи Ашкониёнро 20 подшоҳ ва сулолаи Сосониёнро 31 подшоҳ зикр карда, дар оғоз зимни ривоятҳои асотирӣ ва баъдтар дар заминаи тасвири воқеияти таърихӣ сухан меронад. Ӯ таърихномаашро аз оғози сулолаи Пешдодиён ибтидо намуда, менависад, ки номҳо ва адади эшон бо номи Афросиёб, ки аз Туркистон бархоста, «ёздаҳ подшоҳ ва муддати мулки эшон бо дувоздаҳ сол, ки Афросиёб хурӯҷ карда буд ва Эрон гирифта... ду ҳазору панҷсаду шасту ҳашт сол» [3, с. 19-20].

Аз иқтибоси «Форснома» чунин хулосае бармеояд, ки муаррихони форсу араб ва уламо давраи подшоҳии Пешдодиёнро ду ҳазору панҷсаду шасту ҳашт сол дониста, онҳоро ҳамчун шахсиятҳои таърихӣ қаламдод кардаанд. Миёни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Форснома»-и Ибни Балхӣ дар муқаррар намудани фосилаи ҳукмронии сулолаи Пешдодиён ҳамагӣ 127 сол тафовут ҷой дорад (дар «Шоҳнома» ҳукмронии ин сулола 2441 сол зикр шудааст), ки дар қиёси ҳазорсолаҳои таърих фосилаи казоие нест.

Бояд гуфт, ки баъзе муаррихони тавонои асрҳои XIX-XX Ғарбу Шарқ ин давраро чун давраи қабл аз таърихӣ ва асотирӣ қаламдод намуда, ба воқеияти подшоҳони сулолаи Пешдодиён шубҳа доранд ва маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ

ва осори фарҳангии бахшида ба ин давра, аз ҷумла «Авесто»-ро чандон ба инобат намегиранд.

Воқеан, агар давраи сулолаи Пешдодиёнро ба арсаи таърихи гузашта андоза намоем, тақрибан ҳудуди панҷ-ҳафт ҳазор солро фаро гирифта, ба ҳазорсолаҳои панҷум, чорум ва сеюми пеш аз мелод рост меояд. Ин давраро дар илми таърихшиносии дунёи қадим чун давраи ҷомеаи ибтидоӣ ва гузариш ба муносибатҳои нави иҷтимоии аҳди бостон тавсиф намудаанд. Пас давраи подшоҳии сулолаи Пешдодиёнро бигузор дар шакли асотирию нимасотирӣ бошад ҳам, чун саҳифаҳои нахустини сарнавишти тоифаҳои ориёинажоди муқими Осиёи Миёна пазируфтан ва ба китобҳои дарсӣ ҷой додан аз манфиат холӣ нест. Хеле хуб аст, ки «Илиада» ва «Одиссея»-и Ҳомер, асотиру ривоятҳои сершумори юнониёнро чун дастовардҳои даҳоёнаи давраи тифлии башарият дар таърихномаҳо меомӯзонанд. Чаро олимони дар илми таърихшиносӣ ва фарҳангшиносии мо китоби муқаддаси «Авесто» ва корнамоиҳову шаҷараи сулолаи Пешдодиён, ки ном ба ном зикр шудаанд, ба тафсил нақл карда ва омӯхта нашавад.

Яке аз воқеиятҳои аҷиб ва валвалаомези таърихи башарият низ дар он аст, ки асотиру эътиқоди динӣ ва ҳикмату фалсафаи Шарқ, алалхусус ҷанбаъҳои маънавии «Авесто»-ро дар либоси юнонӣ ба ҷилва оварда, поягузории тамаддуни ҷаҳониро таърихнигорони Ғарб ба Юнони қадим мансуб донистааст. Мақому манзалат ва бузургии тамаддуни Юнонзаминро эътироф намуда, дар айни замон чашм пӯшидан аз рӯи инсофу адолати таърихӣ нест, ки дар даврони шӯравӣ мо соатҳои дароз аз «Илиадаву Одиссея»-и Ҳомер, асотиру дини юнониёни қадим, ҳангомаҳои ҷанги Троя, пайдоиши давлатҳои Афинаву Спарта то тафсилоти бозиҳои олимпиву муфлис шудани кишоварзони юнонӣ мехондем. Вале мутаассифона, дар китобҳои дарсии «Таърихи дунёи қадим» ақаллан аз номи «Авесто» - нахустин энсиклопедияи тамаддуни башарӣ, нахустин китоби мукаммалу дини ҷомеаи инсонӣ, нахусткитоби минбаъдаи олам ёде накардаанд.

Чунонки пеш аз ин ҳам гуфта будам, бигузор ҳукми охиринро дар ин бора бостоншиносону муҳаққиқони таърихи аҳди куҳан бароранд, вале ҳаминро афзудан зарур аст, ки ин амали хайр саҳифаҳои куҳани таърихи миллати тоҷик ва дигар тоифаҳои ориёитабору ориёизабонро аз умумигӯиҳо раҳонида, оид ба ибтидои омӯзиши илми таърих маводи ҷолиб, қиссаҳои шавқовар ва рангу бори мафтункунандаро ҷой медиҳад. Илова бар ин сулолаи асотирию нимасотирии Пешдодиён барои тавсифу зикри сулолаи навбатии Каёниён, ки аз ҷанбаҳои таърихӣ ва воқеияти гузашта бархурдор аст, заминаи устуворе фароҳам меорад ва барои тақвияти худшиносиву худогоҳии миллӣ мусоидат менамояд [10, с. 68-69].

Баъд аз мутолиа ва омӯзиши ҷиддии таърихи Пешдодиён ба хулосае омадам, ки дақиқ муайян кардани солҳои ҳукмронӣ ва давраҳои подшоҳии шоҳони ин сулола хеле мушкил ва ҳатто номумкин аст. Вале ин ҳақиқат ба назарам ҳеҷ гуна қобили баҳс намебошад, ки Пешдодиён сулолаи воқеъӣ ва дар давраҳои аввали пайдоиши давлатдории гузаштагони халқи мо ҳукмронӣ кардаанд ва нақши муҳиме дар таърихи сиёсию фарҳангии мардуми ориёӣ бозидаанд.

Каёниён, сулолаи давлати нимасотирӣ ва достонии эрониаслро мегӯянд, ки дар асрҳои IX-VII то милод арзи вуҷуд дошт. Таърихи муфассали ин сулола-давлат дар ному амал бо тариқҳои гуногун дар "Авасто", "Бундаҳишн", "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ривоят ва нақл шудаанд. Асосгузори ин сулола Кайқубод буда шаҷараи он ба Пеш-додиёни охир Фаридун мерасад. Баъзе таърихнависон Қубодиёни кунунии Тоҷикистонро ё даҳри бунёдкардаи Қайқубод ва ё пойтахти

Каёниён хондаанд. Ӯ (Кайқубод) ҳамчун шоҳи раъиятпарвар тасвир шудааст. Ворис ӯ Кайковус буда, гӯё 60 сол ҳукмронӣ карда бошад. Ривоятҳо ӯро аввал шоҳи бузургу муқтадир, паҳлавон ва лашкаркаш тасвир намуда ба қатори Ҷамшеду Фаридун гузоштаанд. Вале дар охири ҳукмрониаш ӯро тундмизоҷу якрав, кинаҷу, бадбину ҳавобаланд тасвир кардаанд. Гӯё ӯ ҳамаи забонҳоро медонистааст. Вале дар зиндагиаш аз тахт ба фоидаи писараш Кайхусрав даст мекашад. Кайхусрав шоҳи паҳлавону номдор тасвир шудааст. Ба номи Кайхусрав сулолаи барвақти Каёниён ба охир мерасад. Ватани аҷдодии Каёниёни аввала аз рӯи ривоятҳо ва муқоисаҳо Сиистон ва баъд соҳилҳои Амударё эътироф шудааст. Шаҷараи сулолаи Каёниён баъди Кайхусрав каме канда мешавад. На дар сарчашмаҳои таърихӣ ва на дар ривоятҳо дар ин хусус маълумот нест. Ҳаминаш аниқ аст, ки ин сулола арзи вуҷуд дошт ва дар охири асри VII ва дар аввали асри VI пеш аз милод Виштосп ном шахс аз авлоди Кайхусрав ва ё Каёниён умуман ҳокими Балх гардидааст. Ҳақиқати таърихӣ дар он аст, ки анъанаҳои умумии таърихи ориёӣ ва эронӣ, дар бораи оғози таърихии ҷамъияти инсонӣ ва худи инсон аз ҷумла, дар мисоли таърихи давлатҳои асотирӣ дарҷ ёфтааст, аз инъикоси таърихи обшинаи ибтидоии ин мардуми эрониаслҳо беш набуда, он ҳамчун давлат ва ё давраи асотирии ин халқҳо боқӣ хоҳад монд [6, с. 11-12]. Ба анъанаҳои таърихшарҳдиҳии Осиёи Миёнагӣ такя намуда, бо назардошти сарчашмаҳои хаттии антиқӣ бояд гуфт, ки тамаддуни ориёӣ бо фарогирии тамаддунҳои маҳаллӣ омезиш ёфта, ба тамаддун ва ё тамаддунҳои нав (аз ҷумла эронӣ ва ҳиндуориёӣ) табдил меёфт. Маҳз ҳамин раванд буд, ки аз охири ҳазораи то милод сар карда, номҳои нави ҷуғрофии (ба ҷои Арянам Вайчаҳ) Эронвиҷ ва ҷузъҳои он Бохтару Хоразм ва Порт ва ба ҷои қабилаҳои скифҳо ва массагетҳо тадриҷан халқҳои форсҳо, хоразмиҳо, бохтариҳо, тахориҳо ва ғайраро ворид месохт. Чунин буд роҳи инкишофи ҷамоаи Осиёи Миёна дар ҷаҳони антиқа.

Мувофиқи маълумоти «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои дигари таърихӣ, сулолаи дуюме, ки баъди Пешдодиён ба арсаи давлатдории ориёиҳои тоҷиктабор омадааст, сулолаи Каёниён мебошад. Ба қавли Ибни Балхӣ «ададии эшон нӯҳ подшоҳ, муддати мулуки эшон 738 сол» будааст. Бунёдгузори ин сулола аз рӯи тавсифи «Шоҳнома» Кайқубод буда, дар силсилаи подшоҳони навбатӣ номҳои Кайковус, Сиёвуш, Кайхусрав, Кайлӯҳросп, Кайгуштосп, Кайбаҳман, Хумой, Дороб, Доро ва Искандар зикр шудаанд, ки муддати давлатдории онҳо ҳафсад сол муқаррар гардидааст, ки аз нишондоди Ибни Балхӣ 6-сол фарқ дорад. Аммо олимон дуруст қайд менамоянд, ки Дороб ва Дорою Искандар ба шоҳони Каёнӣ ҳеҷ муносибате надоранд. Дорои Кабир писари Виштаспи ҳахоманишӣ ба сулолаи Каёниён муносибате надорад [7, с. 23]. Зеро натанҳо шаҷараи онҳо, балки давру замонашон низ мувофиқ нест. Дар Авесто дар бораи сулолаҳои Модҳо ва Ҳахоманишиҳо сухан нарафтааст. Ин як далели тасдиққунандаи он аст, ки Авесто дар Осиёи Миёна ва Афғонистони имрӯза ва шарқи Эрони кунунӣ - дар сарзамини миллӣ ва таърихии тоҷикон навишта шудааст.

Подшоҳони сулолаи Каёниён мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ Бохтарро қароргоҳи салтанати худ пазируфтаанд ва бо баъзе далелҳо метавон гуфт, ки онҳо аз Қубодиёни Тоҷикистони кунунӣ буданд. Дар ин ҷо номҳои Тахтиқубод, Кайқубодшоҳ, Кубодиён, Тӯс ва ғайра боқӣ мондаанд. Тадқиқоти бостоншинос Ю. Яъқубов ба он далолат менамояд, ки маркази Ориёнвеҷ дар Кубодиён буд. Алалхусус ин қаламрав дар давраи подшоҳии Лӯҳросп ва Гуштосп хеле ободу пуршукӯҳ мегардад. Дар «Форснома»-и ибни Балхӣ омадааст, ки

подшоҳи аввали сулолаи Каёниён Кайқубод мамлакатро ба вилояту шаҳристонҳо тақсим намуда, як ушр андоз бар ғаллаҳо ниҳод, то сарфи лашкар кунад. Кайқубод подшоҳе одилу иморатдӯст буд «ва миёни ӯ ва тӯрҳо бисёр ҷанг рафт, аммо ҳеҷ зафар бар эрониён наёфтанд ва мақом бештарин дар канори Ҷайҳун (Ому) ва ободониҳо доштӣ, ки наздики Ҷайҳун аст ба аъмоли Балх» [8, с. 261-262].

Кофтуковҳои бостонӣ дар ҷанубии Ӯзбекистон дар водии Сурхандарё ва шимолии Афғонистон, яъне дар Бохтар дар ду соҳили рӯди Ому гуфтаҳои «Форснома»-ро дар бораи вуҷуд доштани шаҳру деҳаҳо тасдиқ менамоянд. Давлати Каёниён дар замони подшоҳии Кайковус набераи Кайқубод писари Кайапива хеле пурзӯр ва паҳновар шуд. Аз навиштаи сарчашмаҳо бармеояд, ки тамоми Осиёи Миёна, Афғонистон ва шарқи Эрони имрӯза қаламрави давлати Каёниён буд. Дар сарчашмаҳои исломӣ гуфта мешавад, ки Кайковус ба Яман, Форс ва Фаластину Яҳудия лашкар кашид ва Яманро озод намуд. Аммо ин хабар бофтаи муаррихони баъдӣ мебошад. Дар таърихи Табарӣ омадааст, ки гӯё ӯ аз пайғамбар Сулаймон хоҳиш намуда бошад, ки ба девон иҷозат диҳад то тахти ӯро ба осмон баранд ва ӯ ҷои Худоро гирад. Тибқи ривоятҳо, ки ҷанбаи асотирӣ доранд, Кайковус заминҳои бисёрро фатҳ менамояд ва худро ба Худо баробар карда осӣ мешавад ва фарри каёнӣ аз ӯ дур мегардад. Ӯ Сиёвушро ба ҷанги тӯрониён мефиристад, аммо ӯ бо турониён сулҳ менамояд ва андозро ба онҳо мебахшад. Падараш аз ин кор норозигӣ баён менамояд ва Сиёвуш дар Тӯрон дар назди Афросиёб мемонад [14, с. 234 ].

Таърихи Табарӣ Кайқубод ва Кайковусро ҳамзамони подшоҳи яҳуд Сулаймон мутааллиқ ба асрҳои XIII-XII то м. медонад [15, с.195]. Ба гуфтаи Наршахӣ, ноҳияи Ромитани Бухороро Афросиёб бино кардааст ва ӯ таърихи дуҳазорсола дорад ва дар вақти Кайхусрав ба ҷанги ӯ омад, дар ин ҳисор ду сол дар муҳосира буд. Афросиёб аз фарзандони Нӯҳ буд. Кайхусрав деҳаи Ромишро сохта интизори таслими Афросиёб шуд. Кайхусрав дар Ромиш оташкадаҳо сохт [15, с. 195].

Ҳамин тавр Наршахӣ ҷанги Кайхусравро бо Афросиёб ду ҳазор сол пеш аз замони худ гӯяд ва таърихи бинои арки Бухоро ва куштани Сиёвушро ба се ҳазор сол нисбат медиҳад. Албатта фосилаи куштани Сиёвуш ва набераaш чандон дур нест ва ҳодисаҳои ба ҳазораи ду ва аз ду зиёдтар ба ҳақиқат наздиканд.

Дар замони подшоҳии Кайхусрав давлати Каёниён хеле мустаҳкам мешавад. Кайхусрав ба парокандагиҳои баъди Кайковус хотима мебахшад ва ба ҷанги Афросиёб тайёрӣ мебинад. Сарчашмаҳо подшоҳии ӯро 60 сол гуфтаанд. Кайхусрав барои хуни падарро гирифтан ва ба тахтутозҳои тӯрониён хотима бахшидан ба гирд овардани лашкар шурӯъ менамояд. Ба гуфтаи «Шоҳнома» аз Ғур, Буст, Толиқон, Фороб, Хатлон, Шуғнон ва Бухорову Суғд (Самарқанд) 100 ҳазор лашкар ҷамъ мешавад.

Дар Висагирд (Вашгирд - Файзободи ҳозира) Гударз бо лашкараш ба муқобили тӯрониён меҷангид. Эрониён дар ин ҷанг ғолиб омада буданд ва сипаҳсолору сарвазири Афросиёб Пирон кушта шуда буд ва боқимондаи лашкари Тӯрон фирор карда буданд, аммо Кайхусрав мехост ба ин ҷангҳо хотима бахшад. Аз ин рӯ, бояд Афросиёбро дастгир ва Гандиж маркази Тӯронро ба Эрон ҳамроҳ менамуд. Аз ҳамин сабаб Кайхусрав худаш ҳамроҳи сипоҳ ба сӯи Тӯрон омад. Бо гуфтаи «Шоҳнома» Афросиёб аз омадани лашкари Ориён бо сарварии Кайхусрав огоҳ шуд ва ӯ низ лашкари фаровон гирд овард ва ба истиқболи

Кайхусрав шитофт. Ҳар ду сипоҳ дар пастхамии Тӯрон дар наздикиҳои Омул сарбасар шуданд. Тӯрониён бисёр мехостанд, ки ҷанги Кайхусравро бинанд, бинобар ин ӯ вориди майдон шуда, ҳарифи размро металабад ва писари Афросиёб Шеда ба талаби ӯ меояд ва ба зудӣ кушта мешавад. Пас ҳарду сипоҳ ба ҳам омехтанд ва кушторҳо карданд. Тӯрониён огоҳ шуданд, ки шоҳи онҳо гурехтааст, онҳо низ роҳи гурезро пеш гирифтанд. Кайхусрав як моҳ дар меҳмонии мардуми Суғд буд ва дар маъбади оташ тӯҳфаҳо ва қурбониҳо дод [5, с. 238-239].

Бино ба маълумоти баъдии «Шоҳнома», Кайхусрав баъди ин ҳодиса ба сӯи Чоч рафта, аз рӯди Гулзарин (Сир) гузашт ва ба Гандиж наздик шуд. Афросиёб як дастаро барои шабохун задан фиристод, аммо ин даста гирифтори ориёиён шуд ва нобуд гардид. Афросиёб худ вориди Гандиж гашт. Шаҳри Гандиж хеле устувор буд. Кайхусрав шаҳрро муҳосира намуд ва дар паҳлӯи рости ӯ Рустам бо лашкараш, дар чап сарлашкарон Фарибурз, Ковус ва Тӯс, дар бахшҳои дигар Гударз хайма заданд. Ҳамин тавр роҳҳои даромаду бароmaди Гандиж баста буданд.

Тӯрониён аз ин парокандагӣ истифода бурда ба Эрон ҳуҷум менамоянд ва онро ба андоз додан маҷбур мекунанд. Аз ҳамин лиҳоз Ориён то замони подшоҳии Лӯҳросп ба парокандагӣ гирифтор буд. Дар сарчашмаҳо Лӯҳроспро аз пушти Пешин ва насли Кайқубод гуфтаанд. Дар таърихи Табарӣ омадааст, ки Кайхусрав пеш аз даст кашиданаш аз тахтутоҷ сарони Эронро даъват намуд ва гуфт ин тахту мамлакат ҳар киро ки хоҳад, бидиҳанд. Пас сарон гуфтанд, Шумо номи ӯро гӯед ва мо вайро пазирем. Лӯҳросп он ҷо нишаста буд, даст ба сӯи ӯ кард ва хомӯш монд. Ҳамзаи Исфаҳонӣ менависад, ки Лӯҳросп писари амаки Кайхусрав буд, зеро ӯ писари Кайваҷон, пури Кайманиш пури Кайфашин пури Кайқубод будааст.

Дар Бундаҳишн фасли 31, банди 28 гуфта мешавад, ки Лӯҳросп писари Зов, писари Монуш, писари Кайпешин, писари Кайапива писари Кайқубод буд. Чӣ тавре ки мебинем, Лӯҳросп аз авлоди Каёниён аст, аммо ба Хусрав хешӣ надорад. Дар Фарвардин Яшт банди 137 аз писари Кайхусрав Аҳуро ёд мешавад, аммо аз чӣ сабаб ӯро шоҳ таъин накардаанд, чандон равшан нест. Аз матнҳои «Шоҳнома» ва дигар асарҳо бармеояд, ки шоҳон интихобӣ буданд, яъне ба курсии шоҳӣ шахсони болаёқат интихоб мешуданд. Шояд аз камлаёқат будани Аҳуро ӯро сарони Эрон ба ҷои падар ба тахти шоҳӣ нашинонидаанд. Шояд сабабҳои дигар низ буд.

Бояд тазаккур диҳам, ки дар замони Сосониён маркази давлатӣ ва динии Каёниёнро Истахр гуфтаанд, баъзеҳо Сиистонро марказ меноманд, аммо дар асл маркази давлати Каёниён ҳама вақт дар Бохтар буд ва шояд пойтахти он Заринасп ном дошт. Давлати Каёниён танҳо заминҳои Осиёи Марказӣ ё ба ибораи дигар Эрони Шарқӣ яъне Хуросони бузурги баъдинаро фаро мегирифт. Дар он давраҳо дар Эрони Ғарбӣ давлати Илом арзи вуҷуд менамуд.

Дар «Форснома» дар бораи Лӯҳросп омадааст: «Лӯҳросп ибни Фанухӣ чун бар тахт бинишаст, ҳамагон ба мӯҷиби васияти Кайхусрав мутобиати ӯ шуданд ва итоат доштанд ва ӯ сирате сипард сахт писандида ва қоидаҳои накӯ ниҳод ва аз осори ӯ он аст, ки аввал касе, ки саропарда сохт ӯ буд. Ва девони лашкар ниҳод, ки мо онро «девони арз» хонем ва тахти зарини мурассаъ бо ҷавоҳирот сохт ва шаҳри Балхро девор кашид, иморатҳо кард

ва мақоми ӯ бештар он ҷо буд. Ва ҳама ҷаҳонро иморат кард ва асовираро дастинаҳои зар дар дасти рост кард бар сабили икром ва ҳиммати баланд дошт ва мулки ҷаҳонро чунон мусаххар гардонид, ки аз Рум ва Синд ва Ҳинд хироҷ бад-ӯ мефиристоданд» [4, с. 23-41].

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ Лӯҳросп чун подшоҳи одил ва раиятпарвар тасвир шуда, оғози салтанати ӯ аз сохтани оташкадаи Меҳрбарзин дар Балх ибтидо ёфтааст.

Дар ин ҷангҳо обрӯи Исфандиёр хеле баланд шуд ва падараш аз бими он, ки ӯ шоҳ нашавад, вақте ба пойтахт омад, ӯро зиндонӣ намуд. Ва худ сӯи Сиистон рафт. Арҷосп аз ин ҳодиса огоҳ шуд ва зуд ба сӯи Балх лашкар кашид. Ӯ Балхро ғорат ва Лӯҳроспу пайғамбарро кушт. Вақте Гуштосп аз Сиистон омад, дар мубориза шикаст хӯрд ва дар иҳотаи лашкари тӯрониён маҷбур шуд, ки вазираш Ҷомоспро фиристад то Исфандиёрро аз банд озод кунад ва ватанро аз лашкари Арҷосп пок намояд.

Исфандиёр дар ин ҷанг ғалабаи эрониёнро бар тӯрониён таъмин кард ва падарро аз иҳота озод намуд. Ӯ ба Тӯрон лашкар кашид ва хоҳарони асирашро озод намуд. Ва Арҷоспро кушта Тӯронро ба Эрон ҳамроҳ кард. Аммо рашки падар нисбат ба Исфандиёр кам нашуда буд ва ӯро ба Рустам ҷанг андохт, ки боиси ҳалокати Исфандиёр шуд [17, с. 215-270].

Дар адабиёти қадими авестоӣ баъди Исфандиёр дигар номҳои подшоҳони силсилаи Каёниён зикр нашудаанд. Шояд барои он бошад, ки китобҳои марбут ба ин дудмон боқӣ намондаанд. Номи Баҳман дар матнҳои паҳлавии замони Сосониён зикр мешавад. Дар китоби «Динкард» дар боби 6-ум фасли 4-ум гуфта мешавад, ки дар миёни шаҳриёроне, ки баъди ашу Зардушт давлатдорӣ карданд, Ваҳуман Испандатон барои оини Мазда Ясно корҳои зиёд карда, росткорӣ ва одилиро дар ҷаҳон нигоҳ дошт. Ӯ бо номи Баҳмани Ардашери Дастдароз маъруф буд. Барои чӣ Баҳманро Дастдароз номидаанд, чандон маълум нест. Шояд барои он бошад, ки аз будаш беш дастҳои дароз дошт ё шояд барои он ки дасткушод - сахимард буда.

Дар «Бундаҳишн» навиштанд, ки «Ваҳуман писари Спандод 112 сол, Ҳумой духтари Ваҳуман 30 сол, Доро писари Хумой 12 сол, Доро писари Доро 14 сол ва Искандари Румак писари Доро 14 сол подшоҳӣ карданд [2, с. 52]. Шояд Ҳумой писаре дошт бо номи Доро, аммо Дориюши ҳахоманишӣ ба ӯ ҳеҷ хешовандӣ надорад. Зеро замонашон дигар аст.

Дар фасли 3 китоби паҳлавӣ «Занд» Баҳман Яшт дар фикраи 20-29 омадааст, ки «Аҳуромаздо дарахте ба Зардушт нишон дод ва гуфт: «Ин дарахт аз гетӣ ва ҳафт шохаи маъдан иборат мебошад, ки аз ҳафт даври таърихӣ дарак медиҳад».

Дар адабиёти замони Сосониён Ҳахоманишҳо ва Сосониён аз авлоди Кайёниён дониста шудаанд, ки аз ҳақиқати таърихӣ дур аст. Дар «Форснома» тарҷумаи ҳоли Бахманро ин тавр шахр додаанд. «Баҳман писари Исфандиёр сахт карим ва поксиришт буд ва ӯро Ардаршери Баҳмани Дароздаст гуфтандӣ. Он бисёр вилоятҳо бигирифт ва бирафт Сиистон биғоратид ва шаҳри Рустам биканду хароб кард, ба кини падару бародарони худ. Чун гузашта шуд , аз вай панҷ фарзанд монд, ду писар - яке Сосон дигаре Доро ва се духтар – яке Ҳумонӣ, дигар Фарансаҳ ва сеюм Баҳмандухт. Аммо Сосон бо он ки оқил, олим ва мардона буд, рағбат ба шоҳӣ надошт. Доро тифл буд ва подшоҳӣ

бар духтари бузург Ҳумонӣ расид. Ривояте аст, ки Ҳумонӣ модари Доро буд ва то бузург шуданаш давлатдорӣ кард» [16, с. 120-145].

Бояд зикр кард, ки мӯҳлати подшоҳии Баҳманро саду дувоздаҳ сол гуфтаанд, ки дар он фаъолияти ду-се подшоҳи дигар ҳамроҳ мебошад, шояд Баҳмани I-III. Шояд Баҳмани III писар надошт, бинобар ин духтараш Ҳумонӣ подшоҳ мешавад.

Мувофиқи гуфтаи «Шоҳнома» Баҳман баъди подшоҳ шуданаш барои хуни падар ба Зобулистон лашкар кашид, то Рустамшаҳрро вайрон ва Золро асир намояд. Аз омадани Баҳман дили Зол пурхун шуд ва ба насиҳати вай омад ва ба ӯ гуфт, ки Исфандиёр Рустамро ба ҷанг кардан водор сохт. Ӯ насиҳат ва сулҳро напазируфт. Ман ва Рустам аз марги Исфандиёр сахт пушаймонем, аммо Баҳман ба насиҳати Зол гӯш надода вайро асир ва Рустамдижро хароб намуд. Фаромез, ки дар кинхоҳии Рустам дар Кобул буд, ба Зобулистон омад ва бо Баҳман ҷангид. Дар ин ҷанг Баҳман Фаромез ва бисёр аз лашкариёнро бикушт ва Зобулу Ҳилманро хароб сохт. Баъд аз кардаи худ пушаймон шуд ва Золро озод намуда, ба Балх бозгашта, то охири умр бо адолат давлатдорӣ кард.

Кайҳумоӣ (Ҳумонӣ), мувофиқи маълумоти адабиёти паҳлавӣ, сию ду сол подшоҳӣ кардааст. Азбаски аз авлоди Баҳман мард набуд, Ҳумой ба ҷои падар ба тахти шоҳӣ нишаст. Ҳумой лақаби Меҳрзодро дошт, зани зебо, хушқомат ва донишманд буд. Кайҳумой охирин насли Кайёниён аст. Дар таърих дигар ин дудмон зикр нашудааст. Чӣ тавре қайд шуд, таърихнигорон шоҳи ҳахоманишҳо Дорои Бузургро набераи Баҳман аз авлоди Кайёниён донистаанд, вале далели қотеъ дар ин бора вуҷуд надорад.

Баъзе таърихшиносони шинохтаи мо бар ин ақидаанд, ки шоҳони Ҳахоманишӣ ба сулолаи Каёниён тааллуқ доранд [12, с. 70]. Вале баъзе муҳаққиқон тарафдори ин ақида нестанд ва бар ин назаранд, ки чунин фикр ғалат буда, он дар замони Сомониён ба вуҷуд омадааст.

Дар бораи таърихӣ будани сулолаи Каёниён авестошиноси маъруфи даниягӣ А. Кристенсен ҳанӯз солҳои 30-уми асри гузашта асаре бо номи «Каёниён» навишта, таърихӣ будани ин дудмонро исбот намуда буд, ки «Кавиҳо силсилаи муназзамеро ташкил медиҳанд ва шахсиятҳои комилан ориёӣ мебошанд. Таърихи онҳо бар манбаъҳои асотирӣ қарор надорад. Ҳаёти онҳо комилан оддӣ, инсонӣ ва корнамоиҳои онҳо башарӣ мебошанд. Дар фаъолияти подшоҳон Кайковус ва Кайхусрав ривоятҳои устуравӣ ворид шудаанд, вале ин чунин маъно надорад, ки мо таърихӣ буданашонро рад намоем. Подшоҳони асотирӣ дар Яштҳо бо унвони «кай» ёд намешаванд. Вожаи кай хоси мардумони Ориёии Шарқ мебошад ва барои шоҳони таърихии замони Зардушт истифода шудааст» [9, с. 232].

Хушбахтона, дар таърихи бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» нашри соли 1998 муаллифи боби «Ташакули давлатҳои қадим» И.В. Пьянков менависад, ки ковиёҳо яъне каёниён мардумони таърихианд ва дар ин бахш шубҳае нест [1, с. 239]. Ва баррасии асоснок ва мӯътамади онро анҷом додааст. Дар маҷмӯъ давлатҳои қадимии ориёӣ, қабл аз ҳама Каёниён, оғози давлатдории бостонии суннатии ориёӣ ва марҳалаи ниҳоят муҳими ташаккули таърихии тамаддуни ориёӣ будаанд. Бад-ин ҷиҳат шинохти илмии онҳо амри ниҳоят зарур аст.

Вале анъанаҳои таърихдонию таърихшиносии аҷдодони қадимаи ориёиҳо ва эрониҳо ин давраи таърихии худро дар ибтидои тамаддуни давлатдорӣ, - яъне дар

давраи гузариш ба сохти давлатдорӣ, такя ба шарҳи авастоӣ ва ривоятии худ баён кардаанд. Ва ибтидои ин давраро давраи асотирӣ ва ё афсонавӣ номида ду "давлатдории" ин давраро Пешдодиён ва Каёниёнро номбар кардаанд.

**Муқарриз: Шарифова М.Қ. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**


1. Аскаров А. Сапалитепе. – Тошкент, 1973. – С. 239.
2. Ибн Балхӣ. Форснома. – Душанбе, 1989. – С. 52.
3. Ибн-ал-Балхӣ. «Форснома». – Душанбе, 1990. – С.19-20.
4. Абдуназаров Х. Вахшонзамин. – Душанбе, 2003. – С. 23-41.
5. История древного Востока. – М., 1989. – С. 238-239.
6. Кристенсин А. Оё давраи Каён асотирист ё таърихӣ. Маҷ // Фарҳанг. № 4, 2005. – С.11-12.
7. Наршахӣ А. Таърихи Бухоро. – Душанбе, 1979. – С. 23.
8. Пури Довуд. Яштҳо, ч. 1, – Теҳрон, 1999. – С. 261-262.
9. Пьянков И.В. Древнейшие государственные образования // История Таджикского народа. - Душанбе: Суруш, 1999. – С. 232.
10. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 2000, к.1. – С. 68-69.
11. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 68.
12. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2003. – С. 70.
13. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. – Душанбе, 2006. – С. 39.
14. Сарианиди В.И. Древние земледельцы Афганистана. – М. 1977. – С. 234.
15. Фирдавсӣ. Шоҳнома, ҷ.6, – Душанбе, 1964. – С.120-145.
16. Фирдавсӣ. Шоҳнома. ҷ.5, – Душанбе, 1965. – С. 215-270.


**Literature:**


1. Askarov A. Sapalitepe. – Tashkent, 1973. – P. 239.
2. Ibn Balkhi. Forsnoma. – Dushanbe, 1989. – P. 52.
3. Ibn-al-Balkhi. “Forsnoma”. – Dushanbe, 1990. – P.19-20.
4. Abdunazarov H. Vakhshonzamin. – Dushanbe, 2003. – P. 23-41.
5. History of the Ancient East. – M., 1989. – P. 238-239.
6. Kristensin A. Is the Kayon period mythical or historical? Maj // Farhang. No. 4, 2005. – P. 11-12.
7. Narshahi A. History of Bukhara. – Dushanbe, 1979. – P. 23.
8. Puri Dawood. Yashtho, vol. 1, – Tehran, 1999. – P. 261-262.
9. Pyankov I.V. Ancient state formations // History of the Tajik people. - Dushanbe: Surush, 1999. – P. 232.
10. Rahmonov E. Tajiks in the mirror of history. From the Orians to the Samanids. – London, 2000, vol. 1. – P. 68-69.
11. Rahmonov E. A look at history and Aryan civilization. – Dushanbe: Irfon, 2006. – P. 68.
12. History of the Tajik people. – Dushanbe, 2003. – P. 70.
13. Rahmonov E. Aryans and knowledge of Aryan civilization. – Dushanbe, 2006. – P. 39.
14. Sarianidi V.I. Ancient Farmers of Afghanistan. – M. 1977. – P. 234.

15. Firdawsi. Shahnameh, vol. 6, – Dushanbe, 1964. – P. 120-145.
16. Firdawsi. Shahnameh. vol. 5, – Dushanbe, 1965. – P. 215-270.

## ИНЪИКОСИ ДАВЛАТИ ПЕШДОДИЁН ВА КАЁНИЁН ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Муаллифон дар мақолаи мазкур оид ба давлатдории яке аз сулолаҳои форснажод маълумотҳои назаррасро оид ба давлатдории Пешдодиён баррасӣ намудаанд. Пешдодиён гуфта давлати асотирии эрон-аслҳоро дар назар доранд, ки давраи мавҷудияташ куллан аниқ нест. Вале баъзе манбаъҳо хатии мансуби таърихнависии эронӣ ва арабӣ мавҷудияти онро аз 9 ҳазор сол то асри 9 то милод дар назар доранд. Ин анъана на ба таърихи давлат балки бештар ба таърихи ҷамъияти инсонӣ мансуб дошта, асосан давраи ибтидоии ҷамъиятро дар бар мегирад.

Анъанаҳои таърихдонию таърихшиносии аҷдодони қадимаи ориёиҳо ва эрониҳо ин давраи таърихии худро дар ибтидои тамаддуни давлатдорӣ, - яъне дар давраи гузариш ба сохти давлатдорӣ, такя ба шарҳи авастоӣ ва ривоятии худ баён кардаанд. Ва ибтидои ин давраро давраи асотирӣ ва ё афсонавӣ номида ду "давлатдории" ин давраро Пешдодиён ва Каёниёнро номбар кардаанд.

**Калидвожаҳо:** анъана, Пешдодиён, тамаддун, эрониён, ориёӣ, Авесто, давлатдорӣ, Шоҳнома.

## ОТРАЖЕНИЕ ГОСУДАРСТВА ПЕШДОДИЕВ И КАЁНИДОВ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ЭМОМАЛИ РАХМОНА

Авторы в данной статье рассматривают значимые аспекты государственности одной из династий иранского происхождения – Пешдодиев. Под пешдодами понимаются мифические государства иранцев, период существования которых не является совершенно определенным. Однако некоторые источники, относящиеся к иранским и арабским историкам, указывают на существование данного государства с 9 тысяч лет до нашей эры до 9 века нашей эры. Эта традиция связана, скорее, с историей национального государства, чем с историей человеческого общества в целом, и, в основном, охватывает первобытный период общества.

Исторические традиции и науки предков арийцев и иранцев описывают этот исторический период как начало цивилизации государственности, то есть период перехода к государственной структуре, опираясь на авестийские объяснения и свои мифы. Начало этого периода именуется мифическим или легендарным, а две "государственности" этого времени названы Пешдодиев и Каёнидов.

**Ключевые слова:** традиция, Пешдодиев, цивилизация, иранцы, арийцы, Авеста, государственность, Шахname.

## REFLECTION OF THE PESHDODIAN AND KAYANIDIAN STATES IN THE BOOK OF EMOMALI RAHMON

In this article, the authors have reviewed significant information about the statehood of one of the Persian dynasties, the Peshdadids. The ancients refer to the mythical state of the Iranians, the period of its existence is not entirely clear. However, some sources of Iranian and Arabic historiography date its existence from 9 thousand years ago to the 9th century BC. This tradition does not belong to the history of the state, but rather to the history of human society, and mainly covers the early period of society.

The historical and historiographical traditions of the ancient ancestors of the Aryans and Iranians described this historical period as the beginning of state civilization - that is, during the transition to a state structure, relying on their Avestan and narrative interpretations. The beginning of this period is called the mythical or legendary period, and the two "states" of this period are called the Peshdadians and the Kayanidians.

**Key words:** tradition, Peshdodiyon empire, civilization, Iranians, Aryan, Avesta, statehood, Shahnameh.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷомиева Гулафзо** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, мудири шуъбаи бойгонӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63.

**Сведения об автор: Джомиева Гулафзо** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заведующий архивным отделом. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Раштский район, Гарм, ул. Э. Мухиддин-63.

**Information about author: Jomieva Gulafzo** – Tajik pedagogical institute in Rasht region, head of the archives department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm, st. E. Mukhiddin-63.

**UDC: 93/94**

# REFLECTION OF THE CAUSES OF THE MONUGOL ATTACK ON CENTRAL ASIA IN THE WORK “JOME’U-T-TAVORIKH” BY RASHIDUDDIN FAZLULLOHI HAMADONI

**Tagdirov A.U.**
**Tajik pedagogical institute in Rasht district**

The empire created by the Mongols after 1218 was the largest in Asia in terms of area and the strongest in terms of military power. With the conquest of Kashgar, Haftrud and part of the Tien Shan, the Mongols under the leadership of Genghis Khan approached the main border of Muslim-populated regions, primarily the Khorezmshah state. The Khorezmshah state was also not inferior in power to the Mongol Empire, but was considered a superpower of its time. However, according to academician Bobojon Fafurov, “The rule of Muhammad of Khorezm was not stable: his state was not supported by the working masses and the subject peoples, who were oppressed by both local rulers and the Khorezm Shah, but even the military feudal nobility and influential clergy were openly hostile towards it” [5, s. 600].

According to many researchers, Genghis Khan was preparing to conquer Central Asia. The main reasons for the Mongol invasion of Central Asia were, first of all, that through its conquest Genghis Khan would acquire new territories and increase his wealth. This action would satisfy the demands of the newly formed Mongol nobility for new fertile pastures. However, Genghis Khan understood that this issue could only be resolved through a policy of conquest. In addition, Genghis Khan could have resolved the internal tribal and state conflicts and class contradictions of the Mongol society that were just emerging by attacking Central Asia. In short, Genghis Khan and his entourage and generals were interested in attacking Central Asia. However, the course of historical events proves that Genghis Khan was somewhat afraid of attacking the Khorezm state. The medieval historian Ibn Batuta noted this issue in his work “Safarname”, observing that “Genghis Khan was afraid of him (the Sultan of Khorezm) and avoided and did not attack him”. [6, s. 443-444]/ Because he was already aware of the power and

potential of the Khorezm state. On the other hand, Genghis Khan did not look for any excuses or reasons in the history of his military campaigns against neighboring countries. However, the movement of his army towards the state of Khorezmshah began for reasons that were actually the fault of Muhammad Khorezmshah.

The reasons for the Mongol invasion of Transoxiana and Khorasan are reflected in written sources, in particular the work "Jame'u-t-tavorikh" by Rashiduddin Fazlulloh Hamadani, who was among the scholars of the 13th and early 14th centuries and served the court of the Mongol khans for 40 years, reaching the rank of minister of the Elkhanid court.

It is worth noting that peace and stability in the country of Khorezmshah led to the expansion of trade in this country, and merchants from other countries traveled here. Rashiduddin Fazlullah Hamadani, referring to this issue, notes that "Since the Mongols were desert dwellers, and all kinds of cloth and merchandise from distant cities were of great value to them, and the reputation of the country's benefits was very well-known to them" [12, s. 472]. According to Rashiduddin Fazlullah, for this reason, three merchants from Bukhara traveled to Mongolia and brought large quantities of woven clothes, silk, and other goods suitable for the Mongols: "At that time, (Genghis Khan) had cleansed most of the provinces of China and Turkestan of rebellion, insurrection, and muta'din, and they posted guards on the roads to ensure that the market-goers passed safely, and whatever they considered worthy of cloth and merchandise they sent with its owner to serve Genghis Khan" [12, s. 472]. Although Rashiduddin Fazlullah mentions three Bukhari merchants from a trip, but does not give their names. According to the treatise "The History of the World-Exploring" by Atamalik Juvaini and "Majm-ul-Ansab" by Muhammad bin Ali bin Muhammad Shabankorai, whose authors agree with Rashid al-Din on this issue, the names of these merchants are mentioned as Ahmad al-Khujandi, the son of Amir Husayn, and Ahmad al-Bolhanji [3, s. 63; 10, s. 233]. Other medieval historians Minhaj Siraj al-Jawzjani and Mirkhand do not report this event, but mention it in a different way. In particular, Minhaj Siraj al-Jawzjani, who was a contemporary of the events of this period, said the following on this occasion: "Saidajali Bahauddin Razi, may God have mercy on him, was a noble Sayyid of apparent lineage, the advocate of the state of Minhaj Siraj is the gatherer of these strata, it is said from him that when Sultan Muhammad of Khorezm Shah sent Said Bahauddin on a mission to Genghis Khan, and the reason for the mission was that when the news of Genghis Khan's appearance and the conquest of the Mongol army over the lands of Tamgoj and Taghrutabat and the regions of China and the East reached the Khorezm Shah, he wanted to investigate the news from his trusted people and investigated the nature and size of the Mongol army, their equipment, customs and numbers, and this scribe, Minhaj Siraj, in the year of the seventh and the tenth of the year of the reign of Sith, which was the beginning of the Mongol army's passage, heard from the word of God in the Tuluk fortress. Imadulmuluk Tajuddin Dabir Jami, who was one of the pillars of the Khorezm Shahi, the conquest of the Chinese lands had become a reality in the mind of Sultan Muhammad Khorezm Shah, and he was always an expert on that country and asked about the future of the Chinese lands and the lands of Turkestan, and we, the servants, were eager to take him away from those great leaders, and in no way could that thought be removed from his mind" [8, s. 549].

Muhammad Khorezm Shah was very proud of his successive successes in Khorasan and Iraq, and he cherished the idea of conquering China. In particular, after defeating Gurkhan, the wealth of China attracted his attention excessively [7, s. 265]. Although his ministers and scholars at his court tried to dissuade him from this intention, their efforts were unsuccessful. At this time, he received news that Genghis

Khan had captured the capital of North China, Beijing, in the Uyghur and Tibetan lands [1, s. 20]. He sent Saidajali Bahauddin Razi, one of the pillars of the Khorezm Shahi state, and several others to Beijing to investigate this news. Genghis Khan received this embassy with respect and noted that they should inform Sultan Muhammad that Genghis, just as he considered himself the king of the East, also considered the Khorezm Shah the ruler of the West and was inclined to maintain peace and harmony between the parties and to allow caravans and merchants to come and go from the Khorezm Shahi and Genghis lands [1, s. 21]. In fact, this course of action taken by Genghis Khan was to the benefit of the merchants of both sides. Because both Central Asian and Mongol merchants were very keen to export and import goods and products to each other's countries. However, the Khorezm sultan was not really interested in developing trade or improving diplomatic relations, but rather in gathering as much information as possible about the Mongol army and leading it towards China. Genghis Khan, on the other hand, wanted to develop trade relations between his state and the Khorezm Shahi. The reflection of the journey of Bukhara merchants to the land of the Mongols in the work "Jame'u-t-tavorikh" by Rashiduddin Fazlulloh Hamadani is real. The news of "Tarikhi Şanantkusho" by Atomalik Juvaini, "Majma'u-lansab" by Muhammad Shabankoraoi reinforce the information provided by Rashiduddin. However, this issue is more fully reflected in the treatise "Tabaqat Nasiri". The reason for trusting Minhaj's news is that he heard the news from an eyewitness to the event and at the same time was aware of the secret of Muhammad Khorezmshah. However, Atomalik Juvaini and Rashiduddin Fazlulloh Hamadani, who began composing their works many years after these events, leave out the Khorezmshah's embassy to the court of Genghis Khan, who of course traveled with gifts, and mention only the merchants' journey. It is likely that Rashiduddin Fazlullah, in reflecting on this issue, relied on the work "History of the World-Explorer" by Atomalik Juvaini and was unaware of the information of Minhaj Siroji Juzjani. The truth is that when the rumor of Genghis Khan's campaign spread to neighboring lands, Sultan Muhammad of Khorezmshah became worried and sent his embassy as a merchant to Genghis Khan in order to verify this news, and through this means he wanted to learn about the composition of the army and the campaigns and plunder of Genghis Khan.

According to Rashiduddin Fazlullah's "Jame'u-t-tawarikh", the merchants who arrived at Genghis Khan were welcomed by him and their goods were purchased at a high price: "... Genghis Khan was pleased with the merchant's words and ordered that they be given a gold pillow for every golden garment and a silver pillow for every two zarbans... He honored them and, upon their return, ordered that the hawatin, princes, and ummah, each of whom had three of their own, be accompanied by pillows of gold and silver, so that they could go to the province of Sultan Muhammad and trade and bring back the fruits of that side" [12, s. 472-473]. According to Minhaj Siraj Juzjani, the embassy was received by Genghis Khan in this way. That is, the commercial events in Rashid al-Din's work and the embassy brought by Juzjani to Genghis Khan are similar.

According to Rashiduddin Fazlullah Hamadani, during the return of the merchants, Genghis Khan sent Mahmud al-Khwarizmi, Ali Khoja Bukhari and Yusuf al-Utrari as envoys to the Khorezmshah along with the market people, and he sent the following message: "The merchants of that side came to us and we turned them back to the one who would listen. We also sent a group of merchants to that land in order to bring the surrounding areas to the right side and the wealth of its goods has produced wealth. The greatness of your family and the nobility of your family are not hidden, and the power of the country and the protection of your leaders in most regions of the earth are clear to private and public eyes, and in my eyes you are a dear son and the best of

Muslims. And since the territory that is close to us has been cleared of enemies and has become completely independent and peaceful, and is stable from the neighboring side, it is necessary to use your mind and It is desirable that we should be in agreement with each other and that we should support and help each other in the event of an emergency, and that we should be secure in our countries so that the merchants, whose prosperity depends on their presence, can freely come and go, and that the cause of our concern should be mutual agreement, and that we should be free from corruption and hatred"[12, s. 473]. This information was reflected by Atamalik Juvaini in his work "The History of the World-Explorers," as was Rashaduddin, but the name of the embassy that Genghis Khan sent to the Sultan is not mentioned in his treatise [3, s. 63]. Shihabuddin Muhammad al-Nasavi, in his work "The Biography of Sultan Jalaluddin Manquberni," adds to Rashiduddin's information in support of the letter that Genghis Khan sent to Sultan Muhammad, stating that You are as dear to me as my own child"[14, s. 72]. Minhaj Siraj Jowzjani cites the incident from the account of an eyewitness, Saidajal Bahauddin, and indicates that upon his return, Genghis Khan sent many gifts and presents to Khorezmshah, saying: "Tell Muhammad Khorezmshah that I am the king of the rising sun and you are the king of the rising sun. May there be a strong covenant, love, and peace between us, and that merchants and caravans may come and go from both sides, and that the two sides and the people who are in my province may bring you, and that your country has the same rule. Among the gifts and presents that Sultan Muhammad Khorezmshah sent to him was a piece of gold, as big as a camel's neck from the Tamga mountain in China, and he should wear that piece of gold around his neck" [8, s. 549].

Mirkhand, however, ignored the events of the Bukhara merchants, but mentioned the arrival of Genghis Khan's embassy in the person of Mahmud al-Khwarizmi, Ali-Khoja Bukhari, and Yusuf al-Utrari, and included Genghis Khan's letter in his work, similar to that of Rashid al-Din Fazlullah and Atomalik Juvaini.[9, 76]. According to his account, this embassy came to Sultan Muhammad with many gifts, gold, and silver, and they knelt down and delivered Genghis Khan's letter. However, from the information provided by Mirkhand, it follows that the 450-strong Mongol merchants did not accompany this embassy. Mirkhand states after these events that Genghis Khan did not lead an army in response to all these actions of the sultan, until the Mongol merchant was killed in Utrar [9, s. 78]. At the same time, based on the information provided by Mirkhand, Caliph Nasir wrote a letter to Genghis Khan, calling for and supporting Genghis Khan's attack on the land of Khorezm Shah, and also using other tricks in these matters, which, despite not being mentioned in other written sources, is somewhat close to the truth. Because Muhammad Khorezm Shah had risen up against them at that time and had taken Baghdad under his control. In such a situation, Caliph Nasir could not stand against Muhammad Khorezm Shah, and wanted to defeat this rival at the hands of Genghis Khan.

Another historian of this period, Ibn Batuta, in his work "Safarnama" and Muhammad Shabankoraoi, does not mention the embassies of both sides, but only describes the preparations of the Mongol merchants and their massacre in Utrar, like other historians.[6, 443]. In particular, according to Shabankoraoi, when Genghis Khan was informed about the state of Khorezm and advised to conquer it, Genghis Khan refused, saying in response that there was no danger from that state, and that the merchant of that state had come to us, and our merchant would also go there and establish friendly relations [10, s. 140]. Although the events of the journey of the Bukhara merchants or the embassy of Muhammad Khorezmshah to the court of Genghis Khan are reflected differently in written sources, they are consistent in content.

In particular, the events with the merchants or the embassy of Muhammad Khorezmshah and the sending of the merchants and the letter of Genghis Khan to the Sultan of Khorezm are emphasized in all sources, which are real.

Taking advantage of this opportunity, Genghis Khan sent 450 merchants with 500 camels, gold, and goods to Khorezm. The ambassadors and the Mongol merchants reached the city of Utrar, where at that time the ruler of Utrar was Inolchuq, known by the nickname Qair Khan (or Faiir Khan) - a relative of the mother of the Sultan Turkan-Khatun. There was an Indian from the merchant community who had previously known Qair Khan and, according to the old custom, called him Inolchuq, and out of pride, did not pay attention to his khan's greatness. Qair Khan was angry at this behavior of his and at the same time coveted their property. Therefore, he arrested them and sent a messenger to the Iraqi side to Sultan Muhammad to inform him of the incident. Rashid al-Din Fazlullah Hamadani observes that "The Khorezm Shah, having ignored Genghis Khan's advice, gave an example of his own indifference to the strangeness of his actions and the plundering of his property, and did not know that his blood and property, which he had considered lawful, would be forbidden for his life. Qair Khan, in accordance with his order, killed them, but destroyed a world and made a people homeless. And before the signal arrived, one of them had escaped from prison by force and hidden in a beygula. When he learned of the situation of his companions, he set off and hurried to serve Genghis Khan and presented the situation of the others" [12, s. 474]. This point is also confirmed by Atomalk Juvaini, Minhaj Siraj Juzjani, and Mirkhand [2, s. 165]. Genghis Khan, enraged by these words, gathered his troops and sent an envoy to the sultan, informing him of his intention to invade his territory. According to the Rashid al-Din document, "When Kusuluk was in front, he first sent an army to defend him, and as has been mentioned, he removed him from the middle and sent the envoys to the sultan, a treacherous act that was committed without his knowledge and it is known that he was able to benefit from the movement of the army towards him until the battle. Since the Khorezm Shah, out of his arrogance and pride, did not consider the consequences, he was struck by a disaster" [12, s. 475].

From the results of the study and analysis of written sources, it can be concluded that Genghis Khan, after the arrival of the merchants or the mission of Muhammad Khorezm Shah, wanted to establish diplomatic and commercial relations with the Khorezm Shah state [13] Therefore, taking advantage of the opportunity to return from the embassy of Muhammad Khorezmshah, he sent a trade caravan consisting of 450 merchants [11, s. 111] with gold, silver, and trade goods, such as silk, precious stones, textiles, etc., in the amount of 500 camels, to the territory of Khorezmshah, which included the embassy of Genghis Khan in the person of Mahmud Khorezmi, Ali Khoja Bukhari, and Yusuf Utrari as ambassadors [4, s. 463]. The caravan soon reached the border of the city of Utrar, located on the banks of the Seyhun River. The ruler of Utrar, Qair Khan, informed Muhammad Khorezmshah, who was in Iraq, about this incident, and received instructions from the sultan to kill the caravan. Qair Khan killed the merchants and plundered their property. However, one of the Mongol caravans, who, as we have noted, was a camel driver, survived and reported the news to Genghis Khan. Genghis Khan was enraged by this news and sent a new embassy headed by Qofraj Bugru to the Khorezm Shah. According to Nasavi, through this embassy, he asked Muhammad Khorezm Shah to hand over the perpetrators of the tragedy, especially the ruler of Utrar Qair Khan, in case the incident was carried out arbitrarily by the Qair Khans, so that he could be punished and bloodshed could be prevented [14, s. 74-75]. Muhammad Khorezm Shah was unable to hand over Qair Khan to Genghis Khan because most of his troops were relatives and associates of Qair Khan and

because he was afraid that they would try to kill him [14, s. 75; 1, s. 24]. On the other hand, the mother of Sultan Muhammad Turkan-Khatun, who played a major role in the affairs of the Khorezmshah state and without her permission the sultan could not do anything, did not allow the surrender of Qair Khan, because according to some written and scientific literature Qair Khan was a relative of Turkan-Khatun. Therefore, Muhammad Khorezmshah not only did not agree to this condition of Genghis Khan, but also executed his embassy Qafraj Bugru. Such a brutal behavior of Sultan Muhammad Khorezmshah was probably due to the fact that he was very proud of his successive conquests in Khorasan and Iraq.

The massacre of the Mongol caravans in Utrar and the envoys of Genghis Khan by Muhammad Khorezmshah became the main reason for the movement of the Mongol army towards Transoxiana and Khorasan or the territory of the Khorezmshah state.

In the same way, the main reasons for the Monugol attack on Movarounnahr and Khurasan are expanded in the work "Jome'u-t-Tavarih" by Rashid-uddin Fazlollobi Bamadani. Although Rashid-Uddin did not agree with other historians in the description of some details of events, these details do not deprive the scientific value of his information, but other historians remain unaware of many of the issues reflected in his work. Therefore, Rashidad-din Fazlulloh's "Jomeu-t-Tavarih" in reflecting the causes of the monught attacks on Movarounnahr and Khorason, takes into account important sources, and its information is close to the truth. The treatises "history of the world explorer" by Atomalik Juvayui, "Tabagati Nassiri" by Minhoi Siroii Juzzani, "Mama-I-Ansab" by Mubammad in Ali ibn Muhammad Shabankoraoi, and "Rawzatu-s-Safo" by Mirkhand on the mentioned issue strengthen the information of Rashidad-din.

**Reviewer: Makhsudov A.M. – c.h.s., associate professor of TPI in Rasht district**

**Literature:**


1. Abbas Iqbal. History of Mongolia from the invasion of Genghis Khan to the formation of the Timurid state. - Tehran. 1388.- 624 p.
2. Atomalik Juvaini. History of the world explorer. With the corrections of Muhammad Qazvini. – Tehran, 1391. - 1016 p.
3. Atomalik Juvaini. History of the world explorer. First edition. Volume 1. Tehran: Dunyoi Kitab, 1375 AH.
4. Bartold V.V. Turkestan during the Mongol occupation // Bartold V.V. Works volume 1. – Moscow, 1963. - 763 p.
5. Gafurov B. Tajiks: History of the oldest, most ancient and medieval ages. Volume. 1. – Dushanbe: Irfan, 1983. - S. 600.
6. Ibn Batuta. Travelogue. Volume 1. Sixth edition. - Tehran, 1376 AH. - 639 p.
7. History of the Tajik people. Volume III. - Dushanbe: Donish, 2013. - 580 p.
8. Minhaj Siroji Juzjani. Nasiri classes. Third edition. - Kabul, 1391 AH. - 649 p.
9. Mirkhand. Ravzat-us-safa. - Tehran. Volume. 5. Victory edition, 1339. - 628 p.
10. Muhammad ibn Ali bin Muhammad Shabonkoroy "Majma'-ul-ansab". With corrections by Mirhashimi Muhaddas. - Tehran, 1363 AH-374 p.
11. Petrushevsky I.P. The ceremony of the Mongol soldiers in Central Asia in 1219-1224 and its consequences // Tatar-Mongols in Asia and Europe. Moscow, 1977. - P. 107-139.
12. Rashid al-Din Fazlulloh Hamadani. Jami'-t-tavorikh. With corrections and annotations by Muhammad Rushan. Volume 1. - Tehran, 1373. - 775 p.

13. Rene Gruss. Imperial Sahnovardan. Translation by Abdul-Husayni Maykada. 4th edition. - Tehran, 1379 AH.

14. Shihab-ad-Din Muhammad al-Nasawi. Sirat as-Sultan Jalal al-Din Mankburni. - Moscow 1996. - 798 p.

**Адабиёт:**

1. Аббос Иқбол. Таърихи Муғулистон аз ҳуҷуми Чингизхон то ташкили давлати Темуриён. - Теҳрон. 1388.- 624 с.

2. Атомалик Ҷувайнӣ. Таърихи муҳаққиқи ҷаҳон. Бо ислоҳи Муҳаммади Қазвинӣ. – Теҳрон, 1391. - 1016 с.

3. Атомалик Ҷувайнӣ. Таърихи муҳаққиқи ҷаҳон. Нашри аввал. Ҷилди 1. Теҳрон: Дунёи китоб, 1375 ҳиҷрӣ.

4. Бартолд В.В. Туркистон дар давраи истилои мугул // Бартольд В.В. Асархо чилди 1. – Москва, 1963. - 763 с.

5. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадимтарин ва асрҳои миёна. Ҷилди. 1. – Душанбе: Ирфон, 1983. - С. 600.

6. Ибни Батута. Сафарнома. Чилди 1. Нашри шашум. - Теҳрон, 1376 ҳиҷрӣ. - 639 с.

7. Таърихи халки точик. Ҷилди III. – Душанбе: Дониш, 2013. - 580 с.

8. Минҳоҷ Сироҷӣ Ҷузҷонӣ. табақаҳои Носирӣ. Нашри сеюм. - Кобул, 1391 ҳиҷрӣ. - 649 с.

9. Мирханд. Равзат-ус-сафо. - Теҳрон. Ҷилди. 5. Нашри ғалаба, 1339. – 628 с.

10.Муҳаммад ибни Алӣ бинни Муҳаммад Шабонкорой «Маҷмаъ-ул-ансоб». Бо ислоҳи Мирҳошими Мухаддас. - Теҳрон, 1363 ҳ.-374 с.

11. Петрушевский И.П. Маросими аскарони мугул дар Осиёи Миёна дар солхои 1219-1224 ва окибатхои он // Тотор-мугулхо дар Осиё ва Аврупо. Москва, 1977. - С. 107-139.

12. Рашидиддини Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомиъ-т-таворих. Бо ислоҳу эзохи Муҳаммад Рушон. Ҷилди 1. - Теҳрон, 1373. – 775 с.

13. Рене Грусе. Империал Саҳновардан. Тарҷумаи Абдулҳусайни Майкада. нашри 4-ум. - Теҳрон, 1379 ҳиҷрӣ.

14. Шихоб-ад-дин Мухаммад ан-Насавй. Сирот ас-султон Ҷалолиддини Манкбурни. - Москва 1996. – 798 с.

## REFLECTION OF THE CAUSES OF THE MONUGOL ATTACK ON CENTRAL ASIA IN THE WORK “JOME’U-T-TAVORIKH” BY RASHIDUDDIN FAZLULLOHI HAMADONI

In the article, the authors, based on the work “Jame’u-t-tavorikh” by Rashiduddin Fazlulloh Hamadani, reflect the main reasons for Genghis Khan’s invasion of Central Asia. In order to study this issue, the article uses other written sources and compares their information with the information provided by Rashiduddin. In particular, it is noted that one of the main reasons for Genghis Khan’s invasion of Central Asia was the massacre of Mongol caravanians in Utrar, which was carried out on the orders of Muhammad Khorezmshah.

The authors of the article conclude that the main reasons for the Mongol invasion of Transoxiana and Khorasan are widely reflected in the work “Jame’u-t-tavorikh” by Rashiduddin Fazlulloh Hamadani. Although Rashiduddin does not agree with other historians in describing the details of some events, these details do not diminish the scientific value of his information, but many of the issues reflected in his work were

unknown to other medieval historians of those events. Therefore, "Jame'u-t-tavorikh" by Rashiduddin Fazlulloh is considered an important source in reflecting the reasons for the Mongol invasion of Transoxiana and Khorasan, and its information is close to the truth.

**Key words:** Rashiduddin Fazlulloh, Mongols, Khorezm Shahs, merchant, Genghis Khan, work, written sources, reflection.

## ИНЪИКОСИ САБАБҲОИ ҲУҶУМИ МУҒУЛҲО БА ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСАРИ "ҶОМЕЪУ-Т-ТАВОРИХ"-И РАШИДУДДИН ФАЗЛУЛЛОҲИ ҲАМАДОНӢ

Дар мақола муаллифон дар асоси асари "Ҷомеъу-т-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ сабабҳои асосии ҳуҷуми Чингизхонро ба Осиёи Миёна инъикос намудаанд. Дар мақола ҷиҳати таҳқиқи масъалаи мазкур аз дигар манбаҳои хаттӣ истифода ва ахбори онҳо ба маълумоти овардаи Рашидуддин муқоиса карда шудааст. Хусусан, қайд мегардад, ки яке аз сабабҳои асосии ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Миёна қатли корвониёни муғл дар Утрор буд, ки ин амал бо дастури Муҳаммад Хоразмшоҳ анҷом дода шуд.

Муаллифи мақола ба хулосае меоянд, ки сабабҳои асосии ҳуҷуми муғулҳо ба Мовароуннаҳру Хуросон дар асари "Ҷомеъу-т-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Рашидуддин дар тасвири ҷузиёти баъзе воқеаҳо ба дигар муаррихон ҳамфикр набошад ҳам, ин ҷузъитҳо арзиши илмии ахбори ӯро коста намекунанд, балки бисёр аз масоиле, ки дар асари ӯ инъикос ёфтааст, дигар муаррихони асримиёнагӣ аз он воқеаҳо бехабар мондаанд. Бинобар ин, "Ҷомеъу-т-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳ дар инъикоси сабабҳои ҳуҷуми муғулҳо ба Мовароуннаҳру Хуросон аз манбаъҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ахбори он ба ҳақиқат наздик аст.

**Калидвожаҳо:** Рашидуддин Фазлуллоҳ, муғулҳо, хоразмшоҳиён, туҷҷор, Чингизхон, асар, сарчашмаҳои хаттӣ, инъикос.

## ОТРАЖЕНИЕ ПРИЧИНИ МОНГОЛЬСКОГО НАШЕСТВИЯ В СРЕДНЯЯ АЗИЮ В ПРОИЗВЕДЕНИИ РАШИДАДДИНА ФАЗЛУЛЛАХИ ХАМАДОНИ «ДЖАМЕУ-Т-ТАВАРИХ»

В статье авторы на основе произведения Рашидаддина Фазлулли Хамадани «Джамеут-т-таварих» отражают основные причины нападения Чингисхана на Среднюю Азию. Для исследования этого вопроса в статье привлекаются различные другие письменные источники и сведения их сравниваются с данными, предоставленными Рашидаддином. В частности, отмечается, что одной из основных причин нападения Чингисхана на Среднюю Азию стало убийство монгольских караванщиков в Утраре, осуществленное по приказу Мухаммада Хорезмшаха.

Авторы статьи приходят к выводу, что основные причины нападения монголов на Моваруннахр и Хорасан широко отражены в произведении Рашидуддина Фазлуллахи Хамадони «Джамеу-т-таварих». Даже если Рашидуддин не согласен с другими историками в описании деталей некоторых событий, эти детали не уменьшают научной ценности его известий, однако многие вопросы, отраженные в его работах, другим средневековым историкам неизвестны. Поэтому «Джамеу-т-таварих» Рашидуддина Фазлуллах считается одним из важных источников, отражающих причины нападения монголов на Восточный Хорасан, и его сведения близки к истине.

**Ключевые слова:** Рашидуддин Фазлулла, монголы, хорезмшахи, купец, Чингисхан, произведения, письменные источники, размышления.

**Information about author: Tagdirov Abdunazar Umarbekovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant at the department of history and methods of teaching. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 934113961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф: Тағдиров Абдуназар Умарбекович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 934113961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**Сведения об автор: Тагдиров Абдуназар Умарбекович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры истории и методики ее преподавания. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 934113961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

## ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

ТДУ: 334.724.6

# РАҚАМИКУНОНӢ ОМИЛИ МУҲИМИ БАЛАНДБАРДОРИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аминова И.Қ., Аминов Ҳ.Н.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ зарурияти табаддулоти тамоми системаҳои фаъолияткунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар замони муосир талаб менамояд. Яке аз ин равандҳои бисёр ҳам зуд ривоҷ ёфта рақамикунонӣ буда, ба тамоми системаҳои ҷумҳурӣ таъсири хешро расонидааст.

Иқтисодиёти рақамӣ - маҷмӯи муносибатҳоест, ки ба технологияҳои навин асос ёфта, дар ҷараёни истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол ба вуҷуд омадаанд ва барои таъмини талабот ба неъматҳои ҳаётӣ равона гардидааст. Он дар навбати худ ташаккули усулҳо ва тарзҳои нави хоҷагидориро пешниҳод ва воситаҳои таъсирноки танзими давлатиро талаб мекунад. Яке аз муҳиммияти иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи шаффофияти ошкорбаёнии иттилоот ва “нобаробарии рақамӣ”, яъне нобаробари байни шаҳрвандон дар истифодаи технологияҳои иттилотӣ мебошад [5].

Дар ҷаҳони муосир яке аз масъалаҳои актуалӣ ва бештар муҳокима шаванда рушди босуръати иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Ба назар чунин мерасад, ки технологияҳои инноватсионии фарогири ҳудуди васеъ бо суръати баланд тараққӣ намуда, ояндаи наздик тасаввуроти моро оид ба имкониятҳо куллан дигар месозанд.

Дар зери мафҳуми “иқтисоди рақамӣ” - “фаъолияти иқтисодӣ, ки дар он омили калидии истеҳсол маълумотҳои рақамӣ, коркарди миқдори калон ва истифодаи натиҷаҳои таҳлил аст, ки дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии идоракунӣ метавонад, самаранокии навъҳои гуногуни истеҳсолот, технологияҳо, таҷҳизот, нигоҳдорӣ, фурӯш, интиқол мол ва хизмат” фаҳмида мешавад. Имрӯз ҷаҳон дар роҳи гузариш ба зинаи пас аз саноатии иқтисодиёти рақамӣ қарор гирифтааст, ки қодир аст, куллан бозори ҷаҳониро тағйир диҳад [4].




**Расми 1. Гузариши раванди иқтисодиёти рақамӣ ва таъсири он ба бозори ҷаҳонӣ.**

Дар тӯли 10 соли аввал базаи иқтисодиёти рақамӣ бизнеси савдои электронӣ ва хизматрасонӣ ба ҳисоб мерафт.

Муҳимияти ҷараёнҳои ҷоришаванда имконияти гузоштани масъаларо оид ба ташаккули намуди нави иқтисодӣ ба миён мегузорад, ки дар он муносибат оид ба истеҳсол, коркард, нигаҳдорӣ, додугирифт ва истифодабарии ҳаҷми афзуншавандаи маълумот соҳиби қимати ҳалкунанда мегардад. Маълумот (ахбор) асоси таҳлили иқтисодӣ мегардад, ки қонуниятҳои фаъолияти системаҳои муосири иҷтимоӣ- иқтисодиро тадқиқот менамояд. Чӣ тавре, ки як қатор таҳлилгарон тасдиқ менамоянд, имрӯз барои агенти иқтисодӣ худи омили бадастории ягон захира муҳим нест, балки мавҷудияти маълумот оид ба ин захира имконияти истифодабарии онҳо бо мақсади банақшагирии фаъолияти худ муҳимтар аст [3, с. 221].

Бо назардошти ин гуфтаҳо, аз нуқтаи назари мо зери мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ» бояд намуди муосири хоҷагидорӣ фаҳмида шавад, ки тавсифкунандаи нақши муҳими ахбор ва методҳои идоракунии он ҳамчун захираи муайянкунанда дар соҳаи истеҳсол, тақсим, иваз ва истифода мебошад. “Иқтисоди рақамӣ ба маънои байналмилалӣ як шабакаи сохтори фазоии муносибатҳои байни субъектҳои соҳибкорӣ мебошад, ки аз ҷониби як система ташкил карда шудааст”.

Иқтисодиёти рақамӣ дар умум базаи тараққиёт ба ҳисоб меравад ва таъсирро ба соҳаҳои гуногун ба монанди бонк, савдои чакана, нақлиёт, энергетика, маориф, тиб ва ғайра дорад. Технологияҳои рақамӣ ба монанди интеренети лавозимот (IoT), маълумоти калон (big data), истифодабарии таҷҳизотҳои мобилӣ ва девайсҳо намудҳои алоқаҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, институтҳоро дигаргун месозанд.




**Расми 2. “Соҳаҳои рушди шабакаҳои саросарӣ”.**

Намудҳои нави кооператсия ва координатсияи агентҳои иқтисодӣ барои ҳалли муштараки масъалаҳои муайян (sharing economy) пайдо мешаванд. Гарчанде нақши таъсири технологияҳои рақамӣ ба трансформатсияи системаҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ба таври кофӣ аён мебошад, бисёре аз муаммоҳо то ҳол пурра омӯхта нашудаанд. Ба муаммои тараққиёти потенсиали рақамӣ бо мақсади ба дастории рушди инноватсионии ширкатҳои ҷудогона ва

соҳаҳо диққати лозима дода нашудааст, аз мадди назар ҷанбаҳои институтсионалии иқтисодиёти рақамӣ дур монда, муаммоҳо ва ояндаи тараққиёти тиҷоратро дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ кам омӯхта шудааст, ба таври бояду шояд мавқеи иқтисодиёти рақамӣ дар системаи умумии муносибатҳои муосири хоҷагидорӣ инъикос нашудааст [6, с. 107].

Асоси иқтисодиёти рақамӣ сектори истеҳсоли маҳсулотҳои рақамӣ ва хизматрасониҳо мебошад, ки бо технологияҳои рақамӣ алоқамананд. Омори кишварҳои ТҲИТ (Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва тараққиёт) ба номуътадилии умумиҷаҳонӣ нигоҳ накарда, оид ба рушди устувори савдои ҷаҳонии маҳсулотҳои иқтисодиёти рақамӣ (ба ҳисоби миёна, рушд қариб 4%-ро ташкил медиҳад), бо суръати баланд зиёдшавии ҳаҷми хизматрасониҳо (то 30 % дар як сол) шаҳодат медиҳад. Хароҷотҳои корхона ба тадқиқотҳои бо технологияҳои рақамӣ алоқаманд, зиёд мешаванд. Ин ба он ишора мекунад, ки сектори технологияҳои рақамӣ нақши калидиро дар инноватсияҳо дорад. Инфрасохтори рақамӣ тараққӣ намуда дастрас мегардад, сифати шабакаҳои коммуникатсионӣ бо меъёри воридкунии технологияҳои 4G ва воситаҳои ирсоли маълумот бо нахи оптикӣ баланд бардошта шуда, дар ин самт нархҳо барои хизматрасонии алоқаи мобилӣ паст мефароянд, имконияти истифодабарии таҷҳизотҳо барои истифодбарии интернет меафзоянд, ки ҳамаи ин дар натиҷа имконияти ояндабинии дарбаргирии васеъ ва тараққиёти технологияҳои рақамиро имконпазир мегардонад.

Бояд қайд кард, ки технологияро барномаҳои рақамӣ (Digital Programs) вусъат мебахшанд. Барномаҳои рақамӣ натанҳо дар технология, балки дар тамоми соҳаҳо, ба мисли иқтисодиёт, саноат, илм ва ғайра нақши муҳим мебозад. Ҳангоми истифодаи пурраи ҳамаи «барномаҳои рақамӣ» раванди «иқтисоди рақамӣ» низ ҳалли худро меёбад. «Иқтисоди рақамӣ» бо номҳои дигар, ба мисли «иқтисоди интернетӣ», «иқтисоди нав» ё «иқтисоди электронӣ» низ маълум аст [4, с. 244].

Истилоҳи «иқтисоди рақамӣ» (Digital Economy) нахустин маротиба солҳои 90-уми асри гузашта дар Ҷопон ба вуҷуд омадааст. Бо мурури замон ин вожа дар ҷаҳони Ғарб, ба хусус ба Аврупо роиҷ гардид ва баъдтар ҳамчун илми ҷудогона омӯхта шудааст. Соли 1995 асари бузургҳаҷм зери унвони «Иқтисоди рақамӣ» («The Digital Economy: Promise and Peril in the Age of Networked Intelligence») аз тарафи олими англис Дон Тэпскот чоп шудааст. Асари мазкур таҳлилҳои навтарини иқтисодӣ ва тиҷоратиро дар бар мегирад аз ҷумла:




**Расми 3. Назарияи олими амрикойи Томас Месенборг оид ба иқтисоди электронӣ.**

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки он ҳама тағйироти глобалӣ, инсониятро неруманду донотар гардонид ва ҷомеа аз бухрони короновирус таҷриба гирифта, зеҳну шуурро боз ҳам ба эҷоду ихтироъкорӣ раҳнамо сохт. Экосистемаи иқтисодиёти рақамӣ шарики ташкилотест, ки ҳамкории муттасили платформаҳои технологии онҳо, хадамоти интернетӣ, системаҳои таҳлилӣ, системаҳои иттилоотии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳо ва шаҳрвандонро таъмин менамояд. Қайд карда мешавад, ки истифодаи васеи технологияҳои нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба марҳилаи нави иқтисодиёт - иқтисоди рақамӣ ва ташаккули экосистемаи он мусоидат менамояд. Роҳи асосии таъмини самаранокии иқтисоди рақамӣ ҷорӣ кардани технологияи коркарди маълумот мебошад, ки хароҷотро барои истеҳсоли молҳо ва хизматрасонӣ коҳиш медиҳад.

**Муқарриз: Деҳқонов С. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2018.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 22.12. 2017 с.

4. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз 30 декабри соли 2011, №643.

5. Консепсияи иқтисодӣ рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30.12.2019, №642. саҳ. 3.

6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016 с.

7. Агентство по статистике при Президента Республики Таджикистан (АСРТ) Таджикистан в цифрах. - Душанбе: (АСРТ), 2017. На русском/таджикском языке.

**Literature:**

1. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon to the Majlisi Oli. 26.12.2019.

2. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, Honorable Emomali Rahmon to the Majlisi Oli. 26.12.2018.

3. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon to the Majlisi Oli. 22.12. 2017 p.

4. Concept of the formation of electronic government in the Republic of Tajikistan. From December 30, 2011, No. 643.

5. Concept of the digital economy in the Republic of Tajikistan. 30.12.2019, No. 642. p. 3.

6. National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period until 2030. – Dushanbe, 2016 p.

7. Agency for Statistics under the President of the Republic of Tajikistan (ASRT) Tajikistan in numbers. - Dushanbe: (ASRT), 2017. Not in Russian/Tajik language.

## РАҚАМИКУНОНӢ ОМИЛИ МУҲИМИ БАЛАНДБАРДОРИИ

## ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Иқтисодиёти рақамӣ – маҷмӯи муносибатҳоест, ки ба технологияҳои навин асос ёфта, дар ҷараёни истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол ба вуҷуд омадаанд ва барои таъмини талабот ба неъматҳои ҳаётӣ равона гардидааст. Он дар навбати худ ташаккули усулҳо ва тарзҳои нави хоҷагидориро пешниҳод ва воситаҳои таъсирноки танзими давлатиро талаб мекунад.

Метавон гуфт, ки он ҳама тағйироти глобалӣ, инсониятро неруманду донотар гардонид ва ҷомеа аз бухрони короновирус таҷриба гирифта, зеҳну шуурро боз ҳам ба эҷоду ихтироъкорӣ раҳнамо сохт. Экосистемаи иқтисодиёти рақамӣ шарики ташкилотест, ки ҳамкории муттасили платформаҳои технологии онҳо, хадамоти интернетӣ, системаҳои таҳлилӣ, системаҳои иттилоотии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳо ва шаҳрвандонро таъмин менамояд. Қайд карда мешавад, ки истифодаи васеи технологияҳои нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба марҳилаи нави иқтисодиёт - иқтисоди рақамӣ ва ташаккули экосистемаи он мусоидат менамояд. Роҳи асосии таъмини самаранокии иқтисоди рақамӣ ҷорӣ кардани технологияи коркарди маълумот мебошад, ки хароҷотро барои истеҳсоли молҳо ва хизматрасонӣ коҳиш медиҳад.

**Калидвожаҳо:** идоракунӣ, рақамикунонӣ, иқтисодиёти рақамӣ, технологияи итилоотӣ, технологияи рақамӣ, барномаҳои рақамӣ, хидматҳои электронии давлатӣ.

## ЦИФРОВИЗАЦИЯ КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ СОЦИАЛЬНОЙ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Цифровая экономика – это совокупность отношений, основнных на современных технологиях, возникших в процессе производства, распределения, обмена и потребления и направленных на удовлетворение потребностей в жизенных благах. Она, в свою очередь, предлагает формирование новых методов и способов хозяйствования и требует эффективных инструментов государственного регулирования.

Можно сказать, что все эти глобальные изменения сделали человечество сильнее и мудрее, а общество извлекло уроки из коронавирусного кризиса, направив разум и сознание к еще большей креативности и изобретательности. Экосистема цифровой экономики представляет собой партнерство организаций, обеспечивающее бесперебойное взаимодействие их технологических платформ, онлайн-сервисов, аналитических систем и информационных систем государственных органов Республики Таджикистан с организациями и гражданами. Отмечено, что широкое использование новых информационно-коммуникационных технологий способствует новому этапу экономики – цифровой экономике и формированию ее экосистемы. Основным способом обеспечения эффективности цифровой экономики является внедрение технологий обработки данных, снижающих издержки производства товаров и услуг.

**Ключевые слова:** управление, цифровизация, цифровая экономика, информационная технология, цифровая технология, цифровые программы, государственные электронные услуги.

## DIGITALIZATION AS A KEY FACTOR IN ENHANCING SOCIAL ENTREPRENEURSHIP IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The digital economy – based on modern technologies, is a system of relationships in the processes of production, distribution, exchange, and consumption and for ensuring demanding in to life necessity. It plays an important role on the needs of society by creating new forms of services and means of access. This in turn, significantly affects government regulatory mechanisms.

It can be said that all these global changes have made humanity stronger and wiser, and society has learned lessons from the coronavirus crisis, directing the mind and consciousness to even greater creativity and ingenuity. The digital economy ecosystem is a partnership of organizations that ensures the smooth interaction of their technological platforms, online services, analytical systems and information systems of state bodies of the Republic of Tajikistan with organizations and citizens. It is noted that the widespread use of new information and communication technologies contributes to a new stage of the economy - the digital economy and the formation of its ecosystem. The main way to ensure the effectiveness of the digital economy is the introduction of data processing technologies that reduce the costs of producing goods and services.

**Key words:** governance, digitalization, digital economy, information technology, digital technology, digital programs, electronic government services.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Аминова Иқболби Қурбоновна** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва тарбияи ҷисмонии факултети педагогика ва варзиш. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддинов – 63. Телефон: (+992) 988048120. E-mail: igbolbi1976@mail.ru

**Аминов Ҳокимҷон Нуралиевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи забони англисии факултети забонҳо Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳраки Ғарм, к. Э. Муҳиддинов – 63. Телефон: (+992) 987-84-64-40. E-mail: aminzoda.2000@mail.ru

**Сведение об авторах: Аминова Икболби Курбоновна –** Таджикский педагогический института в Раштском районе, кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики и физического воспитания факультет педагогика и спорт. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддинов – 63. Телефон: (+992) 988048120. E-mail: igbolbi1976@mail.ru

**Аминов Хокимджон Нуралиевич –** Таджикский педагогический института в Раштском районе, ассистент кафедры английского языка факультета иностранных языков. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддинова, 63. Телефон: (+992) 987-84-64-40. E-mail: aminzoda.2000@mail.ru

**Information about the authors: Aminova Iqbolbi Qurbonovna** – Tajik pedagogical institute in the Rasht district, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of pedagogy and physical education, faculty of pedagogy and sports. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63 Phone: (+992) 988-04-81-20. E-mail: igbolbi1976@mail.ru

**Aminov Hokimjon Nuralievich** – Tajik pedagogical institute in the Rasht district, assistant of the Department of English Language Faculty of Languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 987-84-64-40. E-mail: aminzoda.2000@mail.ru

ТДУ: 68.0

# МАРҲИЛАҲОИ ТАЪРИХИИ РУШДИ САНОАТИ САБУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲИССАИ ОН ДАР ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ МАМЛАКАТ

**Миршарифзода Э.Қ.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Аз қадим халқи тоҷик дорои ҳунари волои бофандагию ресандагӣ, дӯзандагӣ, коркарду тозакунии пахта, қолинбофӣ ва косибӣ буда, ба ин васила дар таъмин намудани ниёзи аввалияи аҳолӣ бо молу маҳсулоти барои хоҷагидорӣ муҳим ва рушд додани бозори саноати сабук саҳми хешро гузоштаанд. Қобили тазаккур аст, ки соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи тулонӣ дошта, то давраи тоинқилобӣ, яъне то соли 1917 ҳама шаклҳои ҳунарҳои болозикр дар шакли дастӣ давом ёфта, сипас аз соли 1920 сохтан ва мавриди истифода қарор гирифтани нахустин корхонаҳои ресандагӣ ва бофандагии соҳаи саноати сабук оғоз гардида, инфрасохтори он  рушд дода шуд ва дар ин росто ҷалби мутахассисони соҳавӣ шуруъ гардид. Дар ин раванд, ифтитоҳи аввалин фабрикаҳои пахтатозакунӣ ва корхонаҳои атласу адрасбофӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қурғонтеппа ва Кӯлоб оғоз гардида, мардуми ҳунарманди маҳаллӣ (бештар занҳо) ба кор ҷалб карда мешуданд.

Пас аз соли 1940-ум, бисёре аз корхонаҳои саноатӣ ба истеҳсоли маҳсулоти ҳарбӣ (бо сабаби оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ) сафарбар гардида, баъд аз соли 1970 Тоҷикистон ба яке аз марказҳои муҳимми истеҳсолкунандаи ресмону матоъ, либосҳои мактабӣ ва пойафзол табдил ёфта, корхонаҳои бузурги истеҳсолии соҳаи саноати сабук, ба монанди “Тоҷиктекстил”, “Гулистон”, “Текстилкомбинат”-и Хуҷанд амал мекарданд. Вале баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат оғоз гардид, бисёре аз корхонаҳои саноатӣ, махсусан корхонаҳои соҳаи саноати сабук дар солҳои 1992-1997 аз фаъолият боз монда, коҳиши шадиди истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук дар кишвар ба вуқуъ омад. Ва бори аввал буд, ки пас аз соҳибистиқлолии кишвар “аввалин маротиба суръати афзоиш дар соҳаи саноат соли 1997 ба 1,0% таъмин гардид, ки ин дар ҳамон давра натиҷаи хело ҳам мусбӣ ба ҳисоб мерафт” [6].

Аз соли 2000-ум сар карда, замони барқароршавии бахши саноати сабук тавассути ҷалб намудани сармояи дохилӣ ва хориҷӣ роҳандозӣ гардид. Дар ин баробар, корхонаҳои хусусии дӯзандагӣ ва бофандагии соҳа низ сол аз сол рушд намуданд. Дар бахши саноати сабук ҷорисозии технологияҳои нав оғоз гардида, [5] ҳаҷми истеҳсол ва содироти маҳсулотҳои соҳаи саноати сабук, ба монанди дӯзандагӣ ба Русия, Қазоқистон ва дигар кишварҳои аврупоӣ афзоиш ёфт.

Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи яке аз ҳадафҳои олии кишвар - саноатикунонии босуръати мамлакат як қатор барнома [3; 4] ва стратегияҳое татбиқ гашта истодаанд, ки нишондиҳандаҳои рушди соҳаи саноати сабукро мувофиқи стратегияҳои пешбининамудаи ҳукумати кишвар имконпазир мегардонад. Татбиқи амалии барномаву стратегияҳои соҳавӣ боиси он мегарданд, ки татбиқи ҳадафи човуми кишвар - саноатикуноании босуръати мамлакат дар як давраи кӯтоҳ имконпазир гардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи татбиқи рушди соҳаи саноат ва дигар сохторҳое, ки дар доираи ин соҳа рушди онҳо

имконпазир мегардад, татбиқи барномаҳои мазкур мусоидати ҳаматрафа менамоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати аҳаммияти минтақавӣ ва фароминтақавӣ пайдо намудан, иқтидори иқтисодии давлатро дар ҳама самту соҳаҳо муайян менамояд, ки ин соҳа дар ҳоли рушд қарор дорад. Вобаста ба ин, таваҷҷуҳи бевоситаи ҳукумати кишвар ба ин масъала афзоиш ёфта, соҳаи мазкур зери назорати доимӣ қарор мегирад ва ҳамчун масъалаи асоси боқӣ мемонад. Гуфтан зарур аст, ки имкониятҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иқтидорҳои иқтисодӣ ва имконияти рушди масъалаҳои баррасишавандаи саноати сабук дар муқоиса бо дигар сатҳҳои саноат масалан (калон ва миёна) афзалият ва бартарии бештар дошта, сатҳи рушди корхонаҳои хурди саноатӣ ва истеҳсолоти он ба таври чашмрас мебошад (нигар ҷадвали 1.).

**Ҷадвали 1. Сохтори саноати сабук ва ҳиссаи он дар таркиби саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2023**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Соли 2023/2017, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, (воҳид) | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 3453 | 72,7 |
| Шумораи корхонаҳои саноати сабук, (воҳид) | 409 | 443 | 403 | 435 | 453 | 496 | 545 | 33,2 |
| Ҳиссаи саноати сабук, бо % | 20,4 | 20,4 | 18,6 | 19 | 18,8 | 17,7 | 15,7 | -4,7 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с. 2023, (млн. сомонӣ) | 23 815 | 26 339 | 29 816 | 32 440 | 39 187 | 42 988 | 46 857 | 96,7 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноати сабук, (млн. сомонӣ) | 2 530 | 2 680 | 2 855 | 3 103 | 4 341 | 5 004 | 4 500 | 77,8 |
| Ҳиссаи саноати сабук, бо % | 10,6 | 10,1 | 9,5 | 9,5 | 11 | 11,6 | 9,6 | -1 |
| Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, (ҳаз. нафар) | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87,5 | 0,8 |
| Шумораи кормандони саноати сабук, (ҳаз. нафар) | 15,4 | 18 | 17,5 | 18,6 | 19 | 18,5 | 17,4 | 12,9 |
| Ҳиссаи саноати сабук, бо % | 17,7 | 21 | 20,7 | 22 | 22,2 | 21,4 | 19,8 | 2,1 |

**Манбаъ: муҳосибаи муаллиф дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ / АОНПҶТ. – Душанбе, 2024. – С. 9, 14, 15, 19 ва 20.**

Дар ҳама самту соҳаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияту иқтидорҳои соҳаи саноати сабукро мушоҳида намудан мумкин аст. Зеро тавассути рушди соҳаи саноати сабук мо метавонем ба як қатор ҳадафҳои олие, ки ҳукумати кишвар дар назид худ вазифа гузоштааст ноил гардем. Зеро дар таркиби саноат асосан ҳам иқтидори иқтисодии давлат баланд бардошта мешавад ва иловатан сатҳи зиндагиии аҳоли беҳтар ва шароити мусоиди сердаромади фаъолият барои аҳолӣ фароҳам оварда мешавад.

Таҳлиҳо нишон медиҳанд, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ агар дар соли 2017 ба 1999 адад баробар шуда бошад, пас ин шумора дар соли 2023 ба 3453 адад расонида шуд, ки дар соли 2023 дар муқоиса ба соли 2017 ба андозаи 72,7% зиёд гардид [1]. Иловатан, тибқи таҳлилҳо ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои соли 2023 ба 96,7% афзоиш ёфт, ки ин ба руши иқтисоди миллӣ метавонад таъсири мусбат расонад. Шумораи корхонаҳои саноати сабук низ дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 ба андозаи 33,2% ва ҳаҷми маҳсулоти саноатии соҳа бошад, дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 ба андозаи 77,8% афзуд. Дар ин баробар, ҳиссаи корхонаҳои саноати сабук дар таркиби саноати кишвар дар соли 2023 агар 15,7%-

ро ташкил намуда бошад, ҳиссаи маҳсулоти саноати сабук 9,6% ва шумораи кормандон 19,8%-ро ташкил медиҳад.

Вобаста ба натиҷаҳои мазкур қайд кардан мумкин аст, ки соҳаи саноати сабуки кишвар низ вобаста ба номгӯи истеҳсолоти таркибӣ қариб дар ҳамаи шаклҳои истеҳсолот тамоили зиёдшавиро доро мебошад (нигар ҷадвали 2.).

**Ҷадвали 2. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намуди маҳсулот дар солҳои 2017-2023**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | | | Соли 2023/2017, бо %, мар. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Нахи пахта | ҳазор тонна | 112,3 | 98,2 | 114,7 | 119,6 | 119,8 | 127,1 | 127,4 | 13,4 |
| Чигит | ҳазор тонна | 179,9 | 151,1 | 155,7 | 156,4 | 144,9 | 197,1 | 192,4 | 6,9 |
| Тибити пахта | тонна | 3828 | 7607 | 2708 | 1799 | 1753 | 2480 | 3312 | -13,4 |
| Улюк (тораки пахта) | тонна | 1780 | 2175 | 1728 | 2402 | 2777 | 2745 | 3016 | 69,4 |
| Пат | тонна | 1471 | 1583 | 1498 | 1891 | 2105 | 2325 | 2542 | 72,8 |
| Калобаи пахтагин | тонна | 17211 | 20740 | 20912 | 17866 | 21535 | 18790 | 20339 | 18,1 |
| Газвори пахтагин | ҳазор $м^2$ | 3358 | 7512 | 6998 | 7378 | 8183 | 25626 | 24458 | 7,2 мар. |
| Маводи нобофта | ҳазор $м^2$ | 938 | 1227 | 2173 | 2224 | 2166 | 2214 | 2123 | 2,2 мар. |
| Ресмони абрешими хом | тонна | 6,8 | 3,8 | 8,9 | - | - | - | - | -100 |
| Газвори абрешимӣ | ҳазор $м^2$ | - | 19,4 | 21,4 | 21,9 | 22,2 | 28,8 | 37,6 | 100 |
| Қолин ва маснуоти қолинӣ | ҳазор $м^2$ | 2836 | 3407 | 3937 | 2658 | 4534 | 6401 | 5739 | 2,0 мар. |
| Маҳсулоти кашбофӣ | ҳазор дона | 101,3 | 122,4 | 139,9 | 160,8 | 145,4 | 433,6 | 256,4 | 2,5 мар. |
| Газвори кашбофӣ | тонна | 9 | 10,5 | 8,5 | 44,5 | 55 | 46,9 | 29 | 3,2 мар. |
| Ҷӯробу пайпоқ | ҳазор ҷуфт | 3752 | 5687 | 4124 | 7807 | 15409 | 14803 | 10053 | 2,6 мар. |
| Коркарди пӯст | ҳазор дона | 543,7 | 458,1 | 534,2 | 620,3 | 783,2 | 1075 | 714,4 | 31,3 |
| Пойафзоли чармин | ҳазор ҷуфт | 116,5 | 113,8 | 118,4 | 256,9 | 565,8 | 558,4 | 521,5 | 4,4 мар. |
| Молҳо аз чарми хом | ҳазор д2 | 2340 | 5047 | 4247 | 5880 | 6014 | 7649 | 12027 | 5,1 мар. |
| Пойафзоли резинӣ | ҳазор ҷуфт | 683,5 | 699,8 | 759,2 | 776,2 | 662,2 | 512,3 | 602,9 | -11,7 |
| Чоргушаи дару тирезаҳои чубин | ҳазор $м^2$ | 11 | 47,2 | 27,3 | 25,5 | 11,7 | 15,4 | 15,7 | 42,7 |
| Чоргушаи дар | ҳазор $м^2$ | 10,5 | 13,7 | 26,9 | 35,6 | 23,8 | 16,9 | 15,9 | 51,4 |
| Маҳсулоти чубӯ тахта | ҳазор $м^2$ | 1,5 | 6,9 | 9,5 | 6,4 | 6,5 | 8,9 | 10,7 | 7,1 мар. |
| Миз | дона | 1619 | 5006 | 4288 | 3380 | 6271 | 2592 | 4148 | 2,5 мар. |
| Курсӣ | дона | 3050 | 13452 | 11705 | 14892 | 23734 | 12493 | 18842 | 6,1 мар. |
| Чорпояча | дона | 355 | 1274 | 1320 | - | - | - | - | -100 |
| Маҷмӯи мебелҳо (бо маҷмӯи бачагона) | дона | 3648 | 23942 | 39154 | 13372 | 10625 | 29292 | 23586 | 6,4 мар. |
| Ҷевон | дона | 2008 | 3343 | 5647 | 1464 | 2385 | 1396 | 2763 | 37,5 |
| Диванҳо | дона | 745 | 72 | 161 | 196 | 717 | 70 | 402 | -46 |
| Катҳои чӯбин | дона | 504 | 3037 | 3001 | - | - | - | - | -100 |

**Манбаъ: муҳосибаи муаллиф дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ / АОНПҶТ. – Душанбе, 2024. – С. 57, 63, 65 ва 80.**

Истеҳсоли хурди соҳаи саноати сабук боиси бамаротиб афзошиш ёфтани корхонаҳои хурди саноатӣ ва истеҳсолоти онҳо баромад мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки тибқи маълумоти дар ҷадвали мазкур овардашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар маҳсулотҳои аҳаммияти умумидошта ва ба ниёзҳои аввал зарурбуда, ба истиснои истеҳсоли катҳои хоб (диванҳо) ба андозаи -46,0 б.ф., катҳои чубин -100%, чорпояча -100%, пойафзоли резинӣ -11,7 б.ф., ресмони абрешими хом -100%, тибити пахта -13,4 б.ф. ва дигар номгӯи истеҳсолоти саноати сабук, ба монанди нахи пахта, 13,4%, пат 72,8%, газвори пахтагин 7,2 маротиба, газвори кашбофӣ 3,2 маротиба, пойафзоли чармин 4,4 маротиба, молҳо аз чарми хом 5,2 маротиба, маҳсулоти чӯбу тахта 7,1 маротиба, маҷмӯи мебелҳо

6,4 маротиба тамоили зиёдшавӣ доранд, ки ин аз истеҳсолти фоидаовар будани онҳо гувоҳӣ медиҳад.

Қобили зикр аст, ки солҳои охир дар кишвар саҳми се корхонаи соҳаи саноати сабуки ватание, ки бо дастгоҳу таҷҳизоти инноватсионии муосир муҷаҳҳаз мебошанд, дар истеҳсол ва содироти молҳои бахши саноати сабук назаррас буда, қисми зиёди маҳсулоти истеҳсолшудаи корхонаҳои мазкур ба хориҷи кишвар содирот карда шуда, ҳиссаи каме аз онҳо дар бозори дохилӣ мемонад, ҳамзамон, ҳиссаи содиротии маҳсулоти соҳаи саноати сабук дар онҳо чашмрас мебошад.

Аз ҷониби корхонаҳои соҳавӣ дар умум дар соли 2023 ба маблағи 605 785 ҳаз. сомонӣ молу маҳсулоти соҳаи саноати сабукро истеҳсол намуда, қисми бештари онро содирот намудаанд, аз ҷумла "корхонаи истеҳсолии ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил" бо арзиши 471 464 ҳаз. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда, пурра (100%) маҳсулоти истеҳсолшударо ба хориҷи кишвар содирот намуд, ҶДММ "Ҷавонӣ" бошад, дар ин давра бо арзиши 129 655 ҳаз. сомонӣ молу маҳсулот истеҳсол намуда, аз он 129 293 ҳаз. сомонӣ ва ё 99,7%-ро содирот кард, ҳамин тариқ, корхонаи ҶСК "Гулистони Душанбе" низ бо арзиши 4 666 ҳаз. сомонӣ молу маҳсулоти соҳавиро истеҳсол намуд. Аз маҳсулоти истеҳсолшуда 947 ҳаз. сомонӣ ва ё 20,3%-ро ба кишварҳои хориҷ содирот карда, боқимонда 79,7% маҳсулоти истеҳсолнамударо барои таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти соҳа пешнҳод сохт [7, с. 186].

Маврид ба зикр аст, ки аксар номгӯи молҳои саноати сабук, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоили зиёдшавиро касб намудаанд, ба он далолат доранд, ки чунин номгӯи молҳои саноатӣ дар сатҳи кишвар ва берун аз он хусусияти содиротӣ ва талаботҳои барзиёди дохилиро доро ҳастанд. Аз ҳамин лиҳоз, тамоили зиёшавии онҳоро низ аз рӯйи ҳиссаи содирот ва воридот баҳо додан мумкин аст (нигар ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Тавозуни содирот ва воридоти маҳсулоти саноатии кишвар ва ҳиссаи саноати сабук дар таркиби он дар солҳои 2017-2023, (млн. долл. ИМА)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Соли 2023/2017, бо %, мар. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Содироти маҳсулоти саноатӣ, ҳамагӣ | 1 198,00 | 1 073,30 | 1 174,30 | 1 406,90 | 2 149,60 | 2 142,00 | 2 448,80 | 2,0 мар. |
| **Содироти маҳсулоти саноати сабук, ҳамагӣ** | 184,7 | 229,1 | 203,4 | 199,3 | 283,6 | 282,2 | 301,8 | 63,4 |
| **Ҳиссаи саноати сабук, бо %** | 15,4 | 21,3 | 17,3 | 14,1 | 13,1 | 13,1 | 12,3 | -3,1 |
| Воридоти маҳсулоти саноатӣ, ҳамагӣ | 2 724,90 | 3 151,00 | 3 349,30 | 3 150,90 | 4 209,50 | 5 167,50 | 5 889,00 | 2,1 мар. |
| **Воридоти маҳсулоти саноати сабук, ҳамагӣ** | 212,9 | 194,1 | 222,5 | 214,1 | 253,8 | 353,6 | 392,7 | 84,4 |
| **Ҳиссаи саноати сабук, бо %** | 7,8 | 6,1 | 6,6 | 6,7 | 6 | 6,8 | 6,6 | -1,2 |
| **Тавозуни содирот ва воридоти молҳои саноатӣ, ҳамагӣ** | -1 526,90 | -2 077,70 | -2 175 | -1 744 | -2 059,90 | -3 025,50 | -3 440,2 | -2,2 мар. |
| **Тавозуни содирот ва воридоти молҳои саноати сабук, ҳамагӣ** | -28,2 | 35 | -19,1 | -14,8 | 29,8 | -71,4 | -23,1 | -18 |

**Манбаъ: муҳосибаи муаллиф дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ / АОНПҶТ. – Душанбе, 2024. – С. 38-39.**

Дар шароити авҷ гирифтани рақобат дар бозори ҷаҳонӣ ва зиёд шудани шумораи рақибон бо бартарии баланди молҳои саноатӣ тақозо менамояд, ки

амалкардҳои истеҳсолӣ дар истеҳсоли молҳои хушсифати саноатӣ ҳамчун масъалаи асосӣ ва зарурӣ маҳсуб ёфта, он ба бозор бо талаботҳои воқеан имконпазир пешниҳод карда шаванд. Қайд кардан зарур аст, ки дар баланд бардоштани неруи содиротии кишвар ҳиссаи соҳаи саноат назаррас буда, он дар кишвар тамоили зиёдшавиро дорад.

Аз маълумоти овардашуда мушоҳида мегардад, ки содироти маҳсулотҳои саноатӣ дар интиҳои соли 2023 дар муқоиса ба охири соли 2017 ба андозаи 2,0 маротиба афзош ёфта, дар таркиби он содироти саноати сабук бошад, 63,4% ро ташкил дод ва ҳиссаи содиротӣ дар соли 2023 андозаи 12,3%-и тамоми молҳои содиротии саноати кишварро ташкил медиҳад [2], ки ин метавонад дар солҳои минбаъда бамаротиб афзош дода шавад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, вобаста ба рушди соҳаи саноати сабук ва баланд бардоштани неруи содиротии маҳсулотҳои саноатӣ бояд чораҳои зерин андешида шаванд:

- додани имконият ба истеҳсолкунандагони дохилӣ ва тибқи нақша маҳдуд кардани молҳои саноатии воридотӣ аз ҳисоби имтиёзҳои истеҳсолоти дохилӣ;
- бунёди коргоҳҳои хурди дузандагию бофандагӣ ва ресандагӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар, махсусан минтақаҳои дурдаст ва додани имкониятҳои молиявӣ ба онҳо;
- дарёфти сарчашмаҳои арзони молиявию қарзӣ ба корхонаҳои хурди саноатӣ ва дар заминаи ин ташкили дивесификатсияи истеҳсолоти саноатӣ;
- ташкили бонку ташкилотҳои қарзии махсуси соҳавӣ бо додани бартариҳои бештар ба истеҳсолоти молҳои ба содирот нигронидашуда;
- бамаротиб зиёд намудани қарзҳои имтиёзнок ба саноати сабук ва истеҳсолоти афзалиятдор дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон.

**Муқарриз: Ниёзов М.А. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 89 с.
2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 429 с.
3. Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022, аз 29 марти соли 2019, №128.
4. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, аз 27 майи соли 2020, №293.
5. Миршарипов, Э.Қ. Масъалаҳои асосии баланд бардоштани иқтидори саноати кишвар дар заминаи воситаҳои инноватсионӣ / Э. Қ. Миршарипов, С. А. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2024. - №7. - С. 78-83.
6. Хушвахтзода, Қ.Х. Таҳлили саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, А.К., Қурбонов // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. 2020. №1. – С. 6-10.
7. Саидмуродзода, Л.Х. Модели внешнеторговой стратегии развития предпринимательства в легкой промышленности Таджикистана / Л.Х. Саидмуродзода, И.С. Субхонзода // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 3. – С. 181-188.

8. Давлатов, Ҳ.Ҷ. Асосҳои истеҳсолот: Воситаи таълимӣ / Э.Қ. Миршарифзода, Ҳ.Ҷ. Давлатов, С.С. Сайдалиев, А.С. Маҳмадуллоев. – Рашт: ҶДММ "Ашуриён", 2025. – 114 с.
9. Ниезов, М.А. Молияи давлатӣ ва маҳаллӣ: Китоби дарсӣ / М.А. Ниезов, Ҳ.Ҷ. Давлатов, Э.Қ. Миршарифзода. – Душанбе, 2025. – 200 с.

**Literature:**

1. Industry of the Republic of Tajikistan. Statistical collection / Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2024. – 89 p.
2. Annual statistics of the Republic of Tajikistan. Statistical collection. / Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2024. – 429 p.
3. Light industry development program in the Republic of Tajikistan for the period until 2022, dated March 29, 2019, No. 128.
4. Accelerated industrialization program of the Republic of Tajikistan for 2020-2025, dated May 27, 2020, No. 293.
5. Mirsharipov, E.Q. Main issues of increasing the country's industrial potential based on innovative means / E.Q. Mirsharipov, S.A. Aliev // Bulletin of the Tajik National University. Department of Socio-Economic and Social Sciences. - 2024. - No. 7. - P. 78-83.
6. Khushvakhtzoda, Q.Kh. Analysis of the industry of the Republic of Tajikistan during the period of state independence / Q.Kh. Khushvakhtzoda, A.K., Qurbonov // Tajikistan: economy and management. 2020. No. 1. – P. 6-10.
7. Saidmurodzoda, L.Kh. Models of foreign trade strategy for the development of entrepreneurship in light industry of Tajikistan / L.Kh. Saidmurodzoda, I.S. Subhonzoda // Economy of Tajikistan. – 2024. – No. 3. – P. 181-188.
8. Davlatov, H.J. Fundamentals of production: Educational tool / E.K. Mirsharifzoda, H.J. Davlatov, S.S. Saidaliyev, A.S. Mahmadulloev. – Rasht: LLC "Ashuriyon", 2025. – 114 p.
9. Niezov, M.A. State and local finance: Textbook / M.A. Niezov, H.J. Davlatov, E.K. Mirsharifzoda. – Dushanbe, 2025. – 200 p.

## МАРҲИЛАҲОИ ТАЪРИХИИ РУШДИ САНОАТИ САБУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲИССАИ ОН ДАР ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ МАМЛАКАТ

Дар шароити татбиқи амалии яке аз ҳадафҳои муҳим ва стратегии кишвар - саноатикунонии босуръати мамлакат, дастгирии бахшҳои афзалиятноки соҳаи саноат, ба монанди саноати сабук муҳим буда, зарурати афзоиш бахшидани ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти соҳаи мазкур ва содироти он ба миён омадааст. Тибқи таҳлилҳои анҷомдодаи муаллиф маълум карда шуд, ки ҳиссаи соҳаи саноати сабук дар таркиби саноати кишвар сол аз сол тамоили болоравиро касб карда, шумораи корхонаҳои он 15,7%, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда 9,6% ва шумораи кормандон 19,8%-и саноати мамлакатро дар соли 2023 ташкил медиҳад. Ин нишондод, аз рӯйи содироти маҳсулоти саноатӣ 12,3%, воридот 6,6% ва тавозуни содироту воридот бошад, -23,1 млн. сомониро дар соли 2023 ташкил дод. Муаллиф вобаста ба рушд бахшдани саноати сабук ва механизми дастгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор таклифу пешниҳодҳои муфид манзур намудаанд.

**Калидвожаҳо:** таърихи саноати сабук, марҳилаҳои рушди саноати сабук, корхонаҳои саноати сабук, маҳсулоти саноати сабук, ҳиссаи саноати сабук,

содирои маҳсулоти саноати сабук, воридоти маҳсулоти саноати сабук, тавозуни содиротӣ ва воридотии маҳсулоти саноати сабук.

## ИСТОРИЧЕСКИЕ ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ ЛЕГКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕЕ ВКЛАД В ЭКСПОРТНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ СТРАНЫ

В условиях практической реализации одной из важных и стратегических целей страны – ускоренной индустриализации страны, важна поддержка приоритетных отраслей промышленности, таких как легкая промышленность, и возникла необходимость в увеличении объемов производства продукции этой отрасли и ее экспорта. Согласно проведенному автором анализу, установлено, что доля легкой промышленности в структуре промышленности страны из года в год увеличивается, и количество ее предприятий составит 15,7%, объем произведенной продукции 9,6%, а численность занятых 19,8% от промышленности страны в 2023 году. Данный показатель, исходя из экспорта промышленной продукции, составит 12,3%, импорта 6,6%, а сальдо экспортно-импортного баланса составит -23,1 млн. сомони в 2023 году. Автором внесен ряд полезных предложений и предложений относительно развития легкой промышленности и механизмов ее поддержки в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** история легкой промышленности, этапы развития легкой промышленности, предприятия легкой промышленности, продукция легкой промышленности, доля легкой промышленности, экспорт продукции легкой промышленности, импорт продукции легкой промышленности, баланс экспорта и импорта продукции легкой промышленности.

## HISTORICAL STAGES OF DEVELOPMENT OF LIGHT INDUSTRY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ITS CONTRIBUTION TO THE EXPORT POTENTIAL

In the context of the practical implementation of one of the important and strategic goals of the country - accelerated industrialization of the country, it is important to support priority industries, such as light industry, and there is a need to increase the volume of production of this industry and its exports. According to the analysis conducted by the author, it was found that the share of light industry in the structure of the country's industry is increasing from year to year, and the number of its enterprises will be 15.7%, the volume of manufactured products 9.6%, and the number of employed 19.8% of the country's industry in 2023. This indicator, based on the export of industrial products, will be 12.3%, import 6.6%, and the balance of the export-import balance will be -23.1 million somoni in 2023. The author made a number of useful suggestions and proposals regarding the development of light industry and mechanisms for its support in the Republic of Tajikistan.

**Key words:** history of light industry, stages of development of light industry, enterprises of light industry, products of light industry, share of light industry, export of products of light industry, import of products of light industry, balance of export and import of products of light industry.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, декани факултети иқтисод ва идора, муаллими калон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988-536-364. E-mail: emomali-95s@mail.ru

**Информация об авторе: Миршарифзода Эмомали Курбонали** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, декан факультета экономики и управления, старший преподаватель. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин – 63. Телефон: (+992) 988-536-364. E-mail: emomali-95s@mail.ru

**Information about author: Mirsharifzoda Emomali Qurbonali** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, dean of the faculty of economics and management, senior lecturer. Adress: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Muhiddin – 63. Phone: (+992) 988-536-364. E-mail: emomali-95s@mail.ru

**ТДУ: 336.64**

# АМАЛИЁТИ ҲИСОБИКУНӢ-ХАЗИНАВӢ, МОҲИЯТ ВА ПРИНСИПҲОИ ТАШКИЛИ ОНҲО ДАР БОНК

**Атоев Н.Ф., Давлатов Ҳ.Ҷ., Одилов М.А.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Бонкҳо бахши ҷудонашавандаи хоҷагии пулии муосир буда, фаъолияти онҳо бо эҳтиёҷоти такрористеҳсолкунӣ вобаста мебошад. Дар меҳвари ҳаёти хоҷагидорӣ қарор дошта ва манфиатҳои ҳама иштирокчиёни бозорро хизматрасонӣ намуда, бонкҳо алоқаҳои байни саноат ва савдо, кишоварзӣ, дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолиро бо ҳам пайваста менамоянд. Бонкҳо унсури муҳими на танҳо минтақа ё мамлакати алоҳида мебошанд, соҳаи фаъолияти онҳо ҳудуд надорад.

Бонкҳо ба тамоми иштирокчиёни бозор хизматрасонӣ намуда, ба онҳо маблағҳои иловагӣ барои рушди фаъолият пешкаш менамоянд, хизматрасонии ҳисобикунӣ-хазинавии онҳоро ба ҷо меоранд. Дар замони муосир қариб ҳама амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавии иштирокчиёни бозор – шахсони ҳуқуқӣ ва аҳолӣ тавассути бонкҳо мегузаранд [8, с. 18].

Бонкҳо дар масъалаҳои ба ҷо овардани вазифаҳои худ дар бозор худмухтор мебошанд. Давлат муносибатҳои қарзӣ ва ҳисобикунӣ-хазинавии иштирокчиёни бозорро ба танзим медаронад, қоидаҳои асосии пешбурди амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавиро муайян менамояд. Бонкҳо муқаррарот ва қоидаҳои асосии фаъолияти бонкиро дар мамлакат риоя намуда, дар муайян намудани сиёсати қарздиҳӣ ва пешбурди амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавии иштирокчиёни бозор мустақил мебошанд. Корхонаҳо низ дар навбати худ дар интихоби бонк барои хизматрасонии амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавии фаъолияти худ мустақил мебошанд.

Амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавии бонкҳои тиҷоратӣ дорои хусусиятҳо мебошад, ки дар ин ҷиҳатҳо ифода меёбанд [7, с. 32]:

Якум, ин муносибатҳо дар шакли ӯҳдадориҳои байниҳамдигарии бонк ва корхонаҳо (ташкилотҳо) зоҳир мегарданд. Аз ин хотир, минбаъд истилоҳи “амалиёти ҳисобикунӣ” дар қатори истилоҳи “ӯҳдадориҳои ҳисобикунӣ” ба кор бурда мешавад. Муносибатҳои ҳисобикунӣ ва хазинавӣ ҳамҷинс нестанд ва одатан бо роҳи ба ҷо овардани занҷири аҳдҳо ва дигар амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок иҷро карда мешаванд. Ҳамин тариқ, шартномаи қарзӣ баста, субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҳуқуқҳои маданӣ чун мизоҷи бонк як қатор амалиётро ба ҷо

меоранд: бонк ба онҳо (мизоҷон) ҳисоби қарзӣ мекушояд, дар ин ҳисоб пулҳои мизоҷон гузаронида мешаванд, пулҳо бо мақсадҳои муайян – пардохт намудани уҳдориҳои мизоҷон сафарбар карда мешаванд. Ҳар як шакли ҳисобикуниҳо, ки алоҳида гирифта шудааст, бо якчанд аҳдҳо ва амалиётҳои боҳамалоқаманд иҷро карда мешавад. Масалан, аккредитив аз чунин амалиёт иборат мебошад: сараввал ҳисоби аккредитвӣ дар бонк кушода мешавад, ки дар он пулҳои мизоҷ – соҳиби ҳисоби аккредитив пасандоз карда мешаванд; бонке, ки ҳисоби аккредитивро барои мизоҷ кушодааст, ба бонки иҷрокунандаи бевоситаи амалиёти ҳисобикунӣ пулҳоро мегузаронад; фурӯшанда (корхона) ба бонк ҳуҷҷатҳои зарурии дар аккредитив нишондодашударо пешкаш менамояд ва бонки иҷрокунанда дар асоси ин ҳуҷҷатҳо пардохтро ба ҷо меорад. Ба гӯфти дигар, амалан ҳамагуна уҳдадории ҳисобикунӣ бо роҳи баҷоории якчанд амалҳои (аҳдҳои) боҳамалоқаманд татбиқ карда мешавад.

Дуюм, мавқеи уҳдадориҳои ҳисобикунӣ дар гардиши ҳуқуқии маданӣ тафовут дорад. Дар баъзе ҳолатҳо онҳо ба сифати заминаи амалиётҳои пулии минбаъда баромад менамоянд (шартномаи ҳисоби бонкӣ). Дар ҳолатҳои дигар онҳо раванди додугирифти сарватҳоро аз як шахс ба шахси дигар бо шартҳои баргардонидан ҳамроҳӣ менамоянд (шартномаи қарз). Баъзан муносибатҳои қарзӣ ва ҳисобикунӣ, ки аз унсурҳои уҳдадориҳои шартномавии алоҳида ба миён меоянд, дар натиҷа намуди нави муносибатҳоро бунёд менамоянд (маблағгузорӣ дар асоси гузашти талаботи пулӣ). Ва дар ниҳоят, бо ёрии онҳо баробарвазнӣ (эквивалентӣ) дар ҳуқуқҳои маданӣ нигоҳ дошта мешавад, он гаҳе ки ҳаракати молҳо бо шартномаи асосӣ бо додугирифти дахлдори пулҳо ҳамроҳӣ карда мешавад (уҳдадориҳои ҳисобикунӣ – аккредитив, инкассо ва ғ.).

Сеюм, муносибатҳои ҳуқуқии қарзӣ уҳдадориҳои пулиро ифода менамоянд. Азбаски пулҳо низ чизе мебошанд, ки бо аломатҳои ҷинсӣ муайян мегарданд, талафи нобаҳангом ва ё набудани онҳо дар ҳисоб ҷониби қарздорро аз иҷрокунии уҳдадорӣ озод наменамояд. Аз ҷониби дигар, моҳияти уҳдадориҳои пулӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо ба сифати предмети худ моли махсус – пулро доранд, ки гардиши онҳо ба қоидаҳои махсус итоат менамояд. Ин қоидаҳо бо санадҳои қонунгузорӣ муайян карда мешаванд. Вобаста ба ин таъсири ҷиддӣ ба баҷоории уҳдадориҳои ҳисобикунӣ ва қарзӣ на фақат меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ мерасонанд, балки инчунин ин гуна уҳдадориҳо бо қонунгузории асъорӣ-молиявӣ ба танзим дароварда мешаванд. Батанзимдарории муносибатҳои ҳисобикунӣ ва қарзӣ ба ҳадди назаррас бо сиёсати давлатии қарзиву пулӣ, бунёдгардии буҷети давлатӣ, пардохти андозҳо алоқаманд мебошад.

Уҳдадориҳои қарзӣ ба маънии васеъ боварӣ (credo)–и шахси ваколатдорро ба шахси қарздор тавсиф медиҳад, ки дар дар супоридани сарватҳо ҳангоми набудани пешкашкунии мутақобили фаврӣ зоҳир мегардад. Дар илм ва қонунгузорӣ қарзҳои пулӣ ва қарзҳои тиҷоратӣ ҷудо карда мешаванд. Қарзи пулии классикӣ имрӯз дар шакли шартномаи қарз ва шартномаи вом зоҳир гардида, супоридани пул ё чизҳои ивазкунандаи пулро ба моликияти ҷониби қарздор бо уҳдадории минбаъд баргардонидани миқдори баробарандозаи пулҳо ё чизҳо ифода менамояд. Қарзи тиҷоратӣ – ин мавқуф гузоштани иҷроиши пардохт ин ё он уҳдадорӣ аз рӯи шартномаи асосӣ (хариду фурӯш ва ғ.) мебшад [9]. Табиист, ки дар тафовут аз қарзи пулӣ қарзи тиҷоратӣ аз уҳдадории асосӣ озодона аст ва моҳиятан, яке аз шартҳои иҷроиши он мебошад. Аммо нақши нисбатан мустақилии вай низ дар мавриди розигии ҷонибҳои шартномаи асосӣ роҳ дода

мешавад. Ҳамин тариқ, уҳдадории қарзиро метавон чун муносибати ҳуқуқии граждание муайян намуд, ки аз ба қарздор супордани пул ё чизҳои дорои аломатҳои ҳамҷинсӣ буда, бо шарти баргардонидани миқдори баробари пулҳо ва ё ҳамин хел чизҳо ба пешниҳодкунии як ҷониб ба ҷониби дигари муносибатҳои ҳуқуқии мавқуфгузории иҷроиши ин ё он уҳдадорӣ (пардохт кардани пул, додани амвол, иҷро намудани корҳо, хизматрасониҳо) аз рӯи шартнома иборат мебошанд [8, с. 58].

Муносибатҳои ҳисобикунӣ бо он уҳдадориҳое, ки онҳоро ҳамроҳӣ ва хизматрасонӣ мекунанд, нисбатан мустаҳкамтар ҳамбастагӣ доранд. Б аҳар ҳол, онҳо аз тарафи қонун чун уҳдадориҳои мустақили ҳуқуқии маданӣ эътироф карда мешаванд. Арзиши ҳуқуқии онҳо дар он аст, ки иҷроиши уҳдадории асосӣ ҳар чӣ қадаре аз рӯи шартномаи маданӣ (додани амвол, иҷро кардани кор ва ғ.) бо уҳдадории пардохтии мутақобил алоқаманд бошад ҳам, татбиқи уҳдадории мутақобил аз доираи шартнома берун баромада муносибатҳои ҳуқуқии аз рӯи қоидаҳои ниҳоят махсус рушдёбандаро тавлид менамояд. Дар ҷаҳони муосир аксарияти кулли ҳисобикуниҳо на бо роҳи додани пулҳои нақд аз як ҷониб ба ҷониби дигар, балки бо тартиби ғайринақдӣ бо ёрии миёнарави молиявӣ-қарзӣ (бонк, дигар ташкилоти қарзӣ) ва истифодабарии шаклҳои гуногуни ҳисобикуниҳои ғайринақдӣ (аккредитив, инкассо, чек, супоришномаи пардохтӣ, пардохтҳои электронӣ ва дигарҳо) ба ҷо оварда мешаванд [10]. Баъзан уҳдадории ҳисобикунӣ аз шартномаи асосӣ мустақил ва бе иштироки миёнарави молиявӣ-қарзӣ мегардад. Чуноне, ҳангоми додани васиқа аз як шаҳрванд ба шаҳрванди дигар бар ивази пардохти молҳо ва бо исботи батани шартномаи қарз уҳдадории моҳиятан наве пайдо мешавад, ки зоҳиран бо шартномаи аввалӣ ягон алоқае надорад. Ғайр аз ин, ҳисобикуниҳо метавонанд на фақат ҳангоми иҷроиши муносиби аҳд ба миён оянд, онҳо метавонанд дар рафти истифодабарии тадбирҳои таъсиррасонӣ, баргардониши беасос гирифтан низ ба миён оянд. Ин боз як бори дигар мустақилияти ҳуқуқии муносибати ҳисобикуниро тасдиқ менамояд, ки танҳо ба муносибатҳои байни мизоҷ ва бонк муносиб донистани он нашояд [6, с. 38].

Корхона бо таъминкунандагони маводҳо, харидорони маҳсулоти тайёр ва молҳои худ, буҷети давлатӣ, мақомоти таъминоти иҷтимоӣ ва дигар ташкилоту шахсони воқеӣ алоқаҳои хоҷагидорӣ менамояд.

Мувофиқи Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) № 193 “Дар бораи ҳисобикуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Қарори Раёсати БМТ аз 25 апрели соли 2012, № 76, дар таҳрир бо Қарори Раёсати БМТ аз 30 апрели соли 2014, № 89) ҳисобикуниҳои ғайринақдии корхонаҳо бо дигар корхонаҳову ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ бо ёрии ҳисобҳои (суратҳисобҳои) дар муассисаҳои бонкӣ кушодаи онҳо ба ҷо оварда мешаванд [2].

Тартиби кушодани суратҳисобҳо ва дигар ҳисобҳои бонкӣ бо Дастурамали БМТ № 171 “Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Қарори Раёсати БМТ аз 28 апрели соли 2011, № 74, дар таҳрир бо Қарори Раёсати БМТ аз 17 октябри соли 2012, № 256) ва Дастурамали БМТ № 188 “Дар бораи кушодани суратҳисобҳои резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Қарори Раёсати БМТ аз 20 майи соли 2011, № 92) муқаррар карда шудааст [1].

Суратҳисоби бонкӣ – ҳисоби бонкии корхона бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ мебошад, ки дар ташкилоти қарзӣ (бонк) кушода шуда, дар он бақия ва гардишҳои маблағҳои пулии корхона инъикос мегарданд. Ташкилоти қарзӣ супоришҳои корхонаро дар бораи интиқол додани маблағ ва гузаронидани дигар амалиёти бонкӣ аз ин суратҳисоб ба ҷо меорад.

Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мустақилона бонкро интихоб менамоянд ва метавонанд як ё якчанд суратҳисоб дар бонкҳои гуногун кушоянд [3].

Суратҳисоби бонкӣ барои муштариён (корхонаҳо) дар асоси дархост ва бастани шартномаи суратҳисоби бонкӣ кушода мешавад.

Шартномаи суратҳисоби бонкӣ – шартномаест, ки мутобиқи он ташкилоти қарзӣ ухдадор мешавад маблағҳои пулии ба суратҳисоби бонкии корхона воридшавандаро қабул кунад, супориши корхонаро оид ба пардохт кардан ва додани маблағҳои дахлдор аз суратҳисоби бонкӣ ва гузаронидани амалиёти дигари бонкӣ иҷро намояд [4].

Барои кушодани суратҳисоби бонкӣ корхона ба ташкилоти қарзӣ чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод менамояд [1]:

- дархост барои кушодани суратҳисоби бонкӣ;
- нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби мақомоти андоз дода мешаванд (шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, мактуби ахборотӣ, гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда - РМА);
- агар суратҳисоби бонкӣ барои филиал ё намояндагӣ кушода шавад - ваколатномаи корхонаи асосӣ ба номи роҳбари филиал ё намояндагӣ;
- варақа бо намунаи имзоҳо ва изи мухри корхона дар ду нусха ҳамҷоя бо шиносномаҳои шахсони дорои ҳуқуқи имзои якум ва дуюм (шахсони ихтиёрдорикунандаи маблағҳои пулии корхона).

Корхонаҳои хориҷӣ ва корхонаҳои муштарак илова бар ин боз шаҳодатнома дар бораи сабти онҳо ба рӯйхати корхонаҳои дорои сармоягузориҳои хориҷиро пешниҳод мекунанд.

Соҳибкорони инфиродӣ барои кушодани суратҳисоб чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод менамоянд [1]:

- дархост барои кушодани суратҳисоби бонкӣ;
- варақа бо намунаи имзои соҳибкор ва нусхаи шиносномаи вай;

нусхаи ҳуҷҷат дар бораи бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ (патент ё шаҳодатнома, дар мавриди кушодани суратҳисоб бо асъори хориҷӣ - шаҳодатнома).

Корхонаҳо ва соҳибкорони инфиродии баҷоорандаи фаъолияти берунии иқтисодӣ метавонанд дар бонкҳои дохилӣ ва бонкҳои берун аз марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоби асъорӣ кушоянд.

Барои кушодани суратҳисоби бонкӣ ташкилотҳои қарзӣ тибқи нархномаҳои тасдиқшуда ҳаққи хизмат мегиранд.

Бонк ҳуқуқ надорад самтҳои истифодабарии маблағҳои дар суратҳисоби корхона бударо муайян ва назорат намояд, дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқи корхонаро барои бо салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ кардани маблағҳояш, ки аз шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва қонунгузорӣ ба миён намеоянд, муқаррар намояд. Тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории феълӣ ташкилоти қарзӣ метавонад ба

ҳуқуқҳои корхона барои бо салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ кардани маблағҳояш маҳдудиятҳо муқаррар намояд.

Ба ихтиёри шахси дигар вогузор намудани суратҳисоби бонкӣ тибқи ваколатномаи соҳиби ҳисоб сурат мегирад. Ваколатнома бояд бо тартиби муқарракардашуда аз ҷониби нотариуси давлатӣ тасдиқ карда шавад.

Маълумот дар бораи мавҷудияти суратҳисоби бонкӣ, соҳиби он, маблағҳои пулии дар он мавҷудбуда ва амалиёт бо он сирри бонкӣ буда, ба шахси сеюм танҳо бо риояи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дода мешаванд.

Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявиву қарзӣ бояд [5]:

- суратҳисоб ва дигар ҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро танҳо бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби мақомоти андоз додани рақами мушаххаси андозсупорандаро тасдиқ менамоянд, кушода, дар муҳлати 5 рӯз ба воситаи шабакаҳои алоқаи электронӣ ё дар шакли коғазӣ мақомоти андозро дар бораи кушодани ҳисобҳои мазкур огоҳ намоянд ва бе зикри рақами мушаххаси андозсупоранда дар ҳуҷҷатҳои бонкӣ бо ҳисобҳо амалиёт анҷом надиҳанд;

- бо супориши андозсупоранда ба суратҳисоби хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи андозҳоро дар муҳлати на дер аз рӯзи дигари баъди иҷрои амалиёт ҷиҳати аз ҳисоб баровардани маблағҳо аз суратҳисоби бонкии андозсупоранда ба буҷети дахлдор гузаронанд;

- бо дархости хаттии мақомоти андоз дар муҳлати 5 рӯз иттилоотро дар бораи суратҳисобҳои бонкӣ, бақия ва гардиши маблағҳо дар ин суратҳисобҳои андозсупорандаи таҳти санҷиши андоз қарордошта ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд;

- ҳангоми қабули ҳуҷҷатҳои ба пардохти андозҳо вобаста зикр намудани рақами мушаххаси андозсупоранда ва намудҳои (рамзҳои) андозҳои пардохтшавандаро талаб намоянд, инчунин дурустии нишон додани лозимиҳои бонкии гирандаи пардохтро назорат кунанд.

Ба ҳисоби кушодашуда рақам дода мешавад, ки минбаъд вай дар тамоми ҳуҷҷатҳои ҳаракати пулҳоро дар суратҳисоб инъикоскунанда нишон дода мешавад.

Аз суратҳисоб бонк уҳдадориҳо, хароҷот ва супоришҳои пардохти ғайринақдии корхонаро пардохт намуда, инчунин маблағҳоро барои пардохти меҳнат ва эҳтиёҷоти ҷории хоҷагидорӣ медиҳад. Амалиёти ба суратҳисоб воридкунӣ ва аз суратҳисоб соқиткунии маблағҳоро бонк дар асоси супориши хаттии соҳиби суратҳисоб (чекҳои ҳисобикунӣ, иттилоия барои супоридани пули накд, супоришномаи пардохтӣ) ба ҷо меорад.

Бе розигии соҳиби ҳисоб соқиткунии пул фақат бо қарори суд ё дар ҳолатҳое ба ҷо оварда мешавад, ки бо қонунгузории феълӣ муқаррар гардидаанд, ё дар шартномаи басташудаи байни бонк ва корхона зикр гардидаанд (Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 878). Мақомоти андоз ва гумрук метавонанд бечунучаро аз суратҳисоби корхона маблағҳои насупоридашудаи андозҳо, боҷҳо ва ҷаримаҳои андозиро ба ҳисоби хазинадории давлатӣ рӯёнанд. Инчунин пардохтҳо бо варақаҳои иҷроия ва ҳуҷҷатҳои ба онҳо баробар низ метавонанд бечунучаро аз суратҳисоби корхона рӯёнида шаванд.

Дар мавриди норасогии маблағ дар суратҳисоб соқиткунии пул бо чунин тартиб ба ҷо оварда мешавад [3]:

1) бо ҳуҷҷатҳои иҷроия, ки гузаронидан ё додани воситаҳои пулиро аз ҳисоб барои қонеъ гардонидани талабот оид ба баргардонидани зарари ба зиндагӣ ва

саломатӣ расонидашуда, инчунин қонеъкунии талабот оид ба ситонидани алиментҳоро дар назар доранд;

2) бо ҳуҷҷатҳои иҷроия, ки гузаронидан ё додани маблағҳои пулиро барои ҳисобикуниҳо оид ба пардохти ёрдампулиҳои азкорбаройӣ ва пардохти меҳнати шахсони бо шартномаи меҳнатӣ коркунанда, оид ба пардохти подош бо шартномаи муаллифӣ дар назар доранд;

3) бо ҳуҷҷатҳои пулӣ, ки пардохтҳоро ба буҷет дар назар доранд;

4) бо ҳуҷҷатҳои иҷроия, ки қонеъгардонии дигар талаботи пулиро дар назар доранд;

5) бо дигар ҳуҷҷатҳои пулӣ бо тартиби навбати тақвимӣ.

Аз суратҳисоб соқит намудани маблағҳо бо талаботи ба як навбат тааллуқдошта бо тартиби навбати тақвимии воридшавии ҳуҷҷатҳо ба ҷо оварда мешавад.

Аз натиҷаи таҳқиқот, ки ба омӯзиши таҳлили амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавӣ бахшида шудааст, хулоса ва тавсияҳое таҳия намуда шудааст, ки муҳимтаринашон чунинанд:

1. Ташкили ҳисобикуниҳои пулӣ бо истифодабарии пулҳои ғайринақдӣ аз баҷоории нақдии ҳисобикуниҳо боафзалтар мебошад, чунки дар ин маврид сарфаи назарраси масрафҳои мубодилот ба даст меояд. Барои васеъ паҳн гардидани ҳисобикуниҳои ғайринақдӣ шабакаи фаррохи бонкҳо, инчунин манфиатнокӣ ва ҳавасмандии давлат дар рушди ҳисобикуниҳои ғайринақдӣ мусоидат менамояд. Бо истифодабарии ҳисобикуниҳои ғайринақдӣ давлат тамоми амалиёти додугирифтии байни корхонаву ташкилотҳоро дар зери назорат мегирад.

2. Амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавии бонкҳои тиҷоратӣ дорои хусусиятҳо мебошад, ки дар ин ҷиҳатҳо ифода меёбанд. Ин муносибатҳо дар шакли уҳдадориҳои байниҳамдигарии бонк ва корхонаҳо (ташкилотҳо) зоҳир мегарданд. Муносибатҳои ҳисобикунӣ ва хазинавӣ ҳамҷинс нестанд ва одатан бо роҳи ба ҷо овардани занҷири аҳдҳо ва дигар амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок иҷро карда мешаванд.

3. Мавқеи уҳдадориҳои ҳисобикунӣ дар гардиши ҳуқуқии маданӣ тафовут дорад. Дар баъзе ҳолатҳо онҳо ба сифати заминаи амалиётҳои пулии минбаъда баромад менамоянд (шартномаи ҳисоби бонкӣ). Дар ҳолатҳои дигар онҳо раванди додугирифти сарватҳоро аз як шахс ба шахси дигар бо шартҳои баргардонидан ҳамроҳӣ менамоянд (шартномаи қарз). Баъзан муносибатҳои қарзӣ ва ҳисобикунӣ, ки аз унсурҳои уҳдадориҳои шартномавии алоҳида ба миён меоянд, дар натиҷа намуди нави муносибатҳоро бунёд менамоянд (маблағгузорӣ дар асоси гузашти талаботи пулӣ). Ва дар ниҳоят, бо ёрии онҳо баробарвазнӣ (эквивалентӣ) дар ҳуқуқҳои маданӣ нигоҳ дошта мешавад, он гаҳе ки ҳаракати молҳо бо шартномаи асосӣ бо додугирифти дахлдори пулҳо ҳамроҳӣ карда мешавад (уҳдадориҳои ҳисобикунӣ – аккредитив, инкассо ва ғ.).

4. Тартиби кушодан ва истифодабарии ҳисобҳои бонкӣ бо Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон №171 “Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Қарори Раёсати бонки миллии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2011, № 74) муайян карда мешавад. Бонкҳо бо дархости корхонаҳо дар асоси шартнома барои онҳо ҳисобҳои бонкӣ мекушоянд. Одатан, ҳисобҳои бонкие, ки корхонаҳо барои ба ҷо

овардани ҳисобикуниҳои худ мекушоянд, суратҳисоб номида мешаванд. Корхонаҳо инчунин метавонанд дар бонкҳо ҳисобҳои пасандозӣ (депозитӣ, амонатӣ) кушоянд.

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои Бонки миллии Тоҷикистон танҳо ба ташкилотҳои қарзӣ ва дигар шахсони ҳуқуқие, ки ба онҳо мутобиқи қонунгузории амалкунанда кушодани ҳисоб дар Бонки миллии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст, хизматрасонии хазинавиро амалӣ менамоянд. Барои хизматрасонии хазинавӣ дар асоси тарифҳои Бонки миллии Тоҷикистон тибқи шартнома аз мизоҷон ҳаққи хизмат ситонида мешавад.

**Муқарриз: Маҳмадуллоев А.С. – д.ф. (PhD), дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**


1. Дастурамали БМТ №171 "Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон" (Қарори Раёсати БМТ аз 28 апрели соли 2011, № 74 дар таҳрир бо Қарори Раёсати БМТ аз 17 октябри соли 2012, № 256). – http://nbt.tj.
2. Дастурамали БМТ №193 "Дар бораи ҳисобикуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Қарори Раёсати БМТ аз 25 апрели соли 2012, № 76, дар таҳрир бо Қарори Раёсати БМТ аз 30 апрели соли 2014, № 89). – http://nbt.tj.
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо тағйироту иловаҳо. – http://mmk.tj.
4. Дастурамали БМТ №171 "Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон", моддаи 1. – http://nbt.tj.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо тағйироту иловаҳо. – http://mmk.tj.
6. Лаврушина О.И. Банковское дело. – М.: Финансы и статистика, 2008. 276 с.
7. Основы банковского дела: учебное пособие для среднего профессионального образования. Под ред. Г.Г. Коробовой. — М.: Магистр, 2008. – 480 с.
8. Усоскин В.М. Современный коммерческий банк; управление и операции. – М.: Вазар-Ферро, 2007. - 320 с.
9. Миршарипов, Э. Қ. Қарз ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёт / Э. Қ. Миршарипов, Ш. Умаршоева // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №4-2(34). – С. 188-195.
10. Ниезов, М. А. Молияи давлатӣ ва маҳаллӣ: Китоби дарсӣ / М. А. Ниезов, Ҳ.Ҷ. Давлатов, Э.Қ. Миршарифзода. – Душанбе, 2025. – 200 с.


**Literature:**


1. NBT Instruction No.171 "On opening, re-registration and closing of bank accounts by credit institutions in the Republic of Tajikistan" (Resolution of the NBT Board of April 28, 2011, No.74, as amended by the Resolution of the NBT Board of October 17, 2012, No. 256). – http://nbt.tj.
2. NBT Instruction No.193 "On non-cash settlements in the Republic of Tajikistan" (Resolution of the NBT Board of April 25, 2012, No. 76, as amended by the Resolution of the NBT Board of April 30, 2014, No. 89). – http://nbt.tj.
3. Civil Code of the Republic of Tajikistan, with amendments and additions. – http://mmk.tj.

4. NBT Instruction No.171 “On opening, re-registration and closing of bank accounts by credit institutions in the Republic of Tajikistan”, Article 1. – http://nbt.tj.
5. Tax Code of the Republic of Tajikistan, with amendments and additions. – http://mmk.tj.
6. Lavrushina O.I. Banking. – M.: Finance and Statistics, 2008. 276 p.
7. Fundamentals of banking: a textbook for secondary vocational education. Under the editorship of G.G. Korobovoy. – M.: Magistr, 2008. – 480 p.
8. Usoskin V.M. Modern commercial bank; management and operations. – M.: Vazar-Ferro, 2007. - 320 p.
9. Mirsharipov, E.Q. Credit as a key factor in economic development / E.Q. Mirsharipov, Sh. Umarshoeva // Finance and Economics Bulletin. – 2022. – №4-2(34). – P. 188-195.
10. Niezov, M.A. State and local finance: Textbook / M. A. Niezov, H.J. Davlatov, E.Q. Mirsharifzoda. – Dushanbe, 2025. – 200 p.

## АМАЛИЁТИ ҲИСОБИКУНӢ-ХАЗИНАВӢ, МОҲИЯТ ВА ПРИНСИПҲОИ ТАШКИЛИ ОНҲО ДАР БОНК

Дар шароити муосир бонкҳо дар масъалаҳои ба ҷо овардани вазифаҳои худ дар бозор мустақи мебошанд. Давлат муносибатҳои қарзӣ ва ҳисобикунӣ-хазинавии иштирокчиёни бозорро ба танзим медарорад, қоидаҳои асосии пешбурди амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавиро муайян менамояд. Бонкҳо муқаррарот ва қоидаҳои асосии фаъолияти бонкиро дар мамлакат риоя намуда, дар муайян намудани сиёсати қарздиҳӣ ва пешбурди амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавии иштирокчиёни бозор мустақил мебошанд. Корхонаҳо низ дар навбати худ дар интихоби бонк барои хизматрасонии амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавии фаъолияти худ мустақил мебошанд. Муаллифон тавонистаанд дар мақолаҳои худ тамоми ин ҷанбаҳоро таҳқиқ ва баррасӣ намуда, хулоса ва пешниҳодоти илман асоснок манзур намоянд.

Амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавии бонкҳои тиҷоратӣ дорои хусусиятҳо мебошад, ки дар ин ҷиҳатҳо ифода меёбанд. Ин муносибатҳо дар шакли уҳдадориҳои байниҳамдигарии бонк ва корхонаҳо (ташкилотҳо) зоҳир мегарданд. Муносибатҳои ҳисобикунӣ ва хазинавӣ ҳамчинс нестанд ва одатан бо роҳи ба ҷо овардани занҷири аҳдҳо ва дигар амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок иҷро карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** амалиёти бонкӣ, амалиёти хазинавӣ, принсипҳои ташкили амалиёти хазинавӣ, уҳдадориҳои бонкӣ, пешниҳоди қарзҳо, бонки тиҷоратӣ.

## УЧЕТНО-КАЗНАЧЕЙСКИЕ ОПЕРАЦИИ, СУЩНОСТЬ И ПРИНЦИПЫ ИХ ОРГАНИЗАЦИИ В БАНКАХ

В современных условиях банки самостоятельны в реализации своих функций на рынке. Государство регулирует кредитные и расчетно-казначейские отношения участников рынка, определяет основные правила проведения расчетно-казначейских операций. Банки, соблюдая основные положения и правила банковской деятельности в стране, самостоятельны в определении кредитной политики и проведении расчетно-казначейских операций участников рынка. Предприятия, в свою очередь, самостоятельны в выборе банка для обслуживания расчетно-казначейских операций своей деятельности. Все эти аспекты авторы смогли изучить и рассмотреть в своих статьях, а также представить научно обоснованные выводы и предложения.

Учетные и казначейские операции коммерческих банков имеют особенности, которые отражаются в этих аспектах. Эти отношения проявляются в форме взаимных обязательств между банком и предприятиями (организациями). Бухгалтерские и казначейские отношения не тождественны и обычно осуществляются путем проведения цепочки транзакций и других юридически обоснованных действий.

**Ключевые слова:** банковские операции, казначейские операции, принципы организации казначейских операций, банковские обязательства, предоставление кредитов, коммерческий банк.

## ACCOUNTING AND TREASURY OPERATIONS, THE NATURE AND PRINCIPLES OF THEIR ORGANIZATION IN BANKS

Under modern conditions, banks are independent in implementing their functions in the market. The state regulates credit and settlement and treasury relations of market participants, determines the basic rules for conducting settlement and treasury operations. Banks, observing the basic provisions and rules of banking activities in the country, are independent in determining the credit policy and conducting settlement and treasury operations of market participants. Enterprises, in turn, are independent in choosing a bank to service the settlement and treasury operations of their activities. The authors were able to study and consider all these aspects in their articles, as well as present scientifically based conclusions and proposals.

Accounting and treasury operations of commercial banks have features that are reflected in these aspects. These relations are manifested in the form of mutual obligations between the bank and enterprises (organizations). Accounting and treasury relations are not identical and are usually carried out by conducting a chain of transactions and other legally justified actions.

**Key words:** banking operations, treasury operations, principles of organizing treasury operations, bank obligations, providing loans, commercial bank.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Атоев Нусратулло Файзакович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 000061468.

**Давдатов Ҳоким Ҷумъаевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 981011188. E-mail: davlatzoda-94s@mail.ru

**Одилов Мансурҷон Алимаҳмадович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 985636750.

**Сведения об авторах: Атоев Нусратулло Файзакович –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 000061468.

**Давдатов Хоким Джумъаевич –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заведующий кафедрой бухгалтерского учета и менеджмента.

Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 981011188. E-mail: davlatzoda-94s@mail.ru

**Одилов Мансурджон Алимахмадович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры бухгалтерского учета и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 985636750.

**Information about authors: Atoev Nusratullo Fayzakovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, senior lecturer of the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin-63 street. Phone: (+992) 000061468.

**Davdatov Hokim Jumaevich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, head of the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin-63 street. Phone: (+992) 981011188. E-mail: davlatzoda-94s@mail.ru.

**Odilov Mansurjon Alimahmadovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the accounting and management department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin-63 street. Phone: (+992) 985636750.

**ТДУ: 334.72**

# СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА МАҲАКИ КАЛИДИИ РУШДИ ИҚТИСОД

**Сайдалиев С.С., Ҷомиев А.М., Одилов М.А.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ тағйиротҳои куллии сохтории истеҳсолоти ҷамъиятиро, ки ба бартарафкунии инҳисорот ва тараққиёти рақобат равона карда шудааст, талаб мекунад. Чӣ тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад, ҳалли ин масъала бе инкишофи соҳибкории хурд, ки дар шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтааст, ғайри имкон аст.

Соҳибкори хурду миёна манбаи асосии шуғл барои бисёре аз одамон мебошад он ба коҳиш ёфтани бекорӣ ва баланд шудани сатҳи даромади мардум мусоидат мекунад.

Яке аз намудҳои дастгирии давлатӣ, метавонад дар рушди соҳибкорӣ саҳми арзанда дошта бошад додани кафолати бозгашти қарзҳои ба соҳибкорон додашуда мебошад [6, с. 132].

Фаъолияти соҳибкории хурдро бо мафҳуми умумии «корхонаҳои хурд» муттаҳид кардан мумкин аст. Ҳаҷми корхонаҳо аз хусусияти соҳаҳо, технологияи он, аз ҳолати таъсири бузургӣ вобаста аст. Соҳаҳое ҳастанд, ки бо сармояи баланд ва ҳаҷми калони истеҳсолот алоқаманданд. Дар баробари ин соҳаҳои дигар низ ҳастанд, ки барои тараққиёти онҳо маҳз ташкили корхонаҳои хурд ба мақсад мувофиқ аст.

Ба корхонаҳои хурд мувофиқи қонунгузории амалкунанда корхонаҳое мансуб карда мешаванд, ки шумораи кормандонашон дар соҳаи саноат ва сохтмон аз 50 нафар зиёд набошад, дар дигар соҳаҳо то 15 нафар бошад.

Дар шароити гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ корхонаҳои хурд дар иқтисодиёт мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Ғани гардонидани бозор бо моли

хушсифат ва хизматрасонӣ, қонеъгардонии талаботи истеъмолӣ, ҷоннок кардани молия, ҳалли муаммоҳои шуғл, устуворгардонии тамоми низоми иқтисодӣ ба таври бевосита ба ҷараёни инкишофи шабакаи корхонаҳо ва соҳибкории хурд алоқаманд аст [2, с. 34].

Мақсади барпо кардани корхонаҳои хурд мусоидат кардани гузариш ба муносибатҳои бозори ва тақвият додани соҳибкори мебошад.

Яке аз вазифаҳои асосии корхонаҳои хурд дар саноат ин бартараф намудани инҳисори истехсоли маҳсулот мебошад. Тараққиёти корхонаҳои хурд қисми муҳими барномаи ғайриинҳисорикунонии иқтисодиёти мамлакат мебошад.

Корхонаҳои хурд на танҳо дар доираи истеъмолот, балки ҳамун истехсолкунандаи механизмҳои хурд, ниммасолеҳҳо, қисмҳои ҷудогона ва дигар унсурҳо, ки барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳои заруранд, самаранок мебошанд. Бояд қайд кард, ки корхонаҳои хурд имкониятҳои бузург доранд. Таҷрибаи бисёрсолаи кишварҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки бе шабакаи васеи корхонаҳои хурд фаъолияти бозори моли ғайри имкон аст, чунки онҳо дар шароити тағйирёбанда қобилияти тези мутобиқшави ва ҳаракатнокиро доранд.

Мавҷуд будани миқдори зиёди корхонаҳои хурд имконият фароҳам меоранд, ки сохтори муҷтамаи (мутаҳид) иқтисоди бо суръати ҳарчи бештар дигаргун сохта шавад. Зимнан дар соҳибкории хурд технологияҳои комилан нав мавриди истифода қарор мегиранд, ки минбаъд инкишоф ёфта истеҳсолоти алоҳидаро ташкил медиҳанд.

Вазифаи муҳими корхонҳои хурд аз он иборат аст, ки корхонаҳои бузург ва миёнаи истеҳсолоти оммави ва силсилавии маҳсулоти саноати доштаро аз тавлиди молҳои камадад озод месозад [2, с. 30].

Корхонаҳои хурд на танҳо дар доираи истеъмолот, балки ҳамчун истеҳсолкунандаи механизмҳои хурд, ниммасолеҳҳо, қисмҳои ҷудогона ва дигар унсурҳо, ки барои истҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ заруранд, самаранок мебошанд. Бояд қайд кард, ки корхонаҳои хурд имкониятҳои бузург доранд. Таҷрибаи бисёрсолаи кишварҳои тараққикарда нишон медиҳад: ки бе шабакаи васеи корхонаҳои хурд фаъолияти бозори молӣ ғайри имкон аст, чунки онҳо дар шароити тағйирёбанда қобилияти тези мутобиқшавӣ ва ҳаракатнокиро доранд.

Мавҷуд будани миқдори зиёди корхонаҳои хурд имконият фароҳам меоранд, ки сохтори муҷтамаи иқтисодӣ ба суръати ҳарҷи бештар дигаргун сохта шавад. Зимнан дар соҳибкории хурд технологияҳои комилан нав мавриди истифода қарор мегиранд, ки минбаъд инкишоф ёфта истеҳсолоти алоҳидаро ташкил медиҳанд.

Вазифаи муҳими корхонаҳои хурд аз он иборат аст, ки корхонаҳои бузург ва миёнаи истеҳсолоти оммавӣ ва силсилавии маҳсулоти саноатӣ доштаро аз тавлиди молҳои камадад озод месозад. Масалан, корхонаҳои азими автомобилсозии ИМА, Ҷопон дорои даҳҳо ҳазор ширкатҳои хурди соҳибкорӣ мебошанд: ки ҷамъсозии қисмҳои эҳтиётӣ ва таркибҳои номураккабро таъмин мекунанд.

Дар мамлакатхои инкишофёфтаи Ғарб бо таври васеъ ҳамчун шакли нисбатан маъмули бизнеси хурд системаи (низоми) франчайзинг (franchise - имтиёзнок) ва сохибкории венчури (аз venture - таваккал кардан) истифода карда мешавад.

Франчайзинг - низоми корхонаҳои хурде мебошад, ки барои дар як мавзеъ ва давраи муайян истифода кардани тамғаи (маркаи) фабрикавии корхонаҳои бузургтаринро дар фаъолияти худ ташкил мекунанд. Ба онҳо имконияти тахфиф

(гузашткуниҳо) дар нарх, дар боркашонию таъминот бо молҳо, ба даст овардани таҷҳизот, қарз ва ғайра бештар дода мешавад [2, с. 33].

Аксар вақт фирмаҳои хурд хамчун фурӯшандаи молхои чаканаи ширкатҳои бузург хизмат мекунанд. Охирон, дар асоси қарордодҳо ба корхонаҳои хурд имконияти истифодаи ҳифз, қарз, минтақаи савдоро таъмин намуда, бо хамин масрифоти худро оид ба фурӯш кам мекунанд.

Франчайзинг (аз калимаи франсави «франшиза» - имтиёз, бартари) – шакли маъмули муносибатҳои шарикон ва хамкории тиҷорати дар дунё мебошад. Ин шаклро чунин корхонаҳои машҳур хамчун «Макдональдс», фаъолона истифода мебаранд. Якумин бор ин шакли ҳамкори соли 1950 аз тарафи компанияҳои амрикоии нафти ва мошинасози истифода бурда шуд.

Мафҳуми франчайзинг чунин аст : корхонаи асосӣ – одатан ин корхонаи калон, боэътибор ва номдор ба корхонаҳои мустақили хурд оиди додани ҳуқуқи истеҳсол ва фуруши намуди муайяни маҳсулот, инчунин бо тамғи тиҷоратии корхонаи додашуда, дар бозори муайян хизмат расонад, шартнома мебандад. Дар ин нақшаи додугирифт ду тараф иштирок мекунанд [2, с. 31].

2.Бартариятҳои асосии корхонаҳои хурд:

- қобилияти рақобатӣ ва демократӣ пайдо кардани истеҳсолот;
- ба вуҷуд овардани миқдори зиёди ҷойҳои нави корӣ;
- истеҳсолоти камсериявии он ва имконияти зуд дарк кардани тағйирёбии талаботи бозор;
- суръат бахшидан ба роҳандозии навигариҳои илмию техникӣ;
- васеъ истифода кардани захираҳои ашёи маҳалӣ;
- барои сермаҳсулгардонии меҳнат шароитҳои мусоид фароҳам овардан;
- эҳё кардани истеҳсолоти ёрирасон ва ҳунарҳои халқӣ;
- мусоидат кардан ба пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрҳои хурд ва марказҳои хурди истиқоматӣ.

Дар марҳилаи аввали ташкилёбии корхонаҳои хурд, ки бо суръати зиёд афзоиш меёфтанд, иқтисодшиносон натиҷаҳои назаррасро умедвор буданд: ки ин падида ба инкишофи ҳамаҷонибаи рақобат, афзоиши имкониятҳои содиротӣ ва ғанӣ гардонидани бозор бо молу хадамот меоварад. Мутаассифона, ин пешбиниҳо амалӣ нашуданд. Саҳми ин корхонаҳо дар солимгардонии иқтисодиёт ночиз ва қобили мулоҳиза нест.

Албатта шубҳае нест, ки ин таъсири таназзули умумии истеҳсолот ва қатъ гардидани робитаҳои иқтисодӣ буд. Вале сабаби асосӣ дар он аст, ки корхонаҳои хурд дастгирии амалии давлатӣ наёфтанд ва соҳибкорон низ диққати асосии худро ба соҳаи истеҳсолоти маҳсулот не, балки ба соҳаи тиҷорат, хадамот ва миёнаравӣ равона намуданд. Масалан, дар охири соли 2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаги 1669 корхонаи хурд ба қайд гирифта шуд. Аз шумораи умумии корхонаҳои хурд танҳо 210 корхона дар соҳаи саноат фаъолият мекарданд, дар соҳаи савдо ва хуроки умуми бошад: 496 корхонаи хурд фаъолият мекунанд. Бояд дар назар дошт, ки дар баробари инкишоф ёфтани муносибатҳои бозоргонӣ чунин вазъият тағйир ёфта, ба истеҳсоли маҳсулот диққати бештар дода хоҳад шуд [4, с. 76].

Ҳаминтариқ дар нуҳ моҳи соли 2023 шумораи умумии корхонаҳои саноати сабук ба 815 адад расидаанд, ки дар онҳо аз 18,5 ҳазор кас бакор таъмин шудаанд.

Ба ин рақамҳо инҳо дохил мешаванд:

- 242 корхонаи хурду калони коркарди пахта – 3,8 ҳазор ҷои кор:
- 125 корхонаи бофандаги ва қолинбофи - 7 ҳазор ҷои корйи кори;

- 173 корхонаи дузандаги – 3,7 ҳазор ҷойи кор;
- 28 корхонаи чарму пояфзол – 933 ҷойи кор;
- 97 фабрика ва коргоҳи чубу тахта, истеҳсоли картон ва маснуоти чубу тахта- 1,1 ҳазор ҷои корӣ;
- 2 корхони истеҳсоли памперс 111 ҷои кори;
- 6 корхонаи халтаҳои полипропелиени 688 ҷои кор;
- 142 корхонаи мебелсози - 965 ҷои кор [3].

Тадқиқот нишон дод: ки 40%-и субъектони бизнеси хурд ва миёна ба маблағгузории берунӣ эҳтиёҷ доштанд: аз онҳо 11%-и соҳибкорон ба бонк барои қарз мурочиат карданд. Аз муроҷиаткунандагон танҳо 31%-и соҳибкорон аз бонк қарзҳои гуногун гирифтанд. Сабаби асосии барои қарз ба бонк муроҷиат накардани соҳибкорон ин фоизҳои баланди қарз, талаби таъмини кафолат, бюрократияи бонкӣ ва ғайраҳо мебошад. То ҳоли ҳозир механизми муносибе дар таъмини кафолатҳои қарздиҳии бонкӣ таҳия карда нашудааст.

Барои дастгирии соҳибкории хурд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми содакардашудаи андозбанди кор карда баромад ва тасдиқ намуд теъдоди умумии андозҳо бо роҳи хориҷ намудани андоз аз истифода барандагони роҳои автомобилгард ва мутаҳидгардонии андоз аз воситаи нақлёт бо андоз аз молу мулк, инчунин андоз аз фоида бо андоз аз даромад аз 10 намуд то 7 намуд камкарда шудааст [3].

Ғайр аз ин барои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз 1-уми январи соли 2003 дар қаламрави ноҳияи Ванҷ, Нов, Шаҳритуз ва Рӯдакӣ бо тартиби озмоиш андози ягона амал мекунад. Аз 2000 соҳибкорони пурсидашудагон 78%-и он аз рӯи низоми соддакардашуда андоз месупоранд [3].

Дар шароити имруза махсусан дар давлатҳои иқтисодиёти қафомонда соҳибкории хурд ва корхонаҳои хурд барои ба муваффақият расидан саҳми асосиро доранд чунки дар соҳаҳои соҳибкори дар давлатҳои сиёсати аграри бизнеси мавсими барои тақвият додани соҳибкори саҳми асосиро дорад. Ин аст, ки асоси иқтисодиётро бизнеси хурд ва гуногун самт ташкил медиҳад.

«Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, аз ҷумла такмили низоми дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ диққати аввалиндараҷа диҳад".

Чунончи Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олии қонунгузории кишвар, аз ҷумла оид ба таъсиси на кам аз сад ҳазор ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби рушди соҳаҳои кишоварзӣ, коркарди маҳсулот, саноати сабук, хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмон, кимиё, маъдан ва хизматрасониҳои нақлиёту алоқа, сайёҳӣ, маориф ва тандурустӣ бо такя ба бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ ҳисобида мешавад. Илова бар ин, ин нуқта дар доираи «Стратегияи миллии рушд барои то соли 2030» низ ҳамчун афзалияти асосӣ пешбини шудааст [8, с. 165].

**Ҷадвали 1.**

| Таъсисӣ ҷойҳои нави корӣ (адад) | СОЛҲО | | | | | | | | Таносуби 2018/2025 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | мутлак | Бо % |
| Соҳибкорони | 28471 | 02355 | 19994 | 37633 | 35527 | 37291 | 39055 | 40818 | 123473 | 1,4 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| инфиродии тарифи патент ва шаҳодатнома | 6 | | | | 2 | 1 | 0 | 9 | | м |
| Соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта | 144005 | 157490 | 60975 | 64460 | 167945 | 171430 | 174915 | 178400 | 34395 | 1,2 м |
| Таъсисӣ ҷойи нави корӣ, ҳамагӣ: | 438721 | 459845 | 480969 | 502093 | 523217 | 544341 | 565465 | 586589 | 147868 | 1,2 м |
| Ҳиссаи СИ дар таъсисӣ умумии ҷойҳои корӣ | 64,90 | 65,75 | 66,53 | 67,25 | 67,90 | 68,51 | 69,07 | 69,59 | 4,69 | |
| Ҳиссаи соҳибкоронӣ МШҲ дар таксиси умумии ҷойҳои корӣ | 35,10 | 34,25 | 33,47 | 32,75 | 32,10 | 31,49 | 30,93 | 30,41 | -4,69 | |

Рақамҳои ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар давраи омӯзиш миқдори соҳибкорӣ фаъолияткунанда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи фаъолияти иқтисодиашон ба қайд гирифта шудаанд. Мувофиқи маълумотҳо оид ба шумораи соҳибкоронӣ фаъолияткунанда дар ҳудуди Ҷумҳурии Точикисон метавон чунин хулоса баровард, ки агар шумораи таъсисӣ ҷойҳои корӣ аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тарифи патент ва шаҳодатномадошта дар соли 2018 284716 - ададро ташкил дода бошанд онгоҳ ин нишондиҳанда дар соли 2025 ба 408189 ё ин, ки 123473 адад зиёд мешавад. Бояд гуфт, ки ин нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти соҳибкоронӣ амалкунанда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки тақсимоти соҳибкорон аз рӯи намудҳои фаъолият дар соли 2021- 337633 дар соли 2022 -355272 дар соли 2023 -372211 дар соли 2024 -390550 ва дар соли 2025- 408189, нафар соҳибкорӣ ба қайд гирифта хоҳад шуд. Ҳаминтариқ таъсисӣ ҷойҳои нави корӣ аз 438721 то 586589 меафзояд, ки 147868 ҷойи корӣ зиёд мешавад [3, с.166].

Дар охир ҳамиро бод қайд намуд, ки соҳибкорӣ - ин санъати пухтакориву ӯҳдабароист ва чун дигар намудҳои санъат обу ранги субъективи дораду дар ҳаёти реали ба сифати персонали вуҷуд дорад. Мазмуни фаъолияти касбии соҳибкор – навинаш (назар ба ҳама мақбул) комбинасияи омилҳои истеҳсолот ё истеҳсолӣ (ҳам барои бозор, ҳам барои истеҳсолот) мол ё татбиқнамоии истеҳсоли мол, ё ки маҳсулнокии истеҳсолотро баланд мебардораду фирку дархостҳои харидор ва умуман ҷамъиятро амали мегардонад.

**Муқарриз: Маҳмадуллоев А.С. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019.
2. Дар бораи консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №469. / Ҷумҳурият, - №113. саҳ 2-3.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 4.05.2025, №2168.

4. Сайдалиев С.С., Атоев Н.Ф., Ҳомидов Ҳ.М., Муқимов С.Д., Азимов Ф.А. Асосҳои соҳибкори (воситаи таълими). – Рашт, 2021. - С. 106.
5. Комилов С.Д., Давлатзод У.Иқтисоди корхонаҳо. Дастури таълими. - Душанбе, 1994. - 144 с.
6. Сайдалиев С.С., Равандҳои инкишофи соҳибкории хурд дар шароити иқтисодиёти бозорӣ // Маводи конфренсияи илмӣ-амалӣ байналмилалии "Рушди ба ҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмет ва фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (27-майи соли 2023). - Рашт, 2023.
7. Ҷомиев А.М., Ҳайдаров С.М. Рушди соҳибкории хурду миёна ҳамчун заминаи асосси рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити вусъат ёфтани муносибатҳои тиҷоратӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии масоли рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва молиявию қарзӣ дар шароиткунонии босуръати кишвар ва вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҷумҳурииии Тоҷикистон (24 майи соли 2024). – Рашт, 2025. - С. 135.
8. Сайдалиев С.С., Ҳайдаров С.М., Таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2023. - №1(13). - С. 165.

**Literature:**

1. Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli dated 26.12.2019.
2. On the concept of entrepreneurship development in the Republic of Tajikistan for the period up to 2015. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated December 3, 2004, No. 469. / Republic, - No. 113. pp. 2-3.
3. Tax Code of the Republic of Tajikistan in the new edition dated 05.04.2025, No. 2168.
4. Saydaliev S.S., Atoev N.F., Khomidov H.M., Muqimov S.D., Azimov F.A. Fundamentals of entrepreneurship (teaching material). – Rasht, 2021. - P. 106.
5. Komilov S.D., Davlatzod U.Economics of enterprises. Teaching manual. - Dushanbe, 1994. - 144 p.
6. Saydaliev S.S., Processes of development of small business in conditions of market economy // Materials of the international scientific-practical conference "Development of accounting, management and entrepreneurial activity in the Republic of Tajikistan" (May 27, 2023). - Rasht, 2023.
7. Jomiev A.M., Khaidarov S.M. Development of small and medium-sized businesses as a fundamental basis for the development of the national economy in the context of expanding trade relations // Materials of the international scientific-practical conference on the development of accounting and financial and credit accounting in the context of the rapid modernization of the country and the expansion of non-cash settlements in the Republic of Tajikistan (May 24, 2024). - Rasht, 2025. - P. 135.
8. Saydaliev S.S., Khaidarov S.M., Analysis of entrepreneurial activity in the Republic of Tajikistan // Message of the Tajik Pedagogical Institute in Rasht district. – 2023. - №1(13). - P. 165.

## СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА МАҲКИ КАЛИДИИ РУШДИ ИҚТИСОД

Дар мақолаи мазкур масъалаи мақсад ва вазъи бизнеси хурд дар шароити гузариши иқтисодӣ ва ҷаҳонишавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф саҳми соҳибкории хурдро дар рушди иқтисод ва баланд бардоштани сатҳи

зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолӣ таъкид менамояд. Имрӯз дар ҳамаи самтҳои фаъолияти иқтисодӣ, бизнеси хурд ҳамчун омили муҳими пешбарандаи рушди устувор эътироф мегардад. Чунин дидгоҳҳо дар таҳқиқоти олимони ИМА ва Ҷопон низ дида мешаванд.

Фаъолияти соҳибкорӣ нисбат ба иҷрои дигар намудҳои меҳнат мураккабтар буда, аз шахс малака, масъулият, дониш ва таҷрибаи васеъро талаб мекунад. Соҳибкор на танҳо барои фаъолияти шахсии худ, балки барои фаъолияти тамоми кормандон ва муассисаи зери роҳбариаш масъул мебошад. Имрӯз соҳибкорон вазифаҳои зиёди истеҳсолӣ, ташкилӣ, фурӯш, идоракунии захираҳо ва такрористеҳсолро бар дӯш доранд. Дар кишварҳои пешрафта, илми соҳибкорӣ ва менеҷмент ҳамчун муҳимтарин бахши иқтисодиёт арзёбӣ шуда, нақши он дар пешбурди ширкатҳои ҷаҳонӣ ва таъмини фоидаи баланд хеле бузург аст. Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии соҳибкории хурд бо диққат таҳлил шудаанд ва он метавонад барои донишҷӯён, муҳаққиқон ва соҳибкорон маводи муфид гардад.

**Калидвожаҳо:** гузариш, иқтисоди бозоргонӣ, инҳисорот, истеҳсолоти камсериявии, сермаҳсулгардони, истеҳсолоти ёрирасон, соҳибкории хурд, соҳибкории миёна.

## МАЛОЕ И СРЕДНЕЕ ПРЕДПРИНИМАТЛЬСТВО КЛЮЧЕВОЙ ФАКТОР ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

В данной статье рассматриваются цели и текущее состояние малого бизнеса в условиях переходной экономики и глобализации. Автор подчеркивает вклад малого предпринимательства в развитие экономики, улучшение уровня жизни и благосостояния населения. Сегодня во всех сферах хозяйственной деятельности малый бизнес признается важным фактором устойчивого экономического роста. Подобные взгляды отражены и в трудах ученых США и Японии.

Предпринимательская деятельность более сложна по сравнению с другими видами труда и требует от человека высокой компетентности, ответственности, широких знаний и опыта. Предприниматель несет ответственность не только за свою работу, но и за результат деятельности всех сотрудников и предприятия в целом. В современных условиях предприниматели выполняют множество функций: производственные, организационные, сбытовые, управление ресурсами и воспроизводство. В развитых странах наука управления и предпринимательства считается одним из ключевых элементов экономики, обеспечивающим процветание корпораций и высокий уровень прибыльности. В статье подробно рассматриваются теоретические и практические аспекты малого бизнеса, что делает её полезной для студентов, исследователей и предпринимателей.

**Ключевые слова:** Переход, рыночная экономика, монополия, мелкосерийное производство, производительность, вспомагательное производство, малый предпринимательство, средний предпринимательство.

## SMALL AND MEDIUM – SIZED ENTRENEURSHIP- A KEY DRIVER OF EKONOMIC DEVELOPMENT

This article explores the goals and current state of small business in the context of a transitional economy and globalization. The author highlights the contribution of small entrepreneurship to economic development, improvement of living standards, and the overall well-being of society. Today, in all areas of economic activity, small business

is recognized as a key driver of sustainable growth. Similar perspectives can be found in the works of scholars from the United States and Japan.

Entrepreneurial activity is more complex than other forms of labor and demands high competence, responsibility, broad knowledge, and experience. Entrepreneurs are accountable not only for their personal performance but also for the results of their employees and the entire enterprise. Nowadays, entrepreneurs address numerous challenges including production, organization, sales, resource management, and reproduction. In developed countries, the science of management and entrepreneurship is highly valued as a major pillar of the economy, contributing to the success of global corporations and ensuring high profitability. The article presents a detailed analysis of theoretical and practical aspects of small business, making it a valuable resource for students, researchers, and entrepreneurs.

**Key words:** Transition, market economy, monopoly, lov-volume production, productivity, auxiliary production, small business, medium business.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Сайдалиев Сайфулло Сайқосимович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 905-55-45-30. E-mail: sayf9191@inbox.ru

**Ҷомиев Аҳлиддин Маҳмадазимович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 931-07-81-11. E-mail: ahliddincomiev1905@gmail.com

**Одилов Мансурҷон Алимаҳмадович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, методисти раёсати таълим, ассистент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 985636752.

**Сведения об авторах: Сайдалиев Сайфулло Сайкосимович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры бухгалтерского учёта и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин, 63. Телефон: (+992) 905-55-45-30. E-mail: sayf9191@inbox.ru

**Джомиев Ахлиддин Махмадозимович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры бухгалтерского учёта и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин, 63. Телефон: (+992) 931-07-81-11. E-mail: ahliddincomiev1905@gmail.com

**Одилов Мансурджон Алимахмадович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, методист отдела образования, ассистент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин, 63. Телефон: (+992) 985636752.

**Information about authors: Saidaliyev Saifullo Sayqosimovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant lecturer at the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Muhiddin, 63. Phone: (+992) 905-55-45-30. E-mail: sayf9191@inbox.ru

**Jomiev Ahliddin Mahmadazimovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant lecturer at the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Muhiddin, 63. Phone: (+992) 931-07-81-11. E-mail: ahliddincomiev1905@gmail.com

**Odilov Mansurjan Alimahmadovich –** Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant lecturer at the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Muhiddin, 63. Phone: (+992) 985636752.

ТДУ: 33.6 (65.1, 34.3)

# МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ, ИННОВАТСИЯ ВА ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Миршарифзода Э.Қ., Давлатов Ҳ.Ҷ., Маҳмадуллоев А.С.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Имрӯзҳо масъалаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ, инноватсия ва иқтисодиёти сабз дар ҷаҳон ва махсусан дар кишварҳои рушдёбанда ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Чун иқтисодиёти рақамӣ, инноватсия ва иқтисодиёти сабз ба татбиқи технологияҳои рақамӣ дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт ҷиҳати таъмини рушди самараноки истеҳсолот, кам намудани хароҷот ва фарох намудани бозорҳо, тавлиди технологияҳои нав ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт, рушди маҳсулоти инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист, кам кардани партовҳо, истифодаи манбаъҳои барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, бодӣ ва ғ.) ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудааст.

Мусалам аст, ки Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ санаи 28-уми декабри соли 2024 ба Маҷлиси Олии кишвар, вобаста ба масъалаҳои рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ, иқтисодиёти сабз ва вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, бобати рушди устувори иқтисодӣ ва ба як кишвари аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта табдил додани мамлакат дар рафти Паёми солонаи худ солҳои 2025-2030-ро “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон намуда, Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар вазорату идораҳоро ҷиҳати таҳияи лоиҳаи “Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026-2030” супориш доданд, ки то охири соли 2025 барномаи зикршударо таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд [1].

Вобаста ба муҳиммияти самтҳои афзалиятноки рақамикунонӣ, инноватсия, иқтисоди сабз ва рушди минбаъдаи онҳо дар кишвар, зимни ироаи Паёми худ нуктаи дигареро зикр намуда, Пешвои миллат ба сохторҳои дахлдор дастур доданд, ки “дар соли 2025-ум доир ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули иқтисоди сабз, рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ татбирҳои мушшахас андешида шаванд” [1].

Вобаста ба масъалаҳои зикршуда ва аҳамияти рушд бахшидани онҳо дар шароити муосир, мо хостем суханҳои Пешвои миллатро аз Паём ва назарияҳои худро дар шакли мақола дар се самт (иқтисодиёти рақамӣ, инноватсия ва иқтисодиёти сабз) манзур созем:

**1. Иқтисодиёти рақамӣ (Digital Economy)** – ин модели нави иқтисодӣ буда, бо технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) асос ёфтааст, ки фаъолияти самараноки иқтисодиро бо кам кардани хароҷот ва вақт дар шароити муосир ва дар муҳити рақамӣ пеш бурда, ҷанбаҳои мухталифро (таҳсили фосилавӣ, савдои электронӣ, пардохти электронӣ, хизматрасониҳои тиббии электронӣ ва ғ.) дар бар мегирад.

Пешвои миллат зимни ироаи Паёми хеш қайд намуданд, ки “Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст” [1]. Албатта, вобаста ба рушди иқтисодиёти рақамӣ дар

кишвар бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2019, №642 “Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [2] қабул гардид, ки он се марҳилаи амалисозии иқтисодиёти рақамиро то соли 2040 дар бар мегирад:

**Марҳилаи якуми Консепсия** то соли 2025 муайян гардидааст, ки дар ин давра бояд мутахассисони кордон омода гардида, модели идоракунӣ ва нишондиҳандаҳои калидӣ муайян карда шуда, ҳолати воқеии рушди иқтисодиёти рақамӣ баҳогузорӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории он муайян карда шавад;

**Дар марҳилаи дуюм**, ки солҳои 2026-2030-ро дар бар мегирад, дар назар аст, ки дастрасии фарохмавҷи амнияти иттилоотӣ таъмин гардад, платформаҳои рушди хизматрасонии рақамӣ ва марказҳои пешқадами таҷрибавӣ таъсис ва ташаккул ёбанд ва инчунин, нахустин лоиҳаҳои пилотӣ амалӣ карда шаванд;

**Марҳилаи сеюм** солҳои 2031-2040-ро фарогир буда, дар ин давра мутобиқи Консепсия бояд дастовардҳои иқтисодиёти рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ҷорӣ карда шаванд.

Имрӯз дар кишвар хотимаи марҳилаи якуми Консепсия амалӣ гардида истода, марҳилаи дуюми амалигардонии он роҳандозӣ мегардад, ки вобаста ба он Пешвои миллат дастуру супоришҳои мушаххаси рушди инфросохторӣ доданд. Аз ҷумла, дар ҷараёни Паём, ҷиҳати дар сатҳи максималӣ рушд додани инфрасохтор ва соҳаи мазкур дар тамоми минтақаҳои кишвар дар панҷ соли минбаъда Президенти мамлакат супориш доданд, ки “заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор, ба шабакаи 5G инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди сармояи инсонӣ, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ, таъмини амнияти киберии махзанҳо ва ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва савдои электронӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад” [1].

Афзалиятҳои иқтисоди рақамӣ ба он асос меёбанд, ки дар раванди татбиқи пурраи он дар тамоми соҳаҳо: коркарди дилхоҳ маълумот бо суръати баланд, дастрасӣ ба бозори ҷаҳонӣ, коҳишёбии хароҷотҳои иловагӣ, дастрасии фаврӣ ба суратҳисобҳо, коҳишёбии сатҳи фасодкорӣ, курсҳои омӯзишӣ ва таҳсилоти фосилавӣ, тиҷорати электронӣ тавассути интернет, дилхоҳ пардохтҳо дар кутоҳтарин муҳлат, маркетинги тиҷоратӣ, хариду фурӯши молу маҳсулот, ташкили китобхонаҳои электронӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, дастрасӣ ба фармоиши меҳмонхонаҳо ва ғ. амалӣ гардонида мешаванд, ки ин ба хуб гардидани самаранокии иқтисодӣ ва некӯаҳолии мардум мусоидат менамояд.

**2. Инноватсия (Innovation) –** ин раванди ворид намудани технологияҳои навин ва ҳушманд, идеяҳо ва ё усулҳои нави истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба амалия, бо мақсади навоварӣ, самаранокӣ, беҳтар намудани маҳсулот, хизматрасониҳо, рақобатпазирии корхонаҳо ва дар маҷмуъ рушди иқтисодӣ мебошад.

Дар бобати рушди инноватсия дар рафти Паём қайд гардид, ки “... ба истифодаи технологияҳои муосир, ташкили истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, пайванди илм бо истеҳсолот ва ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад” [1].

Боиси зикр аст, ки имрӯзҳо кишварҳои аз лиҳози техникию технологӣ ва саноатӣ тараққикардаи ҷаҳон, ба монанди ИМА, Чин, Ҷопон, Олмон, Франсия, Шветсария, Сингапур ва амсоли ин дигар мамолики дунё дар раванди истеҳсолот аз технологияҳои инноватсионӣ ба таври васеъ истифода мебаранд, ки боиси ҷаҳиши рушди иқтисодии онҳо гардида, қисми зиёди бозори ҷаҳониро бо

навҷорисозии худ ва маҳсулоти хушсифати ҷавобгӯй бо стандартҳои ҷаҳонӣ ва нархи дастрасдошта фатҳ намудаанд.

Ҷойи дигар Президенти кишвар зикр намуданд, ки "ҷиҳати ҳавасманд намудани фаъолияти навоварӣ, дар истеҳсолот васеъ истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон дар ин ҷода, хусусан доир ба коркарди ашёи хом дар дохили мамлакат тадбирҳои фаврӣ роҳандозӣ карда шаванд" [1].

Чунончи мушоҳида мегардад, тули солҳои охир барои ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ба кишвар барои соҳибкорони ватанӣ ва ширкатҳои истеҳсолкунандаи молу маҳсулоти дохилӣ як қатор имтиёзу ҳавасмандгардониҳои молиявии давлатӣ, ба монанди озод намудан аз пардохтҳои гумрукию андозӣ ва мароторияҳо оид ба дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст, ки ин боиси ҳавасманд гардидани субъектони фаъолияти иқтисодӣ дар кишвар мегардад.

Қобили зикр аст, ки дар ҳолати истифода намудани технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот: коҳиш ёфтани хароҷотҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва самаранокӣ, пайдо намудани мавқеи устувор дар бозор, рақобатпазир гардидани маҳсулот ё хизматрасонӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалии корхонаҳо, тезонидани рушди иқтисодиёт, афзоиши даромаднокии корхона таъмин гардида, дар натиҷа, боиси рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакт мегардад.

**3. Иқтисодиёти сабз (Green Economy) –** ин модели нави иқтисодӣ буда, рушди устувори иқтисодиро бо ҳифзи муҳити зист муттаҳид намуда, ба коҳиш додани истеъмоли захираҳои табиӣ, партовҳои зараровар, таъсир ба муҳити зист ва истифодаи манбаъҳои барқароршаванда бобати таъмини рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Тули чанд соли охир, таваҷҷуҳи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушд бахшидани иқтисоди сабз бештар гардида, зимни ироаи Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии кишвар бобати рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохторҳои дахлдор дастуру супоришҳои мушаххас медиҳанд. Пешвои миллат дар Паёми қаблии худ соли 2021 дастур доданд, ки то охири соли 2022 Стратегияи рушди иқтисоди сабз омода ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2022, №482 "Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037" [3] қабул гардид, ки имрӯз он мавриди амал қарор дорад ва он дар панҷ марҳила то соли 2037 амалӣ карда мешавад:

**Марҳилаҳои якум ва дуюм** (солҳои 2023–2025 ва солҳои 2026–2028)-ро дар бар гирифта, чорабиниҳо дар самти оммавигардонии маълумот оид ба иқтисоди «сабз», таълим ва ташаккули тафаккури иқтисодию экологӣ, ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди «сабз» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риоя намудани онҳо ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ ва оғози амалигардонии стандартҳои иқтисоди «сабз» дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишварро дар бар мегирад, ки барои онҳо маблағгузории давлатӣ ва шарикони рушд зарур аст;

**Марҳилаҳои сеюм ва чорум** (солҳои 2029–2031 ва солҳои 2032–2034)-ро фаро гирифта, чорабиниҳо дар самти ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди «сабз» дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёту инфрасохтор, сохтмон, хоҷагию манзилии коммуналӣ, сайёҳӣ, сармоягузорӣ, ҳифзи муҳити зист ва кам кардани газҳои

гулхонаӣ, инчунин, идомаи таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди «сабз» дар кишварро дар бар мегирад;

**Марҳилаи панҷум** (солҳои 2035–2037)-ро фарогир буда, чорабиниҳо дар самти рушди иқтисоди «сабз», нигоҳ доштан, афзун намудан ва истифодаи босуботи сармояи табиӣ ва афзоиши сармоягузорӣ дар асоси принсипи иқтисоди «сабз»-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила бозори рушдкардаистодаи сармоягузории «сабз» дар кишвар ташаккул меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки бо татбиқи иқтисоди «сабз» Тоҷикистон метавонад мавқеи пешсафро дар истифодабарии иқтидорҳои тавлиди нерӯи барқ аз сарчашмаҳои барқароршаванда дар ҷаҳон ишғол намояд, ҳамчунин, ба содироткунандаи азими қувваи барқ дар минтақа, истеҳсолкунандаи неруи барқ аз дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия (офтоб, бод об ва ғайра), истеҳсолкунанда ва содироткунандаи маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологии тоза (органикӣ) шуда, ба қатори давлатҳои камихроҷкунандаи газҳои гулхонаӣ (карбон) ва аз ҷиҳати сайёҳии экологӣ рушдёфта ворид гардад.

Чун имрӯзҳо дар ҳудуди Тоҷикистон беш аз 64 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ ташаккул ёфта, нерӯи барқ дар кишвар асосан аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия (98%) истеҳсол карда мешавад [7]. Зеро неруи барқ асосан аз неругоҳҳои барқи обӣ ҳосил мегардад ва ин соҳа дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон мақоми асосӣ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори истеҳсолии 527 млрд. кВт/соат қувваи барқ дар як сол буда, айни замон ҳамагӣ 6 фоизи ин иқтидорҳо аз худ карда шудаанд. Иқлими Тоҷикистон бо мавҷудияти 280-330 рӯзи офтобӣ ва дар маҷмуъ 2 000 кВт/м2 шиддатнокии радиатсияи офтобӣ дар як сол барои истифодаи энергияи офтобӣ ҳамчун сарчашмаи аз рӯйи аҳамият дуюмдараҷаи энергияи барқароршаванда хеле мусоид мебошад, ки ин дар қиёс бо кишварҳои пешрафтаи васеъ истифодабарандаи энергияи офтобии Аврупо ду маротиба зиёд мебошад. Ва тибқи арзёбии коршиносон иқтидори тавлиди энергияи офтобии Тоҷикистон қариб 25,16 млрд. кВт/соат дар як солро ташкил дода, 10-20 фоизи талаботи хоҷагии миллӣ ба ҳомили энергия ва 60-80 фоизи талаботи умумии аҳолиро ҳадди ақал давоми 10 моҳ дар як сол [3], дар тамоми ҳудуди кишвар қонеъ гардонида метавонад.

Дар натиҷаи татбиқи рушди иқтисоди сабз дар мамлакат: коҳишёбии партовҳои зараровар ба атмосфера, об ва хок, кам кардани истифодаи захираҳои табиии ғайрибарқароршаванда (нафт, газ), истифодаи васеи энергияи барқароршаванда (офтобӣ, бодӣ ва обӣ), такмили коркарди партовҳо, кам шудани сатҳи ифлосшавии ҳаво, таъмини маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза, хизматрасониҳои устувор (нақлиёти сабз) ва ғ. амалӣ гардида, барои ҷалби сармоягузориҳои сабзи хориҷӣ ва рушди усторӣ иқтисодӣ замина мегузорад.

Метавон зикр намуд, ки рушди иқтисодиёти рақамӣ, инноватсия ва рушди иқтисодиёти сабз метавонад ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фоидаҳои назарраси иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ расонанд. Дар шароити муосир, ин се самт ба ҳамдигар вобастагии зич дошта, ҳамчун механизмҳои калидӣ барои рушди устувори кишвар хизмат мекунанд. Албатта, иқтисоди рақамӣ имконият медиҳад, ки технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ барои афзоиши маҳсулнокӣ ва хизматрасонии рақамӣ истифода шаванд. Инноватсия ба корхонаҳои маҳаллӣ кӯмак мекунад, ки маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол ва хизматҳои муосир анҷом

диҳанд. Иқтисоди сабз бо ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба лоиҳаҳои экологӣ ва устувор ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, гуфтан муҳим аст, ки таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои ӯ рушди иқтисодиёти рақамӣ, инноватсия ва иқтисодиёти сабз метавонанд, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба як кишвари ҷолиб барои сармоягузорони хориҷӣ табдил диҳанд.

**Муқарриз: Ниёзов М.А. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: шаҳри Душанбе, 28 декабри соли 2024 // - https://www.president.tj.
2. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2019, №642). - https://www.mmk.tj.
3. Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2022, №482). - https://www.mmk.tj.
4. Миршарипов, Э.Қ. Рақамикунонии иқтисодиёт ва таъсири он ба раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э.Қ. Миршарипов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии “Рушди иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳони муосир” (26 майи соли 2023), Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. - С. 18-25.
5. Каримов, Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт / Б.Ҳ. Каримов, Э.Қ. Миршарипов, // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии “Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (27 марти соли 2021), ДССХ - Душанбе. - С. 26-29.
6. Миршарипов, Э.Қ. Моҳият ва хусусиятҳои амалигардонии иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э.Қ. Миршарипов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. - №4 (4). - С. 88-90.
7. Миршарипов, Э.Қ. Моҳият ва нақши иқтисоди сабз дар ҳалли мушкилоти экологӣ / Э.Қ. Миршарипов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2022. - №4 (12). С. 148-150.
8. Махмадуллоев, А.С. Обеспечение эффективного использования информационно-коммуникационных технологий в современном управлении / А.С. Махмадуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. - №4-1. С. 47-52.
9. Давлатов, Ҳ.Ҷ. Хусусиятҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ дар Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / Ҳ.Ҷ. Давлатов, М.А. Одилов, Ш.Б. Садурдинова // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2022. – №3 (11). – С. 182-185.
10. Ниезов, М.А. Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Ниезов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. – №2 (1). – С. 91-96.

**Literature:**

1. Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan [Text]: Dushanbe, December 28, 2024 // - https://www.president.tj.

2. Concept of the digital economy in the Republic of Tajikistan (Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated December 30, 2019, No. 642). - https://www.mmk.tj.

3. Strategy for the development of the "green" economy in the Republic of Tajikistan for 2023-2037 (Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated September 30, 2022, No. 482). - https://www.mmk.tj.

4. Mirsharipov, E.Q. Digitalization of the economy and its impact on the process of accounting in the Republic of Tajikistan / E.Q. Mirsharipov // Materials of the Republican Scientific-Practical Conference "Development of the Digital Economy in the Modern World" (May 26, 2023), Academy of Management under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe. - P. 18-25.

5. Karimov, B.H. Accounting in the context of globalization and digitalization of the economy / B.H. Karimov, E.Q. Mirsharipov, // Materials of the Republican Scientific-Practical Conference "Current State and Prospects for the Development of Accounting, Analysis and Audit in the Republic of Tajikistan" (March 27, 2021), DSSKH - Dushanbe. - P. 26-29.

6. Mirsharipov, E.Q. The Essence and Features of the Implementation of the Digital Economy in the Republic of Tajikistan / E.Q. Mirsharipov // Message of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht District. – 2020. - No. 4 (4). - P. 88-90.

7. Mirsharipov, E.Q. The essence and role of the green economy in solving environmental problems / E.Q. Mirsharipov // Message of the Tajik Pedagogical Institute in Rasht district. – 2022. - No. 4 (12). P. 148-150.

8. Mahmadulloev, A.S. Ensuring the effective use of information and communication technologies in modern management / A.S. Mahmadulloev // Bulletin of the Tajik National University. Series of socio-economic and social sciences. – 2024. - No. 4-1. P. 47-52.

9. Davlatov, H.J. Features of state innovation policy in the Republic of TAJIKISTAN / H.J. Davlatov, M.A. Odilov, Sh.B. Sadurdinova // Message of the Tajik Pedagogical Institute in Rasht district. – 2022. – No. 3 (11). – P. 182-185.

10. Niyozov, M.A. The contribution of the Founder of Peace and National Unity-Leader of the Nation to the economic development of the Republic of Tajikistan / M.A. Niyozov // Message of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. – 2020. – No. 2 (1). – P. 91-96.

## МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ, ИННОВАТСИЯ ВА ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Дар мақолаи мазкур муаллифон масъалаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ, инноватсия ва иқтисодиёти сабзро дар меҳвари Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, назарияҳои мутахассисон ва барномаву стратегияҳои соҳавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар алоҳидагӣ ҳар як самти зикргардидаро бо муҳтаво ва афзалиятҳои ҷорисозии онҳо дар самти рушди устувори иқтисодӣ таҳқиқ намуда, хулосаҳои мушаххас баровардаанд. Инчунин, дар рафти таҳқиқ муаллифон муайян намудаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳо ва иқтидори ҷорисозии иқтисодиёти рақамӣ, инноватсия ва иқтисодиёти сабз дар тамоми соҳаҳо буда, вобаста ба

татбиқи онҳо як қатор барнома, консепсия ва стратегияҳои соҳавӣ қабул гардида, мавриди амал қарор гирифта истодаанд.
**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти рақамӣ, инноватсия, иқтисодиёти сабз, тиҷорати электронӣ, таҳсилоти фосилавӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, рушди устувор, ҳифзи муҳити зист, манбаъҳои барқароршаванда, рақобатпазирии маҳсулот.

## ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ, ИННОВАЦИЙ И ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ В ПОСЛАНИЕ ЛИДЕРА НАЦИИ

В данной статье авторы анализируют и обсуждают вопросы развития цифровой экономики, инноваций и зеленой экономики в контексте Послания Лидера нации уважаемые Эмомали Рахмона в Маджлиси Оли страны, теории специалистов, а также отраслевые программы и стратегии, и отдельно описывают каждое из вышеперечисленных направлений с их содержанием и приоритетами для реализации проведены исследования и сделаны конкретные выводы в направлении устойчивого экономического развития. Также в ходе исследования авторами было установлено, что в Республике Таджикистан имеются возможности и потенциал для внедрения цифровой экономики, инноваций и зеленой экономики во всех секторах, приняты и реализуются ряд отраслевых программ, концепций и стратегий реализуются в связи с их реализацией.
**Ключевые слова:** цифровая экономика, инновации, зеленая экономика, электронная коммерция, дистанционное образование, безналичные платежи, устойчивое развитие, охрана окружающей среды, возобновляемые источники, конкурентоспособность продукции.

## ISSUES OF DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY, INNOVATION AND GREEN ECONOMY IN THE MESSAGE OF THE LEADER OF THE NATION

In this article, the authors analyze and discuss the issues of development of the digital economy, innovation and green economy in the context of the Address of the Leader of the Nation, respected Emomali Rahmon in the Majlisi Oli of the country, the theories of specialists, as well as industry programs and strategies, and separately describe each of the above areas with their content and priorities for implementation, conducted research and made specific conclusions in the direction of sustainable economic development. Also, during the study, the authors found that in the Republic of Tajikistan there are opportunities and potential for the implementation of the digital economy, innovation and green economy in all sectors, a number of industry programs have been adopted and are being implemented, concepts and strategies are being implemented in connection with their implementation.
**Key words:** digital economy, innovation, green economy, e-commerce, distance education, cashless payments, sustainable development, environmental protection, renewable sources, product competitiveness.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, декани факултети иқтисод ва идора, муаллими калон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988-536-364. E-mail: emomali-95s@mail.ru
**Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини мудири шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ,

муаллими калон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988-888-337. E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru

**Давдатов Ҳоким Ҷумъаевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 981-011-188. E-mail: davlatzoda-94s@mail.ru

**Сведения об авторах: Миршарифзода Эмомали Курбонали –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, декан факультета экономики и управления, старший преподаватель. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин – 63. Телефон: (+992) 988-536-364. E-mail: emomali-95s@mail.ru

**Махмадуллоев Ахмаджон Саиджонович –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель начальника управления дистанционного образования, старший преподаватель. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин – 63. Телефон: (+992) 988-888-337. E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru

**Давлатов Хоким Джумъаевич** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заведующий кафедрой бухгалтерского учет и менеджмент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 981011188. E-mail: davlatzoda-94s@mail.ru

**Information about authers:_Mirsharifzoda Emomali Qurbonali** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, dean of the faculty of economics and management, senior lecturer. Adress: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Muhiddin – 63. Phone: (+992) 988-536-364. E-mail: emomali-95s@mail.ru

**Mahmadulloev Ahmadjon Saidjonovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy head of the department of distance education, senior lecturer. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 988-888-337. E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru

**Davlatov Hokim Jumaevich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, head of the department of accaunting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 981011188. E-mail: davlatzoda-94s@mail.ru

**ТДУ: 330.322**

# АФЗАЛИЯТҲОИ СТРАТЕГИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Каримзода С.М., Ҷомиев А.М., Шодизода А.Ш.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Низоми иқтисодии ҷаҳонии бисёрқутба, аз сутуҳи мухталифи кишварҳо, ки дар марҳилаҳои мухталифи тавсеаи иқтисодӣ воқеъ мебошанд, ташаккул ёфтааст ва ин сохтори хоҷагидории ҷаҳонӣ комилан дар ҳоли ҳаракат мебошад. Кишварҳое, ки дар як давру замони кутоҳи таърихӣ пешрафти иқтисодӣ ва бозсозии ниҳодиро ба сомон расонидаанд, мавқеият ва нуфузи худро дар арсаи ҷаҳонӣ ба таври қобили таваҷҷӯҳ беҳбуд бахшидаанд. Чунин як таҷрибаи

муваффақ, кишварҳои мухталифро ташвиқ бар он менамояд, ки сиёсати сармоягузории худ ва имконоти мавҷудаи кишварро таҷдиди назар намуда, иқтисоди миллии худро навсозӣ намоянд.

Дар шароити ҷаҳонишудан, низомҳои ҷаҳонӣ аз фурсатҳои густурдае барои ҷалби муосиртарин технологияҳо, воридшавии навъҳои ҷадиди илмомӯзӣ ва рушди иқтидори тавлидӣ бар асоси ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ бархурдор мегарданд, ки он метавонад дар таҷдиду аз навсозӣ ва таъмини тавсеаи босуръати иқтисодӣ нақши калидӣ дошта бошад.

Марҳилаи кунунии тавсеаи иқтисоди ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ (СМХ) ба унвони яке аз омилҳои тавсеадиҳандаи босифат ва мутавозини иқтисод баромад намуда, ҳамчунин метавонанд дар вусъатбахшии имкониятҳои рақобатпазирии байналмилалии кишварҳо боис гарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони кишваре, ки ҳадафи аслии он воридсозии тағйироти таъсирбахш ба иқтисод, таъмини сатҳи зиндагии шоиста, афзоишдиҳии даромади умумимиллӣ ва ҳамгирошудан ба фазои ягонаи иқтисоди ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад, сармоягузори мустақими хориҷиро ба кишвар фаъолона дастгирӣ менамояд.

Сармоягузориҳои хориҷӣ ба сифати сарчашмаи маблағгузориҳои пулӣ ба тараққиёт, васеъшавӣ ва азхудкунии истеҳсолоти нави молу хадамот, мукаммалгардонии технология, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок баромад мекунанд.

Кишварҳое, ки дар як давру замони кутоҳи таърихӣ пешрафти иқтисодӣ ва бозсозии ниҳодиро ба сомон расонидаанд, мавқеият ва нуфузи худро дар арсаи ҷаҳонӣ ба таври қобили таваҷҷӯҳ беҳбуд бахшидаанд. Чунин як таҷрибаи муваффақ, кишварҳои мухталифро ташвиқ бар он менамояд, ки сиёсати сармоягузории худ ва имконоти мавҷудаи кишварро таҷдиди назар намуда, иқтисоди миллии худро навсозӣ намоянд.

Дар шароити ҷаҳонишудан, низомҳои ҷаҳонӣ аз фурсатҳои густурдае барои ҷалби муосиртарин технологияҳо, воридшавии навъҳои ҷадиди илмомӯзӣ ва рушди иқтидори тавлидӣ бар асоси ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ бархурдор мегарданд, ки он метавонад дар таҷдиду аз навсозӣ ва таъмини тавсеаи босуръати иқтисодӣ нақши калидӣ дошта бошад.

Тибқи ақидаи М.Н. Тошматов “Хусусияти муҳимми ҷараёни байналмилалии сармоягузорӣ имрӯз мавҷудияти рақобати шадид барои ҷалби сармоя мебошад. Дар чунин шароит, ҷолибнокии фазои сармоягузории кишвар, яъне суботи сиёсӣ, фаъолияти самараноки низоми ҳуқуқӣ, устувории пули миллӣ, бозори васеи дохилӣ, мавҷудияти кадрҳои баландихтисос ва инфрасохтори мутараққӣ нақши ҳалкунандаро мебозад” [2].

Марҳилаи кунунии тавсеаи иқтисоди ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ (СМХ) ба унвони яке аз омилҳои тавсеадиҳандаи босифат ва мутавозини иқтисод баромад намуда, ҳамчунин метавонанд дар вусъатбахшии имкониятҳои рақобатпазирии байналмилалии кишварҳо боис гарданд.Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони кишваре, ки ҳадафи аслии он воридсозии тағйироти таъсирбахш ба иқтисод, таъмини сатҳи зиндагии шоиста, афзоишдиҳии даромади умумимиллӣ ва ҳамгирошудан ба фазои ягонаи иқтисоди ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад, сармоягузори мустақими хориҷиро ба кишвар фаъолона дастгирӣ менамояд.

Дар монографияи Сузуки М., Саидмуродов Л.Х., Солиев А.А. “Макроиқтисоди кушод ва сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ нақши

корхонаҳои муштарак дар афзунгардонии иқтидори иқтисодии Тоҷикистон махсус қайд карда метавонад, ки онҳо натанҳо барои боло бурдани иқтидори иқтисодии мамлакат, балки барои васеъкунии иқтидори содиротӣ саҳм гузошта истодаанд. Қисми зиёди СМХ дар мамлакат ба соҳаҳои омӯзиши геологӣ ва истихроҷӣ канданиҳои фоиданок, саноат, энергетика, алоқа ва хизматрасониҳои молиявӣ равона шудаанд. Ингуна молҳо дар таркиби содироти моли тайёр аз Тоҷикистон ҳиссаи калон доранд" [7].

Тибқи ақидаи М.И. Лещенко, В.А. Демин ва И.И. Марущак бар меоянд, ҷалби сармояи хориҷӣ ин "Фароҳам овардани механизмҳои ҳавасмандгардонии манфиатҳои иқтисодии иштирокчиён ба фаъолияти инноватсионӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди инноватсионию ҷалби сармоягузорӣ дар асоси навоварӣ дар бахшҳои воқеии иқтисод, бахши иҷтимоӣ ва инфрасохтори хизматрасонӣ буда, бо ин роҳ талаботи муфиди бозори захираҳои сармоягузорӣ нигоҳ дошта мешавад" [8].

Дар Стратегияи миллии рушд барои то давраи 2030 яке аз маҳакҳои асосии расидан ба ҳадафҳои миллӣ ин афзоиши вазни қиёсии сармоягузориҳои хориҷӣ ба сармояи асосӣ дониста мешавад. Дар ин асно, баҳри ҷолибтару ҷаззобтар намудани муҳит ва фазои сармоягузориҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи давлатии сармоягузориии хориҷии худро бар асоси санадҳои меъёри-ҳуқуқии фаромилалӣ роҳандозӣ намуда истодааст [1].

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушд ворид гардид. Вале дар ин давра тақвият бахшидани бахшҳои иқтисодӣ бе сармоягузорӣ ғайриимкон буд. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муаррифии имконияти сармоягузорӣ дар арсаи байналмилалӣ манбаъҳои маблағгузориро ба иқтисодиёти миллӣ пайдо намуда, ҳамкориро бо созмону ташкилоти байналмилалии молиявӣ ба роҳ монд[3]. Маҳз бо шарофати истиқлолият ва кӯшишҳои давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми бахшу соҳаҳои иқтисодиёт лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷалб гардида, мавриди амал қарор гирифтанд.

Чи тавре равандҳои рушди давлатҳои пешрафта собит месозанд, дар маҷмӯи маблағгузориҳои хориҷӣ таъсири бештар аз ҳисоби сафарбар намудани захираҳои молиявии бевосита, яъне сармоягузориҳои мустақим мегиранд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи маълумоти омри расмӣ дар соли 2021 саҳми сармоягузории мустақими хориҷӣ дар маҷмӯи умумии сармояи хориҷӣ 57,4%-ро ташкил медиҳад [9].

Лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ба ободиву пешрафт ва корҳои созандагию бунёдӣ равона шуда, дар ин замина симои шаҳраку деҳот ва инфрасохтори роҳу нақлиёт комилан дигар шуд. Дар таркиби маҷмӯи лоиҳаҳои амалкунанда маблағҳои грантӣ 33,0 млрд сомонӣ ё 67,1 фисад, маблағҳои қарзӣ 14,6 млрд сомонӣ ё 29,7 дарсад, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,3 млрд сомонӣ ё 2,6 фоиз ва дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла саҳми корхонаҳои давлатии ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоаҳо ва ғайра 62,2 млн сомонӣ ё 0,1 фисадро ташкил медиҳад.

Дар оғози татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 21,4 млрд сомонӣ (1,97 млрд доллар) маблағҳо барои хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз худ гардидаанд. Манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз инҳо иборат мебошанд: Бонки ҷаҳонӣ — 1 млрд. 568,8 млн. доллар ё 35 фисад, Бонки Осиёии Рушд – 1 млрд. 089, 2 млн. доллар ё 24

дарсад, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд – 599,2 млн. доллар ё 13,0 фоиз, Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин – 205 млн.доллар ё 4,5 дарсад, Бонки исломии рушд – 175,6 млн. доллар ё 4,0 фисад, Бонки олмонии рушд – 159,7 млн. доллар ё 3,5 фоиз, Бонки аврупоии сармоягузорӣ – 154,8 млн. доллар ё 3,4 фисад, Фонди саудии рушд – 90,0 млн. доллар ё 2,0 дарсад, Фонди ОПЕК ё давлатҳои истеҳсолкунандаи нафт- 72,0 млн. доллар ё 1,6 фоиз, Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ – 60,0 млн. доллар ё 1,3 дарсад, Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ – 69,8 млн. доллар ё 1,5 фисад, Ҳукумати Ҷопон – 42,8 млн.доллар ё 1,0 фоиз, Иттиҳоди Аврупо 33,0 млн.доллар ё 0,7 фисад, Фонди Кувейтии рушди иқтисодӣ – 25,5 млн. доллар ё 0,5 дарсад, Ҳукумати Швейтсария – 14,4 млн. доллар ё 0,3 фоиз, Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон – 5,5 млн. доллар ё 0,1 фисад, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 120 млн. доллар ё 2,6 дарсад ва дигар сарчашмаҳо 5,7 млн. доллар ё 0,1 фоизро ташкил медиҳад [2].

Соли 2023 якчанд созишномаи нави ҳамкорӣ ба имзо расид, ки соҳаҳои гуногунро фаро мегиранд. Аз ҷумла дар соҳаи маориф Лоиҳаи муҳити омӯзиш – пойдевори таҳсилоти босифат дар Тоҷикистон ба маблағи 50,0 млн. доллар, дар соҳаи тандурустӣ Лоиҳаи модернизатсияи ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ ба маблағи 37,5 млн. доллар, дар соҳаи кишоварзӣ маблағгузории иловагии Лоиҳаи баланд бардоштани устувории кишоварзӣ ба маблағи 50,0 млн. доллар, дар соҳаи энергетика пардохт барои омодасозии Лоиҳаи сохтмони неругоҳи барқи офтобии хусусӣ дар вилояти Суғд ба маблағи 1,5 млн. доллар, маблағгузории Лоиҳаи НБО-и «Роғун» дар ҳаҷми 15,0 млн. доллар, инчунин таъминоти гармӣ дар шаҳри Душанбе ба маблағи 2,5 млн. доллар, дар соҳаи нақлиёт навсозии системаи аэронавигатсионӣ ба маблағи 2,1 млн. доллар ва дар самти идоракунии ҳокимияти давлатӣ Лоиҳаи дастгирии сиёсати рушди босубот ва устувори Тоҷикистон ба маблағи 50,0 млн. доллар ба имзо расид. Маблағи умумии созишномаҳо 208,6 млн. доллари  Америкаро ташкил медиҳад. Лоиҳаҳо дар асоси грантҳо, қарзҳо ва кумакҳои техникии Бонки ҷаҳонӣ ва фонди мақсадноки Хазинаи глобалии маблағгузорӣ, инчунин гранти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд амалӣ мегарданд [10].

Тавре қаблан изҳор доштем, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати хориҷии худ равобитро бо кишварҳои олам ва инчунин бо ташкилотҳои боннуфузи молиявӣ-қарзӣ ба роҳ мондааст. Бинобар ин, дар доираи таҳқиқоти худ, мо тасмим гирифтем то қисме аз ин равобитро мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор диҳем [5].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳоро дар самти ҷалби сармоя бо кишварҳои бонуфузи олам роҳандозӣ намудаистодааст. Ҳамагон медонанд, ки пас аз барқароршавии давлати демократӣ ва гузариши Ҷумҳурии Тоҷикиистон ба пайраҳаи иқтисоди бозорӣ, Ҷумҳурии мардумии Чин ба бузургтарин сармоягузор ва шарики стратегии кишвари мо табдил ёфтааст. Аз ибтидои соли 2007 то ба соли 2023 ҳаҷми умумии сармоягузориҳои  ҶМЧ ба Ҷумҳурии Тоҷикисто 3,34 млрд, доллари ИМА-ро ташкил намуда, аз он 1,2 млрд, доллар сармояи мустақим маҳсуб меёбанд. Дар ҳоли ҳозир  зиёда аз 580 ширкат бо маблағгузории ҶМЧ кору фаъолият доранд [4].

Мувофиқ ба таҳлилҳои анҷомшуда ба пуррагӣ метавон гуфт, ки сармоягузориҳо ба бахшҳои қаблан овардашуда, ҳамрадиф бо Стратегияи миллии рушд барои то давраи соли 2030-юм буда, ба ҳадафи 4-уми он, яъне

саноатикунонии босуръати иқтисоди кишвар ва гузариш аз иқтисоди аграрӣ-индустриалӣ ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ мутобиқати комил менамоянд [1].

Бо мақсади беҳтарсозии фазои сармоягузорию соҳибкорӣ, ҷалби сармояи мустақими ватанию хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, барои амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва воридотивазкунанда равона карда шудаанд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор пайваста тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

Дар охир қайд кардан зарур аст,ки дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, барқарорсозии соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, дастгирии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва умуман аз бӯҳрон баровардани иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби бештари сармояи хориҷӣ лозим аст.

**Муқарриз: Ниёзов М.А. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 90 с.
2. Ҳайдаров, С.М. Таҳлили ҷолибияти сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии тоҷикистон/ С.М. Ҳайдаров // Идоракунии давлатӣ. – 2024. - №4/2 (70). – С. 262-268.
3.Сузуки М., Саидмуродов Л.Х., Солиев А.А. Макроиқтисоди кушод ва инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ. - Душанбе: "Деваштич", 2007. 278 с.
4. Ҳайдаров, С.М. Аҳамияти ҷалби сармогузории хориҷӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ / С.М. Ҳайдаров // Идоракунии давлатӣ. – 2024. - №3 (68). – С. 214-219.
5. Тошматов, М.Н. Динамика структура и масштабы привлечения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан за годы государственной независимости / М.Н. Тошматов // Таджикистан и современный мир. - 2016. - №3 (53). – С. 39-43
6. Ҳайдаров, С.М. Заминаҳои методии ташаккулёбии механизми ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ / С.М. Ҳайдаров // Молия ва иқтисод. – 2023.- №4/2 (39). – С.191-199.
7. Сузуки М., Саидмуродов Л.Х., Солиев А.А. Макроиқтисоди кушод ва инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ. - Душанбе: "Деваштич", 2007. 278 с.
8.Лешенко М.И., Демин В.А., Марушак И.И. Стратегияи инноватсия ва сармоягузории саноат / зери таҳрири умумии А.И. Волский, Н. Хохлова. М., 2007. - С. 231-256.
9.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 239.
10.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 90 с.

**Literature:**

1. National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030. – Dushanbe, 2016. – 90 p.
2. Khaidarov, S.M. Analysis of the attractiveness of foreign investment in the economy of the Republic of Tajikistan / S.M. Khaidarov // State Management. – 2024. - №4/2 (70). – P. 262-268.

3. Suzuki M., Saidmurodov L.Kh., Soliev A.A. Open macroeconomics and foreign direct investment. - Dushanbe: “Devashtich”, 2007. 278 p.
4. Khaidarov, S.M. The importance of attracting foreign investment and its role in the development of the national economy / S.M. Khaidarov // State Management. – 2024. - №3 (68). – P. 214-219.
5. Toshmatov, M.N. Dynamics of the structure and scale of attracting foreign investment to the economy of the Republic of Tajikistan during the years of state independence / M.N. Toshmatov // Tajikistan and the modern world. - 2016. - No. 3 (53). - P. 39-43
6. Khaidarov, S.M. Methodological foundations of the formation of the mechanism for attracting foreign investment in the national economy / S.M. Khaidarov // Finance and Economics. - 2023.- No. 4/2 (39). - P. 191-199.
7. Suzuki M., Saidmurodov L.Kh., Soliev A.A. Open macroeconomics and foreign direct investment. - Dushanbe: "Devashtich", 2007. 278 p.
8. Leshenko M.I., Demin V.A., Marushak I.I. Strategy of innovation and investment in industry / under the general editorship of A.I. Volsky, N. Khokhlova. M., 2007. - P. 231-256.
9. Annual Statistics of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, 2022. - P. 239.
10. National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030. - Dushanbe, 2016. - 90 p.

## АФЗАЛИЯТҲОИ СТРАТЕГИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур бештар масъалаҳои ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисодиёти кишвар роҳои ҷалби он ва шароити муфид барои сармоягузорони дохилию хориҷи нишон дода шудааст. Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф масъалаи ҷалби сармоягузориҳо дар мамлакатҳои ҷаҳон, инвеститсия ва технологияи муосир зикр шудааст. Инчуни доир ба масъалаҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақиму ғайри мустақим ва нақши он ба иқтисодиёти Тоҷикистон бештар дарҷ шудааст.

Бо мақсади беҳтарсозии фазои сармоягузорию соҳибкорӣ, ҷалби сармояи мустақими ватанию хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, барои амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва воридотивазкунанда равона карда шудаанд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор пайваста тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд. Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, барқарорсозии соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, дастгирии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва умуман аз бӯҳрон баровардани иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби бештари сармояи хориҷӣ лозим аст.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, сармоягузории мустақим, сармоягузории портфелӣ, нишондодҳои оморӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, иқтисоди бозорӣ, сармоягузории хориҷӣ, афзалиятҳои стратегӣ.

## СТРАТЕГИЧЕСКИЕ ПРИОРИТЕТЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье основное внимание уделяетсия привлечению инвестиций в экономику страны, способам их привлечения и благоприятным условиям для

отечественных и иностранных инвестиций. Также автор коснулся вопроса првлечения инвестиций в страны мира, инвестиций и новых технологий. Также освещаются вопросы привлечения прямых и косвенных инвестиций и их рол в экономике Таджикистана.

В целях улучшения инвестиционного и делового климата, привлечения внутренних и прямых иностранных инвестиций в приоритетные отрасли экономики, реализации инвестиционных проектов, направленных на производство конкурентоспособной и импортозамещающей продукции Правительством Республики Таджикистан и соответствующими министерствами и ведомствами постоянно принимаются конкретные меры. Важно отметить, что в условиях перехода к рыночной экономике, восстановления приоритетных отраслей народного хозяйства, поддержки нуждающихся слоев населения и в целом выхода народного хозяйства Республики Таджикистан из кризиса необходимо привлечение большего объема иностранных инвестиций.
**Ключевые слова:** инвестиция, прямая инвестиция, портфельные инвестици, статистические показатели, экономические отношения, рыночная экономика, иностранные инвестиции, стратегические приоритеты.

## STRATEGIC PRIORITIES OF THE STATE POLICY OF FOREIGN INVESTMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article focuses on the issues of attracting investments to the countrys economy, ways to attract them and favorable conditijns for domestic and foreign investors. At the same time, the author mentions the issue of attracting investments in countries around the vorld, investment and modern technologi. The issues of attraction of direct and indirect investments and their role in the economy of Tajikistan are aslo discussed.

In order to improve the investment and business climate, attract domestic and foreign direct investment in priority sectors of the economy, implement investment projects aimed at producing competitive and import-substituting products, the Government of the Republic of Tajikistan and relevant ministries and departments are constantly taking specific measures. It is important to note that in the context of the transition to a market economy, the restoration of priority sectors of the national economy, support for needy segments of the population and, in general, the recovery of the national economy of the Republic of Tajikistan from the crisis, it is necessary to attract a larger volume of foreign investment.
**Key words:** investment, direct investment, portfolio investment, statistical indikators, economic relations, market economy, foreign investment, strategic priorities.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Каримзода Собир Маҳмадзоир** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 985509958. E-mail: haydarovsobirjon89@gmail.com

**Ҷомиев Аҳлиддин Маҳмадазимович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 931-07-81-11. E-mail: ahliddincomiev1905@gmail.com

**Шодизода Амон Шариф –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини декан оид ба корҳои тарбияи факултети иқтисод ва идора,

ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон:(+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

**Сведения об авторах: Каримзода Собир Махмадзоир** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедрой бухгалтерского учета и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 985509958**.** E-mail: haydarovsobirjon89@gmail.com

**Джомиев Ахлиддин Махмадозимович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры бухгалтерского учёта и менеджмент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 931-07-81-11. E-mail: ahliddincomiev1905@gmail.com

**Шодизода Амон Шариф –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель декана по учебной работе факультета экономики и управления, доцент кафедры учета и управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Э. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

**Information about the authors: Karimzoda Sobir Mahmadzoir** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the department of accaunting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 985509958**.** E-mail: haydarovsobirjon89@gmail.com

**Jomiev Ahliddin Mahmadazimovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant lecturer at the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Muhiddin, 63. Phone: (+992) 931-07-81-11. E-mail: ahliddincomiev1905@gmail.com

**Shodizoda Amon Sharif –** Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy dean for educational work of the faculty of economics and management, assistant of the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm city, k. E. Muhiddin – 63. Phone: (+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

**ТДУ: 331.101.3**

# МОҲИЯТ ВА НАҚШИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ (МАТИВАТСИЯИ) ҲАЙАТИ КОРМАНДОНИ ТАШКИЛОТ

**Каримзода С.М. Шодизода А.Ш.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ҳавасмандгардони имрӯзҳо дар ташаккули раванди идоракуни ва афзоиши меҳнати кормандон дар тамоми шаклҳои фаъолият нақши асосиро мебозад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ҳавасмандгардониҳои меҳнати кормандон бештар дар шакли пулӣ амалигардонида мешавад, чунки кормандон бештар ба ҳамин намуди ҳавасмандгардонӣ талаботҳои инфиродиашонро қонеъ месозанд.

Аз ин рӯ рушди ҳавасмандиҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди расидан ба дастовардҳои истиқлолияти мустақил ва ташкил шудани корхонҳои хурду бузурги истеҳсолию хизматрасонӣ дидан мумкин аст.

Аз ҳамин ҷиҳат мо гуфта метавонем, ки далелнокӣ дар пешрафти фаъолияти иқтисодиву иҷтимоии тамоми корхонаҳо ҳамчун омили рушдёбандаи фаъолияти иқтисодию молиявӣба шумор меравад.

Ҳавасмандгардони ҳамчун ҷиҳатҳои қаноатмандии инсон аз кор ё вазифаи ишғол намудааш мебошад, ки дар асоси расидан ба миссия ва мақсадҳои дар пеши худ ниҳодашуда сурат мегирад. Асосан ҳавасмандгардонии меҳнат дар ҶумҳурииТоҷикистон дар асоси иловапулӣ ва изофапулӣ ба роҳ монда шудааст, чунки омилҳои иҷтимое ҳастанд, ки аз музди меҳнат вобастагии калон доранд.

Гузариш ба муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ ва равандҳои инноватсионӣ, талаб менамояд, ки тамоми талаботҳои иҷтимоии кормандон таъмин гардонида шавад.

Тамоми олимони замони муосир муайян намуданд, ки дар шароити имрӯза нақши асосиро дар пешрафти фаъолияти корхона ҳавасмандгардонӣ ва мукофотонидани меҳнат ба шумор меравад.

Низоми идоракунии корхона аз бисёр омилҳои андозашавандаи меҳнат вобастагӣ дорад, ки яке аз онҳо ин ҳавасмангардонии меҳнат шуморида мешавад. Чорабинии ҳавасмандгардонӣ мураккаб аст, чунки вай дар худ тамоми омилҳои такомулёбандаи системаи истеҳсолот, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва захираҳои меҳнатиро дар бар мегирад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки мотиватсия дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки агар натиҷаҳои меҳнат ба талаботҳои асосии корхона ҷавобгӯ бошад. Ҳавасмандгардони ҳамчун фаъолияти идоракунӣ мебошад, ки барои фаъолгардонии коргарон равона карда шудааст.

Корхона ё ташкилот ҳуқуқ дорад, ки худашон шаклу системаи музди меҳнатро, шартҳои мукофотдиҳӣ, ҳайати коргарон, ҳаҷми бастҳои муздиҳиро вобаста ба таносуби байни мураккабии кор ва шароити кор муайян созанд. Асоси ҷараёни ҳавасмандгардониро пардохтҳои музди меҳнат, мукофотпулӣ ва иловапулиҳо ташкил медиҳад.

Мотиватсия – ин фаъолияте мебошад, ки барои бедорсозӣ қобилиятнокии кормандон ва расидан ба мақсадҳои гузошта шуда мебошад, ки он ба воситаи ҳавасмандии меҳнат амалӣ гардонида мешавад [1].

Мафҳуми «мотиватсия» дар адабиёти илмии иқтисодӣ солҳои охир пайдо гардид. Пайдоиши он аз адабиёти хориҷии илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ, ки ба илми идоракунӣ хизматрасон мебошанд, гирифта шудааст.

Дар адабиёти хориҷӣ ва таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ калимаи «ҳавасмандкунӣ» кам истифода мешавад. Бо ақидаи онҳо «ҳавасмандкунӣ» бисёртар маънои «мукофот»- ро дорад ва аз ин рӯ дар барномаи идоракунӣ истифода бурда шудааст. Дар асоси ин усулҳо ва шаклҳои бамеъёргирӣ ва музди меҳнат кор карда шудааст, ки то замони мо омада расидааст.

Барномаи классикии идоракунии солҳои 20-уми асри XX назарияи дигарро, ки дар он диққати асоси ҳамчун захираи махсус ба инсон додашуда, идоракунии ҳавасмандгардонӣ фарққунандаанд, ҷудо кардааст.

Ин равандро ҳамчун таълимоти неоклассикӣ дар асоси фаҳмишҳои зайл гуфтан мумкин аст:

1. То пайдоиши ин барнома, равияи алоҳидаи идоракунии захираҳои башарӣ инкишоф наёфта буд. Ин равия дар асоси як қатор тадқиқоти таҷрибавии МЭЙО пайдо гашт. Масъалаҳои барномаи классикии идоракуниро олимон ва амалиядорон аз рӯи тадқиқоти МЭЙО қабул карда, дар ташкили меҳнат ҷорӣ намуданд.

«Мотиватсия – ин ҷараёни водорнамоии худ ва дигарон барои расидан ба мақсадҳои шахсӣ ё мақсадҳои ташкилот мебошад» [2].

Сарфи назар аз ин дар идоракунӣ то солҳои охир мақоми асосиро раванди технологӣ ва меъёргирии меҳнат гирифта буд. Ғайр аз ин, дар замони таҷрибаҳои МЭЙО бисёртар хаттҳои истеҳсолӣ пайдо мегарданд, ки барои ташкили меҳнат дар тамоми соҳаҳои саноат мӯҳлатҳои зиёде муайян мекарданд. Ҳамин тариқ, дар усули неоклассикии омӯзиши идоракунӣ диққати махсусро ба қобилияти одамон, аммо мувофиқи назарияи Тейлор ба ташкил ва идоракунии меҳнат, медиҳанд.

Модели мотиватсия

| | |
|---|---|
| Талаботҳои худи шахсӣ. | Инкишофи сармояи худи, зиёдшавии сатҳи сифатии маълумот. |
| Эҳтироми худ ва ошкори ба дигарон. | Ҳуқуқи қабули қарори мустақилона, ҳурмати худ ва дигарон. |
| Алоқамандиҳои иҷтимоӣ. | Ошкорбаёни ба ҳолатҳои иҷтимоии оилави, шахси ва дигар талаботҳои иҷтимои. |
| Бовариноки ва ӯҳдадориҳо. | Таъминоти дурудароз, дастраси ба даромаднки, мақсадҳои талаботҳои физиологи, кафолатноки ба ҷои кори муввақати . |
| Талаботҳои физиологӣ. | Хурок, хона, либоса |

Нақшаи: 1 Модели мотиватсия [3].

2. Дигаргунии назарияи неоклассикӣ асосноккунии мантиқии он дар як мӯҳлати кӯтоҳ дар Аврупо паҳн мешавад. Ин равиш бо дастгирии ҳаракатҳои мардумӣ, баъди Ҷанги Якуми Ҷаҳон, солҳои 20-30-юми асри XX тамоми Аврупоро фаро мегирад.

Дар натиҷаи ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва иттифоқи касаба якчанд институтҳои назоратии тиҷорат пайдо шудаанд. Дар ИМА ва аксар мамлакатҳои Аврупо қонунҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ, беҳтар кардани ташкили меҳнат, бамеъёргирӣ ва музди меҳнат пайдо шуда, таҳқиқ меёбанд.

Мувофиқи ин рӯзи кории 8-соата муайян шуда, ҷавобгарии корхонаҳо барои бехатарии меҳнат баланд шуда, бозори воситаҳои истеҳсолие, ки шароити меҳнатро хуб мегардонад, пайдо мешавад.

Чунин равия, ҳамчун равияи беҳтар намудани меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ, ки имконоти баланд бардоштани арзиши коргарро таъкид месозад, номидан ба мақсад мувофиқ аст.

Акнун коргар барои роҳбар, сардор, ё соҳибмулк на фақат ҳамчун қувваи корӣ, балки ҳамчун одам – шахс, ки дорои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои васеъ мебошад, шинохта мешавад.

3. Пешрафти илмию техникӣ дар соҳаи истеҳсолот аз коргарон сифати нави касбиро талаб мекунад, чунки меҳнат аз гурӯҳи амалиёти мураккабе иборат аст, ки барои иҷрои он коргар бояд соҳиби донишу малакаи муайян бошад.

Ҳатто дар хати истеҳсолии моли алоҳида, мисол шарбатбарорӣ, коргар бояд, ки дониши миёнаи махсуси техникӣ дошта бошад. Ё худ дар соҳаи нафту кимиё пешаи коргузорӣ аз кори вазнине, ки пештар коргар иҷро мекард, имрӯз ба коре мубаддал гаштааст, ки ӯ бояд ҳам дониши техникӣ дошта, риёзиётро донад ва дар компютер кор карда тавонад.

Ҳамин тариқ, мазмуни меҳнат дигаргуниҳои куллиро дар раванди зеҳнии соҳаҳои калони саноатӣ ва соҳаҳои нави техникаи барқӣ, радиотехникӣ, электронӣ ва ғайра касб мекунад.

4. Тағйирот дар доираи кортаъминкунандагон низ пайдо шудааст. Акнун соҳиби иттиҳодия, соҳибмулк, ё кортаъминкунанда ба ташкилотчӣ мубаддал гаштааст, ки дар асоси амалҳои иқтисодӣ, технологӣ ва сохтори бозорӣ кори худро ташкил менамояд. Дар шакли нақшаи фарқияти назарияи идоракунии И М А ва Ҷопонро овардан мумкин аст:

Фарқияти консепсияхои назарияи идоракунии ИМА ва Ҷопон

| Консепсиякунони и далелҳо | И М А | Ҷопон |
|---|---|---|
| “Сармояи инсони” | Дар ҷои аввал даллелҳои беруна. Вазифаҳои кӯтоҳмуддат. | Бисёр гузоштан барои омӯзиш Омӯзиши умумӣ. Баҳогӯзориҳои колективӣ |
| “Бозори меҳнат” | Дар ҷои аввал даллелҳои беруна. Вазифаҳои кӯтоҳмуддат. | Дар ҷои аввал даллелҳои дохила. Вазифаҳои дурру дароз |
| “Маълумотҳои ташкилот” | Ҳавасмандихои беруни. Вазифаҳои индивидуали (шахси алоҳида) | Системаҳои дохила. Самтгириҳои гурухи |

Нақшаи 2: Фарқияти консепсияхои назарияи идоракунии ИМА ва Ҷопон [4].

Қабули қарори идоракунӣ ва соҳибкорӣ низ хислати тадқиқотиро гирифтааст, ки аз соҳибкор дониши ҳаматарафа ва маданияти баланди умумиро талаб мекунад.

Ба ҷои соҳибкорони алоҳида, акнун гурӯҳи соҳибкорон пайдо шудаанд, ки як коллективи пурқувватеро ташкил намуда, дар ҳамкорӣ бо ҳамдигар кор мекунанд.

Соҳибкорон дар таркиби баробариҳо, манфиати коргарони оддиро низ ҷойгиркунонида, дар технологияи махсуси идоракунӣ равияи ҳавасмандкунӣ, ки мақоми хоса дорад, ҷорӣ месозанд.

5. Мафҳуми «мотиватсия» дар иқтисодиёт ва идоракунӣ аз илми равоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ гирифта шуда, ҳамчун илм алоқамандии «Одам ва ҷамъият»-ро меомӯзад. Аммо, дар илми идоракунӣ ин фаҳмиш ташаккул ёфта, мақоми худро дигаргун намудааст.

Дар навбати аввал ҳамчун «Ҳавасмандӣ», яъне таъсиррасонии идоракунӣ бо мақсади тағйир додан, ё тасдиқ кардани рафтори зарурӣ, ё худ фаъолияти зарурии одамон мебошад. Хислатҳои нави ин мазмун бо тағйироте, ки ҳамчун равияи фаъолият на фақат ба меҳнат, балки ба одамон низ нигаронида шудааст, сарчашмаи фаъолгардонии ӯ барои таъмини талаботаш мебошад.

Мотивҳо метавонанд дохилӣ ва берунӣ бошанд [5]. Мотивҳои беруна бо кӯшишҳои инсон барои бадастории ягон объекти ба ӯ тааллук надошта, инъикос меёбад ё баръакс канораҳҷӯи кардан аз ин объект. Мотивҳои дохилӣ бо қаноатмандӣ шудан аз объекти мавҷуда алоқаманд мебошанд. Масалан, кори шавқовар ба инсон ҳаловат мебахшад ва ӯ ҳатто розӣ аст, ки бепул кор кунад; дар ҳолати баръакс ӯ ба ҳама чиз розӣ аст, ки аз ин кор халос шавад. Мотивҳое, ки дар инсон зери таъсири омилҳои беруна ва дохили, субъективи ва объективи ташаккул меёбанд, дар зери таъсири стимулҳо (сабаб, боис) ба вуҷуд меоянд. Ба сифати стимулҳо метавонанд, ашёҳои моддӣ, амалҳои дигарон, умедҳо ва ғайраҳо баромад кунанд.

Ҳамин тариқ, ҳавасмандкуни ҳамчун таъсири беруна ба одамон барои таъмини ҳосилнокии баланди меҳнати фардӣ, бо дарназардошти талаботи вай асоси моҳияти мотиватсия мебошад.

Барои он, ки шакли қабулшудаи талаботи одамон мотив аст, масъалаи алоқамандии мотиватсия ва мотивро ба миён меояд.

Мотиватсия ва мотив мафҳумҳои гуногун мебошанд, ҳарчанд ки дар адабиёти идоракунӣ аксар маврид онҳоро якҷоя мекунанд. Вақте, ки сабаби рафтори одамон ба муносибатҳои ташкилот, сохтори идоракунӣ, ё роҳбарӣ вобаста аст, зарур мешуморанд, ки мотиватсияро ба кор баранд. Зеро, ин калимма мафҳуми васеи муносибатҳои одамон ва муҳити истеҳсолию меҳнатии онҳоро дарбар мегирад. Мотиватсия барқарор намудани алоқаи байни ҳавасмандӣ ва мотиве, ки барои таъмини талабот равона шудааст, ифода мекунад. Системаи ҳавасмандкуние, ки ба мақотиби неоклассикӣ хос мебошад, нишонгирӣ на ба ҳамаи мотивҳо, балки фақат ба системаи поёнии пайдарпаии мотивҳо, ки Маслоу пешниҳод менамояд, вобаста мебошад.

Мотиватсия – ҳамчун қисми таркибии идоракунӣ - ба ҳайси ҳавасмандӣ ба талаботи рӯзмарра ва касбии коргари мушаххасе, ки дар системаи идоракунӣ иштирок мекунад, равона карда шудааст [6].

Ҳамин тариқ, ҳавасмандкунӣ хислати фардии худро пайдо месозад. Ҳавасмандкунии фардӣ ва табдил додани он ба мотиватсия, барои инкишоф ва истифодабарии сифатҳои қобилияти пурарзиши коргар, ки асоси касбии ӯро ташкил мекунад, мақсади асосии соҳибкорон гардид.

Дар натиҷа, меҳнат мураккаб гашта, дониши баланд ва технологияи баландро талаб мекунад ва ин боис мегардад, ки мо ҳавасмандкунии фардиро васеъ истифода барем.

Мотиватсия ҳамчун шакли ҳавасмандкунӣ бо назардошти ҳавасмандкунии фардӣ яке аз санадҳои умумии идоракунӣ мебошад.

Дар адабиёти илмии идоракунӣ як қатор маълумот оид ба мафҳуми «мотиватсия» вуҷуд дорад, вале аниқ нишон дода нашудааст, ки барои чӣ аз мафҳуми «ҳавасмандкунӣ» ҷудо гаштааст. Ба андешаи мо, ҷудошавии ин ду мафҳум дар ҳолате ба миён меояд, ки аллакай мафҳуми «меҳнат» пурра тағйир ёфта, хислати фардӣ гирифтааст.

Бинобар ин, ҳавасмандкунӣ ҳамчун қисми таркибии идоракунӣ мақсад ва вазифаи худро нигоҳ дошта аст. Аммо, вақте ки мафҳуми «мотиватсия» пайдо мегардад, аллакай ин мақсад ва вазифа дар алоқамандии ҳавасмандӣ – мотиватсия – мотив дида баромада мешавад.

Ҳавасмандкунӣ ҳамчун вазифаи идоракунӣ аз дастгоҳи илми идоракунӣ ҷудо намешавад, балки мазмуни назариявии ҷамъбастиро ба худ гирифта, бевосита ба назарияи идоракунӣ тааллук дорад.

Ҳавасмандкунӣ мотиватсияро ҳамчун ҳақиқати объективие дида мебарояд, ки ба воситаи он дар шароити имрӯза, таъсиррасонӣ ба коргарон бо назардошти хислати ҳар яки онҳо ташкил карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар, мазмуни «Мотиватсия» ҳамчун фаъолияти идоракуние мебошад, ки барои фаъолгардонии коргарон равона карда шудааст [2].

Консепсияи ҳавасмандгардонӣ дар он асос меёбад, ки ҳар гуна амалиётҳои зердастон ба онҳо бояд оқибатҳои мусбӣ, манфӣ ё нейтралиро орад [2].

Таносуби далеҳои гуногун, ки сабабгори рафтори одамон мегарданд, сохтори далелнокиро ташкил медиҳанд. ҳар як одам сохтори инфиродии мотиватсияро дорад, ки бо бисёр омилҳо шарҳ дода мешавад: сатҳи некуаҳволӣ, мавқеъи иҷтимоӣ, ихтисоснокӣ, мансаб, нишонаҳои арзишнок ва ғайра.

Ҳамаи ин ҳолатҳоро аз маълумотҳои нақшае, ки С. Викерстаф ва В. Герчиков тартиб додаанд мебинем, ки дар он маълумотҳо дар бораи афзалияти ин ё он намуди мотиватсия аз тарафи гуруҳҳои гуногуни кормандони идоракунӣ ифода ёфтаанд [4].

| | Менеҷерон | Мутахассисон | Кормандон |
|---|---|---|---|
| 1 | Маош ва Мукофот | Пешравӣ дар Вазифа | Маош ва мукофот |
| 2 | Пешравӣ дар вазифа | Маош ва мукофот | Пешравӣ дар вазифа |
| 3 | Обрӯ | Вазифаҳои мушкил | Мустақилият |
| 4 | Ифтихор | Ихтисоси нав | Эҳтиром |
| 5 | Вазифаҳои мушкил | Мустақилият | Бехатарии меҳнат |

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки ҳангоми воситаҳои зиёд доштан 20% - и одамон намехоҳанд дар ягон ҳолат кор кунанд. Аз боқимонда 36% -ҳангоми шавқовар будани кор меҳнат мекунанд; 36% - барои гузаронидани вақт ва танҳоӣ; 14% - аз тарси гум кардани қобилият; 9% - барои он, ки кор хурсандӣ меорад.

Танҳо 12% одамон ба сифати далели асосии фаъолият - пулро, 45% - шарафро, 35% - қаноатмандӣ аз таркиби кор ва қариб 15% - ҳокимиятро пеши назар меоранд.

Аз рӯи таркиб стимулҳо метавонанд буда, иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ. Дар навбати худ стимулҳои ғайрииқтисодӣ ба ташкилӣ ва маънавӣ худо мешаванд. Аммо худуди аниқ байни онҳо вуҷуд надорад; дар таҷриба онҳо зич алоқаманданд, якдигарро пурра мегардонанд, ки онҳоро худо намудан мушкил аст. Масалан, дар мансаб боло рафтан ва якҷоя бо он баланд гардидани маош, имконияти ба даст овардани на танҳо арзишҳои моддии иловагӣ, инчунин эҳтиром, обрӯ ва шарафмандиро медиҳад.

Истифодабарии нисбати одам стимулҳоро барои таъсир ва кӯшишҳои ӯ, ҳаракат, поквиҷдонӣ дар ҳалли вазифаҳои ташкилот, ҳавасмандгардонӣ (стимулирование) меноманд.

Ҳамин тариқ, ҳавасмандкунӣ дар шароити ҳозира хеле мураккаб гашта, аз 3-қисмати мустақили бо ҳам пайваста: «ҳавасманди→мотиватсия←мотив» иборат мебошад. Муносибат, ё алоқамандии ин 3-қисмат бо тарзи зайл сурат мегирад.



Нақшаи 3:.Нақшаи ташаккули вазифаи мотиватсия [7].

Таҳлили нақшаи вазифаи мотиватсия нишон медиҳад, ки ҳар се қисмати он дар зери таъсири омилҳои дохила ва беруна қарор доранд. ҳавасмандие, ки ба муҳити беруна вобастагӣ дорад, - дараҷаи зиндагии мардуми минтақа, ё давлатест, ки ташкилот дар он фаъолият дорад.

Муҳити дохила бошад, ҳолати иқтисодӣ, технологӣ ва квалификатсияи идоракунӣ мебошад.

Он шакли ҳавасмандие, ки бо мотив моҳияти рӯзмарраи якхела дорад, дар якҷоягӣ мотиватсияро ташкил менамояд.

Доираи ҳавасмандӣ ва мотив нисбат ба мотиватсия васеътар мебошанд. ҳавасмандӣ на ҳама вақт ба мотив самаранок таъсир расонида метавонад. Ин ҳолат дар мавридҳои зайл дида мешавад:

- мазмун ва таркиби ҳавасмандӣ ба мотиви талаботи ҳайат мувофиқат намекунад;
- саҳми ҳавасманди на он қадар калон ҳаст, ки ба системаи пайдошудаи мотиви одамон мувофиқат намояд.

Ҳавасмандии ногаҳонӣ, яъне вақти ҳавасмандӣ, ё худ тартиби ҳавасмандӣ ба давраи резмаррагии талабот мувофиқат намекунад.

Дар ин се ҳолат ҳавасмандкунӣ барои коргар бетаъсир мемонад, чунки онҳо қобилияти баланд бардоштани самаранокии меҳнатиро надоранд.

Дар ин ҳолат ҳудуди поёнии ҳавасмандӣ муайян карда мешавад, ки аз поён фаромадани ҳавасмандӣ аллакай дигар тарафи таъсири мусбии худро намеёбад.

Мазмуни ҳавасмандӣ - ҳамаи воситаҳо, арзишҳо ва муносибатҳое мебошад, ки ташкилот ва роҳбарон барои баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳосилнокии меҳнати коргарон доро мебошанд. Ба мазмуни ҳавасмандӣ музди меҳнат, мукофотҳо, имтиёзҳо ҳар гуна раҳматномаҳо, ва нишонаҳои фахрӣ, вазифа додан ва дигар таъсирҳои маънавию рӯҳиро расонидан дохил мешавад.

Хусусияти хоси ташкилии ҳавасманди ҳудуди ҳавасмандкунӣ, вақти ҳавасмандӣ, тарзи ҳавасмандкунӣ, ки ба самаранокии он таъсири худро мерасонад, ба шумор мераванд.

Самаранокии унсури вақти ҳавасмандӣ бо омилҳои зайл алоқаманд мебошанд:

1. Омили давомнокии таъмини талабот ба ҳавасмандӣ равона шудааст. ҳангоме ки таъминоти доимӣ, ё меҳнати дарози таъминоти талабот дида мешавад, вақти ҳавасмандкунӣ он қадар мавқеи муҳим надошта, андозаи он мақоми хоса дорад.

2. Дар шароити барқарор, ё такрори таъминоти талабот, ҳавасмандӣ ба ҳар як давраи худаш бояд мутобиқ бошад. ҳавасмандӣ бояд бо назардошти кори иҷрошуда ва моҳияти талаботи он равона шуда бошад.

3. Талаботе, ки вобаста ба тағйирёбии мавқеи одамон, мисли синну сол, вазифа, тарзи зиндагӣ ба вуҷуд меояд, бояд бо ҳавасмандӣ мутобиқ бошад.

Ҳодисаҳои зарурии ҳаётӣ, ба монанди оиладор шудан, таваллуди фарзанд, тағйири ҷои зист, вазифаи баланд гирифтан, талаботи одамонро ба мотиватсияи нав ва захираҳои зарурӣ зиёд мекунад. Барои идоракунӣ муайян кардани дараҷаи ҳавасмандӣ, ки талаботро қонеъ менамояд, шарти зарурӣ мебошад.

**Муқарриз: Маҳмадуллоев А.С. – д.ф. (Ph.D), дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Озерникова Т. Мотивационное значение заработное платы \\ Служба кадров. – 2002. С. 24.
2. Бобосодикова Г.Б., Дустов Б.Т. Бахши лексияхо аз фанни "Асосхои менечмент". – Душанбе: Ирфон, 2006. - С. 63.
3. Келлер-Пфрундер А. Идуализация экономики персонала // Проблемы теории и практики управления.
4. Оучи У.Г. Методы организации производства: японский и американский подходы. - М.: Экономика, 1993. – С. 311.
5. Цветаев В.М. Управление персоналом. – СПб: Питер, 2002. – С. 126.
6. Веснин В.Р. Менеджмент. 2 – издание. - М., 2005. – С. 144.
7. Ҳабибов М. Менечмент. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 104.

**Literature:**

1. Ozernikova T. Motivational value of wages \\ Personnel service. - 2002. Page 24.
2. Bobosodikova G.B., Dustov B.T. Bakhshi leksiyaho az fanni "Asoskhoi management". - Dushanbe: Irfon, 2006. - Page 63.
3. Keller-Pfrunder A. Idealization of personnel economics // Problems of management theory and practice.
4. Ouchi W.G. Methods of production organization: Japanese and American approaches. - Moscow: Economica, 1993. - Page 311.
5. Tsvetaev V.M. Personnel management. - St. Petersburg: Piter, 2002. - Page 126.
6. Vesnin V.R. Management. 2nd edition. - M., 2005. – P. 144.
7. Khabibov M. Management. – Dushanbe: Irfon, 2006. – P. 104.

## МОҲИЯТ ВА НАҚШИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ (МАТИВАТСИЯИ) ҲАЙАТИ КОРМАНДОНИ ТАШКИЛОТ

Мавзуи мазкур ба таҳлили моҳият, аҳамият ва нақши ҳавасмандгардонии кормандон дар фаъолияти муассир ва устувори ташкилот бахшида шудааст. Дар он масъалаҳои асосии марбут ба навъҳои ҳавасмандгардонӣ, омилҳои дохилӣ ва хориҷии таъсиррасон, инчунин нақши роҳбарият дар ташаккули муҳити мусоиди корбарӣ баррасӣ мегарданд.

Ҳадафи асосии таҳқиқот дарёфти роҳҳо ва механизмҳои самараноки баланд бардоштани сатҳи мотиватсия ва қаноатмандии кормандон мебошад, ки дар натиҷа метавонад ба афзоиши истеҳсолнокии меҳнат ва рушди устувори ташкилот оварда расонад. Дар асоси таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии ташкилотҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳо барои беҳтар кардани низоми ҳавасмандгардонӣ таҳия шудаанд.

Ҳодисаҳои зарурии ҳаётӣ, ба монанди оиладор шудан, таваллуди фарзанд, тағйири ҷои зист, вазифаи баланд гирифтан, талаботи одамонро ба мотиватсияи нав ва захираҳои зарурӣ зиёд мекунад. Барои идоракунӣ муайян кардани дараҷаи ҳавасмандӣ, ки талаботро қонеъ менамояд, шарти зарурӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** ҳавасмандгардонӣ, идоракунӣ, ташкилот, мотиватсия, низом, ҳавасмандӣ, мотив.

## СУТЬ И РОЛЬ МОТИВАЦИИ ПЕРСОНАЛА ОРГАНИЗАЦИИ

Данная тема посвящена анализу сущности, значения и роли мотивации сотрудников в эффективном и устойчивом функционировании организации. В ней

рассматриваются основные вопросы, связанные с видами мотивации, внутренними и внешними факторами влияния, а также ролью менеджмента в создании благоприятной рабочей среды.

Основной целью исследования является поиск эффективных путей и механизмов повышения уровня мотивации и удовлетворенности сотрудников, что в конечном итоге может привести к росту производительности труда и устойчивому развитию организации. На основе теоретических анализов и практического опыта организаций разрабатываются предложения и рекомендации по совершенствованию системы мотивации.

Необходимые жизненные события, такие как вступление в брак, рождение ребенка, переезд или принятие на себя важной роли, увеличивают потребность людей в новой мотивации и необходимых ресурсах. Определение уровня мотивации, удовлетворяющего требованиям, является необходимым условием управления.
**Ключевые слова:** мотивация, управление, организация, система, стимул, мотив.

## THE ESSENCE AND ROLE OF MOTIVATION OF THE ORGANIZATION'S STAFF

This topic is devoted to the analysis of the essence, importance and role of employee motivation in the effective and sustainable functioning of the organization. It discusses the main issues related to the types of motivation, internal and external influencing factors, as well as the role of management in creating a favorable working environment.

The main goal of the study is to find effective ways and mechanisms to increase the level of motivation and satisfaction of employees, which can ultimately lead to increased labor productivity and sustainable development of the organization. Based on theoretical analyses and practical experience of organizations, proposals and recommendations for improving the motivation system are developed.

Necessary life events such as marriage, the birth of a child, moving, or assuming an important role increase people's need for new motivation and the necessary resources. Determining the level of motivation that meets the requirements is a necessary condition for management.
**Key words:** motivation, management, organization, system, incentive, motive.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Каримзода Собир Маҳмадзоир** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 985509958**.** E-mail: haydarovsobirjon89@gmail.com

**Шодизода Амон Шариф –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини декан оид ба корҳои тарбияи факултети иқтисод ва идора, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон:(+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

**Сведения об авторах: Каримзода Собир Махмадзоир** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедрой бухгалтерского

учета и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 985509958. E-mail: haydarovsobirjon89@gmail.com

**Шодизода Амон Шариф –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель декана по учебной работе факультета экономики и управления, доцент кафедры учета и управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Гарм, ул. Э. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

**Information about the authors: Karimzoda Sobir Mahmadzoir** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the department of accaunting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 985509958. E-mail: haydarovsobirjon89@gmail.com

**Shodizoda Amon Sharif –** Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy dean for educational work of the faculty of economics and management, assistant of the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm city, k. E. Muhiddin – 63. Phone: (+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

**ТУД: 336.71**

## НИШОНАҲОИ ХАВФИ МУФЛИСШАВИИ БОНКИ ТИҶОРАТӢ ВА МЕТОДИКАИ ТАҲЛИЛУ БАҲОДИҲИИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Одилов М.А., Қурбонов И.С.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар таҳкурсии баҳодиҳии вазъи молиявии бонк таҳлили молиявӣ меистад, ки пояҳои он усулҳои таҳлили уфуқӣ, амудӣ, коффисиентӣ ва дигар усулҳои таҳлил мебошанд. Ба ҳар ҳол, истифодабарии ҳама боргоҳи усулҳои таҳлили молиявӣ на ҳамеша қарори асоснок мебошад, чунки ин кор бо андозаи назарраси хароҷоти меҳнатӣ ва вақтӣ ҳамрадиф аст ва натиҷаҳои он метавонанд бо ҳам зид бошанд ва баҳои воқеъбинонаи равандҳои дар фаъолияти молиявии бонк ҷоришавандаро кафолат диҳанд.

Истифодабарии яке аз олоти умумие талаб карда мешавад, ки имконият диҳад ба қадри басанда тезтар, аниқтар ва бо масрафҳои начандон зиёд вазъи молиявии бонкро муайян намояд, ки ин тарзи таҳлил – экспресс-таҳлил ном дорад. Бо ин мақсад дар амалияи ҷаҳонии таҳлили молияаӣ амсилаҳои сершумори пешомадбинии муфлисшавии бонк таҳия гардида ва истифода мешаванд.

Муфлисшавӣ – яке аз механизмҳои иқтисоди рушдёфта ва ба таври муътадил амалкунанда мебошад. Аломати муайянкунандаи он – нотавонии бонк барои таъмин намудани уҳдадориҳои кредиторҳо мебошад.

Муфлисшавӣ (нотавонии молиявӣ) гуфта, ҳолати қодир набудани бонк барои дар ҳаҷми пурра қонеъ кардани талабҳои кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва (ё) иҷро кардани уҳдадориҳои пардохтҳои ҳатмӣ, ки суд эътироф кардааст ё бонк худ эълон намудааст, фаҳмида мешавад [1].

Дар расми 1 яке аз тариқаҳои пешомадбинии муфлисшавӣ тасвир гардидааст [2, с. 214].




Расми 1. Амсилаҳои баҳодиҳии эҳтимолияти муфлисшавӣ

Амалия нишон медиҳад, ки аксаран сабабҳои рӯх додани вазъи муфлисшавӣ инҳо мебошанд:

1) Сабабҳои объективӣ – сабабҳое, ки шароитҳои хоҷагидориии бонкро фароҳам овардаанд ва муҳити молиявии берунаи онро муайян намуданд. Масалан, нокомилии системаҳои молиявӣ, пулӣ, қарзӣ, андозӣ, пояҳои меъёрӣ ва қонунгузории ислоҳоти иқтисодиёт, дараҷаи баланди таваррум.

2) Сабабҳои субъективӣ – сабабҳое, ки бевосита ба фаъолияти хоҷагидории бонк мансубанд ва аз ҷониби он муайян карда мешаванд. Масалан, ташхис карда натавонистани муфлисшавӣ, пастшавии ҳаҷмҳои фурӯш аз сабаби омӯзиши бади талабот ба маҳсулоти бонк, набудани шабакаи фурӯши мол ва таблиғ, пастшавии ҳаҷмҳои истеҳсолот, сифат ва нархи маҳсулоти бонк, афзоиши беасоси арзиши аслии маҳсулот ва дигар намудҳои хароҷот ва дар натиҷа, даромаднокии паст, идоракунии бесамари сармояи қарзӣ ва дар умум интихоби нодурусти сиёсати молиявӣ, нархгузорӣ ва инвеститсионӣ.

Барои таъмин намудани пардохттавонӣ ва пешгирӣ намудани муфлисшавӣ ба бонк менеҷменти касбияташ баланд зарур аст, то ки бонкро барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои стратегӣ ва аз вазъияти ногувори молиявӣ баромадан равона карда тавонад. Ҳадафи асосии менеҷменти молиявӣ – таъмин намудани бозоргирии ҷорӣ ва тулонӣ мебошад, ки бо мувофиқакунонии вуруд ва хуруҷи ҷараёнҳои молиявӣ ба даст меоянд [3; 7].

$$\text{вуруди воситаҳои молиявӣ} \geq \text{хуруҷи воситаҳои молиявӣ}.$$

Иҷрошавии шарти бозоргирӣ ҳамҷоя бо баландшавии даромаднокӣ натиҷаҳои молиявии мусбат ва ҳамин тариқа – афзоиши арзиши бонкро таъмин менамояд:

$$\text{Натиҷаи молиявӣ} = \text{вуруди воситаҳои молиявӣ} - \text{хуруҷи воситаҳои молиявӣ}.$$

Вайроншавии мутаносибии молиявӣ, яъне паст шудани даромаднокӣ, бозоргирӣ ва устувории молиявии бонк – ана ҳаминҳо ба пардохтнотавонӣ ва муфлисшавии вай меоваранд.

Бонги асосӣ оид ба наздикшавии муфлисшавӣ - тағйирёбиҳои тез ва муҳим дар сохтори тавозуни муҳосибӣ ва ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва дигар даромади ҷомеъ мебошанд. Дар ҳисоботи молиявии бонк моддаҳое ҳастанд, ки бевосита ба вазъи молиявии ногувори бонк ишорат мекунанд:

- зарарҳо ва баландшавии онҳо;
- қарздории афзуншавандаи муҳлатгузаштаи кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуҳлат;
- афзоиши қарздории дебитории шӯбҳанок ва муҳлатгузашта;
- зиёдшавии ҳиссаи дороиҳои душворфурӯхташаванда ва сустфурӯхташаванда дар сохтори амволи бонк;
- мавҷудият ва афзоиши қарздории кредитории муҳлатгузашта аз рӯи ҳама моддаҳои вай;
- тағйирёбиҳои шадиди моддаҳо дар тавозун (маблағҳо ва ҳиссаҳои онҳо);
- норасогии дороиҳои соф. Агар маблағи дороиҳои соф дар динамика зиёд шавад, вале суръатҳои афзоиши онҳо аз суръатҳои афзоиши таваррум баланд бошанд, пас бонк метавонад аз ҷиҳати молиявӣ устувор ҳисобида шавад. Вазъи мутақобил аз душвориҳои молиявии бонк, косташавии пардохттавонӣ ва пастшавии устувории молиявӣ дарак медиҳад. Дар ҳолате, ки агар бузургии дороиҳои соф манфӣ бошад (зарарҳо аз сармояи худӣ зиёд бошанд), пас бонк муфлиси имконӣ аст.

Нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи аломатҳои муфлисшавии бонк аксаран ба ду гуруҳ ҷудо мешаванд:

1) Нишондиҳандаҳое, ки қиматҳои ғайриқаноатбахши онҳо оид ба вазъи молиявии ҷории ногувор ва эҳтимолияти душвориҳои молиявӣ дарояндаи наздику дур дарак медиҳанд [3, с. 210]:

- талафотҳои муҳими гоҳ-гоҳ такроршаванда ё устувор дар фаъолияти истеҳсолии асосӣ;
- мавҷудияти қарздориҳои кредиторӣ ва дебитории муҳлатгузашта, чун манбаъҳои молиякунонии гузоришҳои дарозмуҳлат истифодабарии аз ҳад зиёди қарзҳои кӯтоҳмуҳлат, афзоиши ҳиссаи воситаҳои қарзӣ дар маблағи умумии манбаъҳои молиявӣ;
- қиматҳои пасти коэффисиентҳои бозоргирӣ;
- норасогии доимии сармояи гардон;
- сиёсати инвеститсионии бесамара;
- истифодабарии таҷҳизоти истеҳсолии кӯҳна ва фарсудашуда;
- вайроншавии муносибатҳои шартномавӣ ҳам бо таъминкунандагони ашёи хом ва маводҳо ва ҳам бо харидорону истеъмолкунандагони маҳсулот ва ғ.

2) Нишондиҳандаҳое, ки қиматҳои ғайриқаноатбахши онҳо оид ба эҳтимолияти тез бадшавии вазъи молиявӣ дар оянда дарак медиҳанд, гарчанде асос намедиҳанд, ки вазъи молиявии ҷории бонк чун ногувор ҳисобида шавад [3; 9]:

- касбияти паст ва (ё) ихтисори шумораи кормандони дастгоҳи идоракунии бонк; бекорхобиҳо, бозистиҳо, вайроншавии раванди технологӣ;
- тағйирдиҳии нобасандаи фаъолият ва манбаъҳои молиявӣ;
- набудани гузоришҳои асосӣ барои навкунии истеҳсолоти худӣ ё норасогии онҳо ва ғ.

Яке аз маҳакҳои асосии муфлисшавӣ ин пардохтнотавонӣ мебошад.

Пардохтнотавонӣ – қодир набудани қарздор барои пурра таъмин намудани талабҳои қарздеҳон оид ба ухдадориҳои пулӣ ва (ё) иҷро кардани уҳдадориҳо оид ба гузаронидани пардохтҳо ба буҷет мебошад.

Пардохтнотавонии мутлақ – ғайриимкон будани барқарорсозии пардохттавонист, ки ба бемаънӣ будани идомадиҳии фаъолияти бонк, яъне муфлисшавӣ меоварад.

Нотавонии молиявии бонк дар чунин шаклҳо баромад карда метавонад:

- "тасодуфӣ" (бетолеъона), яъне на бо айби худи бонк, балки дар оқибати ҳолатҳои номуайяну ғайричашмдошт (масалан, офати табиӣ) ба миён омадааст. Дар ин маврид давлат бояд ба бонкҳо баҳри баромадан аз вазъияти буҳронӣ ёрӣ расонад;

- "дуруғин", яъне дар натиҷаи қасдан ноаён намудани амволи худ бо мақсади канораҷӯӣ кардан аз пардохти қарзҳо ба миён омадааст. Дар ин маврид муфлисшавӣ (сохта, қасдона) метавонад чун ҷиноят ҳисобида шавад;

- "беэҳтиётона", яъне дар оқибати кори бесамара, иҷрои амалиётҳои хавфовар, набудани нақшакашӣ ва пешомадбинии рушди бонк ба миён омадааст. Аксаран "муфлисшавии беэҳтиётона" пай дар пай фаро мерасад. Барои саривақт пешбинӣ ва пешгирӣ кардани вай, лозим аст ки вазъи молиявии бонк мунтазам таҳлил карда шавад ва ҷойҳои "дардманди" он ошкор карда шуда, барои беҳсозии молиявии бонк чораҳои мушаххас дида шаванд.

Дар пешомадбинии муфлисшавӣ метавонанд тарзҳои гуногун истифода шаванд, ки бо корбурди доираи маҳдуди нишондиҳандаҳо ва таҳлили аломатҳо, маҳакҳо ва нишондиҳандаҳои интегралӣ асос меёбанд. Гуногуншаклии нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ, тафовутҳо дар дараҷаи ҳаддҳои гузариши баҳодиҳандаи онҳо, мураккабии баҳодиҳии пардохттавонӣ ва хавфи муфлисшавӣ татбиқ намудани баҳодиҳии интегралии устоувории молиявиро дар асоси истифодабарии таҳлили скорингӣ талаб менамояд [4; 10].

Моҳияти усули скорингӣ ин аст, ки бонкҳо аз рӯи дараҷаи хавф (тавакал) вобаста ба сатҳи воқеии нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ ва мартабаи ҳар як нишондиҳанда, ки бо холҳо дар асоси баҳодиҳиҳои коршиносон ифода ёфтааст, тасниф карда мешаванд. Амсилаи одии скорингии дорои се нишондиҳандаи тавозунӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи хавфи муфлисшавӣ баҳо дода шавад.

**Ҷадвали 1. Амсилаи одии скорингӣ** [4].

| Нишондиҳандаҳо | Сарҳадҳои синфҳо тибқи маҳакҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Синфи 1 | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 | Синфи 5 |
| Даромаднокии маҷмӯи сармоя | 30 ва зиёд<br>50 хол | аз 20 то 30<br>аз 35 то 50 | аз 10 то 20<br>аз 20 то 35 | аз 1 то 10<br>аз 5 то 20 | Кам аз 10 |
| Коэффисиенти бозоргирии ҷорӣ | 2,0 ва зиёд<br>30 хол | 1,77 – 1,99<br>аз 20 то 30 | 1,4 – 1,69<br>Аз 10 то 20 | 1,1 – 1,39<br>1 – 9,9 | 1 ва паст 0 |
| Коэффисиенти мустақилияти молиявӣ | 0,7 ва зиёд<br>20 хол | 0,45 – 0,69<br>аз 10 то 20 | 0,3 – 0,44<br>аз 5 то 9.9 | 0,2 – 0,29<br>1-5 | Кам аз<br>0,20 |
| Сарҳадҳои синфҳо | 100 хол<br>и выше | 65-99 | 35-64 | 634 | 0 |

Синфи (гурӯҳи) 1 – корхонаҳои дорои захираи баланди устувории молиявиро дар бар мегирад, мутлақо қарзбаргардонидатавон;

Синфи 2 – дараҷаи хавфи қарздории корхонаҳо чун хавфнок баррасӣ

намешавад;

Синфи 3 – корхонаҳое, ки проблемаҳои зиёд доранд ва ин проблемаҳо бо вайроншавии интизоми молиявӣ, пастшавии сатҳи даромаднокӣ алоқамананданд;

Синфи 4 – корхонаҳоеро дар бар мегирад, ки дорои хавфи баланди муфлисшавӣ, косташавии муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ мебошанд. Тадбирҳо доир ба табобатсозии вазъи моляивӣ натиҷаҳои мусбат намедиҳанд;

Синфи 5 – корхонаҳои муфлис, ки дахолати суди иқтисодӣ (арбитраж) талаб карда мешавад. Дар ин маврид амалҳои барҳамдиҳӣ ба қатъгардииифаъолияти корхона меоваранд, амалҳои азнавташкилдиҳӣ чун барқарорсозии пардохттавонии қарздорро дар назар доранд.

Илми иқтисодии муосир дар боргоҳи худ миқдори зиёди тарзу қоидаҳо ва усулҳои пешомадбинии нишондиҳандаҳои молиявиро баро баҳодиҳии эҳтимолияти муфлисшавӣ дорад. Асарҳои Э. Алтман дар истифодабарии коэффисиентҳои таҳлили бештар маъмул гардидаанд. Вай методикаи ҳисобкунии индекси қарзбаргардонитавониро бо ёрии дастгоҳи таҳлили бисёрмаҷмӯии дискриминантӣ таҳия намудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки бонкҳо ба намудҳои муфлисии имконӣ ва ғайримуфлис ҷудо карда шаванд. Алтман 66 корхонаи соҳаи саноатро таҳқиқ намуд, ки нисфи онҳо дар давраи солҳои 1946-1965 муфлис шудаанд, нисфи дигарашон бомуваффақият фаъолият намудаанд, 22 коэффисиенти таҳлилиро таҳқиқ намудааст. Индекси Алтман ин функсия аз чанде нишондиҳандаҳо мебошад, ки иқтидори иқтисодии корхона ва натиҷаҳои кори онро дар давраи пешин тавсиф медиҳад. Индекси қарзбаргардонитавонии Алтман (Z) чунин намуд дорад [5, с. 112]:

$$Z = 3{,}3 \times K1 + 1{,}0 \times K2 + 0{,}6 \times K3 + 1{,}4 \times K4 + 1{,}2 \times K5$$

ки дар ин ҷо нишондиҳандаҳои К1, К2, К3, К4, К5 бо чунин тарзҳо ҳисоб карда мешаванд:

К1 = Фоида то пардохти фоизҳо ва андозҳо / ҳама дороиҳо;

К2 = Маблағи фурӯш / ҳама дороиҳо;

К3 = Сармояи худӣ / сармояи ҷалбгардида;

К4 = Фоидаи тақсимнашуда / ҳама дороиҳо;

К5 = Сармояи гардони соф / ҳама дороиҳо.

Қимати ниҳойии индекси Алтман 2,675-ро ташкил дод, ки ин имкон медиҳад сарҳади байни корхонаҳои ба қадри кифоя устувор (Z > 2,675) ва корхонаҳои муфлис (Z < 2,675) ҷудо карда шавад.

Дар ҳар як мамлакат коэффисиентҳои худ таҳия карда мешаванд, ки имкон медиҳанд, то хавфи муфлисшавии бонкҳо муайян карда шавад.

Муфлисшавӣ оқибати номутаносибиҳои механизми иқтисодии такрористеҳсолкунии сармояи бонк, натиҷаи сиёсати нодуруст ва бесамарари амалиётӣ, инвеститсионӣ ва молиявии он мебошад. Муфлисшавии оммавии бонкҳои тиҷоратӣ оқибатҳои ногувори иҷтимоӣ дошта метавонад, аз ин хотир, дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бозорӣ механизмаи муайяни пешгирӣ намудан ва ҳимояи бонкҳои тиҷоратӣ аз маҳвшавии пурра таҳия карда мешавад. Ба унсурҳои асосии ин механизм, ғайр аз тадбирҳои дастгирии молиявии давлати бонкҳои пардохтнотавон, маблағгузории чорабиниҳои азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳӣ, ҳимояи иқтисодии манфиатҳои ҳама иштирокдорони раванди муфлисшавӣ, инчунин танзимкунии қонунии муфлисшавӣ ва таъминоти меъёрӣ-методии қабули қарорҳо доир ба нотавонии молиявӣ (муфлисшавӣ)-и бонкҳо мансуб мебошанд.

Иқтисоди бозорӣ дар худ механизмҳои гуногуни худназораткунӣ ва баландбардории самаранокии худи бонкҳоро дорад. Яке аз чунин механизмҳо расмиёти муфлисшавӣ мебошад, ки вазифаи муҳими ҷамъиятиро иҷро менамояд, чунки вай, пеш аз ҳама, иқтисодиёти мамлакатро аз субъектҳои хоҷагидории бедаромад халос менамояд, идоракунандагони номуносибро хориҷ менамояд, иштирокчиёни фаъоли бозорро ҳавасманд намуда, бо ҳамин ба самаранокии иқтисодиёт ба таври ғайримустақимона таъсир мерасонад.

Дар давоми муддати тӯлонии ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакат, инчунин дар рафти амалияи ҷаҳонӣ маълум шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунгузории мукаммали танзимкунандаи раванди муфлисшавӣ муҳтоҷ аст, чунки муфлисшавӣ олоти муҳими рушди иқтисодиёт ва ташаббусҳои нав мебошад.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва қонунҳое амал мекунанд, ки раванди ташхиси муфлисшавӣ, муфлисшавӣ ва оқибатҳои молиявиву ҳуқуқии онро танзим мекунанд.

Яке аз ҷиҳатҳои асосӣ ҳангоми таҳлили пардохтнотавонии бонк ин муқаррар намудани сохтори номуносиби ҳисобот оид ба вазъи молиявии бонк (тавозуни муҳосибӣ) мебошад. Таҳлил ва баҳодиҳии сохтори тавозуни муҳосибӣ дар асоси коэффисиенти бозоргирии ҷорӣ ($К_{БҶ}$) ва коэффисиенти таъминнокӣ бо воситаҳои гардони худӣ ($К_{ТВГХ}$) ба ҷо оварда мешавад [3, с. 211].

Масъалаи таҳлили бозоргирӣ ва пардохттавонӣ дар рафти таҳлили вазъи молиявии бонк вобаста ба зарурати баҳодиҳии қарзбаргардонидатавонии бонк, яъне тавоноии бонк барои саривақт ва пурра ҳисоббаробаркунӣ намудан бо тамоми кредиторон ба миён меояд.

Бозоргирӣ – ин тавоноии сарватҳои бонк барои ба пул табдил ёфтан мебошад. Пулҳо воситаҳои аз ҳама бозоргиртарин мебошанд. Мафҳуми бозоргирӣ ҳамеша бо мафҳуми вақт дар муносибат қарор дорад. Бозоргирӣ ва вақт – нишондиҳандаҳои ба ҳам зид мебошанд. Ҳар чӣ қадаре дороӣ бозоргиртар бошад, барои фурӯхтани вай вақти камтар зарур аст [6; 8]. Бозоргирӣ инчунин маблағеро муайян мекунад, ки ҳангоми фурӯхтани дороӣ ба даст оварда мешавад, яъне, ҳар қадаре дороӣ бозоргиртар бошад, нархи вай ҳамон қадар баланд аст. Лекин баъзан ҳолатҳое дучор мешаванд, ки ба таври фаврӣ ба даст овардани пул зарур аст, масалан, барои хариди чизе, ҳал намудани мушкилие, ё гузориш намудан ба тиҷорати фоиданоке. Пас хӯбтар он аст, ки дороӣ бо нархи арзонтар ва тезтар фурӯхта шавад. Дар ин маврид соҳиби дороӣ (фурӯшанда) аз ҳисоби вақт бурд мекунад.

Бозоргирии корхона – тавоноии ба пул мубаддал гардонидани дороиҳои он барои иҷро намудани ҳама пардохтҳои зарурӣ бо мурури расидани мавридашон мебошад.

Бозоргирии тавозун ҳамчун дараҷаи пӯшонидани ухдадориҳои корхона бо дороиҳое фаҳмида мешавад, ки муҳлати ба пул мубаддал гаштанашон ба муҳлати баргардонидани ухдадориҳо рост меояд. Аз ин хотир, бозоргирии тавозун дар натиҷаи муқоисакунии маблағи қарздорӣ дар лаҳзаи пӯшонидани вай ва андозаи дороие баҳо дода мешавад, ки дар лаҳзаи баргардонидани қарз шакли пулӣ (ҳисобикунӣ, воситаи пардохт)-ро мегирад [3, с. 61].

Аз дараҷаи бозоргирии тавозун пардохттавонии бонк вобаста мебошад. Ҳамзамон бозоргирӣ ҳам вазъи ҷорӣ ва ҳам вазъи ояндаи ҳисобикуниҳоро васф мекунад. Бозоргирии тавозун асоси пардохттавонӣ ва бозоргирии бонк мебошад. Бозоргирӣ – ин тарзи нигоҳдории пардохттавонӣ аст.

Пардохттавонии бонк ҳамчун нишондиҳандаи берунии устувории молиявӣ баромад мекунад. Вай имконияти пӯшонидани ҳама уҳдадориҳои беруниро бо мурури расидани муҳлатҳои баргардонидани онҳо, тавонойии интизории дар ниҳоят баргардонидани қарздорӣ мебошад. Пардохттавонӣ дар бонк мавҷуд будани воситаҳои пулӣ ва муродифҳои онҳоро, ки барои пӯшонидани қарздориҳои кредитории фавран баргардонидашаванда басандаанд, ифода мекунад.

Пардохттавонӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини натиҷанокии фаъолияти бонк мебошад. Вай муносибатҳои байниҳамдигарии бонкро бо шарикон, бонкҳо, буҷети давлат муайян менамояд. Нишондиҳандаҳои пардохттавонӣ дар баҳодиҳии вазъи молиявии бонк ниҳоят муҳим мебошанд.

Таҳлили бозоргирии тавозун чун муқоиса намудани дороиҳои вобаста ба дараҷаи бозоргириашон гуруҳбандишуда ва бо тартиби пастшавии бозоргириашон ҷойгиркардашуда бо уҳдадориҳои вобаста ба муҳлатҳои пӯшониданашон гуруҳбандишуда ва бо тартиби афзоиши муҳлаташон ҷойгиркардашуда фаҳмида мешавад.

Бо мақсади ба ҷо овардани таҳлили бозоргирии тавозун ҳама дороиҳои бонк вобаста аз дараҷаи бозоргирӣ ва уҳдадориҳои корхона вобаста аз муҳлати пардохташон ба чор синф ҷудо карда мешаванд (ҷадвалҳои 2 ва 3).

Ҷадвали 2. Таснифи дороиҳои корхона вобаста ба дараҷаи бозоргирӣ

| Ифода | Синфи дороиҳо |
|---|---|
| $Д_1$ | Дороиҳои бозоргиртарин:<br>воситаҳои пулӣ ва муродифҳои онҳо (сатрҳои 010, 020); инвеститсияҳои кӯтоҳмуҳлат (030) |
| $Д_2$ | Дороиҳои бозоргириашон зуд:<br>қарздории дебитории ҷорӣ (040, 050); қарздории муассисон (иштирокчиён) аз рӯи саҳмҳо ба сармояи ойинномавӣ (060) |
| $Д_3$ | Дороиҳои бозоргириашон суст:<br>дороиҳои гардони моддӣ (070, 090); хароҷоти пешпардохтшуда (080) |
| $Д_4$ | Дороиҳои бозоргириашон душвор:<br>ҳама дороиҳои барои истифодаи тулонӣ бадастовардашуда (100, 130, 140, 150, 160, 170); қарздории дебитории ғайриҷорӣ (180) |

Ҷадвали 3. Таснифи уҳдадориҳо (ва сармоя) вобаста ба муҳлати баргардонидан

| Ифода | Синфи дороиҳо ва сармоя |
|---|---|
| $У_1$ | Уҳдадориҳои муҳлаташон зудтарин:<br>қарздории кредиторӣ (200); |
| $У_2$ | Уҳдадориҳои ҷорӣ:<br>уҳдадориҳои ҷории қарзӣ (210); уҳдадориҳои ҷории ҳисобузамшуда (220); андозҳо барои пардохт (230); захираҳои хароҷот ва пардохтҳои дарпешбуда (240); дигар уҳдадориҳои ҷорӣ (250) |
| $У_3$ | Уҳдадориҳои ғайриҷорӣ:<br>уҳдадориҳои дарозмуҳлат (260); даромадҳои мавқуфгузошташуда (270); андозҳои мавқуфгузошташуда (280) |
| $У_4$ | Уҳдадориҳои доимӣ:<br>сармояи худӣ (300, 310, 320, 330, 340) |

Барои муайян намудани бозоргирии тавозун натиҷаҳои синфҳои овардашудаи дороиҳо ва уҳдадориҳо муқоиса карда мешаванд. Тавозун он гаҳе мутлақо бозоргир аст, ки нобаробариҳои дар ҷадвали 4 овардашуда иҷро гарданд.

Ҷадвали 4. Шартҳои бозоргирии тавозуни корхона

| Дороиҳо | Муқоиса | Уҳдадориҳо |
|---|---|---|
| $Д_1$ | ≥ | $У_1$ |
| $Д_2$ | ≥ | $У_2$ |
| $Д_3$ | ≥ | $У_3$ |
| $Д_4$ | ≤ | $У_4$ |

Агар се шарти аввалӣ иҷро шаванд, яъне дороиҳои ҷорӣ аз уҳдадориҳои берунии бонк зиёд бошанд, пас ҳатман шарти охирин низ иҷро мешавад. Шарти охирин хислати тавозункунандагӣ дошта, дарак медиҳад, ки шарти ҳадди ақали устувории молиявӣ – дорои воситаҳои гардони худӣ будани бонк, риоя шудааст.

Риоя нашудани яке аз се нобаробарии аввалӣ аз он дарак медиҳд, ки бозоргирии тавозун бо ягон дараҷае аз бозоргирии мутлақ фарқ мекунад. Бо ёрии таҳлили бозоргирии тавозун баҳодиҳии тағйирёбии вазъи молиявии бонк аз диди бозоргирӣ ба ҷо оварда мешавад. Сохтори тавозуни бонк он гаҳе ғайриқаноатбахш ва худи бонк пардохтнотавон ҳисобида мешавад, ки агар яке аз ин ду шартҳо иҷро шавад:

1) коэффисиенти бозоргирии ҷорӣ дар охири давраи ҳисоботӣ қимати камтар аз 2 дошта бошад;

2) коэффисиенти таъминнокӣ бо воситаҳои гардони худӣ қимати аз 0,1 кам дошта бошад.

Ин нишондиҳандаҳо бояд ҳам барои семоҳаҳо ва ҳам ба таври фаврӣ ҳисоб карда шаванд. Ҳангоми ғайриқаноатбахш будани сохтори тавозун барои санҷиши имконияти воқеъии барқароршавии пардохттавонии бонк коэффисиенти барқароршавии пардохттавонӣ ($К_{барқ}$) дар муҳлати 6 моҳ ин тавр ҳисоб карда мешавад [3, с. 211]:

$$К_{барқ} = \frac{К_{БҶ_1} + 6{:}\,Т(К_{БҶ_1} - К_{БҶ_0})}{2},$$

дар ин ҷо: $К_{БҶ_1}, К_{БҶ_0}$ – қиматҳои воқеъии коэффисиенти бозоргирии ҷорӣ мувофиқан дар охир ва дар аввали давраи ҳисоботӣ; 6 – давраи барқароркунии пардохттавонӣ, моҳ; Т – давраи ҳисоботӣ, моҳ; 2 - қимати меъёрии коэффисиенти бозоргирии ҷорӣ, моҳ.

Агар қимати коэффисиенти барқароршавӣ аз 1 кам бошад, пас бонк дар муддаи 6 моҳи минбаъда дар мавриди бетағйирии шароитҳои фаъолият имконияти барқароркунии пардохттавониро надорад. Агар қимати коэффисиенти барқароршавӣ аз 1 калон бошад, пас бонк имконияти воқеъиро барои барқарор намудани пардохттавонии худ дорад.

Ҳангоми сохтори қаноатбахши тавозун (коэффисиенти бозоргири ҷорӣ аз 2 калон ва коэффисиенти таъминнокӣ бо воситаҳои гардони худӣ аз 0,1 калон будан) барои санҷиши устувории вазъи молиявии бонк коэффисиенти талафёбии пардохттавонӣ ($К_{талаф}$) дар муҳлати 3 моҳ ин тавр ҳисоб карда мешавад:

$$К_{талаф} = \frac{К_{БҶ_1} + 3{:}\,Т(К_{БҶ_1} - К_{БҶ_0})}{2},$$

дар ин ҷо: 3 – давраи ҳисоботӣ, моҳ.

Агар қимати коэффисиенти талафёбии пардохттавонӣ аз 1 калон бошад, вай дарак медиҳад, ки қорхона дар муддати се моҳи минбаъда имконияти воқеъии

талаф надодани пардохттавонии худро дорад. Агар коэффисиенти талафёбӣ қимати аз 1 паст дошта бошад, пас бонк дар муддати се моҳи минбаъда дар мавриди бетағйир мондани шароитҳои фаъолияти худ метавонад пардохттавониашро талаф диҳад. Коэффисиенти барқароркунӣ (талафёбӣ)-и пардохттавониро метавон чун муайянкунанда ҳангоми пешомадбинии муфлисшавӣ истифода бурд.

Баҳои умумии пардохттавонӣ бо ёрии коэффисиенти бозоргирии ҷорӣ дода мешавад, ки коэффисиенти пӯшониш низ номида мешавад. *Коэффисиенти бозоргирии ҷорӣ* бо таносуби ҳама дороиҳои ҷорӣ бар ҳама уҳдадориҳои ҷорӣ муайян карда мешавад [31, с. 67]:

$$К_{БҶ} = \frac{\text{сатри 099}}{\text{сатри 259}} \quad \text{ё} \quad К_{БҶ} = \frac{Д_1 + Д_2 + Д_3}{У_1 + У_2}.$$

Вай имконият медиҳад муқаррар карда шавад, ки дороиҳои гардон уҳдадориҳои ҷориро бо чанд карат мепӯшонанд. Ҳар қадаре бузургии дороиҳои ҷорӣ нисбат ба уҳдадориҳои ҷорӣ зиёд бошад, ҳамон қадар метавон зиёдтар боварӣ дошт, ки уҳдадориҳои ҷории мавҷудбуда аз ҳисоби дороиҳои ҷории доштаи бонк пӯшонида мешаванд. Ин коэффисиент имкониятҳои пардохттавонии бонкро дар шароитҳои ҳисобикуниҳои саривақтӣ бо дебиторон, фурӯши мусоиди маҳсулоти тайёр ва ҳангоми зарурат – фурӯши захираҳои моливу моддӣ, нишон медиҳад. Вай тавонойии имконии бонкро барои ҳисобӣ кардани қарздориҳои кӯтоҳмуҳлат муайян менамояд.

Маънии иқтисодии коэффисиенти бозоргирии ҷорӣ дар он ифода меёбад, ки бонк бояд на фақат ҳама қарздориҳои ҷории худро бо ёрии дороиҳои гардон пӯшонад, балки инчунин барои идома додани фаъолияти ҷории худ захираи воситаҳои гардонро дошта бошад.

Барзиёдии дороиҳои гардон нисбат ба уҳдадориҳои ҷорӣ аз ду маротиба зиёдтар дарак аз он медиҳад, ки бонк андозаи назарраси сарватҳои озоди аз манбаъҳои худӣ бунёдшударо дорад. Чунин вазъ барои қарздеҳон ниҳоят гуворо аст. Вале аз диди самаранокии фаъолияти бонк чунин ҳолат аз ғуншавии беасоси захираҳо, дуршавии воситаҳо аз гардиш ва ба қарздории дебиторӣ гузаштани онҳо гувоҳӣ медиҳад.

Қимати муътадили ин коэффисиент дар ҳудуди 1-2 буда, қимати беҳтарин 2 мебошад. Ҳудуди поёнии коэффисиенти бозоргирии ҷорӣ (1) ҳаминро мефаҳмонад, ки дороиҳои гардон бо уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат баробаранд. Мунтазам пастшавии коэффисиенти мазкур аз афзоиши хавфи пардохтнотавонӣ дарак медиҳад.

Коэффисиенти бозоргирии зуд (ё пӯшониши фосилавӣ) чун таносуби воситаҳои пулӣ, инвеститсияҳои ҷорӣ ва қарздории дебитории ҷорӣ бар уҳдадориҳои ҷорӣ ҳисоб карда мешавад [3, с. 71]:

$$К_{БЗ} = \frac{с.010 + с.020 + с.030 + с.040 + с.050}{с.259} \quad \text{ё} \quad К_{БЗ} = \frac{Д_1 + Д_2}{У_1 + У_2}.$$

Ин коэффисиент нишон медиҳад, ки кадом ҳиссаи уҳдадориҳои ҷории бонк метавонад аз ҳисоби пули нақд, воридшавиҳои интизории маблағҳо аз маҳсулоту молҳои ба харидорон равонкардашуда (боркардашуда), кор ва хизматрасониҳои иҷрошуда пӯшонида шавад.

Коэффисиенти бозоргирии зуд тавонойии пардохткунии пешомадбинишавандаи бонкро дар шароити саривақт баҷоории ҳисобикуниҳо бо

дебиторон ифода менамояд. Қиматҳои муътадили ин нишондиҳанда дар ҳудуди 0,5-1,0 қарор доранд.

Коэффисиенти бозоргирии мутлақ чун таносуби воситаҳои пулӣ ва инвеститсияҳои ҷорӣ бар уҳдадориҳои ҷорӣ ҳисоб карда мешавад:

$$К_{БМ} = \frac{с.010 + с.020 + с.030}{сатри\ 259} \quad ё \quad К_{БМ} = \frac{Д_1}{У_1 + У_2}.$$

Коэффисиенти бозоргирии мутлақ нишон медиҳад, ки бонк кадом ҳиссаи қарздории ҷории худро метавонад дар муддати наздиктарини вақт пӯшонад. Бузургии вай дар байни 0,1-0,7 қарор дошта, аз тобеъияти соҳавии бонк вобаста аст. Қимати муътадили ин коэффисиент дар ҳудуди 0,2-0,4 мебошад. Ҳар қадаре қимати коэффисиенти бозоргирии мутлақ калон бошад, пардохттавонии бонк хубтар аст. Аз ҷониби дигар, қимати баланди вай аз сохтори костаи сармоя, аз сатҳи баланди дороиҳои дар намуди воситаҳои пулӣ бекорхобида дарак медиҳад.

Коэффисиенти бозоргирии оҷилӣ барои санаи мушаххас вобаста аз мавҷудияти пулҳои накд (дар хазина ва дар ҳисобҳо) муайян карда мешавад:

$$К_{БО} = \frac{Д_1 - с.030}{У_1 + У_2} \quad ё \quad К_{БО} = \frac{с.010 + с.020}{с.259}.$$

Коэффисиенти бозоргирии оҷилӣ нишон медиҳад, ки бонк кадом ҳиссаи қарздории ҷории худро оҷилан пӯшонида метавонад.

Нишондиҳандаи умумии пардохттавонии тавозун – коэффисиенти пардохттавонии умумӣ, ки барои истифода дар баҳодиҳии умумии бозоргирии тавозун тавсия дода мешавад, таносуби ҳама воситаҳои бозоргири бонкро бар маблағи ҳамаи уҳдадориҳои ҷорӣ ва ғайриҷорӣ нишон медиҳад:

$$К_{ПУ} = \frac{Д_1 + 0{,}5Д_2 + 0{,}3Д_3}{У_1 + 0{,}5У_2 + 0{,}3У_3}.$$

Қимати ин нишондиҳанда бояд баробари 1 ё аз 1 калон бошад. Бо ёрии вай баҳодиҳии тағйиротҳои вазъи молиявӣ дар бонк аз диди бозоргирӣ ба ҷо оварда мешавад. Ин нишондиҳанда инчунин барои интихоб намудани шарики эътимодноктар аз маҷмӯи имконии шарикон дар асоси таҳлили ҳисоботҳои онҳо истифода мешавад.

**Муқарриз: Маҳмадуллоев А.С. – д.ф. (Ph.D), дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ”, аз 8 декабри соли 2003, №46. – http:mmk.tj.

2. Донцова Л.В., Никифорова Н.А. Анализ финансовой отчетности: Учебное пособие. – 5-е издание. – М.: Дело и сервис, 2006. – 336 с.

3. Ойев Н.А., Бобиев И.А., Алиев О.М., Каримов Б.Ҳ. Таҳлили ҳисоботи молиявӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе, Ирфон, 2015 – 220 с.

4. Гребенщикова Е.В. Механизм обеспечения финансовой устойчивости предприятия // Латвия экономист. - Рига, 2012. - № 9. – С. 20-24.

5. Балабанов И.Т. Финансовый менеджмент: учебник для вузов. / И. Т. Балабанов; - М.: Финансы и статистика, 2010. – 224 с.

6. Махшулов, С.Ҷ. Идора кардани хавфи бонкӣ : Китоби дарсӣ / С. Ҷ. Махшулов, Н. Ашуров, Б. Б. Хоҷаев. – Душанбе : Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2024. – 196 с.

7. Миршарифзода, Э.Қ. Асосҳои истеҳсолот: Воситаи таълимӣ / Э.Қ. Миршарифзода, Ҳ.Ҷ. Давлатов, С.С. Сайдалиев, А.С. Маҳмадуллоев. – Рашт: ҶДММ "Ашуриён", 2025. – 114 с.

8. Миршарипов, Э.Қ. Афзалияти ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷи дуру наздик / Э.Қ. Миршарипов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. – №2 (2). – С. 85-94.

9. Ниезов, М. А. Нақши қарзҳои бонкӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва саноат дар минтақаи Рашт / М. А. Ниезов, Э. Қ. Миршарипов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №3 (68). – С. 48-55.

10. Хайрзода, Ш.Қ. Арзёбии хавфҳои муосири бонкӣ ва таъсири онҳо ба сифати дороиҳо / Ш. Қ. Хайрзода, И. Қ. Аҳадов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №1 (35). – С. 21-30.

**Literature:**

1. Law of the Republic of Tajikistan “On Bankruptcy”, dated December 8, 2003, No. 46. – http:mmk.tj.

2. Dontsova L.V., Nikiforova N.A. Analysis of financial statements: Textbook. - 5th edition. - M.: Business and service, 2006. - 336 p.

3. Oyev N.A., Bobiev I.A., Aliyev O.M., Karimov B.Kh. Financial stability of the enterprise. - Dushanbe, Irfon, 2015 - 220 p.

4. Grebenshchikova E.V. Mechanism for ensuring financial stability of the enterprise // Latvia economist. - Riga, 2012. - No. 9. - P. 20-24.

5. Balabanov I.T. Financial management: a textbook for universities. / I. T. Balabanov; - M.: Finance and statistics, 2010. – 224 p.

6. Makhshulov, S.J. Managing banking risk: Textbook / S. J. Makhshulov, N. Ashurov, B. B. Khojaev. – Dushanbe: Tajik State University of Finance and Economics, 2024. – 196 p.

7. Mirsharifzoda, E.Q. Fundamentals of production: Educational tool / E.Q. Mirsharifzoda, H.J. Davlatov, S.S. Saidaliev, A.S. Makhmadulloev. – Rasht: LLC "Ashuriyon", 2025. – 114 p.

8. Mirsharipov, E. Q. The priority of economic integration of Tajikistan with foreign countries / E. Q. Mirsharipov // Message of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. – 2020. – №2 (2). – P. 85-94.

9. Niezov, M. A. The role of bank loans in the development of industrial entrepreneurship and industry in the Rasht region / M. A. Niezov, E. Q. Mirsharipov // State management. – 2024. – №3 (68). – P. 48-55.

10. Khairzoda, Sh.K. Assessment of modern banking risks and their impact on the quality of assets / Sh. K. Khairzoda, I. K. Akhadov // Message of finance and economics. – 2023. – №1 (35). – P. 21-30.

## НИШОНАҲОИ ХАВФИ МУФЛИСШАВИИ БОНКИ ТИҶОРАТӢ ВА МЕТОДИКАИ ТАҲЛИЛУ БАҲОДИҲИИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Яке аз масъалаҳои афзалиятноки иқтисодиёти воқеӣ ин саривақт муайян намудани пардохтнотавонии бонкҳои тиҷоратӣ, пешомадбинии фаъолияти молиявии онҳо дарояндаи кӯтоҳмуддат бо мақсади гузаронидани саривақтии чорабиниҳо доир ба беҳгардонии вазъи молиявӣ мебошад. Саривақт ошкор намудани хавфи муфлисшавии бонкҳои тиҷоратӣ, таснифи бонкҳои тиҷоратӣ вобаста ба дараҷаи устувории молиявӣ, пардохтнотавонӣ ва ба ҷо овардани чорабиниҳо доир ба беҳгардонии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи

бухрони молиявӣ ба доираи фаъолияти менеҷменти молиявӣ ва муҳосиботи бонкҳои тиҷоратӣ бо роҳбарии сармуҳосиб мансуб мебошад. Муаллифон дар мақолаи худ тамоми ҷанбаҳои муфлисшавиро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода вобаста ба синфҳо дараҷаи пардохтаониро ошкор намудаанд ва дар асоси таҳқиқоти худ як қатор пшниҳодҳои муфид манзур сохтаанд.

**Калидвожаҳо:** муфлисшавӣ, пардохтавонӣ, устувории молиявӣ, вазъи молиявӣ, бозоргирӣ, дороиҳои гардон, хавфи муфлисшавӣ.

## ПОКАЗАТЕЛИ РИСКА БАНКРОТСТВА КОММЕРЧЕСКОГО БАНКА И МЕТОДЫ ЕГО АНАЛИЗА И ОЦЕНКИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Одним из приоритетных вопросов реальной экономики является своевременное выявление неплатежеспособности коммерческих банков, прогнозирование их финансовой деятельности на краткосрочную перспективу с целью принятия своевременных мер по улучшению финансового положения. Своевременное выявление риска банкротства коммерческих банков, классификация коммерческих банков в зависимости от степени финансовой устойчивости, неплатежеспособности и реализация мер по улучшению финансового положения коммерческих банков в период финансового кризиса входят в сферу деятельности финансового управления и учета коммерческих банков под руководством главного бухгалтера. В своей статье авторы изучили и рассмотрели все аспекты банкротства, выявили уровень платежеспособности в зависимости от классов и на основе своих исследований дали ряд полезных рекомендаций.

**Ключевые слова:** банкротство, платежеспособность, финансовая устойчивость, финансовое состояние, товарность, текущие активы, риск банкротства.

## INDICATORS OF BANKRUPTCY RISK OF A COMMERCIAL BANK AND METHODS OF ITS ANALYSIS AND ASSESSMENT IN MODERN CONDITIONS

One of the priority issues of the real economy is the timely detection of insolvency of commercial banks, forecasting their financial activities in the short term in order to take timely measures to improve the financial situation. Timely detection of the risk of bankruptcy of commercial banks, classification of commercial banks depending on the degree of financial stability, insolvency and implementation of measures to improve the financial position of commercial banks during the financial crisis are included in the scope of activities of financial management and accounting of commercial banks under the supervision of the chief accountant. In their article, the authors studied and considered all aspects of bankruptcy, identified the level of solvency depending on the classes and, based on their research, gave a number of useful recommendations.

**Key words:** bankruptcy, solvency, financial stability, financial condition, marketability, current assets, bankruptcy risk.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Одилов Мансурҷон Алимаҳмадович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 985636750.

**Қурбонов Идибек Саидмуродович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 933031904.

**Сведения об авторах: Одилов Мансурджон Алимахмадович –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры бухгалтерского учета и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 985636750.

**Курбонов Идибек Саидмуродович –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры бухгалтерского учета и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 933031904.

**Information about authers: Odilov Mansurjon Alimahmadovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the accounting and management department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin-63 street. Phone: (+992) 985636750.

**Qurbonov Idibek Saidmurodovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the accounting and management department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin-63 street. Phone: (+992) 933031904.

**ТДУ: 332.14**

# ТАВСИФИ МЕТОДИИ АРЗЁБИИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАҲО

**Аминов Ҳ.Н.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Арзёбии категорияи иқтисодии дилхоҳ, хосатан соҳаи идоракунӣ равиши методии муайянро тақозо мекунад, ки бояд ба мундариҷаи фаҳмиш ё соҳаи фаъолият мутобиқат намояд. Бинобар ин, барои арзёбии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ба низом даровардани усулҳои арзёбӣ ва таҳқиқи ҷанбаҳои мусбату манфии онҳо зарур мебошад.

Таҳқиқи арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ҳамзамон имкон медиҳад вазъи идоракунии давлатии рушди минтақа дақиқан муайян карда, баҳри такмили механизми ин соҳаи фаъолияти давлатӣ тадбирҳо андешида шаванд. Аз ин лиҳоз, баррасӣ ва омӯзиши усулҳои арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар шароити муосири тараққиёти иқтисодиёти миллии Тоҷикистон арзиши баланди илмию амалӣ дорад. Таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ ва меъёрҳои қабулнамудаи мақомоти давлатӣ тарз ва усулҳои гуногуни арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаро дар бар мегирад.

Арзёбии вазъи иҷтимоию иқтисодии низоми дилхоҳи иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ метавонад ба равишҳои методологии мухталифи шартӣ асос ёбад. Яъне, дар арзёбии ин низом равишҳои методологии мухталиф истифода мегарданд, ки метавонанд ё ҳолати дилхоҳ ва ё воқеиро нишон диҳанд. Равиши "дилхоҳ" бо он асос меёбад, ки ҳолати дилхоҳи низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа дараҷаи ҳадди аксари амалӣ шудани кулли функсияҳои рушди минтақаро ба мадди назар мегирад. Вале ҳолати воқеӣ бошад метавонад ҳамчун натиҷаи дур шудан аз вазъи дилхоҳ ё меъёрӣ арзёбӣ гардад.

Равиши дигари арзёбӣ ба интихоби яке аз ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ба монанди хоҷагидорӣ (соҳибкорӣ), иҷтимоӣ, экологӣ ва ғайраҳо

асос ёфта, амалигардонии ҳадафҳои дигар рушд бошад вобаста аз самти асосии интихобшуда муайян мегардад. Яъне ин равиш вобаста аз он, ки предмети таҳқиқ ба кадом самти тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст, истифода мешавад. Ин равишро бархе аз муҳаққиқон чун воситаи пешгирии зиддиятҳое истифода мебаранд, ки дар раванди амалигардонии ҳадафҳои рушди минтақа дар самтҳои мухталиф ба вуҷуд меоянд.

Ҳамчун усули пешгирии мухолифат байни вазифаҳои низоми иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ шарти Парето истифода мегардад. Дар таҳқиқоти олимони тоҷик аз ҷумла Каримов Р.А. [7], Маъмуров А.М. [10], Яъқубзода М.С. [16], Ҳусайнов М.С. [15], Темиров К.О [12], Бобоҷонов Д.Р. [2], Охунова Д.Ӯ. [6], Раҳимова Н.Ш. [11] ва дигарон барои арзёбии самаранокии фаъолияти баъзе аз мақомоту ташкилот, сиёсати буҷету андоз, ҷаззобияти сармоягузорӣ, сиёсати аграрӣ ҷузъиёти усули шарти Парето баррасӣ мегардад. Натиҷаи таҳқиқи онҳо барои арзёбии фаъолияти мақомоти давлатии ваколатдори соҳаҳо ва ташкилоти соҳаи муайян муфид мебошанд. Набояд фаромӯш кунем, ки дар ҳар як минтақа бо назардошти ҷойгиршавӣ ва дигар омилҳои таъсиррасон оптимуми хоси иҷтимоию иқтисодии афзалиятнок мавҷуд аст. Аз ин нуқтаи назар арзёбии муқоисавии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар ҳолати бартарию манфиатбахшии мухталифи ҳар як минтақа мақсади худро аз даст медиҳад. Яъне, арзёбии муқоисавӣ дар чунин ҳолат наметавонад натиҷаи дилхоҳ диҳад.

Мутобиқи заминаҳои назариявии арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодӣ мушкилоти асосӣ, ки меҳнати зиёдро тақозо менамояд, ҳалли масъалаи меъёрҳои муносиби арзёбӣ маҳсуб меёбад. Яъне дар ин раванд ба ҳам мутобиқ омадани меъёрҳои бозорӣ бо хусусиятҳои манфиати ҷамъиятии муайян дошта, аз қабили маориф, хизматрасонии тиббӣ, фарҳангу маданият, инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ғайра талаб мешавад.

Таҳқиқоти муҳаққиқон ва амалдорони давлатӣ, инчунин таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар доираи меъёрҳои қабулгардида барои арзёбии фаъолнокии мақомоти ваколатдор дар самти идоракунии давлатии тараққиёти минтақа дарак медиҳанд, ки меъёрҳои арзёбӣ бояд хусусиятҳои ченкунанда, тақсимшаванда ва таҳлилию оморӣ дошта бошанд.

Яке аз параметрҳои асосии интихоби меъёрҳои арзёбии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа шарҳи асоснокии онҳо мебошад. Зеро, истифодаи меъёрҳои беасоси арзёбӣ метавонанд дар раванди идоракунӣ чӣ барои мақомоти ваколатдор ва кормандони онҳо ва чӣ дар фаъолияти муҳаққиқон, ки дурнамои идоракуниро коркард менамоянд, носаҳеҳӣ ба миён оварад.

Баробари ин идоракунии натиҷаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ҳангоми мавҷуд набудани усулҳои муайяни ҳисоби сифатию миқдорӣ ғайриимкон аст. Дар чунин ҳолат сатҳи назарраси самаранокиро он қарорҳои идоракунии тараққиёт таъмин мекунанд, ки вазифаю уҳдадориҳои мақомоти ваколатдор қонунӣ ё худ расман сурат мегиранд. Яъне, дар раванди идоракунии тарақиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа аз ҷониби мақомоти ваколатдор принсипи қонуният риоя мегардад ва истифодаи иқтидори мақомот пурра ба вазифаҳои он нигаронида шуда, ҷидду ҷаҳди баланди идоракунӣ ва касбият мавҷуд мебошанд.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷаи дур, инчунин як қатор мамлакатҳои пасошӯравӣ шаҳодат медиҳад, ки дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ваколатдор

дар самти идоракунии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ дастурамалҳои махсус барои арзёбии самаранокии фаъолияти онҳо ва татбиқи дурусти функсияҳои онҳо таҳия ва қабул шудаанд. Онҳо меъёрҳои арзёбии фаъолияти мақомоти ваколатдорро вобаста ба сохтор ва функсияҳои онҳо дар самти тараққиёти иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян менамоянд. Вале, дар шароити кунунии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол чунин меъёри низомбандишуда барои арзёбии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи минтақаю маҳалҳо вуҷуд надорад.

Хушбахтона дар Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 самти муҳимми стратегӣ такмили идоракунии маҳаллӣ муайян шудааст. Инчунин, дар Консепсияи номбурда такмил додани низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи минтақавию маҳаллии идоракунии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба принсипҳои бунёдии идоракунии самараноки давлатӣ мувофиқ буда, барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар шароити зарурӣ фароҳам меорад [8], ба мадди назар гирифта шудааст.

Аз ин бармеояд, ки дар ҳар як давраи муайян дар ҳама сатҳҳо чӣ марказӣ ва чӣ маҳаллӣ низоми нишондиҳандаҳои муайянкунандаи натиҷаи тараққиёт муҳим мебошад. Аз таҳлили фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки вазифаҳои ин мақомот дар самти низоми институтсионалӣ ва усулҳои банақшагирӣ то ҳол ба вазифаҳои зудтағйирёбандаи стратегии рушд ва идоракунии минтақавӣ мутобиқ карда нашудаанд. Чунин ҳолат ба мақомоти маҳаллӣ имкон намедиҳад, ки ба таҳия ва татбиқи барномаю нақшаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии маҳал муносибати маҷмӯӣ дошта бошанд [8].

Аз ин лиҳоз, таҳия ва пешниҳоди дастурамали истифодаи усули мониторинги фаъолияти самараноки мақомоти худидораи маҳал ва роҳбарияти онҳо бо назардошти қоида ва меъёрҳои арзёбии ба муҳаққиқон мусоид муҳим мебошад. Ин ҳуҷҷати меъёрӣ бояд меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои аниқеро дарбар гирад, ки дар доираи онҳо арзёбии сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолии минтақа имконпазир бошад. Ҳуҷҷатҳои стратегии дар кишвар амалкунанда нишон медиҳанд, ки меъёру усул ва нишондиҳандаҳои барои арзёбӣ қабулшаванда бояд натанҳо ба муайян кардани рушди иҷтимоию иқтисодӣ, балки рушди устувори минтақа низ ҷавобгӯ бошанд.

Гузашта аз ин, дар раванди арзёбӣ усулҳои мавриди истифода танҳо ё қисман рушди яке аз соҳаҳоро ифода менамоянд. Яъне ё рушди соҳаи иҷтимоиро пурра ва ё қисман ифода менамоянд ва ё иқтисодиёти минтақаро шарҳ медиҳанд. Бинобар ин усулҳои арзёбӣ низ метавонанд барои таҳқиқи соҳаи иҷтимоӣ ва ё иқтисодӣ дар алоҳидагӣ истифода шаванд. Лозим ба таъкид аст, ки усулҳои маҷмӯии арзёбӣ низ мавҷуданд, вале ба сабаби ҷой доштани нуқсонҳои муайян ин усулҳоро комилан маҷмӯӣ ҳисобидан ғайриимкон мебошад.

Барои арзёбии рушди соҳаи иҷтимоӣ ё худ инфрасохтори иҷтимоӣ ҳангоми предмети таҳқиқ қарор гирифтани шумораи зиёди минтақаҳо яке аз усулиҳои арзёбии соҳа истифода мегардад, ки барои муайян кардани қимати меъёрии нишондиҳандаи минтақаи алоҳида имкон медиҳад.

Усули мазкур дар корҳои илмии Р.В. Фаттахов, М.М. Низамутдинов, В.В. Орешников ва дигарон истифода шудааст, ки ба бартараф намудани

таъсири омили андозагирии нишондиҳандаҳо дар арзёбии инфрасохтори иҷтимоии минтақа мусоидат мекунад. Амсилаи мазкур сатҳи тараққиёти инфрасохтори иҷтимоӣ ва параметрҳои ҳаракати демографии ҷамъиятро инъикос мекунад. Лозим ба таъкид аст, ки дар бобати муайян намудани сатҳи тараққиёти инфрасохтори иҷтимоии минтақа амсилаи мазкур нисбат ба амсилаи умумииқтисодии микроматематикии тараққиёти минтақа аҳамияти камтар дорад. Зеро, тибқи баррасии таҳқиқгарон чунин ба назар мерасад, ки ҳангоми истифодаи амсилаи умумииқтисодии тараққиёти минтақавӣ натиҷаҳои бадастомада, аз ҷумла параметрҳои иқтисодӣ, пуливу қарзӣ ва дигар самтҳои фаъолияти давлатӣ бояд муттаҳид карда шаванд. Ҳангоми истифодаи амсилаи мазкур инфрасохтори иҷтимоии минтақа метавонад ба таркиби омилҳои демографӣ таъсири мухталиф расонад. Вобаста ба ин, ташкили шароити мусоиди рушди муҳоҷирати аҳолӣ дар минтақа кафолати афзоиши сатҳи тавлид ё паст намудани сатҳи фавтро намедиҳад.

Истифодаи ин усул ҳангоми пешгӯии шумораи аҳолии ин ё он минтақа талаб мекунад, ки таҳлили амиқи таркиб ва омилҳои демографӣ вобаста ба сиёсати рушди демографӣ ва ташаккули заминаи мувофиқи сиёсати молиявӣ амалӣ карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки сатҳи таъсири ҷузъиёти инфрасохтори иҷтимоӣ ба рушди унсурҳои демографии минтақа муайян карда шавад. Умуман, амсилаи мазкур барои муайян кардани қимати меъёрии нишондиҳандаҳои минтақаи арзёбишаванда имконпазир мебошад.

Вале, ин қимати меъёрӣ наметавонад чандон дақиқ бошад. Зеро ҳар як минтақа вижагиҳои худро дорад ва метавонад дар ягон ҷузъи инфрасохтори иҷтимоӣ афзалият дошта бошад. Дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон усули арзёбии тараққиёти инфрасохтори иҷтимоиро бо назардошти хусусиятҳои табиию релефи ҷойгиршавӣ ва омилҳои демографӣ ҳангоми муайян кардани қимати меъёрӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҷанбаҳои методии ин усул дар дигар таҳқиқоти мо асоснок карда шудааст [6].

Мутобиқи пешниҳоди А.Н. Герасимов барои арзёбии сифати ҳаёти аҳолии минтақа ва маҳалҳои он бояд се сатҳи меъёрҳои арзёбӣ истифода гарданд [3]:

- нишондиҳандаи маҷмӯии инъикоскунандаи ҳолати мақомоти минтақавӣ;
- гурӯҳи нишондиҳандаҳо, ки соҳаҳои мухталифи ҳаёти аҳолиро иникос менамоянд;
- нишондиҳандаҳои ибтидоӣ, ки ҳамкории инсонро бо ҷамъияту муҳити зист ва ғайра ифода менамоянд ва раванди фаъолияти ҳаётии бомуваффақияти инсон аз он вобаста мебошад.

Мутобиқи пешниҳоди Шӯро оид ба омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунанда (СОПС), ки ҳанӯз дар ИҶШС чун ниҳоди таҳқиқотӣ таъсис ёфта буд, бояд ҳангоми арзёбии иқтидори иҷтимоию иқтисодии минтақа ва маҳалҳои он усули интегралии арзёбӣ истифода гардад, ки дар асоси таҳлили 16 омили хоси зерини соҳаҳо ҳисоб карда мешавад: сатҳи рушди соҳибкории хурд; сатҳи умумии маҳсулнокии меҳнат; самаранокии низоми молиявӣ-буҷетии минтақа; сатҳи тараққиёти бозори минтақавии истеъмолкунандагон; тараққиёти технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ; рушди нақлиётиву коммуникатсионӣ; инфрасохтори бозор; ҳаҷми сармоягузории минтақа ба сармояи асосӣ; салдои натиҷаи молиявии як шахси машғули меҳнат дар иқтисодиёт; ҳиссаи корхонаҳои фоидаовар; ҳаҷми умумии қарздории кредитории корхонаҳо; намояи (индекси) даромади воқеии аҳолӣ ба ҳар сари аҳолӣ; ҳисаи аҳолие, ки даромади онҳо

поёнтар аз маблағи ҳадди ақалли зист мебошад; сатҳи бекорӣ; сатҳи фаъолнокии инноватсионӣ; намояи сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ.

Нишондиҳандаҳои мазкур дар чор қисми зерин гурӯҳбандӣ мешаванд: раванди такрористеҳсол дар минтақа, иқтидори инноватсионӣ-инфрасохтории минтақа, иқтидори сармоягузорӣ-молиявии минтақа, ҳолати соҳаи иҷтимоии минтақа [5, с. 34].

Дар шароити муосир Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди Вазорати рушди иқтисоди Федератсия Русия ва як қатор давлатҳои пасошӯравӣ усули маҷмӯии арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодиро истифода менамояд.

Усули мазкур, ки дар таҷрибаи давлатҳои пасошӯравӣ мавриди амал қарор гирифтааст, бартариҳои зерин дорад:

- мавҷудияти маҷмӯи нишондиҳандаҳои назаррас, ки дар се гурӯҳ муттаҳид шудаанд (истеҳсолӣ, захиравӣ-инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ);
- индекси интегралӣ, ки бо усули раддабандии арзёбии “хол”-й ҳисоб карда мешавад ва дар раанди таҳлил содаю қулай мебошад;
- имконияти таснифи минтақаҳои кишвар ба гурӯҳҳо бо воситаи раддабандии оддӣ мавҷуд мебошад.

Дар маҷмӯъ чунин усули арзёбии самаранокии фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа инъикос меёбад, имкон дорад дар асоси нишондиҳандаҳои хос, ба монанди рушди маҷмӯии иқтисодиёт, даромади аҳолӣ, солимии аҳолӣ, рушди маориф, сиёсати манзилӣ, хоҷагии комуналӣ-манзилӣ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, таъмини амнияти аҳолӣ дар минтақа ҳисоб карда шавад.

Дар таҳқиқоти И.Д. Тургел [13] рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа дар доираи арзёбии тараққиёти моддӣ баррасӣ мегардад. Ба ақидаи ӯ дар раванди арзёбии сатҳи тараққиёти моддӣ ё худ микроиқлими иҷтимоӣ ва сифати муҳити зист бояд нишондиҳандаҳои муайян истифода карда шаванд. Бо мақсади интихоби хусусиятҳои муқоисавии шаҳрҳои калон оид ба сатҳи иҷтимоию иқтисодии некӯавҳолии аҳолӣ дар минтақа аз ҷониби И.Д. Тургел истифодаи чунин нишондиҳандаҳо пешниҳод мегарддаднд:

- ҳиссаи бекорон дар шумораи умумии аҳолии шаҳр;
- маоши миёнамоҳонаи номиналӣ;
- таъмин будани аҳолӣ ба манзил;
- шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда (ба 1000 нафар);
- шумораи мусофирони кашонидашуда дар давоми сол;
- таъмин будани аҳолӣ бо дастгоҳи телефонии хонагӣ;
- ҳаҷми савдои чакана ва хизматрасониҳои пулакӣ ба ҳар як сари аҳолӣ дар маҳал.

Ҳамин тавр, дар назария ва амалияи ватанию хориҷӣ дар раванди таҳқиқ усулҳои мухталифи арзёбии ҳолат ва тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақа ва, ҳатто, маҳалҳои он (шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар минтақа) истифода мегарданд, ки хусусиятҳои гуногуни ҳудудҳои маъмуриро иникос менамоянд.

Таҳқиқи усулҳои арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва муайян намудани усули нисбатан муносиби арзёбӣ, ки ба таври маҷмӯӣ метавонад тараққиётро дар минтақа иникос намояд, мақсади асосии мақолаи ҳозир ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз дар асоси таҳқиқи усулҳо ва амсилаҳои арзёбии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии баррасишуда

усули арзёбии муносибро пешниҳод намудан лозим аст, ки бо назардошти хусусиятҳои хоси минтақа коркард шуда бошад. Вале пеш аз ин моро зарур аст як қатор усулҳои маҷмӯие, ки рушди иҷтимоию иқтисодиро дар минтақа ва маҳалҳои он таъмин менамояд, мавриди баррасӣ қарор диҳем. Усулҳои маҷмӯии арзёбии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ фаъолнокии кории мақомоти ваколатдори маҳалро инъикос менамоянд.

Арзёбии маҷмӯии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо имкон дорад дар асоси вокуниши рафтору вазъи демографии аҳолӣ, ки мавриди ҳисоб ва мушоҳида қарор дорад ва ҳам таъсири равандҳои объективии иҷтимоию иқтисодӣ (масалан, вокуниш ба шароити меҳнат) ва ҳам арзишҳои субъективӣ (шахсӣ ва ё корпоративӣ), ки метавонанд ба равандҳои мухталифи иҷтимоӣ (масалан муайян намудани сатҳи таваллуд) таъсиррасонанд, муайян карда шавад.

Таҳлили таносуби байни зудии вокуниши манфию мусбати аҳолӣ (таносуби байни шумораи аз кор озодшудагон ва ба кор таъиншудагон, таносуби байни ба муҳоҷират рафтагон ва аз муҳоҷират омадагон дар доираи минтақаҳо, инчунин байни сатҳи таваллуд ва фавт ва ғайра) имкон медиҳад, ки шароити ҳаётро ба таври объективӣ дар минтақаҳои мухталиф муқоиса намоем [9].

Бояд қайд намуд, ки кулли усулҳо ва равишҳои арзёбӣ бартарӣ ва норасоиҳои хоси худро доранд. Албатта, дар баъзе усулу равишҳо муқоисапазирии низоми ҳудудию маъмурӣ, тафриқаи ҳудудии нарх, гуногунии шароити берунаи фаъолият ва ғайраро ба мадди эътибор намегиранд. Гузашта аз ин ба назар нагирифтани таъсири таҷриба ва малакаи идоракунии мақомоти ваколатдорро норасоии назарраси кулли услуб ва усулҳои мавҷудаи арзёбӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Албатта, ҳангоми радабандӣ дар маҷмӯи нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа ифода ёфтани арзёбии раванди идоракунӣ, аз эҳтимол дур нест, зеро он дар ин нишондиҳандаҳо ҳатман иникос меёбад, вале натиҷаҳои воқеии таъсири идоракунӣ ба ин раванд дар усулҳои таҳлилӣ баррасӣ нашудаанд.

Ба ақидаи олимон О.В. Голосов, О.В. Лаптев [4, с. 295] ва дигарон ташаккули меъёрҳои арзёбии тарақиёти низоми иҷтимоию иқтисодӣ бо назардошти самарабахшии таъсири идоракунӣ имконияти истифодаи ду равиши зерини методологии ҳалли вазифаҳои интихобро пешбинӣ мекунад: миқдорӣ ва шифоҳӣ. Албатта, таҳлили

шифоҳии масъала метавонад дар асоси пурсишҳои иҷтимоии аҳолӣ сурат гирад, ки ба муайян кардани сатҳи қаноатмандии аҳолӣ аз шароити кунунӣ имкон медиҳад. Вале тавре маълум аст, ин усул на ҳамеша маълумоти аниқу саҳеҳ медиҳад ва дар мавриди дақиқ ва босалоҳият истифода намудан натиҷаҳои он мумкин аст, мутобиқат накунад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ваколатдор, аксари пажӯҳишгарону мутахассисон усули миқдории арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодиро, ки бо меъёрҳои муайян ва нишондиҳандаҳо асос ёфтааст самаранок ва дақиқтар меҳисобанд.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло ба таркиби меъёрҳои муайянкунандаи сатҳи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа метавон се гурӯҳи калони

нишондиҳандаҳое, ки шумораи назарраси нишондиҳандаи соҳаҳоро муттаҳид мекунанд, дохил намуд.

Гурӯҳи аввал - меъёрҳои иҷтимоӣ аз чунинҳо иборат аст: сифати ҳаёти аҳолии минтақа (аз он ҷумла дарозумрӣ, даромад, дараҷаи нобаробарии иҷтимоӣ дар минтақа, шуғл ва бекорӣ, саломатии аҳолӣ, давомнокии ҳаёти фаъоли аҳолӣ, солимии кӯдакон, маъюбии меҳнатӣ ва ҳаётӣ ва ғайра); сатҳи тараққиёти инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа; афзоиши ҳаҷм ва сифати ҳизматрасониҳои иҷтимоӣ дар минтақа ва маҳалҳои он; рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар минтақа ва шаҳрҳои он; рушди инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ; сатҳи ошкор будани мақомоти давлатӣ дар минтақа; сатҳи рушди трансфертҳои иҷтимоӣ ва ғайра.

Гурӯҳи дуюм – меъёрҳои иқтисодӣ аз сатҳи рушди инноватсионии минтақа ва маҳалҳои он (шумораи олимон ва муҳандисони ба таҳқиқот ва ихтироот машғулбуда дар минтақа, шумораи шаҳодатномаю патентҳо ва дигар объектҳои тасдиққунандаи арзишиҳои зеҳнӣ ва ғайра); сатҳи рушди иқтидори инсонӣ дар минтақа (маълумот ва имконияти худинкишофёбӣ); иқтидори андоз ва имконияти афзоиши он дар минтақа ва маҳалҳо; сатҳи истеҳсолоти саноатӣ ва дараҷаи азнавсозии фондҳои истеҳсолии фаъол ва ғайрифаъол; бунёди ҷойҳои нави корӣ (бо ифодаи мутлақ ва нисбӣ); сатҳи иттилоотии иқтисодиёти минтақа; сатҳи таҷдиди равандҳо дар иқтисодиёти минтақа; сатҳи бахши пинҳонии иқтисодиёт дар минтақа ва ғайра иборат аст.

Гурӯҳи сеюм - меъёрҳои экологӣ: аз ҷорӣ намудани технологияҳои ҳифзкунандаи захираҳои табиӣ дар минтақа; сатҳи ифлосшавии муҳити зист; сатҳи қонуншиканиҳои экологӣ ва зарари расонидашуда ба муҳити зист дар минтақа; истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва корҳои анҷомдодашуда дар самти захираҳои барқароршаванда; арзёбии чораҳои андешидаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ҷиҳати беҳтар намудани муҳити экологӣ ва ғайра.

Баррасии се гурӯҳ меъёрҳои арзёбӣ нишон медиҳад, ки таъсири чораҳои идоракунии мақомоти ваколатдор ба тарақиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ба мадди назар гирифта шудааст. Аз ин лиҳоз, дар раванди идоракунии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа ва маҳалҳои он ба эътибор гирифтани нишондиҳандаҳои мазкур муҳим мебошад.

Бо назардошти таҳқиқи усулҳои арзёбии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва вижагиҳои хоси ҳудудҳои маъмурии кишвар механизми муносиби арзёбии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Дар механизми мазкур арзёбии маҷмӯии тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёт ва соҳаҳои иҷтимоиёт ба мадди назар гирифта шудааст, ки тариқи усулҳои мухталифи таҳлил амалӣ карда мешавад. Бартарии механизми пешниҳодшаванда дар он аст, ки нишондиҳандаҳои калидии арзёбии соҳаҳои иқтисодӣ, аз қабили тамоюл ва сохтори МММ дар минтақаҳои кишвар, истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолию захираҳои меҳнатӣ дар минтақа ва моделиронии онҳо таҳлилу арзёбӣ мешаванд. Ба мадди назар гирифтани ин нишондиҳандаҳо аз нигоҳи татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати иқтисодиёт дар кишвар низ аҳамиятнок мебошад. Инчунин, дар механизми пешниҳодшаванда арзёбии таъминнокии соҳаи илми минтақа ба захираҳои меҳнатию молиявӣ ва таҳлили натиҷабахшии тарақиёти соҳаи илм дар минтақа, ҳамзамон

муқоисаи сатҳи рушди иқтидори илмӣ дар минтақаҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки инъикосгари рушди соҳаи ҳаётан муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб меёбанд.

Дар механизми мазкур арзёбии алоқамандии байни андозаи сатҳи рушди инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионии минтақа ва натиҷабахшии он, инчунин хусусиятҳои микёсии ба ҳам алоқамандии низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионии минтақа ба назар гирифта шудаанд ки мавқеи калидиро дар тарақиёти соҳа инъикос мекунанд.

Ҳамин тавр, таҳқиқти анҷомдодашуда дар самти равишҳои методии арзёбии тарақиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа муайян намуд, ки дар раванди таҳлилу арзёбӣ бояд нишондиҳандаҳои калидии ифодакунандаи рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо назардошти ҳадафҳои стратегии тараққиёти кишвар ва минтақаҳо ба эътибор гирифта шаванд.

Дар шароити муосири минтақаҳои кишвар ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии тараққиёти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа, инчунин таҳияю татбиқи меъёрҳои арзёбии рушди соҳаҳо истифодаи механизми хосаи арзёбии тарақиёти минтақаҳо, ки хусусиятҳои хоси иқтисодиёти минтақавӣ ба эътибор мегирад, зарур мебошад.

**Муқарриз: Деҳқонов С. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

2. Бободжонов Д.Р. Бюджетно-налоговое регулирование развития региона // Х.Х. Исматов, Д.Р. Бободжонов // Финансово-экономический вестник ТГФЭУ. – 2021. – №3 (27). – С.114-124

3. Герасимов А.Н. Стратегический мониторинг социально-экономического развития муниципальных образований: автореф. дис. ... канд. экон. наук. – М., 2006. – 24 с.

4. Голосов О.В. Регион: модельное отображение / О.В. Голосов, О.В. Лаптев / Экономика. – М., 2007. – С. 294-303.

5. Гришина И.В. Социально-экономическое положение российских регионов: методические подходы и результаты комплексной оценки / И.В. Гришина, А.О. Полынев // Современные производительные силы. – 2012. – №0. – С. 34–48.

6. Исматов Х.Ҳ.Ҷанбаҳои назариявию методии инфрасохтори иҷтимоии минтақа // Х.Ҳ. Исматов, Д.Ӯ. Охунова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2022. № 1 (90). с. 30-40

7. Каримов Р.А. Баъзе муаммоҳои маъмурикунонии гумрукӣ дар замони муосир / Р.А. Каримов / Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ: Маводи конференсияи анъанавии илмӣ-амалии донишгоҳӣ (ш. Хуҷанд, 22-25 апрели соли 2020). – Хуҷанд: Дабир, 2020. – С. 17-20.

8. Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 11 июли соли 2015, № 522.

9. Мартынов А.С. Россия как система: комплексный аналитический Web-атлас / А.С. Мартынов, В.В. Артюхов, В.Г. Виноградов / Экономика региона. - 1997. - № 2/2005. // http://www.sci.aha.ru/RUS/waca.htm.

10. Маъмуров А.М. Масъалаҳои баланд бардоштани маърифати андозӣ дар рушди маъмурикунонии андоз /А.М.Маъмуров// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2021. - № 1 (35). - С. 175-184.

11. Рахимова Н.Ш. Вопросы налогового регулирования инвестиционных процессов в Республике Таджикистан // Х.Х. Исматов, Н.Ш. Рахимова, А.Ш. Амонова // Социальные и экономические системы. - 2022. - № 4 (28). - С. 194-217.

12. Темиров К.О. Агропродовольственная политика Республики Таджикистан как системный фактор социально-экономической политики государства: проблемы и перспективы // К.О. Темиров. Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. - №5. - С.155-158.

13. Тургель И.Д. Конкурентный статус города: содержание, проблемы и методы оценки // Информационно-аналитический вестник Академии государственной службы "Чиновникъ". - Вып. №2'02 (18).

14. Фаттахов Р.В. Оценка развития социальной инфраструктуры регионов России и ее влияние на демографические процессы / Р.В. Фаттахов, М.М. Низамутдинов, В.В. Орешников // Экономика социальной сферы. – Уфа: Институт социально-экономических исследований УФИЦ РАН: “Финансы: теория и практика”. – Т.24. – 2020. - №2. – С.104-118.

15. Хусайнов М.С. Некоторые вопросы формирования страхового рынка в Республике Таджикистан // М.С. Хусайнов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. - № 5-2. – С. 69-74.

16. Яқубзода М.С. Паст кардани меъёрҳои андоз ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ /М.С. Якубзода// Ахбори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. 2020. - № 3 (42). - С. 156.

**Literature:**

1. Strategy for the Social and Economic Development of the Republic of Tajikistan for the Period until 2030.

2. Bobodzhonov, D.R. Budgetary and Tax Regulation of Regional Development / H.Kh. Ismatov, D.R. Bobodzhonov // Financial and Economic Bulletin of TGFEU. – 2021. – No. 3 (27). – pp. 114–124. (Author's sheets: 0.5) ISSN 2663-0389.

3. Gerasimov, A.N. Strategic Monitoring of the Socio-Economic Development of Municipal Entities: Author’s abstract of the dissertation ... Candidate of Economic Sciences. – Moscow, 2006. – 24 p.

4. Golosov, O.V., Laptev, O.V. Region: Model Representation / Economics. – Moscow, 2007. – pp. 294–303.

5. Grishina, I.V., Polinev, A.O. Socio-Economic Situation of Russian Regions: Methodological Approaches and Results of a Comprehensive Assessment // Modern Productive Forces. – 2012. – No. 0. – pp. 34–48.

6. Ismatov, H.Kh., Okhunova, D.U. Theoretical and Methodological Aspects of Regional Social Infrastructure // Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics. Series: Social Sciences. – 2022. – No. 1 (90). – pp. 30–40.

7. Karimov, R.A. Certain Issues of Customs Administration in the Modern Era / R.A. Karimov // Development of Natural, Exact and Mathematical Sciences in the Formation of a Digital Economy: Proceedings of the Traditional Scientific-Practical

University Conference (Khujand, April 22–25, 2020). – Khujand: Dabir, 2020. – pp. 17–20. ISBN 978-99975-58-25-1, UDC 50, LBC 20+22.1.

8. Concept of Local Development Management in the Republic of Tajikistan for the Period until 2030. Dated July 11, 2015, No. 522.

9. Martynov, A.S., Artyukhov, V.V., Vinogradov, V.G. Russia as a System: Comprehensive Analytical Web Atlas // Regional Economy. – 1997. – No. 2/2005. – Available at: http://www.sci.aha.ru/RUS/waca.htm.

10. Mamurov, A.M. Issues of Enhancing Tax Literacy in the Development of Tax Administration / A.M. Mamurov // Bulletin of the Tajik State University of Commerce. – 2021. – No. 1 (35). – pp. 175–184.

11. Rakhimova, N.Sh., Ismatov, H.Kh., Amonova, A.Sh. Issues of Tax Regulation of Investment Processes in the Republic of Tajikistan // Social and Economic Systems. – 2022. – No. 4 (28). – pp. 194–217.

12. Temirov, K.O. The Agro-Food Policy of the Republic of Tajikistan as a Systemic Factor in the State's Socio-Economic Policy: Problems and Prospects // Bulletin of TSU. Series: Socio-Economic and Social Sciences. – 2018. – No. 5. – pp. 155–158.

13. Turgel, I.D. Competitive Status of the City: Content, Problems, and Evaluation Methods // Information and Analytical Bulletin of the Academy of Public Administration “Chinovnik”. – Issue No. 2'02 (18).

14. Fattakhov, R.V., Nizamutdinov, M.M., Oreshnikov, V.V. Assessment of the Development of Social Infrastructure in Russian Regions and Its Impact on Demographic Processes // Economics of the Social Sphere. – Ufa: Institute of Socio-Economic Research of UFRC RAS: “Finance: Theory and Practice”. – Vol. 24. – 2020. – No. 2. – pp. 104–118.

15. Khusainov, M.S. Certain Issues of Insurance Market Formation in the Republic of Tajikistan // Bulletin of the Tajik National University. Series: Socio-Economic and Social Sciences. – 2019. – No. 5-2. – pp. 69–74.

16. Yakubzoda, M.S. Reducing Tax Rates as a Means of Stimulating Investment Activity // Bulletin of the Tajik Technological University. – 2020. – No. 3 (42). – p. 156.

## ТАВСИФИ МЕТОДИИ АРЗЁБИИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАҲО

Ҷанбаҳои методии арзёбии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа баррасӣ шудааст. Усулҳо ва амсилаҳои мухталифи арзёбии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа низомбандӣ ва мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Усулҳои асосии арзёбии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа таҳқиқ ва нишондиҳандаҳои барои арзёбӣ муҳим баррасӣ ва низомбандӣ шудаанд. Дар таҳқиқ механизми арзёбии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа бо назардошти вижагиҳои хоси иқтисодиёти минтақаҳои кишвар пешниҳод шудааст. Механизми пешниҳод гардида дар амалияи фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатии идоракунии минтақа ва ҳудудҳои он барои арзёбии тарақиёти иҷтимоию иқтисодӣ муҳим мебошад. Ҷиҳати такмили ҷанбаҳои меъёрии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод гардидаанд.

Таҳқиқти анҷомдодашуда дар самти равишҳои методии арзёбии тарақиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа муайян намуд, ки дар раванди таҳлилу арзёбӣ бояд нишондиҳандаҳои калидии ифодакунандаи рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо

назардошти ҳадафҳои стратегии тараққиёти кишвар ва минтақаҳо ба эътибор гирифта шаванд.

**Калидвожаҳо:** арзёбӣ, идоракунӣ, ҷанбаҳои методӣ, тараққиёти иҷтимоӣ, тараққиёти иқтисодӣ, иқтисодиёти минтақа.

## ОПИСАНИЕ МЕТОДИКИ ОЦЕНКИ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ

Рассматриваются методические аспекты оценки социально-экономического развития региона. Систематизируются и углубленно анализируются различные методы и модели оценки социально-экономического развития региона. Исследованы основные методы оценки социально-экономического развития региона, рассматриваются и систематизируются важные показатели для оценки. Предлагается механизм оценки социально-экономического развития региона с учетом особенностей экономики регионов Таджикистана. Представляется, что предлагаемый механизм важен в практике деятельности уполномоченных органов государственной власти для управления регионом и территорией и для оценки их социально-экономического развития. Предлагаются рекомендации для совершенствования нормативных аспектов социально-экономического развития регионов Республики Таджикистан.

Проведенные исследования методических подходов к оценке социально-экономического развития региона определили, что в процессе анализа и оценки необходимо учитывать основные показатели, характеризующие развитие отраслей социально-экономической сферы, с учетом стратегических целей развития страны и регионов.

**Ключевые слова:** оценка, управление, методические аспекты, социальное развитие, экономическое развитие, региональная экономика.

## DESCRIPTION OF THE METHODOLOGY FOR ASSESSING THE SOCIAL AND ECONOMIC DEVELOPMENT OF REGIONS

The article dwells on methodical aspects of assessment as to social-economic development of the region. Different methods and models of assessment as to social-economic development of the region are systematized aand deeply analyzed. The methods in question have been researched, important indices for assessment being considered and systematized. The authors propose a mechanism of the former with the peculiarities of the economy of Tajikistan regions taken into account. This mechanism is important in the practice of the activities implemented by the authorized bodies of state power responsible for the governance with region and territory, assessment of social-economic development inclusive. The authors offer recommendations for an improvement of normative aspects concerned with social-economic development of Tajikistan Republic regions.

The conducted studies of methodological approaches to assessing the socio-economic development of a region have determined that in the process of analysis and assessment it is necessary to take into account the main indicators characterizing the development of sectors of the socio-economic sphere, taking into account the strategic goals of development of the country and regions.

**Key words:** assessment, management, methodical aspects, social development, economic development, regional economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Аминов Ҳокимҷон Нуралиевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи забони англисӣ

факултети забонҳо. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддинов – 63. Телефон: (+992) 987-84-64-40. E-mail: aminzoda.2000@mail.ru

**Сведение об авторе: Аминов Хокимджон Нуралиевич** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры английского языка факультета иностранных языков. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддинова, 63. Телефон: (+992) 987-84-64-40. E-mail: aminzoda.2000@mail.ru

**Information about the author: Aminov Hokimjon Nuralievich** – Tajik pedagogical institute in the Rasht district, assistant of the department of english language faculty of languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddinov - 63. Phone: +992 987-84-64-40. E-mail: aminzoda.2000@mail.ru

**ТДУ: 330.341.1**

# ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Саидвалиев А.Б.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Замони муосирро падидаҳои нав фаро гирифтаанд, ки омӯзиш ва татбиқи онҳо барои пешравии давлату миллат ниҳоят муҳим мебошанд. Яке аз ин падидаҳои нав дар замони муосир – ин иқтисодӣ рақамӣ мебошад, ки доир ба он дар пайёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 чунин зикр шудааст: "Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳарики пуриқтидор ва пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд"[4, с. 17].

Қайд кардан ба маврид аст, ки иқтисодиёти рақами яке аз омилҳои муосир ба ҳисоб рафта дар татбиқи рушди иқтисодиёти кишвар накши калидиро дорост. Ва ин аст, ки таҳқиқотчии ватани Шамсов И. қайд менамояд, ки "Рақамикунонии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки модели муосири рушди иқтисодӣ таҳия ва татбиқ карда, сармоягузории байналмилалӣ ҷалб карда, истеҳсолоти мавҷуда тағйир дода шавад ва истеҳсолоти инноватсионӣ ба вуҷуд ояд, бозори дохилӣ таъмин карда, содирот афзоиш дода шавад" [6, с. 23].

Чигунае, ки таваҷҷуҳи Пешвои муаззами миллат нисбати ҷавонон ниҳоят зиёд аст, мо низ дар навбати худ дар ҷавоб бо ин ҳама тавҷҷуҳу дастгириҳо бояд оиди пешрафти иқтисодиёти кишвар саҳмгузор бошем. Барои саҳмгузорӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар ва гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ аз ҳар як ҷавони кишвар омӯхтани техникаю технологияи муосир ва истифодаи дурусти онро тақозо менамояд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки масъали рақамикунонии иқтисодиёт дар тули таърих мавриди омӯзиш қарор дода шуда, барои гузариш ба он бори аввал соли 1971 аз тарафи Роберт Вакхаловӣ пешниҳод гардидааст [1, с. 15-23].

Лекин тибқи манбаҳои дигари расмӣ борӣ аввал истилоҳи "иқтисодиёти рақамӣ" соли 1995 аз тарафи Дон Тапсикотт пешниҳод гардида, худи ҳамон сол Николас Негропонте чунин ибрози назар намуд, ки асоси иқтисодиёти рақамиро на ин ки атомҳо балки битҳо ташкил медиҳад [2, с. 4-11].

Минбаъд ин масоил диққати олимон ва коршиносонро низ ба худ ҷалб намуда, мавриди таҳқиқот қарор гирифт. Мо иқтисодиёти рақамиро ҳамчун фаъолияти иқтисодие, ки он дар натиҷаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар равандҳои истеҳсоли идораи давлатӣ ва ғайра ташаккул ёфта шарҳ додан мумкин аст, ки мақсади он аз иҷроиши мақсадҳои давлат баланд бардоштани сатҳи зисти мардум ва ҳамчунин бунёди шароити мувозин ва рақобатнокии иқтисодиёт дар бозор мебошад. Ба ақидаи дигар, иқтисодиёти рақамӣ - ин гузариш ба тартиби муосири зист, яъне моделӣ нави пешбурди тиҷорат ба модели нави бунёди равандҳои истеҳсолӣ мебошад.

Дар шароити муосир паҳншавӣ технологияҳои рақамӣ, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро муайян намуда, фазои наверо барои ҳаёти одамон муҳайё намудааст. Инкишофи иқтисоди рақамӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок барои аксар кишварҳои рушдкарда мебошад, аз ҷумла ИМА, Британиёи Кабир, Олмон, Ҷопон ва ғайра. Дар солҳои охир истифодабарии техналогияҳои рақамӣ (зеҳни сунъӣ, робототехника, технологияҳои алоқаи бесим ва як қатор технологияҳои дигар) дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба тағйироти назаррас оварда расонданд. Татбиқи ин технологияҳо дар ширкатҳо ҳосилнокии меҳнатро то 40% меафзояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви ҷомеи ҷаҳонӣ наметавонад аз ин равандҳо дар канор бошад. Соҳаи хадамоти электронии мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроияи давлатӣ ва маъмурият яке аз ҷузъҳои асосии системаи ташакилию техникии иқтисодӣ рақамӣ мебошад. Илова бар ин ҷузъҳои асосии системаи иқтисодиёти рақамӣ иборатанд аз : тиҷорати элоктронӣ; равандҳои тиҷоратии субъектҳои соҳибкорӣ, ки тавасути шабакаҳои компютерӣ амалӣ карда мешавад, ҳамкории виртуалӣ, инфрасохтор, аз ҷумла воситаҳои техникӣ, марказҳои нигоҳдорӣ, коркард ва тағйир додани иттилоот, марказҳои интиқоли иттилоот таъминоти барномавӣ ва телекомуникатсия.

Масъалаи татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, тахти назари Асосгузори сулҳу ваҳдати милли – Пешвои миллат мухтарм Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар Пайёми навбатии худ ба Маҷлисӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26.12.2019 қайд намудаанд "Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисодии миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифодаи аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудни инноватсия вусъат додани истеҳсолӣ махсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолиятнокии иқтисодии аҳолӣ, такмилӣ низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсияи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад. Ҳукумати мамлакат, инчунин, вазифадор карда мешавад, ки бо мақсади ҳарчи зудтар ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар пайёми соли гузашта таъкид гардида буд, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар асосӣ он барномаи миёнамӯҳлати рушди иқтисодиёти рақамиро қабул ва амалӣ созад [5, с. 2].

Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузариш ба иқтисодиёти рақамиро дар 3 марҳала ба нақша гирифтааст, ки ин марҳалаи якум то соли 2025, марҳалаи дуюм то соли 2030 ва марҳалаи сеюм то соли 2040-ро дар бар мегирад. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти гузариш

аз иқтисодиёти анъанавӣ ба иқтисодиёти рақамӣ алакай қадамҳои устувор гузошта истодааст. Гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ба ҳама соҳаҳои аз ҷумла; ба тиҷорат, маориф, тандурусти бонкдорӣ, суғуртавӣ, боркашон ва ғайра низ татбиқпазир аст. Гузариш ба иқтисодиёти рақами пеш аз ҳама барои рушди фаъолияти соҳибкори заминагузор хоҳад буд, чунки амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамаи нуқтаю канори дунё роҳандозӣ мегардад. Инчунин омили асоси рушди соҳибкорӣ ин реклама мебошад, ки аз ҳама роҳи камхароҷот ва манфиатовар, ки ин иқтисодиёти рақамӣ маҳсуб меёбад. Дар соҳаи маориф бошад ба роҳ мондани таълимоти фосилавӣ ташкил намудани фаъолияти меҳнатӣ дар ташкилотҳо бо кормандони фосилавӣ баргузор намуданӣ музоядаҳои электронӣ ва ғайра ҳангоми рушди иқтисоди рақамӣ якчанд бартариятҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. (сарфаи вақт, дарстрасӣ ба иттилоот, доир ба молу маҳсулот шафофият мониторинг ва ғ). Дар иқтисодиёт истифода кардани технологияҳо пеш аз ҳама вақт сарфа мегарадад. Вақт дар иқтисод нақши муҳим дорад. Ҳамаи ҷараёнҳои иқтисодӣ бо вақт алоқамандии зич доранд. Масалан, он кореро, ки инсон дар як рӯз анҷом медиҳад, технология метавонад дар як соат анҷом диҳад. Ҳамзамон технологияҳои ҳозиразамон ҳатто дар бораи ҳар як ҷузъиёти истеҳсолот ва хизматрасонӣ маълумоти дақиқ дода метавонад. Ин гуна маълумотҳо барои банақшагирӣ ва баровардани қарорҳои дуруст шароит фароҳам меорад. Масалан, сайти www. metavonem.tj барои мақомоти давлатӣ имконият фароҳам меорад, ки барои мушкилотҳои гуногун (барқ, об, партавҳо ва ғайра ) сари вақт маълумот пайдо карда чораҷӯӣ намоянд.

Инчунин соли 2011 консепсияи татбиқи Ҳукумати электронӣ қабул гардида буд, ки дар доираи консепсияи мазкур дар шаҳри Душанбе лоиҳаи “Шаҳри бехатар” мавриди амал қарор дода шуда, дар асоси он нафақат таъмини бехтарии ҳаракати наклиёти шаҳр бароҳ монда шудааст, балки ҳамзамон қонунвайронкуниҳо низ ба таври фаврӣ ифшо гардида, сатҳи содир намудани қонунвайронкунию ҷиноятҳо низ татриҷан коҳиш ёфтааст. Инчунин иқдоми мазкур ба коҳишёбии сатҳи амалҳои корупсионӣ замина гузошта, дар ин асос дар ғанӣ гардонидани даромадҳои давлатӣ низ мусоидат намудааст. Дар асл мақсади асоси лоиҳаи “Шаҳри бехатар” ин ҷалби сокинони барои риоя намудани қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии садамаҳо ва боло бурдани фарҳангӣ ронандагӣ дар роҳҳо мебошад [3, с. 321].

Хулоса, лозим ба қайд аст, ки барои инкишофи раванди гузариш аз иқтисодиёти анъанавӣ ба иқтисодиёти рақамӣ, ки ҳамчун нишондиҳандаи рушди иқтисодиёти муосир муаррифӣ гардидааст, ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ бо субъектони хоҷагидорӣ бояд ҷоннок карда шавад. Чунки яке аз талаботҳои гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ин мавҷудитяи мутахассисони балндихтисоси соҳаи технологияи иттилоотию комуникатсионӣ дар бозори меҳнат мебошад. Маҳз мутахассисони касбӣ метавонанд бо малакаву маҳорати баландӣ илмӣ техникӣ фаъолияти иқтисодиёти рақамиро дар кишвар пайдо намоянд.

**Муқарриз: Деҳқонов С.А. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Баранов Дмитрий Никитич, Сущность и содержание категории «Цифровая экономика». Вестник Московского университета имени С.Ю. Витте. Серия 1. Экономика и упровление. - 2018. - №2 (25). - С.15-23.

2. Добрынин А.П., Черных К.Ю., Куприяновский В. П., Синягов С.А. Цифравая эканомика – различные пути к эффективному применению технологий (BIM, PLM, CAD, IOT, Smart City, BIG, DATA и другие) // interational Journal of Open Information Technologies. - 2016. - vol.4, no. 1. - С. 4-11.

3. Маҷмӯаи маводҳои конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (2020-202-40) Иқтисодиёти рақамӣ: муаммо, рушд ва механизмҳои ҳалли он, ДДМИТ. – Душанбе, 2020. – С. 321-365.

4. Паёми Асосгузорӣ сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017.

5. Пайёми Асосгузорӣ сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019. – С 2.

6. Шамсов И.С., Юсупов Ш.Н. Рушди иқтисодиёти рақамӣ ва таъсири он ба ташаккули касбҳои нав дар бозори меҳнат / И.С., Шамсов, Ш.Н., Юсупов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №9. – С. 23.

**Literature:**

1. Baranov Dmitry Nikitich, The essence and content of the category "Digital economy". Bulletin of Moscow University named after S.Yu. Witte. Series 1. Economy and management. - 2018. - No. 2 (25). - P. 15-23.

2. Dobrynin A.P., Chernykh K.Yu., Kupriyanovsky V.P., Sinyagov S.A. Digital economy - different ways to effective application of technologies (BIM, PLM, CAD, IOT, Smart City, BIG, DATA and others) // international Journal of Open Information Technologies. - 2016. - vol.4, no. 1. - P. 4-11.

3. Collection of materials of the republican scientific-practical conference dedicated to “Twenty years of study and development of natural, exact and mathematical sciences in the field of science and education” (2020-202-40) Digital economy: problems, development and mechanisms for its solution, DDMIT. – Dushanbe, 2020. – P. 321-365.

4. Message on the Foundation of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 22, 2017.

5. Message on the Foundation of Peace and National Unity – the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 26, 2019. – P. 2.

6. Shamsov I.S., Yusupov Sh.N. The development of the digital economy and its impact on the formation of new professions in the labor market / I.S., Shamsov, Sh.N., Yusupov // Message of the National University of Tajikistan. – 2023. – No. 9. – P. 23.

## ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур, аҳамияти гузариш аз иқтисодиёти анъанавӣ ба иқтисодиёти рақамӣ ва саҳми он дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф оиди пайдоиш ва рушди иқтисодиёти рақамӣ ва саҳми он барои содаю осон намудани сатҳи хизматрасонӣ, инчунин афзоиши сатҳи ҳосилнокии меҳнат ба таври мушаххас шарҳу таҳлилҳо оварда шудааст.

Лозим ба қайд аст, ки барои инкишофи раванди гузариш аз иқтисодиёти анъанавӣ ба иқтисодиёти рақамӣ, ки ҳамчун нишондиҳандаи рушди иқтисодиёти муосир муаррифӣ гардидааст, ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ бо субъектони хоҷагидорӣ бояд ҷоннок карда шавад. Чунки яке аз талаботҳои гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ин мавҷудитяи мутахассисони балндихтисоси соҳаи технологияи иттилоотию комуникатсионӣ дар бозори меҳнат мебошад. Маҳз мутахассисони касбӣ метавонанд бо малакаву маҳорати баландӣ илмӣ техникӣ фаъолияти иқтисодиёти рақамиро дар кишвар пайдо намоянд.

**Калидвожаҳо:** иқтисоди рақамӣ, инноватсия, технологияи иттилоотӣ, тиҷорати электронӣ, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ, техникаю техналогияи муосир, рушди иқтисодӣ.

## ОРГАНИЗАЦИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В СОВРЕМЕННОСТИ

В данной статье изучается значение перехода от традиционной экономики к цифровой экономике и его вклад в экономическое развитие Республики Таджикистан. В то же время в данной статье автор дает конкретные комментарии и анализ возникновения и развития цифровой экономики и ее вклада в упрощение и облегчение уровня услуг, а также повышение уровня производительности труда.

Важно отметить, что для развития процесса перехода от традиционной экономики к цифровой, которая представляется как индикатор развития современной экономики, необходимо усиление взаимодействия высших учебных заведений с хозяйствующими субъектами. Ведь одним из требований перехода к цифровой экономике является наличие на рынке труда высококвалифицированных специалистов в области информационно-коммуникационных технологий. Именно профессионалы с высокими научными и техническими навыками могут найти свое место в цифровой экономике страны.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, инновации, информационные технологии, электронная коммерция, концепция цифровой экономики, современные технологии, экономическое развитие.

## FORMATION OF THE DIGITAL ECONOMY IN THE MODERN TIMES

This article examines the importance of the transition from a traditional economy to a digital economy and its contribution to the economic development of the Republic of Tajikistan. At the same time, in this article, the author provides specific explanations and analyses on the emergence and development of the digital economy and its contribution to simplifying and facilitating the level of service, as well as increasing labor productivity.

It is important to note that in order to develop the process of transition from a traditional economy to a digital one, which is presented as an indicator of the development of a modern economy, it is necessary to strengthen the interaction of higher education institutions with business entities. After all, one of the requirements for the transition to a digital economy is the presence of highly qualified specialists in the field of information and communication technologies in the labor market. It is professionals with high scientific and technical skills who can find their place in the country's digital economy.

**Key words:** digital economy, innovation, information technology, e-commerce, digital economy concept, modern technology, economic development.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Саидвалиев Амрияздон Беҳрузович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи информатика ва барномасозӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин–63. Телефон: (+992) 988-94-40-08. E-mail: saidvalievamriyzdon@gmail.com

**Сведения об автор: Саидвалиев Амрияздон Бехрузович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры информатика и программирования. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддин–63. Телефон: (+992) 988-94-40-08. E-mail: saidvalievamriyzdon@gmail.com

**Information about author: Saidvaliev Amriyazdon Behruzovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant department of computer science and programming. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm city, k. E. Muhiddin – 63. Phone: (+992) 988-94-40-08. E-mail: saidvalievamriyzdon@gmail.com

**ТДУ: 339.138**

# ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ОН

**Саидвалиев А.Б.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Инқилоби илму техникаи муосир ва раванди ҷаҳонгароӣ ба пайдоиш ва ташаккули яке аз шаклҳои навини тиҷорати «ноаён», яъне электронӣ, ки имконияти муҳими ширкат варзидани мамолики гуногунро дар савдои ҷаҳонӣ ба миён овард. Дар фаъолияти иқтисодӣ имрӯз он соҳибкороне, ки ба муваффақият ва пешравӣ ноил мегарданд, одатан ба иттилооти фаврӣ ва саҳеҳ рӯй меоранд.

Рушди технологияи иттилоотии навин ба пайдоиш ва ташаккули созмони иттилоотӣ сабаб гардид. Агар солҳои қабл сарватҳои иқтисодӣ хоси як минтақаи муайян буданд, вале имрӯз сарвати асосӣ мавқеъи муайян надорад, ки ба он ақл, зеҳни тоза, молия ва иттилоот шомил мебошанд. Ин аст, ки кишвари мо низ дар тараддуди гузариш ба ҳукумати электронӣ қарор дошта, ки ин заминагузори тиҷорати электронӣ ба ҳисоб меравад ва ин аст Каримов Б. чунин қайд менамояд, “ташаккулёбии ҳукумати электронӣ, яке аз дастовардҳои муосири инсоният буда, баҳри пешрафт ва самаранок ба роҳ мондани муносибати шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ мусоидаткунанда баҳисоб меравад” [1, с.77].

Дар “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон” қайд гардидааст, ки қисми зиёди вақт дар рафти тайёркунии ҳуҷҷатҳои молиявӣ сарф шуда, бо бавуҷуд омадани низоми нави электронӣ кам сарфа мегардад. Дар ин маврид, дуруст аст, ки равандҳои технологӣ бо хосиятҳои гуногуни худ асоснок карда мешаванд ва дар байни онҳо асосиашон амалҳои механикунонӣ ва автоматикунонӣ дар соҳаи молия ба ҳисоб мераванд [2, с.125].

Дар замони муосир нисбати истилоҳи савдои электронӣ фаҳмиш ё андешаи ягона мавҷуд нест. Вале, тибқи нишондодҳои СУС дар зери мафҳуми мазкур пеш аз ҳама истеҳсол, реклама, фурӯш ва ба таври муттасил дастрас намудани молҳо тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ фаҳмида мешавад. Таърихи тиҷорати электронӣ ҳамагӣ ду даҳсолаи тараққиёти интенсивиро дар бар мегирад, ки дар муқоиса ба таърихи дигар соҳаҳои иқтисодиёт, фосилаи камарзиши вақт ба назар мерасад. Пайдоиши тиҷорати электрониро метавон соли 1982 ҳисоб намуд.

Хусусиятҳои асосии тиҷорати электронӣ:

- дар тиҷорати электронӣ теъдоди зиёди фурӯшанда ва харидорон иштирок менамоянд;
- барои ворид шудани иштирокчиёни нав ягон маҳдудият вуҷуд надорад;
- ҳамаи иштирокчиёни тиҷорати электронӣ имконияти аз иттилооти лозима истифода бурданро доранд.

Нисбат ба тиҷорати электронӣ корхонаҳое, ки дар бозори ҳозира фаъолият доранд ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

- Анъанавӣ;
- Омехта;
- Электронӣ.

Корхонаҳои анъанавӣ дар бозор воқеъбинона фаъолият мебаранд. Ин намуд корхонаҳо ба тиҷорати электронӣ мурочиат намекунанд.

Корхонаҳои омехта як қисми фаъолияти худро дар Интернет иҷро менамоянд.

Корхонаҳои электронӣ танҳо дар Интернет фаъолият мебаранд. Харидорони тиҷорати электронӣ аз харидорони дар бозори анъанавӣ иштирок дошта, бо сатҳи дониш ва даромади худ фарқ мекунанд. Яке аз шартҳои асосӣ иштирок дар бозори электронӣ мавҷудияти техникаи компутерӣ ва пайвастшавии он ба шабакаи Интернет мебошад. Аз ин лиҳоз, ба муштариён баъзе талаботҳои иловагӣ пешбинӣ карда мешавад. Яке аз онҳо мавҷуд будани суроғаи электронӣ, ҳамёнҳои электронӣ дар системаҳои пардохти электронӣ, мавҷуд будани малакаи кори амалӣ дар ин системаҳо ва монанди онҳо.

Оиди пайдоиши интернет-бизнес бояд қайд кард, ки интернет-бизнес дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико дар якҷоягӣ бо инкишофи интернет ба вуҷуд омадааст ва дар он асосан, забону маданияти англисӣ истифода карда мешавад, лекин оҳиста-оҳиста боз чанд забони дигар низ ба ин система мувофиқ кунонида шудааст, ки метавонанд халқу миллатҳои гуногун ба воситаи он аз хизматҳои интернет истифода намоянд [4, с. 66].

Одатан дар бозори анъанавӣ истеҳсолкунанда моли истеҳсол кардаи худро бо иштироки диллерҳо мефурӯшанд. Дар бозори электронӣ бошад эҳтиёҷ ба чунин ашхос ҷой надорад. Аз ин лиҳоз, дар бозори электронӣ системаеро бояд дарёфт, ки он барои самаранок фаъолият бурдани стратегияи рушди тиҷорати электронӣ мусоидат намояд.

Дар кишварҳои ИДМ, аз ҷумла Русия ва Тоҷикистон зери мафҳуми тиҷорати электронӣ хариду фурӯши молҳо, ва хадамот тавассути шабакаи ҷаҳонии Интернет фаҳмида мешавад. Агар сухан дар бораи нақш ва мавқеи ин унсури муҳими иқтисодӣ бозорӣ равад, гуфтан ҷоиз аст, ки суръати афзоиши савдои электронӣ нисбат ба дигар шаклу намудҳои он дар ҷаҳон нисбатан баланд мебошад. Тибқи тадқиқотҳои олимон ва иқтисоддонон ҳар чор сол кишварҳои аз хизмати ин шакли муосири савдо баҳраманд гардида, тақрибан ду баробар зиёд мешавад.

Дар шароити кунунӣ якчанд намудҳои тиҷорати электронӣ тибқи нишондоди олимон ва иқтисоддонон тасниф ва табақабандӣ шудаанд. Дар қатори онҳо ба ақидаи мо мавқеи асосиро табақабандии зерин:

- Савдои чаканаи интернетӣ (business –to customer, B2C);
- Савдои байникорпоративӣ – интернетӣ (business-to business, B2B) ишғол менамояд.

Савдои чакана, яке аз маъмултарин навъи муносибати тиҷоратӣ дар шабакаи ҷаҳонии Интернет ба шумор меравад. Мавқеи пешсафиро дар фурӯши чаканаи онлайнӣ ҳоло ИМА ва Канада ишғол менамоянд. Имрӯз ин шакли фаъолияти савдо қариб, ки дар ҳамаи гӯшаву канори замин дар он ҷое, ки шабакаи Интернет пайваст шудааст, зина ба зина инкишоф ёфта истодааст ва он рӯз дур нест, ки дар кишварҳои ИДМ, аз он ҷумла дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо низ рушду нумӯ хоҳад кард. Агар гӯем, ки алъон дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе, марказҳои вилояту ноҳияҳои саноатии мамлакат аз ин фаъолияти навини савдои электронӣ кайҳо бархурдоранд, чандон ғалат намешавад. Насими фараҳбахши ин усули пешқадами тиҷорат инак соҳибкорони тоҷикро бедор кард, ки ин таъсири мусбатро дорост. Дар иқтисодиёти бозории муосир моли аз ҳама қиматнок ин иттилоот мебошад, пас ягон ҷои шакку шубҳа нест, ки тиҷорати электронӣ торафт нақш ва мавқеи устувории худро нисбат ба дигар воситаҳои бозор боз ҳам мустаҳкамтар намуда, самаранокии худро болотар мебардорад. Бинобар ин, ба ақидаи мо пеш аз ҳама, тиҷорати навин бо кадрҳои лаёқатманду касбӣ низ зарурат дорад.

Савдои электронӣ фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хариду фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ, ки бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва расмиётӣ электронӣ амалӣ мегардад [3, с. 2].

Тибқи маълумотҳои расмии омории ИМА имрӯз қариб 90 дар сади ширкатҳои америкоӣ соҳибкории худро тавассути Интернет пеш мебаранд. Савдои байникорпоративӣ – интернетӣ (business – to business, B2B) барои он сохта мешаванд, ки ташкилотҳо бо ҳам ҳамкорӣ кунанд ва ё амалиётҳои ташкил кардаашонро ба охир расонанд.

Имрӯзҳо яке аз механизмҳои татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ин тиҷорати электронӣ баҳисоб меравад. Ва ин аст, ки Пешвои миллат дар паёмашон қайд намуданд, ки қадами ҳафтуми татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ин “..ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ ” мебошад [5, с. 5].

Дар замони ҳозира шакли нави пул маблағҳои электронӣ ба ҳисоб мераванд, вале дар оянда тағйиротҳои боз ҳам бештар ба вуҷуд омадан мумкин аст. Ҳамин тариқ, соли 2003 Роберт Мандел, дорандаи мукофоти Нобели дар иқтисодиёт пешбинӣ намуд, ки аллакай дар соли 2040 ҷаҳон метавонад дар арафаи ташаккулёбии асъори ягона карор гирад.

Шабакаи глобалии интернет тиҷорати электрониро барои фирмаҳои гуногунмиқёс дастрас гардонидааст. Агар пештар ташкили мубодилаи маълумотҳои электронӣ пасандозҳои зиёдро ба инфрасохтори телекомуникатсионӣ талаб намуда, фақат аз ӯҳдаи он ширкатҳои бузург мебаромаданд, пас дар замони ҳозира истифодабарии Интернет фирмаҳои на он қадар калонро низ имкон медиҳад, ки дохил гарданд. Ҷойгирнамоии мағозаи электронӣ дар World Wide Web ба ҳар ширкат ҷалб намудани мизоҷонро аз тамоми дунё имконият медихад.

Барои паст намудани хароҷотҳои электрони чунин омилҳо истифода бурда мешавад.

1. Пасткунии хароҷот ҳангоми дастрас кунии маълумотҳои маркетингӣ: Интернет манбаи арзони дастрас кунии информатсия мебошад. Барои истифодаи чунин усулҳои тадқиқиотҳои маркетингӣ чун дигар дастраскуниҳо, таҷрибагузарониҳо, анкета пуркуниҳо ва во хурдан бо шахсони ба он вобаста нест.

2. Паст намудани хароҷот барои реклама: - Дар интернет имконияти сохтан ва хизматрасонии рекламаҳо пасттар аст. Дар аудуторияи электронӣ бошад рекламаҳо ба худи иштирокчиён наздиктар аст. Ва ин нисбат ба рекламаи миллӣ арзонтар аст.

3. Паст намудани хароҷотҳо дар алоқаи дохили: -вақти кори дилхоҳ паст кунии хароҷотҳо аз ҳисоби камнамоии шумора ва давомнокии маҷлисҳо, сафарҳои хизматӣ, суҳбатҳои телефонӣ ва кутоҳ кунии маълумотҳои лозимаро талаб менамояд.

4. Паст кунии хароҷотҳо дар алоқаи беруни: - Ҷамъовари ва коркарди автоматонидашудаи дархостҳо, дастрасии маълумот оиди ҳолат информасия ба воситаи веб сайтҳо ва муҳлати иҷроиши кори менеҷерҳоро осон менамояд.

5. Пастнамудани хароҷотҳо ҳангоми иҷрои биноҳо ва иншоотҳо: - Бисёре аз кормандон метавонанд дар ҷойҳои кори берун аз минтақаи кори дар хонаҳояшон кор кунанд.

6. Истифодаи қувваҳои кори нисбатан арзонтар: - Паст намудани хароҷотҳо аз ҳисоби истифодаи меҳнати коргарони дар маҳалаҳои қуваю коргариашон нисбатан арзонтар зиндаги кунанда.

7. Паст намудани хароҷотҳо дар хариди маҳсулотҳо ва хизматрасониҳо: - Истифодаи тиҷорати электронӣ иҷро кунии харидҳоро дар шакли автоматӣ ва нимавтомати имконпазир менамояд.

Имрӯзҳо рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мадди аввали таваҷҷуҳ қарор дорад. Инфрасохтори иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи ташаккулёбӣ қарор дорад, ки ин маънои имконияти ноил шуданро ба тараққиёти тиҷорати электронӣ дар мамлакатро дорад. Дар роҳи инкишофи тиҷорати электронӣ як қатор душвориҳо ва монеаҳо мавҷуданд.

Барои монеаҳои ҷойдоштаро бартараф намудан, муассисаҳои таҳсилоти олиро зарур мебояд, ки барои тайёр намудани мутахасисони баладихтисос бо истифодаи дурусти техникаю технология, ҳамзамон истифодаи самараноки интернет мусоидат намоянд.

Бо бовари метавон гуфт, ки бо сиёсати созандаю хирадмандонаи Пешвои муаззамӣ миллат ин норасогиҳо дар муҳлатҳои наздиктарин роҳи ҳалли худро меёбанд. Ин аст, ки имрӯзҳо ҳамаи ташкилотҳои бизнеси хурду миёна дар роҳи компютеризатсия қарор доранд. Беҳгардони ва мукаммалгардонии системаҳои иттилоотию телекамуникатсиони яке аз омили муҳим барои тараққиёти тиҷорати электронӣ дониста мешавад.

**Муқарриз: Маҳмадуллоев А.С. – д.ф. (Ph.D), дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Каримов Б.И. Самаранокии низоми электронӣ омили баланд бардоштани идораи молияи давлатӣ / Б.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. - №1. – С. 77.

2. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 [Манбаи электронӣ]. URL: www.adlia.tj/base/show_doc.fwx?rgn=115901 (санаи муроҷиат: 29.03.2025 с.).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи савдои электронӣ аз 12 октябри соли 2022, №869. – С. 2.

4. Наимов У.С. Ташкили бизнеси электронӣ дар интернет-идоракунии бизнес / Б.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2022. - №5. – С. 66.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28 декабри соли 2024. – С. 5.

6. Рудакова О.С. Банковские электронные услуги. - М.: Банки и биржи, Юнити, 2007. – С. 210.

**Literature:**

1. Karimov B.I. The effectiveness of the electronic system is a factor in improving public financial management / B.I. Karimov // Message of the Tajik National University. – Dushanbe. - 2023. - No. 1. – P. 77.

2. The concept of the formation of electronic government in Tajikistan for 2012-2020 [Electronic resource]. URL: www.adlia.tj/base/show_doc.fwx?rgn=115901 (access date: 29.03.2025 p.).

3. Law of the Republic of Tajikistan on electronic commerce dated October 12, 2022, No. 869. – P. 2.

4. Naimov U.S. Organization of electronic business in Internet business management / B.I. Karimov // Message of the Tajik National University. - 2022. - No. 5. – P. 66.

5. Message of the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, on the main directions of the domestic and foreign policy of the republic dated December 28, 2024. – P. 5.

6. Rudakova O.S. Banking electronic services. - M.: Banks and Exchanges, Unity, 2007. – P. 210.

## ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ОН

Дар мақолаи мазкур, моҳияти тиҷорати электронӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии он ва нақши он дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф оиди бартариҳои тиҷорати электронӣ қайд гардидааст, ки дар тиҷорати электронӣ теъдоди зиёди фурӯшанда ва харидорон иштирок менамоянд, барои ворид шудани иштирокчиёни нав ягон маҳдудият вуҷуд надорад, ҳамаи иштирокчиёни тиҷорати электронӣ имконияти аз иттилооти лозима истифода бурданро доранд ва ғ., ки дар ҳақиқат тақозои замони муосир мебошад.

Бо бовари метавон гуфт, ки бо сиёсати созандаю хирадмандонаи Пешвои муаззамӣ миллат ин норасогиҳо дар муҳлатҳои наздиктарин роҳи ҳалли худро меёбанд. Ин аст, ки имрӯзҳо ҳамаи ташкилотҳои бизнеси хурду миёна дар роҳи компютеризатсия қарор доранд. Беҳгардони ва мукаммалгардонии системаҳои иттилоотию телекамуникатсиони яке аз омили муҳим барои тараққиёти тиҷорати электронӣ дониста мешавад.

**Калидвожаҳо:** тиҷорати электронӣ, инноватсия, технологияи иттилоотии навин, иттилооти фаврӣ ва саҳеҳ, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, шабакаи Интернет.

## ЭЛЕКТРОННАЯ КОММЕРЦИЯ И ПУТИ ЕЕ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ

В данной статье рассматривается сущность электронной коммерции, пути ее совершенствования и ее роль в экономическом развитии Республики

Таджикистан. В то же время в данной статье автор отмечает преимущества электронной коммерции, к которым можно отнести большое количество продавцов и покупателей, отсутствие ограничений на вход новых участников, возможность использования необходимой информации всеми участниками электронной коммерции и т. д., что действительно является требованием современной эпохи.

Можно с уверенностью сказать, что благодаря конструктивной и мудрой политике Великого Лидера нации эти недостатки будут устранены в ближайшем будущем. Именно поэтому сегодня все организации малого и среднего бизнеса идут по пути компьютеризации. Совершенствование и модернизация информационно-телекоммуникационных систем считается важным фактором развития электронной коммерции.

**Ключевые слова:** электронная коммерция, инновации, новые информационные технологии, мгновенная и точная информация, телекоммуникационные сети, Интернет.

## ELECTRONIC COMMERCE AND ITS IMPROVEMENT WAYS

This article examines the essence of e-commerce, ways to improve it, and its role in the economic development of the Republic of Tajikistan. At the same time, in this article, the author notes the advantages of e-commerce, which include a large number of sellers and buyers, there are no restrictions on the entry of new participants, all e-commerce participants have the opportunity to use the necessary information, etc., which is truly a requirement of the modern era.

It is safe to say that thanks to the constructive and wise policy of the Great Leader of the Nation, these shortcomings will be eliminated in the near future. That is why today all small and medium-sized businesses are following the path of computerization. Improvement and modernization of information and telecommunication systems is considered an important factor in the development of e-commerce.

**Key words**: e-commerce, innovation, new information technology, instant and accurate information, telecommunication networks, Internet.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Саидвалиев Амрияздон Беҳрузович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи информатика ва барномасозӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин–63. Телефон:(+992) 988944008. E-mail: saidvalievamriyzdon@gmail.com

**Сведения об автор: Саидвалиев Амрияздон Бехрузович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры информатика и программирования. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддин–63. Телефон: (+992) 988944008. E-mail: saidvalievamriyzdon@gmail.com

**Information about author: Saidvaliev Amriyazdon Behruzovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant department of computer science and programming. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm city, k. E. Muhiddin – 63. Phone: (+992) 988-94-40-08. E-mail: saidvalievamriyzdon@gmail.com

# МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Азимзода Ф.А., Идибеков А.А.** Намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ тибқи Вандидод....................................................................................................6-15
**Олимшозода Ф.О.** Исторические предпоссылки формирования местного самоуправления.....................................................................................15-24
**Шодизода Н.М.** Мафҳум, моҳият ва намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ..........................................................................................................24-36
**Абдулов С.М.** Заминаҳои тайёр, қабул ва тартиби ба амал даромадани Конститутсияи ҶТ (соли 1994).................................................................36-47

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Шарифова М.Қ.** Истифода шудани фарҳанги идорӣ ва хоҷагидории мардуми эронинажод аз ҷониби арабҳо..............................................................48-60
**Шарифова М.Қ., Абдурасулов И.С.** Нақши Б.Ғ. Ғафуров дар муҳоҷиркунии деҳқонони вилояти Ғарм ба водии Вахш.....................................................60-71
**Олимшозода Ф.О.** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - кафолатгари раҳоёбӣ аз фоҷиаи миллати тоҷик..................................................................................71-77
**Тағдиров А.У.** Инъикоси тасарруфи Утрор аз ҷониби муғулҳо дар асари “Ҷомеъу-т-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ......................78-84
**Шарифова М.Қ., Шарифова Г.А.** Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар рушди ҶШС Тоҷикистон (1946-1956)...............................................................................84-91
**Фақиров Ф.Л.** Муносибатҳои миллӣ ва сиёсат дар таърих.........................92-99
**Ақназаров Ҳ.М.** Пешвои миллат ва рушди ҳунарҳои мардумӣ дар деҳоти дурдаст....................................................................................................100-108
**Тағдиров А.У.** Рашидаддин Фазлуллоҳ-устоди таърих ва вазири донишманд..................................................................................................109-117
**Ҷомиева Г.Қ.** Инъикоси давлати Пешдодиён ва Каёниён дар осори Эмомалӣ Раҳмон........................................................................................................117-128
**Tagdirov A.U.** Reflection of the causes of the monugol attack on Central Asia in the work “Jome’u-t-tavorikh” by Rashiduddin Fazlullohi Hamadoni........128-136

## ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Аминова И.Қ., Аминов Ҳ.Н.** Рақамикунонӣ омили муҳими баландбардории фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...............137-142
**Миршарифзода Э.Қ.** Марҳилаҳои таърихии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳиссаи он дар иқтидори содиротии мамлакат..............143-150
**Атоев Н.Ф., Давлатов Ҳ.Ҷ., Одилов М.А.** Амалиёти ҳисобикунӣ-хазинавӣ, моҳият ва принсипҳои ташкили онҳо дар бонк...................................150-159
**Сайдалиев С.С., Ҷомиев А.М., Одилов М.А.** Соҳибкории хурду миёна маҳаки калидии рушди иқтисод...........................................................159-166

**Миршарифзода Э.Қ., Давлатов Ҳ.Ч., Маҳмадуллоев А.С.** Масъалаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ, инновациясия ва иқтисодиёти сабз дар Паёми Пешвои миллат...........................................................................................167-174
**Каримзода С.М., Ҷомиев А.М., Шодизода А.Ш.** Афзалиятҳои стратегии сиёсати давлатии сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 174-181
**Каримзода С.М., Шодизода А.Ш.** Моҳият ва нақши ҳавасмандгардонии (мативатсияи) ҳайати кормандони ташкилот........................................181-190
**Одилов М.А., Қурбонов И.С.** Нишонаҳои хавфи муфлисшавии бонки тиҷоратӣ ва методикаи таҳлилу баҳодиҳии он дар шароити муосир....190-202
**Аминов Ҳ.Н.** Тавсифи методии арзёбии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо...........................................................................................202-213
**Саидвалиев А.Б.** Ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ дар замони муосир...........................................................................................213-218
**Саидвалиев А.Б.** Тиҷорати электронӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии он...........................................................................................218-223

## ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 бошад.

2. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 12 то 20 саҳифа мебошад.

3. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.

4. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.

5. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.

6. Аннотатсия бояд 120-200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи муҳтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад.

7. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 7-10 калима ва ибораҳои зарурии мавзуъ бошанд.

8. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].

9. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда мешавад.

10. Рӯйхати адабиёт бояд бо ду забон 1) ба забони асл (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва диг.) ва 2) тарҷумаи ҳама номгӯи адабиёт ба забони англисӣ оварда шаванд.

11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.

12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.

13. Ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.

14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз се ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад

15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.

16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.

17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.

18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

19. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририя дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

20. Мақола бо тақриз (дар шакли чопӣ ва электронӣ) ба суроғаи зерин пешниҳод карда мешаванд: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кучаи Э. Муҳиддинов, 63. Почтаи электронӣ: farodil_ff@mail.ru

## ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник Таджикского педагогического институт в Раштском районе. Серия право, история и экономические науки» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,5.

2. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 12 до 20 страниц.

3. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.

4. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.

5. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.

6. Аннотация должна содержать 120-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования.

7. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 7-10 слов и основных фраз темы.

8. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].

9. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа,

10. Список литературы должны быть представлены на двух языках 1) на языке оригинала (таджикский, русский, английский и т.д.) и 2) перевод всего списка литературы на английский язык.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.

12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.

13. Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.

14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).

15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.

16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.

17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).

18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

19. Статья, поступившая в журнал, будет рассмотрена редколлегией в течение 30 дней.

20. Статью с рецензией (в печатном и электронном виде) необходимо направить по адресу: 734025, Республика Таджикистан, Раштский район, г. Гарм, улица Э. Мухиддинова, 63. Электронная почта: farodil_ff@mail.ru

## RULES FOR THE DESIGN OF ARTICLES

The editorial board of the journal «Bulletin of the Tajik pedagogical institute in the Rasht district. Series law, history and economic sciences» accepts scientific articles for publication on topics corresponding to the profile of the journal. When preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. The article should be typed in a WinWord text editor (A4 format) in Times New Roman font, with 2 cm margins, 14 font size and 1.5 line spacing.

2. The optimal volume of an article together with an abstract and a list of references is from 12 to 20 pages.

3. At the beginning of the article, on the left side of the page, the UDC index is placed.

4. Information about the author(s), the title of the article, the text of the abstract and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.

5. The full surname, first name, and patronymic name, academic title, academic degree, position, place of work, and address, e-mail, and telephone number of the author(s) are written on separate lines.

6. The abstract should contain 100-200 words and should contain a brief summary of the article and the results of the research.

7. Key words, separated by commas, should contain 7-10 words and key phrases of the topic.

8. The text of the article must contain references to the sources used. A reference to the source is given after the quoted text, indicating the ordinal number of the source and page in square brackets, for example: [5, p. 24].

9. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order as a bibliography. The bibliography is prepared in accordance with the requirements of GOST,

10. The list of references must be presented in two languages 1) in the original language (Tajik, Russian, English, etc.) and 2) translation of the entire list of references into English.

11. In the list of references, when describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, theses, chapters or section of a book, etc. - their pages.

12. The list of references must contain at least 10 research sources, of which at least 30% are scientific works published in the country. The author's bibliography should not make up more than 25% of the article's list of references.

13. Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.

14. The journal does not publish scientific articles with more than two co-authors (with the exception of experimental studies).

15. Articles by postgraduate students, PhD candidates and doctoral students are accepted for publication upon recommendation of the supervisor, and articles by master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.

16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit a scientific article.

17. The text of the submitted material is the final version, must be proofread and free of errors. The author(s) are responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.

18. In case of non-compliance with the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

19. The article received by the journal will be reviewed by the editorial board within 30 days.

20. The article with a review (in printed and electronic form) must be sent to the following address: 734025, Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm city, E. Mukhiddinov street, 63. E-mail: farodil_ff@mail.ru

**ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА
В РАШТСКОМ РАЙОНЕ**

**СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ**

**№2 (4), 2025**

**Издательский центр**
Издательство ТПИ в Раштском районе
«Вестник Таджикского педагогического института в Раштском районе.
Серия право, история и экономические науки»:
734025, Таджикистан, Раштский район, г. Гарм,
улица Э. Мухиддинова, 63.
Сайт журнала: http: // vestnik-dotr.com
E-mail: farodil_ff@mail.ru
Тел.: (+992) 313121103; (+992) 999333160

Сдано в печати 16.06.2025. Подписано к печати 18.06.2025.
Формат 60x84 1/8. Печать офсетная. Бумага офсетная 80 г.
Объём 13 п. л. Тираж 100 экз. Заказ № 3

---

Отпечатано в типографии «Ашуриён»
г. Душанбе, р-н Сино, уч. «Озоди занон».

**ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА
В РАШТСКОМ РАЙОНЕ**

**СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ**

**№2 (4), 2025**

**Издательский центр**
Издательство ТПИ в Раштском районе
«Вестник Таджикского педагогического института в Раштском районе.
Серия право, история и экономические науки»:
734025, Таджикистан, Раштский район, г. Гарм,
улица Э. Мухиддинова, 63.
Сайт журнала: http: // vestnik-dotr.com
E-mail: farodil_ff@mail.ru
Тел.: (+992) 313121103; (+992) 999333160

Сдано в печати 16.06.2025. Подписано к печати 18.06.2025.
Формат 60x84 1/8. Печать офсетная. Бумага офсетная 80 г.
Объём 13 п. л. Тираж 100 экз. Заказ № 3

Отпечатано в типографии «Ашуриён»
г. Душанбе, р-н Сино, уч. «Озоди занон».

**ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА
В РАШТСКОМ РАЙОНЕ**

**СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ**

**№2 (4), 2025**

**Издательский центр**
Издательство ТПИ в Раштском районе
«Вестник Таджикского педагогического института в Раштском районе.
Серия право, история и экономические науки»:
734025, Таджикистан, Раштский район, г. Гарм,
улица Э. Мухиддинова, 63.
Сайт журнала: http: // vestnik-dotr.com
E-mail: farodil_ff@mail.ru
Тел.: (+992) 313121103; (+992) 999333160

Сдано в печати 16.06.2025. Подписано к печати 18.06.2025.
Формат 60x84 1/8. Печать офсетная. Бумага офсетная 80 г.
Объём 13 п. л. Тираж 100 экз. Заказ № 3

Отпечатано в типографии «Ашуриён»
г. Душанбе, р-н Сино, уч. «Озоди занон».